**МАҲКАМ МАҲМУДЗОДА,**
**МАҲМАД РАҲИМЗОДА**

# АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2018**

**УДК 373.167.1**
**ББК-67.3+74.4 (575,3)**
**М-48.**
**Р-45.**

**М-48. Р-45.** М. Маҳмудзода, М. Раҳимзода. **Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Китоби дарсӣ барои синфи 9-ум. Душанбе, Маориф, 2018. 336 саҳ.

*Маҳкам Маҳмудзода, академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор – бобҳои 5, 9, 10, 11, 12 ва 13.*

*Маҳмад Раҳимзода, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор – бобҳои 1, 2, 3, 4, 6, 7, 8 ва 14.*

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳаронатон гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-471-1**
**© МАОРИФ, 2018**
**Моликияти давлат**

# МУҚАДДИМА
## ХОНАНДАГОНИ ГИРОМӢ!

Китобе, ки шумо дар даст доред, давоми китоби дарсии «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, дар асоси талаботи барномаи таълимӣ барои хонандагони синфи 9 навишта шудааст. Ин китоб ба шумо имкон медиҳад, ки маълумоти ҳуқуқиро аз худ намуда, заминаи дониши назариявии худро доир ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи даврони муосир васеъ кунед ва такмил диҳед.

Китоб бо дарназардошти муқаррароти қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятии кишвар ва бо истифода аз дастовардҳо ва тадқиқоти ҳозиразамони илми ҳуқуқ навишта шудааст. Дар он оид ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи гражданӣ, маъмурӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, кишоварзӣ ва ғ., инчунин, доир ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маълумот дода мешавад.

Донистани муҳимтарин мафҳумҳо ва мазмуни қонунгузории амалкунанда, ки ба таври мушаххас дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ таҷассум ёфтаанд, вазифаи ҳар як фарди ҷомеаи мо мебошад. Илова бар ин, ба таври муфассал омӯхтани мафҳумҳо доир ба ҳуқуқу озодӣ, уҳдадорӣ ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз ҳуқуқ ва озодиҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда дуруст истифода бурда, барои татбиқи онҳо кӯшиш намоянд. Бояд гуфт, ки бе муҳайё намудани шароити мусоид барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва ҳисси ватандӯстию меҳнатпарастӣ дар байни аҳолӣ, хусусан ҷавонон риояи талаботи қонун ва дарки моҳияти ҳуқуқу уҳдадориҳо аз ҷониби шаҳрвандон ғайриимкон мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 20 январи соли 2016 дар ин хусус аз ҷумла иброз доштанд: «... **Мо бояд барои ҷавонон чунин шароите муҳайё созем ва онҳоро тарзе тарбия кунем, ки фарзандони мо дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд, илму**

**донишҳои муосирро азхуд кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд. Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар - Ватани худ содиқона хизмат мекунанд»[1].**

Мақсади ин китоби дарсӣ аз маълумот додан оид ба масъалаҳои асосии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, ки мо бо онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза сару кор мегирем, иборат мебошад. Дар куҷое, ки мо ҳаёт ба сар набарем ва фаъолият нанамоем, бо масъалаҳои ҳуқуқӣ рӯбарӯ мешавем. Бинобар ин, донистани асосҳои ҳуқуқ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки на танҳо вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташударо иҷро намоянд, балки дониши худро васеъ намуда, барои дуруст фаҳмонидани мафҳумҳои ҳуқуқу озодӣ, уҳдадорӣ, масъулияти шахсӣ, инчунин, барои дар оянда мустаҳкам намудани тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният дар фаъолияти шаҳрвандон ва ташкилотҳо мусоидат намоянд.

Маълум аст, ки ҳуқуқи муосири тоҷик серсоҳа мебошад. Бинобар, ин дар китоби дарсӣ оид ба соҳаҳои асосии ҳуқуқи Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Роҷеъ ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ - ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи мурофиавии граждани, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва ғ. хонандагонро зарур аст, ки аз маводи иловагӣ, яъне қонунҳои амалкунанда, китобҳои ҳуқуқӣ, ки аллакай нашр шудаанд, истифода намоянд ва ҳангоми ба вуҷуд омадани савол ва мушкилиҳо ба омӯзгорон муроҷиат намоянд.

Китоби дарсӣ аз 14 боб иборат буда, ҳар як боб аз суолҳои санҷишӣ иборат мебошад, ки ба хонанда имконияти аз худ намудани мавзӯъҳоро фароҳам меорад. Он инчунин, ба омӯзгорони фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ дар амалӣ намудани фаъолияти касбиашон мусоидат хоҳад кард.

---

[1] Ниг.: Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 20 январи соли 2016 / http://president.tj.

# БОБИ I. ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ
## § 1. МАФҲУМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ, САРЧАШМА ВА ПРИНСИПҲОИ ОН

Ҳуқуқи гражданӣ дар низоми ҳуқуқ ҳамчун соҳаи мустақил мавқеи муҳимро ишғол намуда, аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бо доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарзи танзими онҳо фарқ мекунад. Фанни ҳуқуқи гражданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба онҳо алоқамандро меомӯзад. Шаҳрвандон дар ҳаёт барои қонеъ гардонидани талаботи худ доим ба муносибатҳои гражданӣ дохил мешаванд. Чунин муносибатҳо дар байни шаҳрвандон, шаҳрвандон ва ташкилотҳо, шаҳрвандон ва давлат, инчунин, дар байни худи ташкилотҳо низ ба вуҷуд меоянд. Шаҳрвандон ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои гражданӣ талаботи худро бо роҳи дохил шудан ба муносибатҳои хариду фурӯш, боркашонӣ, амонатнигоҳдорӣ, қарз, хариду фурӯши манзил ва ғайра қонеъ мегардонанд.

Масалан, агар дар бозор шаҳрванд Толиб Ҷамол мева ё сабзавот харад, он гоҳ муносибати ӯ ва фурӯшанда ба воситаи шартномаи хариду фурӯш анҷом дода мешавад. Агар вай аз мағоза нон, қанд, чой ва дигар мавод харад, он гоҳ муносибати гражданӣ дар байни шаҳрванд ва тоҷир ё ташкилоти савдо ба вуҷуд меояд.

Муносибатҳои молумулкӣ дар байни ташкилотҳо ва иттиҳодияҳо низ ба вуҷуд меоянд. Онҳо доир ба фиристодани молу маҳсулот, сохтани бино, боркашонӣ, хариду фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ғ. сурат мегиранд. Ҳуқуқи гражданӣ муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии бо молу мулк зич алоқамандро низ ба танзим медарорад. Ин муносибатҳо доир ба эҷод намудани асарҳои илмӣ, адабиёт, санъат, ихтироот, навоварӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Дар баробари ҳамин, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк алоқаманд набуда низ масъалаи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошанд: ном, шаъну шараф, қадру қимат ва амсоли онҳо.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиеро ба танзим медарорад, ки дар байни иштирокчиёни зайли муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ба вуҷуд меоянд: а) шаҳрвандон; б) шаҳрвандон ва ташкилотҳо (иттиҳодияҳо); в) шаҳрвандон ва давлат; г) ташкилотҳо (иттиҳодияҳо);

Шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба ҳамаи ин муносибатҳо озодона ва бо ихтиёри худ дохил мешаванд. Бинобар ин, хусусияти фарққунандаи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дар он ифода меёбад, ки иштирокчиёни онҳо ба якдигар тобеъ нестанд. Тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро дар асоси баробарӣ ва дар доираи қонуну шартнома амалӣ менамоянд.

Танзими муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Сарчашмаи танзими онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисмҳои 1, 2 ва 3-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ва ғайра мебошанд.

Муносибатҳои гражданӣ дар асоси принсипҳои муайян ба танзим даровaрда мешаванд, ки асос ва самтҳои моҳиятан муҳимми онҳоро ифода мекунанд. Принсипи озодии шартнома, дахлнопазирии моликият, роҳ надодан ба худсарона дахолат намудан ба ҳуқуқҳои шахсӣ, баробарии субъектҳо, озодона интихоб намудани қоидаи рафтори худ ва ғ. аз ҷумлаи принсипҳои муносибатҳои гражданӣ, мебошанд. Асосҳои бавуҷудоии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои муносибатҳои гражданӣ аҳд, шартнома, эҷоди асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, расонидани зарар ба шахси дигар ва ғайра мебошад.

## § 2. СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро субъектҳои он меноманд. Субъектҳои ҳуқуқи граждании шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳо), Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ шуда метавонанд. Тахти мафҳуми «шаҳрвандон» шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаият фаҳмида мешаванд.

Шаҳрвандон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ мебошанд. **Қобилияти** соҳиби ҳуқуқ **ва уҳдадориҳои гражданӣ буданро қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ меноманд**. Чунин қобилият мувофиқи қонун барои ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар эътироф карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуди ӯ оғоз меёбад ва баъд аз вафоташ қатъ мегардад. Аз ин нуқтаи назар, дар баробари калонсолон, наврасон низ дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошанд. Ҳар як шаҳрванд метавонад соҳиби молу мулк бошад, аз бинои истиқоматӣ истифода барад, мерос гирад ва молу мулкашро васият намояд, инчунин, соҳиби ҳуқуқи муаллифи асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат ва соҳиби дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ, шахсии ғайримолумулкӣ бошад. Ноболиғи то синни 18-сола метавонад соҳиби хона, мошин, яхдон, амонат дар бонкҳо бошад, вале ӯ ба истиснои ҳолатҳои муайяннамудаи қонун ҳуқуқи фурӯхтан, иваз намудан, тухфа кардан ва амсоли онҳоро то расидан ба синни муайян (балоғат) надорад. Барои ин соҳиби қобилияти амалкунӣ будан лозим аст. Бинобар ин, **қобилияти ҳуқуқдориро аз қобилияти** амалкунии граждан**ӣ фарқ бояд кард.**

**Қобилияти** амалкунии граждан**ӣ гуфта, қобилияти бо ҳаракатҳои** худ ба даст овардани **ҳуқуқҳои гражданӣ** ва барои худ ба ву**ҷуд овардани уҳда**дориҳ**ои гражданиро** меноманд. Шаҳрванд метавонад молу мулк, хона, яхдон ва дигар молу мулкро барои моликияти шахсии худ харад. Дар чунин сурат ӯ дорои ҳуқуқ ба молу мулк мегардад ва агар онро барои

истифодаи муваққатӣ ба шахсони дигар диҳад, он гоҳ ҳуқуқ ва уҳдадории худро тағйир медиҳад. Дар сурати фурӯхтани молу мулки худ ҳуқуқи соҳибмулкии худро қатъ мегардонад. Дорои қобилияти амалкунии ҳуқуқ будан на танҳо қобилияти баамалбарории ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, балки ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии гражданиро низ дар бар мегирад, зеро шаҳрванде, ки ба балоғат расидааст, барои тамоми амалиёти зиддиҳуқуқиаш шахсан ҷавобгар мебошад. Қобилияти пурраи амалкунии граждани баробари ба балоғат расидан, яъне аз синни 18-солагӣ, пайдо мешавад (моддаи 22-и Кодекси граждани), вале дар мавридҳое, ки шаҳрванд то синни 18-солагӣ ба никоҳ медарояд, қобилияти амалкунӣ дар ҳаҷми пурраaш аз вақти ба никоҳ даромадан пайдо мешавад. Ҳамзамон бо ин, дар мавриди эмансипатсия, яъне ҳангоме, ки ноболиғ ба синни 16-солагӣ расида, тибқи тартиботи меҳнатӣ, аз ҷумла аз рӯйи қарордод кор кунад ё бо ризоияти падару модар, фарзандхондагон ё парастор ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, он гоҳ ӯ дорои қобилияти пурраи амалкунӣ эътироф карда мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳаҷми қобилияти амалкунии шаҳрвандон ба синни онҳо вобаста мебошад. Вобаста ба ҳамин шаҳрвандон ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

Шаҳрвандоне, ки қобилияти пурраи амалкунӣ доранд. Чунин қобилият аз синни 18-солагӣ пайдо мешавад.

Қобилияти амалкунии ноболиғони синни аз 14 то 18-сола. Онҳо дорои қобилияти амалкунии нопурра мебошанд. Ноболиғон дар чунин синну сол ҳуқуқи бастани аҳдҳоро бо ризоияти падару модар (фарзандхондагон) ё парасторон доранд, вале онҳо ҳуқуқ доранд, ки бастани аҳдҳои хурди маишии барои онҳо безарарро анҷом диҳанд. Чунин амалиёти онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ё маънавиашон равона карда шуда, дар ҳаҷми маблағи пулии начандон калон баста мешавад. Дар баробари ин, ноболиғони аз синни 14 то 18-сола метавонанд мустақилона музди кор ё идрорпулии худро ихтиёрдорӣ намоянд, ҳуқуқҳои муаллиф-

ро ба асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, ихтироот, навоварӣ ва кашфиёт ба амал бароранд. Дар чунин ҳолат ихтиёрдорӣ намудани музди кор ва стипендияро аз ихтиёрдорӣ намудани молу мулке, ки аз чунин воситаҳо ба даст даровардa шудааст, фарқ бояд кард, зеро ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани молу мулк ба ноболиғ дар асоси ризояти падару модарон ё парасторон дода мешавад. Риоя накардани чунин тартиб боиси беэътибор ҳисобидани аҳд мегардад, зеро мувофиқи моддаи 200-и Кодекси гражданӣ суд метавонад аҳдеро, ки ноболиғи аз 14 то 18-сола бе ризояти падару модарон, ба фарзандӣ **қабулкардагон** ё нигоҳубинкунандагон бастаанд, бо даъвои падару модарон ё парасторони онҳо беэътибор эътироф намояд.

Агар ноболиғи аз 14 то 18-сола музди кор ё стипендияашро беҳуда ва бар зарари манфиати худ сарф намояд, он гоҳ мақомоти нигоҳубинкунанда метавонанд ҳуқуқи ноболиғро оид ба мустақилона ихтиёрдорӣ намудани музди кор ё стипендия маҳдуд кунанд ё аз чунин ҳуқуқ тамоман ӯро маҳрум намоянд. Ин вазифаро шуъбаҳои ҳокимияти иҷроияи ноҳияи ҷойи истиқомати ноболиғ иҷро карда метавонанд.

Ноболиғони ба синни 14-солагӣ нарасида ҳуқуқи бастани аҳдҳои хурди маиширо доранд. Чунин аҳдҳо одатан бо ризояти падару модарон (фарзандхондагон) ё васиён ва аз ҳисоби маблағҳои пулии онҳо баста мешаванд. Вале онҳо (ин наврасон) ҳуқуқ доранд, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ амонат гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд. Ноболиғони то синни 14-сола барои бастани дигар навъҳои аҳд ҳуқуқ надоранд. Аҳдҳоро аз номи онҳо падару модарон ё васиҳо мебанданд. Ҳама гуна аҳдҳое, ки ноболиғони то синни 14-сола (ба ғайр аз аҳдҳои хурди маишӣ) бастаанд, мувофиқи моддаи 197-и Кодекси гражданӣ беэътибор мебошанд. Тарафи қобили амал, ки дидаю дониста бо ноболиғ чунин аҳдро бастааст, уҳдадор аст ба тарафи дигар ҳаққи хароҷот, товони молу мулки талафшударо диҳад.

## § 3. МАФҲУМ, АЛОМАТ ВА НАВЪҲОИ ШАХСИ ҲУҚУҚӢ

Ташкилоте, ки дар моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва ҳуқуқи оперативии идоракунии молу мулки алоҳида дорад, аз рӯйи уҳдадориҳои худ ба ин молу мулк масъул аст, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварад ва амалӣ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад, ҳамчун шахси ҳ***уқуқӣ*** эътироф карда мешавад (моддаи 48-и Кодекси гражданӣ). Шахсони ҳ**уқуқӣ** вазифа ва функсияи худро ҳ**амчун** субъекти муносибатҳ**ои** граждан**ӣ** ба амал мебароранд. Корхона ва ташкилотҳ**ои давлатӣ**, инчунин ташкилотҳ**ои тиҷоратӣ** ва ғ**айритиҷоратӣ**, кооперативҳ**ои тиҷоратӣ**, **иттиҳодияҳо ва амсоли онҳо ба сифати шахси** ҳуқуқ**ӣ** баромад мекунанд. Барои шахси ҳ**уқуқӣ** эътироф шудан ташкилот бояд дорои аломатҳ**ои** муайян бошад. Ин аломатҳ**о** чунинанд:

а) **ягонагии ташкилӣ.** Ҳар як шахси ҳуқуқӣ аз коллективи меҳнатӣ иборат буда, сохтори муайяни дохилӣ (қисми таркибӣ, филиал ва ғ.) дорад, тартиби идоракунӣ, истифодабарии молу мулк, фаъолияташро мувофиқи оинномa ва шартномаи таъсисдиҳӣ ба роҳ мемонад. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ, ягонагии ташкилии шахси ҳуқуқӣ мебошад.

б) ***молу мулки*** алоҳ***ида*** доштан. Шахсони ҳуқуқӣ молу мулк, ашё, маблағҳои пулӣ, саҳмия, тавозун ва бароварди мустақил доранд, ки асоси иқтисодии фаъолияти онҳо мебошанд.

в) **ҷавобгарии мустақили молумулкӣ.** Дорои чунин аломат будан аз мустақилияти молумулкии шахси ҳуқуқӣ ҳосил мешавад. Барои уҳдадорие, ки шахси ҳуқуқӣ дорад, худи ӯ ҷавобгар мебошад. Вай ин уҳдадориро дар назди қарздиҳанда аз ҳисоби воситаҳои худ иҷро менамояд.

г) дар муомилоти гражданӣ аз номи худ баромад кардан. Ҳ***ар як*** шахси ҳуқуқӣ дорои ном, номи фирмавӣ ва тамғаи молӣ мебошад. Дар муомилоти гражданӣ аз номи худ иштирок намудан ба шахси ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки

ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст дарорад, уҳдадориҳоро ба ҷо оварда, дар суд, суди ҳакамӣ даъвогар ё ҷавобгар бошад.

Ҳамаи чор аломати номбаршуда дар ягонагӣ ҳуқуқ медиҳад, ки ин ва ё он ташкилот шахси ҳуқуқӣ эътироф карда шавад. Шахсони ҳуқуқӣ дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ мебошанд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ дар як вақт ба вуҷуд омада ва дар як вақт қатъ мегардад. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ба қайд гирифтани оинномa ё шартномаи таъсиси он ба вуҷуд меояд.

Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ умумӣ ва махсус мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории умумӣ хусусияти истисноӣ дошта, танҳо ба ташкилотҳои тиҷоратии ғайридавлатӣ татбиқ мегардад. Қобилияти ҳуқуқдории махсус ба ташкилотҳои тиҷоратии давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дахл дорад. Шахси ҳуқуқӣ бо амалҳои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои граждaниро ба даст меоварад, онҳоро тағйир медиҳад, амалӣ ва иҷро менамояд, ки ин мазмуни қобилияти амалкунии онро ташкил медиҳад. Шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба шакли моликият ба давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ) ҷудо мешаванд. Ба шахсони ҳуқуқии давлатӣ корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ дохил мешаванд.

## § 4. ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

Ҳуқуқи моликият қисми муайяни муносибатҳои молумулкиро ба танзим медарорад. Муносибатҳои мазкур хусусияти иродавӣ дошта, аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровaрда мешаванд. Низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи давлат ба мақсади танзими муносибатҳои молумулкӣ муқаррар карда мешавад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ тарзи тааллуқ доштани объектҳои моддӣ, инчунин, тартиби ба соҳибмулкӣ даровардани онҳо, имконияти истифода ва ихтиёрдори намудани молу мулкро ба тартиб медароранд. Муносибатҳое, ки доир ба ҳуқуқи моликият ба вуҷуд меоянд, тавас-

сути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Мутобиқи моддаи 232-и Кодекси граждании ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект дар хусуси бо салоҳияти худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдори намудани молу мулки ба ӯ тааллуқдошта, яъне ҳуқуқи молумулкӣ, мебошад.

Ба сифати субъекти ҳуқуқи моликият инҳо баромад карда метавонанд: давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, иттиҳодияҳо, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ.

Се ваколат ё ҳуқуқе, ки қонун ба соҳибмулк додааст, мазмуни ҳуқуқи моликиятро ташкил медиҳад, аз ҷумла: доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк.

***Ҳуқуқи*** доштан – маънои амалан дар дасти шахс будани молу мулкро дорад. Ваколати доштан – имконияти аз рӯйи қонун дар назди худ нигоҳ доштан ва соҳиби молу мулк буданро дорад. Ҳамчун қоида соҳиби молу мулк соҳибмулк шуда метавонад, вале ҳуқуқи доштан метавонад ба шахси дигар ҳам тааллуқ дошта бошад. Вай метавонад қонунӣ ва ғайриқонунӣ шавад. Агар молу мулк дар асоси шартнома ё қонун ба каси дигар тааллуқ дошта бошад, он гоҳ қонунӣ мешавад. Ва агар шахси дигар молу мулкро бе асоси қонунӣ ва шартномавӣ гирифта бошад, он гоҳ ғайриқонунӣ мешавад. Мисол, агар як шахс ба хонаи шахси дигар бе рухсати соҳибмулк бо роҳи зӯрӣ даромада нишаста бошад, он гоҳ чунин рафтори ӯ ғайриқонунӣ мебошад, зеро қонун худсарона азхуд намудани молу мулки шахси дигарро манъ мекунад.

Ҳуқуқи истифодабарӣ – маънои имконияти аз рӯйи қонун истифода бурдани молу мулк, аз он гирифтани фоида бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ ё шахсӣ, инчунин, имконияти гирифтани даромад ва самара аз ашёро дорад. Ҳуқуқи истифода бурдан ҳам ба соҳибмулк ва ҳам

ба шахси дигар тааллуқ дошта метавонад. Шахси дигар метавонад дар асоси қонун ё шартнома ба чунин ҳуқуқ соҳиб шавад. Ваколат ё ҳуқуқи истифодабарӣ аз ваколати доштан ҷудонашаванда мебошад, зеро истифодаи молу мулк дар бисёр мавридҳо бе доштани он ғайриимкон аст.

Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ***намудани*** молу мулк чунин маънӣ дорад, ки соҳибмулк имкон дорад аз рӯйи қонун тақдири ҳуқуқии молу мулкашро бо хоҳиши худ ҳал намояд, масалан, фурӯхтан, тухфа намудан, васият кардани молу мулк ва монанди инҳо.

Ҳамаи ваколатҳои соҳибмулкро бо мисоли зерин ифода кардан мумкин аст: Камолов ба писараш Ҷалол, ки шонздаҳсола шуда буд, аккордион тухфа кард. Бо ҳамин Ҷалол соҳибмулк шуд. Дар баробари ҳамин Ҷалол соҳиби ваколати доштани он гардид. Ӯ аккордионро менавозад, яъне ҳуқуқи истифода бурдан пайдо кард. Ҷалол аккордеонро барои доштан ва истифодаи муваққатӣ ба писари амакаш фурӯхт. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани молу мулкро бо ризояти падару модар амалӣ гардонид.

Тибқи моддаи 236-и Кодекси граждании дар Ҷумҳурии Точикистон моликият дар шакли хусусӣ ва оммавӣ (давлатӣ), инчунин, моликияти давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ вуҷуд дошта метавонад. Моликияти хусусӣ ба моликияти шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ ҷудо мешавад. Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар сарватҳои табиӣ ба моликияти истисноии давлат дохил шуда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад (моддаи 13-и Конститутсияи ҶТ). Ҳамин тавр, ба моликияти хусусӣ метавонад ҳама гуна молу мулк, ба ғайр аз шаклҳои алоҳидаи молу мулк, ки мутобиқи санадҳои қонунӣ наметавонанд марбут ба шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқӣ бошанд, дохил шавад. Давлат баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моли-

кияти хусусиро кафолат медиҳад (моддаи 12-и Конститутсияи ҶТ).

Молу мулк мумкин аст таҳти моликияти ду ё якчанд шахс қарор дошта бошад, ки дар чунин ҳолат он моликияти умумии шахсони зикршуда ба ҳисоб меравад. Асоси бавуҷудоии моликияти умумиро мерос, ақди никоҳ, ташкили хоҷагии деҳқонӣ, хусусигардонӣ, якҷоя сохтани хона ва ғ. ташкил медиҳад. Ду навъи моликияти умумӣ мавҷуд аст: моликияти ҳиссагӣ ва моликияти якҷоя. Моликият ҳамон вақт ҳиссагӣ эътироф карда мешавад, ки агар саҳми ба ҳар як иштирокчӣ тааллуқдошта маълум бошад. Агар саҳми ба ҳар як иштирокчӣ тааллуқдошта дар моликият пешакӣ маълум набошад, чунин моликият моликияти якҷоя эътироф карда мешавад.

Моликияти умумӣ ба молу мулк ҳиссагӣ мебошад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ба ин молу мулк ташкил намудани моликияти умумиро иҷозат медиҳад.

Ба даст овардани моликият бо роҳҳои аз нав тайёр кардани ашё, коркард, пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба молу мулки бесоҳиб, ашёи ёфтшуда, ҳайвоноти беназорат, ганҷина, сохтмони худсарона, милликунонӣ, хусусигардонӣ, мерос, мусодира, бастани шартнома, харидани молу мулк ва ғайра мумкин аст.

Ҳуқуқи моликият ҳангоми аз ҷониби соҳибмулк ба ихтиёрдории шахси дигар гузоштани молу мулк, даст кашидани соҳибмулк аз ҳуқуқи моликият, нобуд ё вайрон шудани амвол, вафоти соҳибмулк, қатъ шудани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, инчунин, дар ҳолатҳои маҷбуран гирифтани молу мулки соҳибмулк, ба монанди мусодира, реквизитсия, харидани сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии бесарусомон нигоҳдошташаванда ва ғ. қатъ мегардад.

Дар сурати молу мулки шахси дигарро ғайриқонунӣ соҳиб шудан ё ба соҳиби он дар бобати баамалбарории ҳуқуқаш мамониат расонидан соҳибмулк метавонад ба воситаи суд ё суди ҳакамӣ ҳимояи ҳуқуқҳои худро талаб намояд.

## § 5. МАФҲУМ ВА ШАКЛИ АҲДҲО

Амали шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ки барои ба вуҷуд омадан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ равона карда шудааст, аҳд номида мешавад. Барои он, ки аҳд оқибати ҳуқуқии ба он равона кардашударо ба вуҷуд оварад, вай бояд эътиборнок бошад. Дар қонун якчанд талабот пешбинӣ шудааст, ки ҳар як аҳди басташудаи субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ бояд ба онҳо мувофиқ бошад. Аввалан, тарафҳое, ки аҳдро мебанданд, бояд қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дошта бошанд. Дуюм, аҳди басташуда бояд ба талаботи қонун ҷавоб диҳад. Аҳде, ки ба талаботи қонун ҷавоб намедиҳад, беэътибор мебошад. Сеюм, ирода ва шакли ифода намудани он бояд ба ҳамдигар мувофиқ бошад. Аҳд бояд бо хоҳиши тарафҳо ва ихтиёран баста шуда, бо роҳи фиреб, маҷбурӣ баста нашуда бошад. Чорум, шакли қонунии бастани аҳдҳо риоя карда шуда бошад.

Тарзи ифодаёбии иродаи тарафҳо бояд дар шакли муайян дарҷ гардад. Вобаста ба ҳамин, аҳдҳо ба шакли шифоҳӣ ва хаттӣ баста мешаванд. Аҳдҳое, ки дар лаҳзаи баста шуданашон ба иҷро расонида мешаванд, сарфи назар аз маблағи онҳо, ба тариқи шифоҳӣ баста мешаванд. Аҳдҳои хаттӣ одӣ ва нотариалӣ мешаванд. Аҳдҳои байни ташкилотҳо, инчунин, шаҳрвандон ба тарзи одии хаттӣ баста мешаванд.

Дар мавриди баъзе навъи аҳдҳо қонунгузор ба тариқи нотариалӣ бастани онҳоро ҳатмӣ мешуморад (масалан, туҳфаи молу мулки ғайриманқул ба таври нотариалӣ басташуда, ба қайди давлатӣ гирифта мешавад).

## § 6. ШАРТНОМА ВА НАВЪҲОИ ОН

Дар ҳаёт шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба муносибатҳои гуногун дохил мешаванд, ки одатан ба иродаю хоҳиши онҳо вобаста аст. Ин муносибатҳо дар асоси созишномаҳои дутарафа ба миён омада ва бо роҳи бастани шартнома ба танзим дароварда мешаванд.

Шартнома гуфта, созиши ду ё якчанд шахсро меноманд, ки боиси му**қаррар** кардан, тағйир ёфтан ё **қатъ гардидани** ҳуқуқ **ва уҳдадориҳои гражданӣ мегардад.** Шартнома амалиёти бошууронаи тарафҳо буда, дар он иродаи тарафҳо ифода меёбад. Чунин шакли ифодаёбии иродаи тарафҳо ихтиёрӣ буда, ба ҳеҷ гуна маҷбурият асос намеёбад. Мисол: шартномаи хариду фурӯши молу мулк дар мағоза боиси ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадорӣ барои харидор ва фурӯшанда мегардад, зеро харидор ҳуқуқ дорад, ки моли дилхоҳашро талаб намояд ва дар навбати худ уҳдадор аст, ки арзиши онро диҳад, фурӯшанда бошад, ҳуқуқ дорад арзиши молро аз харидор талаб намояд ва дар навбати худ уҳдадор аст молро ба харидор диҳад. Агар дар вақти хариду фурӯши мол доир ба кам ё зиёд кардани нархи мол дар байни тарафҳо созиш ба миён ояд, он гоҳ ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳо тағйир меёбад. Баробари ба харидор гузаштани ҳуқуқи соҳибмулкии мол ва ба фурӯшанда додани арзиши он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо қатъ мегардад. Дар баробари ҳамин мақсад аз дохил шудан ба муносибатҳои шартномавӣ қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии иштирокчиёни муносибатҳои шарт-номавӣ мебошад. Маҷмӯи шарту шароит, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххаси тарафҳо мазмуни шартномаро ташкил медиҳад, аз ҷумла шумора, сифат, муҳлат ва ғ. Дар вақти бастани шартнома тарафҳо бояд ризояти худро доир ба онҳо изҳор намоянд. Дар сурати ба вуҷуд наомадани созиш дар байни тарафҳо, шартномаи басташуда эътироф карда намешавад. Шартномаҳо метавонанд яктарафа ва дутарафа, музднок ва бемузд, пешакӣ, оммавӣ, ҳамроҳшавӣ ва ғайра. шаванд. Шартномаҳо, вобаста аз тақсими ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар байни иштирокчии онҳо ба яктарафа ва дутарафа чудо мешаванд. Дар шартномаҳои яктарафа як тараф фақат ҳуқуқ дорад ва тарафи дигар фақат уҳдадорӣ дорад. Мисол, мувофиқи шартномаи қарз қарздиҳанда ҳуқуқи талаб кардани молу мулки ба қарз додашударо дорад ва қарзгиранда уҳдадор аст, ки чизи ба қарз гирифтаашро бар-

гардонад. Дутарафа будани шартнома дар он ифода меёбад, ки ҳар ду тараф нисбат ба якдигар дорои ҳуқуқ ва ухдадорӣ мебошанд.

Шартнома ҳамон вақт музднок мешавад, ки агар амалиёти як тараф ҳатман ҷавоби молу мулки амалиёти тарафи дигарро талаб намояд. Аксари шартномаҳои ҳуқуқи граждани музднок мебошанд. Чунончи, шартномаҳои маҳсулотсупорӣ, боркашонӣ, хариду фурӯш ва ғайра. Дар шартномаҳои бемузд бошад, амалиёти як тараф боиси ҷавобан қонеъ гардонидани талаботи молумулкии тарафи дигар намегардад. Мисол, шахси тухфакунанда ба ивази тухфааш чизе намегирад ё дар шартномаи бемузди истифодаи китоб дар китобхонаҳо, аз ҷумла дар китобхонаи мактаб, ҳеҷ хел музд муайян карда нашудааст.

Шартномаҳоро ба шартномаҳои пешакӣ, оммавӣ ва ҳамроҳшавӣ ҷудо менамоянд. Шартномаи пешакӣ тарафҳоро ухдадор менамояд, ки дар оянда ҳангоми додани молу мулк, иҷрои кор ё расонидани хизмат дар асоси шартҳои дар шартномаи пешакӣ нишондодашуда шартнома банданд. Чунин шартнома дар шакли хаттӣ баста мешавад.

Шартномаи оммавӣ чунин шартномаест, ки аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ баста шуда, дар он уҳдадории ташкилот оид ба фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат муайян карда мешавад. Чунин муносибатҳо оид ба савдои чакана, таъминоти барқ, доир ба мусофиркашӣ ба воситаи нақлиёти истифодаи умум, хизматрасонии алоқа, тиббӣ ва ғайра ба вуҷуд омада, вобаста ба хусусияти фаъолияти ташкилот нисбат ба ҳар як мурочиаткунанда анҷом дода мешавад.

Шартномаи ҳамроҳшавӣ чунин шартномаест, ки шарти онро як тараф дар шакли тавсия ё дигар шакли стандартӣ пешниҳод менамояд ва онро тарафи дигар танҳо бо роҳи пурра ҳамроҳ шудан ба шартномаи пешниҳодгардида қабул мекунад (масалан; шартномаи ҳамлу нақл, пудратӣ, маишӣ, кироя ва ғ.).

Тағйир додан ва қатъ кардани шартнома танҳо бо ризояти тарафҳо ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолатҳои аз иҷрои шартнома қисман ё пурра даст кашидани як тараф (агар ин гуна дасткашӣ бо қонун ё шартнома иҷозат дода шуда бошад), шартнома тағйирёфта ё қатъшуда эътироф карда мешавад. Дар чунин ҳолат қарори суд талаб карда намешавад. Дар ҳолатҳое, ки дар шартнома ё қонун имконияти тағйир додан ва қатъ шудани шартнома пешбинӣ нашуда бошад, шартнома метавонад бо талаби яке аз тарафҳо бо қарори суд ва танҳо дар ҳолатҳои зерин тағйир дода ё қатъ карда шавад:

– ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар;

– ҳангоми ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат;

– дар дигар ҳолатҳое, ки дар Кодекси граждании, қонунҳои дигар ё шартнома пешбинӣ шудаанд.

Ба таври назаррас вайрон кардани шартнома чунин маънӣ дорад, ки ба тарафи дигар аз ин зиён расида, ӯро аз умеди ба даст овардани нафъи зиёд маҳрум месозад, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошта шуда буд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳангоми ба манфиати ҷамъият мухолиф будан ё ба тарафҳо зараре расидан, ки хароҷоти он нисбат ба хароҷоти барои иҷрои шартнома зарурӣ баъди тағйири шартҳо аз тарафи суд муайяншуда хеле зиёд аст, бекор кардани шартнома бо сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат мумкин аст.

Тавре ки дар боло қайд кардем, дар ҳолатҳои дигар қонунҳо ё шартномаи пешбинишудаи шартномаро тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст. Чунончи, тибқи моддаи 70-и Кодекси манзил агар иҷорагир, узви оилаи ӯ ё дигар шахсоне, ки бо онҳо зиндагӣ мекунанд, мунтазам хонаи истиқоматиро вайрон ё хароб намоянд, иҷорадеҳ метавонад бо тартиби судӣ шартномаи иҷораро бекор карда, кӯчонидани шаҳрвандро аз хонаи истиқоматӣ талаб намояд.

## § 7. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲО

Дар байни муносибатҳои молумулкие, ки иштирокчии онҳо шаҳрвандон ва ташкилотҳо мебошанд, муносибатҳои ҷамъиятие мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ки доир ба супоридани молу мулк, иҷрои кор, расонидани хизмат, додани пул ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои гражданӣ дар асоси расонидани зарар ё дорошавии беасос низ ба вуҷуд меоянд. Ҳамаи ин муносибатҳо дар шакли уҳдадорӣ ба вуҷуд омада, предмети омӯзиши ҳуқуқи уҳдадорӣ мебошанд. Мувофиқи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) уҳдадор аст, ки ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад, чунончи молу мулкро супорад, корро иҷро кунад, пул диҳад ва монад ё гузорад ё аз иҷрои амалиёти муайян худдорӣ кунад. Кредитор бошад, ҳақ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадории онро талаб кунад (моддаи 328-и Кодекси граждании ҶТ).

Аз сабаби он ки уҳдадорӣ яке аз навъҳои муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошад, мазмуни онро ба монанди ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ – ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни он ташкил медиҳад. Иштирокчиёни уҳдадориҳо ***қарздор*** ва ***кредитор*** мебошанд. Қарздор тарафест, ки амали муайянро содир менамояд ё аз содир намудани амали муайян худдорӣ мекунад. Кредитор тарафест, ки ҳуқуқ дорад содир намудани амали муайянро талаб намояд. Ба ҳайси онҳо шаҳрвандон ва ташкилотҳо шуда метавонанд. Дар баробари ин, қарздор ва ҳам кредитор як ва якчанд шахс шуда метавонад. Асоси бавуҷудоии уҳдадориҳо фактҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд. Ба сифати асосҳои бавуҷудоии уҳдадориҳо мувофиқи моддаи 8 ва қисми 2-и моддаи 328-и Кодекси гражданӣ инҳо баромад менамоянд: а) аҳдҳо, аз ҷумла шартномаҳо; б) натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ; в) зараррасонӣ; г) дорошавии (соҳибшавии) беасос; д) дигар амалиёти шаҳрвандон ё ташкилотҳо (мисол, наҷоти молу мулк, ёфтани хазина, ганҷина ва ғайра).

Уҳдадориҳо дар асоси шартнома ва зараррасонӣ ба

вуҷуд меоянд. Он уҳдадориҳое, ки дар асоси шартнома ба вуҷуд меоянд, ***уҳдадориҳои шартномавӣ*** номида мешаванд. Чунин шартномаҳо дар байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии онҳо баста мешаванд (масалан, хариду фурӯш, иҷораи манзил, амонатнигоҳдорӣ, супориш, қарз ва ғ.).

Дар ҳаёт чунин мешавад, ки як шахс бо рафтори худ бо шахси дигар ё ба молу мулки ӯ ё ин ки ба ташкилот зарар мерасонад. Дар чунин сурат шахси зараррасонида уҳдадор аст, ки товони зарарро дар шакли моддӣ ё пулӣ диҳад. Чунин уҳдадориҳои дар натиҷаи зараррасонӣ бавуҷудомада ба ягон навъи созиш асос намеёбанд. Зарар аз рӯйи моҳияти худ метавонад моддӣ ва маънавӣ шавад. Зарари моддӣ (молумулкӣ) дар пурра ё қисман несту нобуд шудани молу мулк, шикастан, вайрон шудан ва ғайра ифода меёбад. Зарари маънавӣ дар паҳн намудани маълумоти шаъну шарафи шаҳрванд ё ташкилотро бадномкунанда, инчунин дар расонидани осеби ҷисмонӣ ё маънавӣ ба шаҳрванд, зараррасонӣ ба ҳаёт ва саломатӣ ифода меёбад.

Уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи зараррасонӣ ба вуҷуд меоянд, ду тараф доранд. Якеро кредитор ва дигареро қарздор меноманд. Ба сифати кредитор зарардида ва ба сифати қарздор зараррасонида баромад менамоянд. Зарардида шахсе мебошад, ки ба ӯ зарар расонида шудааст. Ба сифати зарардида ташкилот, шахсони қобилияти амалкунидошта, шаҳрвандони ноболиғ, қобилияти амалкуниашон маҳдуд, инчунин, қобилияти амалкунии пурранадошта баромад менамоянд. Мисол, дар ҳолати несту нобуд кардан ё зарар дидани молу мулке, ки ба моликияти ноболиғон тааллуқ дорад, ӯ ҳуқуқи талаб намудани товони зарарро ба монанди шахси қобилияти амалкунии пурра, яъне калонсолон дорад. Қонунгузор ба ноболиғон дар баробари калонсолон ҳуқуқи баробари ҳимояи молу мулкро медиҳад. Дар чунин сурат шахсе ба додани товони зарар уҳдадор аст, ки бо рафтори худ ба ноболиғ зарар расонидааст.

Ба сифати шахсони ҳуқуқӣ ташкилотҳо баромад карда метавонанд. Шахсони ноболиғ, аз ҷумла хонандагони мактабҳои миёна, барои зараррасонӣ ба молу мулк ва ҳаёту саломатии шаҳрвандон, инчунин, барои зараре, ки ба корхона, иттиҳодия ва ташкилотҳо мерасонанд, ҷавобгаранд. Вале ҷавобгарии онҳо аз рӯйи синну сол ва тарзи расонидани зарари моддӣ фарқ мекунад (Ниг.: муфассал ба боби XIV).

Иҷрои уҳдадориҳо дар натиҷаи амали фаъолона, ба монанди додани молу мулк, иҷрои кор, супоридани пул ва содир намудани дигар пешниҳодҳои молумулкӣ анҷом дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки иҷрои уҳдадориҳо аз ду аломати муҳим – амал ва мувофиқ омадани он ба уҳдадориҳое, ки дар қонун ва шартнома ифода ёфтааст, иборат мебошад. **Ҳамин тавр, содир намудани амалҳоеро иҷрои уҳдадориҳо меноманд, ки аз уҳдадориҳои мувофиқи қонун ва шартномаҳои базиммагирифтаи иштирокчиёни он ба миён меоянд.** Иҷрои уҳдадориҳо ба воситаи ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани молу мулки қарздор, замонат, кафолат, байъона ва дигар тарзҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда мешавад.

***Ноустуворона*** (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян гардидааст ва қарздор вазифадор аст ҳангоми иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадорӣ, аз ҷумла дар ҳолати гузаштани муҳлат, онро ба кредитор диҳад.

***Гарав*** моли муайяне мебошад, ки талаботи кредитор аз ҳисоби он ҳангоми иҷро намудани уҳдадорӣ қонеъ гардонида мешавад.

***Замонат*** дар асоси шартнома ба тасвиб расонида шуда, тибқи он зомин уҳдадор мешавад, ки дар назди кредитори дигар шахс барои пурра ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳои вай ҷавобгар бошад.

Дар асоси ***кафолат*** бонк ё дигар ташкилоти кредитӣ бо хоҳиши шахси дигар уҳдадории хаттӣ медиҳад, ки дар сура-

ти иҷро накардани уҳдадории шартномавӣ аз ҷониби қарздор ба кредитор маблағи муайянро медиҳад.

***Байъона*** маблағе мебошад, ки як тарафи шартнома аз ҳисоби маблағи аз тарафи вай пардохтшаванда ба тарафи дигари шартнома барои исботи бастани шартнома ва таъмини иҷрои он ба ҳисоби тарафи дигар мегузаронад.

Байъона дар шакли хаттӣ баста мешавад.

Уҳдадориҳо дар мавриди фавти шаҳрванд, барҳам додани шахси ҳуқуқӣ, ғайриимкон будани иҷро, дар асоси санади мақомоти давлатӣ, як шудани қарздор ва кредитор, бахшидани қарздор ва дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун ё шартнома қисман ё пурра қатъ мегарданд.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО :

1. Ҳуқуқи граждании чиро меомӯзад?
2. Кадом муносибатҳоро ҳуқуқи граждании танзим менамояд?
3. Дар бораи субъектҳои ҳуқуқи граждании маълумот диҳед.
4. Қобилияти ҳуқуқдорӣ чист?
5. Қобилияти амалкунии гражданиро чӣ гуна мефаҳмед?
6. Мазмуни ҳуқуқи моликиятро кадом ваколатҳои соҳибмулк ташкил медиҳад?
7. Ҳуқуқи моликият чист?
8. Аҳд чист?
9. Кадом шаклҳои аҳдро медонед?
10. Шартнома чист?
11. Навъҳои шартномаро номбар кунед.
12. Уҳдадорӣ чист?
13. Асосҳои пайдоиши уҳдадориро номбар намоед.
14. Мазмуни уҳдадориҳоеро, ки дар натиҷаи зараррасонӣ ба вуҷуд меоянд, шарҳ диҳед.
15. Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳоро номбар кунед.
16. Ноустуворона чист?
17. Гарав чист?
18. Ҳолатҳои қатъи уҳдадориҳоро номбар намоед.
19. Байъона чист?
20. Шартномаҳо дар кадом маврид тағйир ё қатъ гардонида мешаванд?

# БОБИ II. ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ
## § 1. МАФҲУМ, САРЧАШМА ВА ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

Соҳибкорӣ яке аз шаклҳои фаъолияти инсон буда, қисми таркибии фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Он дар ҳаёти ҳозираи иқтисодиву иҷтимоӣ зуҳуроти беназир, мустақил ва бисёрҷабҳа мебошад. Асоси онро фаъолияти эҷодкории инсон дар соҳаи иқтисод оид ба кашфи имкониятҳои нави ба даст даровардани фоида ташкил медиҳад ва моҳияти он аз дарки махсуси чунин имкониятҳо, пешбинӣ карда тавонистани натиҷаи фаъолият ва тасаввур карда тавонистани тарзи ноил шудан ба он иборат аст.

Ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқи комплексӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои соҳибкорӣ ва муносибатҳои дигари ба он алоқаманд, инчунин, муносибатҳо вобаста ба танзими давлатии онҳоро ба тартиб медарорад.

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки онҳоро меъёрҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ ба танзим медароранд, предмети соҳаи мазкур мебошанд. Асоси онҳоро муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд. Мафҳуми қонунии фаъолияти соҳибкорӣ дар қисми 3-и моддаи 1-и Кодекси гражданӣ оварда шудааст. Мувофиқи он, ***соҳибкорӣ*** *фаъолияти мустақил ва бо таваккали худамалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст овардани фоида аз истифодаи молумулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст.*

Аз таърифи мазкур маълум мегардад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

– мустақилияти соҳибкор;

– таваккали соҳибкор;

– мунтазам ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат;

– фаъолият кардани шахсоне, ки ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шудаанд.

Аломати аввалини фаъолияти соҳибкорӣ **мустақилияти соҳибкор** мебошад, ки хусусияти иродавӣ доштани фаъолияти соҳибкориро ифода менамояд, зеро шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои худро бо салоҳдиди худ амалӣ ва ихтиёрдорӣ менамоянд (қисми 1-и моддаи 9-и Кодекси гражданӣ). Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, инчунин ҳама гуна шартҳои шартнома, ки ба қонунгузорӣ зид намебошанд, озод ва мустақиланд. Ҳамин тавр, мустақилияти фаъолияти соҳибкорӣ – озодии интихоби равиш ва тарзи кор, мустақилона қабул намудани қарор, роҳ надодан ба дахолати худсарона ба фаъолияти хусусӣ, зарурати бемамониат амалӣ намудани ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва ҳифзи судии онҳоро ифода менамояд.

**Таваккал** аломати дуюми ҷудонашавандаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Он мантиқан давоми мустақилияти соҳибкор буда, омили муҳимми барори кор мебошад. Таваккал яке аз воситаҳои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ аст. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ эҳтимолияти ба даст овардани фоидаи ба нақша гирифташуда ё натиҷаи мусбати дар назар дошташуда ва ҳамзамон бо ин, имконияти дидани оқибати манфии ин ё он амал мебошад. Мувофиқи моддаи 1015-и Кодекси гражданӣ таваккали ба даст наовардани даромади дар назар дошташуда аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба вайрон кардани уҳдадориҳо аз ҷониби рақибони соҳибкор ё тағйир додани шарти ин фаъолият вобаста ба ҳолатҳое, ки бо соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, таваккали соҳибкорӣ эътироф карда мешавад.

Аломати сеюми фаъолияти соҳибкорӣ **мунтазам ба даст овардани фоида** аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат мебошад. Маҳз ба даст овардани фоида ваҷҳи асосии барангезандаи соҳибкорӣ буда, дар акси ҳол, ҳама гуна соҳибкорӣ аз ибтидо моҳияти худро гум

мекунад. Дар баробари ба фоида ноил шудани соҳибкор мақсад ба натиҷа табдил меёбад, вале дар хотир бояд дошт, ки «мақсад» ва «натиҷа»-и фаъолияти соҳибкорӣ, бо вуҷуди бо ҳамдигар алоқаманд буданашон, ҳаммаъно нестанд. Мақсади асосии соҳибкор танҳо бо ноил шудан ба натиҷа амалӣ мегардад. Соҳибкор ғайр аз мақсади асосии ба даст даровардани фоида мақсадҳои дигар низ дорад.

Аз ҷумла соҳиб шудан ба молу мулки алоҳида, андӯхтани сармояи иловагӣ бо мақсади васеъ намудани доираи фаъолияти ташкилот ва монанди инҳо.

Аломати чоруми фаъолияти соҳибкорӣ **ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шудан**и шахсонест, ки азми бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатӣ (мақомоти андоз) ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд. Бақайдгирии давлатӣ аломати ифодакунандаи фаъолияти соҳибкорӣ нест, балки шарти қонунан эътироф намудани он мебошад.

Дар баробари ин, ҳуқуқи соҳибкорӣ муносибатҳоеро ба танзим медарорад, ки бо муносибатҳои соҳибкорӣ зич алоқаманд мебошанд. Ин муносибатҳо доир ба ташкил ва қатъ кардани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, гирифтани иҷозатнома, сертификатҳо, гузаронидани экспертизаи экологӣ ва ғ. ба вуҷуд меоянд.Чунин навъҳои фаъолият хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар оянда мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, онҳо ба предмети ҳуқуқи соҳибкорӣ дохил мешаванд. Муносибатҳое, ки дар ҷараёни танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меоянд, чунин муносибатҳое мебошанд, ки дар байни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва мақомоти давлатӣ ё дигар мақомоте, ки барои чунин танзимнамоӣ ваколатдор карда шудаанд. Яке аз тарафҳои чунин муносибатҳо субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ буда, тарафи дигар мақомоти зиддиинҳисорӣ ё мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра шуда метавонанд.

Муносибатҳои соҳибкорӣ дар асоси принсипҳои муайян ба танзим даровардa мешавад. Ба сифати принсипҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ асосҳои аввалини хуқуқии батанзимдарории фаъолияти соҳибкорӣ амал менамоянд, ки тамоми қонунгузории соҳибкориро фаро гирифтаанд. Ба онҳо принсипҳои озодии фаъолияти соҳибкорӣ; баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд; озодии рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ; ба даст овардани фоида ҳамчун мақсади фаъолияти соҳибкорӣ; танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; мувофиқати манфиатҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ дохил мешаванд.

Фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи санадҳои меъёрӣ ба танзим даровардa мешавад, ки ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкориро ташкил менамоянд. Муҳимтарини онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» ва ғайраҳо мебошанд.

## § 2. СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

Субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар амалӣ гардонидан ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошанд. Онҳо дар муносибатҳои соҳибкорӣ мустақилона аз номи худ фаъолият менамоянд. Барои шахсро ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намудан шарту шароити зайл ниҳоят муҳим мебошанд: аввалан аҳдҳое, ки соҳибкорон мебанданд, бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд буда, ҳамчун аҳдҳои соҳибкорӣ, тиҷоратӣ дониста мешаванд. Аз тарафи дигар, шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро

бидуни бақайдгирӣ амалӣ менамоянд, ҳуқуқ надоранд, ки аҳдҳои бастаи худро ҳамчун аҳдҳои соҳибкорӣ шуморанд. Зеро фаъолияти чунин шаҳрвандон дар ҳолатҳои муайянкардаи қонун фаъолияти соҳибкорӣ буда, суд метавонад нисбат ба онҳо талаботи моддаи 24-и Кодекси граждаииро оид ба муфлисшавӣ татбиқ намояд; сониян қайд намудан зарур аст, ки эътирофи ҳолати ҳуқуқии шахс ҳамчун соҳибкор боиси он мегардад, ки ӯ дорои уҳдадориҳои махсус гардида, ба вай ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешаванд. Ба чунин уҳдадориҳои иловагӣ нашр намудани маълумот, бақайдгирии давлатии соҳибкорон, барои шиносоии умум дастрас намудан, ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ дохил кардан, аз тарафи соҳибкор бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намудани маълумот дар бораи фаъолияти худ, аз ҷумла қарор дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ оид ба андозситонӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ дохил мешаванд.

Бояд қайд кард, ки на ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд соҳибкор бошанд. Дар баробари ин, қисми 2-и моддаи 23-и Кодекси граждании ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкориро аз тарафи санади мақомоти давлатӣ ё мақомоти дигар (агар чунин санад бе риояи шарту тартиби дар қонун муқарраргардида таҳия шуда бошад.) боиси беэътибор донистани чунин санадҳо медонад. Ҳамзамон, қонун ҳуқуқи бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани баъзе шаҳрвандонро маҳдуд менамояд. Чунин маҳдудият пеш аз ҳама, ба он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, ки вазифаҳои вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 50 Конститутсия), аъзои ҳукумат (м.73 Конститутсия), судя (м.90 Конститутсия) ва ғайраро иҷро менамоянд.

Кодекси граждании шахсони ҳуқуқиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: **ташкилотҳои тиҷоратӣ** ва **ғайритиҷоратӣ.** Нишонаи чунин фарқ хусусияти асосии мақсади фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ мебошад.

*Ташкилоте, ки мақсади асосии фаъолияти он ба даст овардани фоида мебошад, ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ эътироф карда мешавад.* Онҳо дар шакли ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва махсус ташкил карда мешаванд.

*Ташкилоте, ки мақсади асосии фаъолияти он ба даст овардани фоида намебошад, ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ эътироф карда мешавад.* Ин гуна ташкилот фоидаи бадастомадаро дар байни аъзои худ тақсим намекунад. Вай бо фаъолияти соҳибкорӣ фақат ба мақсади иҷрои вазифаи асосиаш, ки барои он ташкил шуда, ба мақсади оинномавиаш мувофиқ аст, машғул мешавад. Аз ин рӯ, он субъекти фаъолияти соҳибкории ғайримуқаррарӣ мебошад. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар шакли кооперативҳои матлубот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо, иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, ки дар шаклҳои дигари пешбининамудаи қонун таъсис шудаанд, амал менамоянд.

Ба гурӯҳи дигари субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ субъектҳои танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди муассисаҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ширкатҳои марказии гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, мақомоти идоракунии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Барои машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ ба ғайр аз шартҳои умумӣ боз шартҳои махсуси иловагӣ зарур мебошанд. Кодекси гражданӣ ба чунин шартҳои махсуси баамалбарории ҳуқуқи субъективӣ намудҳои гуногуни иҷозатдиҳиро барои машғул шудан бо навъҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд, ба монанди иҷозатнома, аттестатсияи тахассуси квалификатсионӣ, квота ва ғ. Мувофиқи талаботи моддаи 49-и Кодекси гражданӣ бо намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар асоси иҷозатномаи махсус машғул шудан мумкин аст. Шахси ҳуқуқӣ аз рӯзи гирифтани иҷозатнома ё дар муҳлати дар он зикршуда бо ин ё он шуғл машғул шуда метавонад.

Дар баробари шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳо) соҳибкорони инфиродӣ метавонанд дар фаъолияти соҳибкорӣ иштирок намоянд. Ба ҷумлаи шахсони воқеие, ки бо фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғул шуда метавонанд, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд мансубанд. Онҳо танҳо дар сурати дорои қобилияти амал будан метавонанд ба чунин фаъолият машғул шаванд. Шаҳрвандон аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, метавонанд ба ҳама гуна навъи фаъолият, ки қонун манъ накардааст, машғул шаванд.

Соҳибкории инфиродӣ ***шахсӣ*** ва ***якҷоя*** мешавад. Соҳибкории шахсӣ аз тарафи як шаҳрванд мустақилан амалӣ карда мешавад. Соҳибкории якҷоя бошад, аз тарафи гурӯҳи шаҳрвандон бе ташкили шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Шаҳрванд ба соҳибкории инфиродӣ аз синну соли ба балоғат расидан, аз ҷумла агар тибқи қонун издивоҷ то ба синни ҳаждаҳсола расидан иҷозат дода шуда бошад, машғул шуда метавонад.

Вале тибқи моддаи 28-и Кодекси граждании шаҳрванде, ки ба синни 16-солагӣ расидааст, метавонад дар асоси қарори мақомоти васоят ва парасторӣ, бо ризояти падару модар ё фарзандхонон бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад.

Дар мавриди мавҷуд набудани чунин ризоят масъала ба тариқи судӣ ҳал карда мешавад. Ҳангоми аз тарафи суд мусбат ҳал шудани масъала ноболиғ дорои қобилияти пурраи амалкунӣ эътироф карда мешавад. Ин ҳолатҳои истисноиро дар ҳуқуқ **эмансипатсия** меноманд. Бояд қайд намоем, ки падару модарон, фарзандхонон ё парасторон аз рӯйи уҳдадории чунин соҳибкории қобили амал эътирофкардашуда ҷавобгар намебошанд. Дар чунин ҳолат мувофиқи банди 1-и моддаи 25-и Кодекси граждании шаҳрванд аз рӯйи уҳдадориҳои худ ба тамоми молу мулки ба ӯ тааллуқдошта, ба истисноӣ молу мулке, ки мутобиқи асноди қонунгузорӣ аз он маблағ ситонидан манъ аст, масъулият дорад.

Шаҳрвандон ба фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома машғул шуда метавонанд. ***Патент*** ҳуҷҷатест, *ки ба сифати соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта шудани шаҳрвандро муайян карда, барои машғул шудан бо фаъолияти соҳибкории дар он пешбинишуда ҳуқуқ медиҳад.* ***Шаҳодатнома*** *ҳуҷҷатест, ки шакли содакардаи низоми андоз аз даромад ва пардохтҳои иҷтимоӣ ба шумор рафта, ҳамзамон бақайдгирии давлатии шаҳрвандро ба сифати соҳибкори инфиродӣ тасдиқ мекунад* ва ба соҳибкор ба ивази патент дода мешавад.

Соҳибкори инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамояд, ҳақ дорад аз меҳнати кироя истифода барад ва кормандро аз кор озод кунад, баъди додани андоз аз фоидаи бадастовардааш онро мустақилона истифода барад. Шахсоне, ки бо фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд, метавонанд иштирокчии ширкатҳои комил бошанд, инчунин барои амалӣ намудани мақсадҳои худ шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) банданд (моддаи 1058-и Кодекси граждании).

## § 3. МАФҲУМ ВА НАВЪҲОИ БИРЖА

Мафҳуми биржаро ҳам аз нигоҳи ташкилӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ***биржа*** *бозорест, ки дар он савдои яклухти мол аз рӯйи намунаю стандартҳо ё шартнома оид ба минбаъд фиристодани мол, инчунин когазҳои қиматнок, асъор ва филизоти нодир бо нархҳое, ки дар асоси талабот ва таклифот муқаррар карда шудааст, анҷом дода мешавад.*

Биржа бозори яклухти дар ҷойи муайян ташкилшудае мебошад, ки аз рӯйи қоидаҳои муқарраршуда мунтазам амал менамояд. Дар шакли савдои биржавӣ талабот ва таклифот ба мол дар як ҷой ва дар як вақт ҷамъ оварда мешавад. Дар муқоиса бо тиҷорати корвонӣ ва ярмаркавӣ савдои биржавӣ мунтазам дар ҷойи муайян ва дар як вақт гузаронида мешаванд. Ҳоло биржа тадриҷан танзимгари бозор гашта, бо ҳамин сифат ба ҷузъи таркибии иқтисоди бозорӣ табдил ёфтааст.

Биржаҳо як қатор хусусиятҳои ба худ хос доранд. Пеш аз ҳама, биржаҳо ҳамчун қоида дар марказҳои саноатӣ ва савдои калон ташкил шуда, дорои объекти махсуси хариду фурӯш – «моли биржавӣ» ва ҳайати субъектҳо мебошанд. Сониян, дар онҳо савдо сарфи назар аз будани молу коғази қиматнок ва асъор мунтазам ва ошкоро ба роҳ монда шудааст. Дигар ин ки нархгузорӣ дар биржаҳо озод буда, савдо аз рӯйи қоидаи ягона ташкил карда мешавад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқ биржа шахси ҳуқуқиест, ки мақсади фаъолияти он бо моли муайяни биржавӣ дар шакли савдои оммавии ошкоро дар ҷой ва вақти пешакӣ муайяншуда (аз рӯйи қоидаҳои муқарраршудаи биржавӣ) ташкил намудани савдои биржавӣ мебошад.

Биржаҳо маҳсули таҳаввулоти дурудароз буда, дар инкишофи худ як қатор зинаҳоро гузаштаанд ва пайдарпай шаклҳои гуногунро қабул намудаанд. Ин дар тавсифи навъҳои онҳо зоҳир мегардад.

Биржаҳоро вобаста ба хусусияти танзими ҳуқуқии барпо намудан ва фаъолият ба ду гурӯҳ – ***умумии*** (оммавии) ***ҳуқуқӣ ва хусусии*** ҳуқуқӣ ҷудо кардан мумкин аст. Чунин ҷудокунӣ бештар дар адабиёти Ғарб паҳн гаштааст. Биржаҳои умумии ҳуқуқӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи умумӣ ташкил карда мешаванд. Узви чунин биржа ҳама гуна соҳибкоре шуда метавонад, ки ба феҳристи савдои биржавӣ дохил карда шудааст ва андозаи муайяни муомилотро дорад. Шахсе, ки узви биржа намебошад, мувофиқи билетҳои якдафъаинаи худ ба содир намудани амалиёт роҳ дода мешавад. Чунин биржаҳо дар давлатҳои Аврупо васеъ паҳн гаштаанд.

Биржаҳои хусусии ҳуқуқӣ дар Англия ва Амрико маъмуланд. Бояд қайд намоем, ки чунин номгузорӣ характери шартӣ дорад, зеро дар ин мамлакатҳо ҳуқуқро ба хусусӣ ва умумӣ ҷудо намекунанд. Барои узви ин биржаҳо шудан дар сармояи оинномавӣ ҳиссаи муайян доштан ё шумораи муайяни саҳмияро гирифтан зарур аст.

Аз рӯйи хусусияти савдои биржавӣ, биржаҳо мумкин аст

***кушода*** ва ***пӯшида*** шаванд. Биржаҳои кушода барои ҳама дастрас буда, фурӯшанда ва харидор бе миёнравон ҳамдигарро ёфта, бо ҳам аҳду паймон мебанданд. Таърихан аввал ҳамин гуна биржаҳо пайдо шудаанд.

Дар савдои биржаҳои пӯшида танҳо миёнрави (брокер, дилер) биржа, ки дар он аккредитатсия шудааст, иштирок мекунад. Шахсони дигар дар биржа метавонанд ба воситаи миёнравони биржа дар асоси шартнома молро харидорӣ кунанд ё фурӯшанд. Дар бисёр кишварҳои хориҷӣ биржаҳои ҳозиразамон пӯшида мебошанд.

Биржаҳо вобаста ба моли биржавӣ ***молӣ***, ***фондӣ*** ва ***асъорӣ*** мешаванд. Биржаҳои молӣ савдои захираҳои моддии гурӯҳи муайяне (филизот, чӯбу тахта, гандум ва ғайра)-ро ташкил менамоянд. Онҳо универсалӣ (молҳои гуногунро савдо менамоянд), махсусгардонидашуда ва доир ба навъҳои алоҳидаи мол мешаванд.

Биржаҳои фондӣ коғазҳои қиматнок, ба монанди саҳмия, вомбарг ва баъзе дигар коғазҳои қиматнокро савдо мекунанд.

Дар биржаи асъор хариду фурӯши асъори хориҷӣ ва муайян намудани қурби он ба роҳ монда мешавад.

Биржаҳо, мумкин аст, омехта (мисол, молию фондӣ) шаванд. Дар онҳо савдои биржавии захираҳои моддӣ, коғазҳои қиматнок ва асъори хориҷӣ ба роҳ монда мешавад, вале савдои биржавии ҳар як намуди моли биржавӣ ҷудо аз якдигар дар толорҳои гуногун ё дар вақтҳои гуногун гузаронида мешавад.

Ва ниҳоят, биржаҳоро вобаста ба хусусияти амалиёти биржавӣ ба ***нақдӣ*** (реалӣ) ва ***фючерсӣ*** ҷудо менамоянд.

Дар биржаҳои нақдӣ савдои молро ташкил менамоянд.

Дар баробари дар биржа бастани аҳд, минбаъд фиристодани мол ҳатман ба роҳ монда мешавад. Чунин биржаҳо таърихан аввал пайдо шудаанд.

Биржаҳои ҳозиразамон одатан фючерсӣ мебошанд. Савдои мол дар онҳо бе минбаъд фиристодани мол ба роҳ монда мешавад. Мақсади асосии чунин савдои биржавӣ баъди

қатъ гаштани аҳд гирифтани фарқи имконпазири тағйири нарх нисбат ба предмети шартнома, инчунин суғурта намудани аҳди бо моли накд аз тағйири номусоиди нарх нисбат ба шартнома мебошад.

Монанди ҳама гуна фаъолияти дигар фаъолияти биржавӣ ҳам аз тарафи қонунгузорӣ ба танзим дароварда мешавад.

Дар давраи ҳозира фаъолияти биржаҳо дар асоси қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ» аз 23-юми декабри соли 1991, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коғазҳои қиматнок» аз 28-уми июни соли 2011 ба танзим дароварда мешавад. Ҳамзамон бо ин, оиннома, қоидаҳои савдои биржавӣ, шартномаҳои намунавӣ, низомнома доир ба қисмҳои таркибии биржаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои биржавӣ ба сифати сарчашмаи батанзимдарорӣ баромад менамоянд.

## § 4. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Муҳайё кардани шароити зарурӣ барои мунтазам рушд ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ ва муайян намудани қоидаҳои умумии фаъолияти иштирокчиёни он яке аз вазифаҳои асосии давлат ба шумор меравад. Барои амалӣ шудани он дар шароити иқтисоди бозорӣ танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад. Вай самтҳои гуногунро фаро мегирад. Зарурати танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни он манфиатҳои хусусии соҳибкорон ва манфиатҳои умумиҷамъиятӣ ба ҳам бармехӯранд. Ин манфиатҳо бояд баробар карда шаванд ва набояд бо ҳам дар ихтилоф бошанд. Ноил шудан ба тавозуни манфиатҳо ба воситаи усул ва тарзҳои гуногун мумкин аст. Барои ноил шудан ба он кӯшиши зиёде ба харҷ дода, таҳия кардани механизми зарурии такмилёфтаи ҳуқуқии ба ҳам алоқаманди манфиати соҳибкорон ва ҷамъият зарур аст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бе давлат, бе таъсири танзимгардонии он ба иқтисодиёт инкишофи муътадили муносибатҳои бозорӣ ғайриимкон мебошад. Аз тарафи дигар, истифодаи муносибатҳои молию пулӣ дар бунёди иқтисоди бозорӣ маънои дур шудани давлат аз идоракунии иқтисодиётро надорад. Ҳоло давлат дар иқтисоди бозорӣ нисбат ба пешина вазифаи тамоман дигарро ба ҷо меорад. Давлат иқтисодиётро то дараҷае ба асосҳои худидоракунӣ гузаронида, бо ҳамин ба субъектҳои хоҷагӣ мустақилият, озодӣ ва имконияти васеи ташаббускориро муҳайё менамояд. Онҳо дар ин ҷода фаъолона амал намуда, ҳуқуқи ба онҳо додашударо ҳамчун воситаи қонеъ гардонидани манфиатҳои моддӣ ва маънавии худ бояд истифода баранд. Аҳамияти бузурги иқтисоди бозорӣ нисбат ба низоми фармонфармоӣ маҳз дар ҳамин ифода меёбад. Асосҳои худидоракуниро давлат амалӣ намуда, мумкин аст, ки мақоми худро дар идораи иқтисодиёт суст намояд, вале давлат набояд худро аз идоракунии иқтисодиёт дар канор гирад. Худро ба канор гирифтани давлат мумкин аст боиси оқибати номусоиди инкишофи иқтисодиёт гардад.

Бояд қайд намуд, ки таъсири давлат ба иқтисодиёт ва иқтисодиёт ба давлат мутақобила мебошад. Ҳаҷми дахолати давлат ба иқтисодиёт ва муносибатҳои бозорӣ ба бисёр омилҳо вобаста мебошад. Вале дар давраи гузаштан ба иқтисоди бозорӣ мақоми давлат дар танзими иқтисод кам нашуда, баръакс, бо дарназардошти зарурати қоидаҳои асосии бозор, тағйирёбии асосҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои бозор, муқаррар намудани назорат ба риояи на танҳо манфиатҳои шахсӣ, балки манфиатҳои ҷамъиятии иштирокчиёни он то дараҷае меафзояд.

Ҳамин тавр, дараҷаи танзими давлатии иқтисодиёт аз ҳолати мушаххаси ҳуқуқӣ дар бозор ва талаботи давлат дар марҳалаи мазкури инкишофи муносибатҳои бозорӣ вобаста мебошад.

Танзими давлатӣ, пеш аз ҳама, бо мақсади ҳифзи манфи-

атҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешавад. Илова бар ин, танзими давлатӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

а) таъмини эҳтиёҷи давлат ва ҷомеа, бартарии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии он;

б) ташкили буҷети давлатӣ;

в) ҳифзи муҳити атроф ва истифодаи захираҳои табиӣ;

г) таъмини шуғли аҳолӣ;

д) таъмини бехатарӣ ва мудофиаи кишвар;

е) амалӣ намудани озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобат, инчунин, ҳимоя аз инҳисор;

ж) риояи тартибот дар фаъолияти иқтисодии хориҷии соҳибкорон ва сармоягузории хориҷӣ.

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ мустақим ва ғайримустақим шуданаш мумкин аст. Танзими мустақими фаъолияти соҳибкорӣ дар мавриди бақайдгирии давлатӣ, гирифтани иҷозатнома оид ба навъҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани сертификат дар ҳолати сертификатсияи ҳатмии маҳсулот (мол, хизмат) ва ғайра истифода бурда мешавад. Ҳамзамон бо ин, дар шароити нави хоҷагидорӣ усули ғайримустақими танзимнамоӣ бо истифодаи фишангҳо ва омилҳои иқтисодӣ бартарӣ дорад, ки ба онҳо қарздиҳии имтиёзнок, дотатсия, ёрдампулиҳо, ва имтиёзҳо доир ба андозситонӣ дохил мешаванд.

## § 5. ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ

Барҳамдиҳӣ, қатъи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ буда, дар ин маврид ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ба дигар субъектҳо намегузаранд. Асосҳои ҳуқуқии барҳам додани ташкилотҳои тиҷоратӣ ва фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» зикр карда шудаанд. Барҳамдиҳӣ ихтиёрӣ ва маҷбурӣ мешавад.

Субъект бо қарори соҳибкори инфиродӣ, муассисони (иштирокчиёни) ё мақомоти шахси ҳуқуқие, ки дар ҳуҷҷатҳои

таъсисӣ ваколатдор карда шудааст, ихтиёран барҳам дода мешавад. Қарори барҳам додани корхонаи воҳиди давлатӣ аз тарафи мақомоти босалоҳияти давлатӣ қабул карда мешавад. Корхонаи давлатии дорои ҳуқуқи идораи оперативӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад.

Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолатҳои зерин ихтиёран барҳам дода мешавад:

а) бо қарори муассисон (иштирокчиён) ё мақомоти шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ чунин ваколатро дорад.

б) дар ҳолати гузаштани муҳлате, ки шахси ҳуқуқӣ ба ҳамин муҳлат таъсис дода шуда буд;

в) баъди ноил шудан ба мақсадҳое, ки шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шуда буд (сархати якуми қисми 2-и моддаи 62-и Кодекси гражданӣ)

Мувофиқи моддаи 62-и Кодекси гражданӣ суд метавонад субъектҳои фаъолияти соҳибкориро дар мавридҳои зерин барҳам диҳад:

а) ҳангоми таъсиси субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ роҳ додан ба вайронкунии дағалонаи қонун, агар чунин вайронкунӣ хусусияти ислоҳнопазир дошта бошад;

б) бе иҷозатномаи дахлдор машғул шудан бо фаъолият ё машғул шудан бо фаъолияти манъкардаи қонун;

в) амалӣ намудани фаъолияти вайронкунии чандинкарата ва дағалонаи қонунгузорӣ;

г) аз тарафи иттиҳодияҳои (ташкилотҳои) ҷамъиятӣ, динӣ ва фондҳои ҷамъиятӣ мунтазам амалӣ намудани фаъолияте, ки бо мақсадҳои оинномавии онҳо мухолиф мебошад;

д) ҳангоми бозхости иҷозатнома, ки амалӣ намудани амалиёти дар иҷозатнома пешбинишуда навъи ягонаи фаъолияти иҷозатдодашуда мебошад;

е) дар ҳолати муфлисшавӣ;

Талаби барҳам додани шахси ҳуқуқиро мақомоти давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллие, ки мувофиқи қонун

ба ин ҳуқуқ доранд, ба суд пешниҳод карда метавонад. Бо қарори суд дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ мумкин аст вазифаи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ба зиммаи муассисони (иштирокчиёни) он ё мақомоте гузошта шавад, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ба барҳамдиҳии он ваколат доранд.

Барҳамдиҳии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси санадҳои меъёрии махсус, аз ҷумла Кодекси гражданӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи корхонаҳое, ки таҳти нишонаи муфлисшавӣ қарор доранд, солимгардонӣ ва тартиби барҳамдиҳии онҳо ва ғайра ба танзим дароварда мешавад. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ на танҳо ба корхонаҳои давлатӣ, инчунин, нисбат ба ташкилотҳои хусусӣ ва соҳибкорони инфиродӣ низ татбиқ карда мешаванд.

Муфлисшавӣ яке аз асосҳои барҳам додани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Бо он на танҳо расмиёти барҳамдиҳӣ, балки азнавташкилкунӣ ва роҳҳои ғайрисудии барҳамдиҳӣ алоқамананд.

Муфлисшавӣ ин аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба ухдадориҳои пулӣ ва иҷро карда натавонистани ухдадориҳои ворид намудани пардохти ҳатмӣ мебошад, ки онро суд эътироф кардааст ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст (моддаи 4-и Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ»).

Аломати аввалини муфлисшавӣ қонеъ карда натавонистани талабҳои кредиторон аз рӯйи ухдадориҳои пулӣ мебошад. Аломати дуюм иҷро карда натавонистани пардохтҳои ҳатмӣ дар назди буҷет аст. Пардохтҳои ҳатмӣ аз боҷу андоз ва дигар маблағҳои ҳатмие иборат мебошанд, ки ба буҷети сатҳи дахлдор бо тартиб ва шартҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншаванда ворид мегарданд.

Аломати сеюми муфлисшавӣ расман аз тарафи суди иқтисодӣ муфлис эътироф намудани субъекти хоҷагидорӣ

мебошад. Мутобики Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» ба ҷумлаи субъектҳое, ки мумкин аст муфлис эътироф карда шаванд, инҳо дохил мешаванд: шахсони ҳуқуқӣ – ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайр аз корхонаҳои давлатие, ки молу мулки ба онҳо дар асоси ҳуқуқи идораи оперативӣ тааллуқ дорад; шахсони ҳуқуқии хориҷӣ; соҳибкорони инфиродӣ.

## § 6. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРОН

Соҳибкорӣ яке аз шаклҳои амалӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд мебошад. Бинобар ин, вазифаи асосии давлат аз ҳаматарафа ҳавасманд ва таъмин кардани кафолати рушди соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон иборат мебошад.

Категорияи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон дорои табиати духела мебошад. Аз як тараф, ҳифзи ҳуқуқ яке аз ҳуқуқҳои субъективии шахсони дахлдор буда, аз тарафи дигар, амалӣ намудани ин ҳуқуқ хусусияти ғайримустақим ё тобеиятӣ дорад. Хусусияти ғайримустақим доштан, пеш аз ҳама, дар далели вайрон намудани ҳуқуқҳои дигарон ё таҳдиди вайрон намудани онҳо ифода меёбад. Ҳуқуқ ба ҳифзро дар шакли умумӣ ҳамчун ба шахси ваколатдор додани имконияти татбиқи чораҳои хусусияти ҳимояи ҳуқуқидошта барои барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронкардашуда ё талош кардан ба он маънидод кардан мумкин аст.

Мазмуни ҳуқуқ ба ҳифзро чораҳои зерин ташкил медиҳанд: якум, маҷмӯи чораҳои ҳимояи ҳуқуқие, ки субъекти ваколатдор метавонад аз онҳо доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои худ истифода барад; дувум, навъҳои гуногуни таъсиррасонии бевосита ба ҳуқуқвайронкунанда; сеюм, маҷмӯи чораҳои маҷбуркунии давлатие, ки шахси ваколатдор метавонад онҳоро дар сурати натиҷаи дилхоҳ надодани амалҳои мустақилона ҳам татбиқ намояд.

Ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва муҳофизати манфиатҳои қонунии онҳо бо тартиби пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешавад. Қонунгузории амалкунанда шакл, восита

ва тарзҳои кофии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкоронро пешбинӣ менамояд. Дар зери мафҳуми тарзи ҳифзи ҳуқуқ чораҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқи дорои хусусияти маҷбуркунанда фаҳмида мешаванд, ки ба воситаи онҳо барқароркунии ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва анҷомдодашуда ва таъсиррасонӣ ба ҳуқуқвайронкунанда амалӣ карда мешавад. Дар қонунгузорӣ номгӯйи мушаххаси тарзҳои ҳифзи ҳуқуқ оварда шудааст. Дар моддаи 12-и Кодекси гражданӣ тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ номбар карда шудаанд, ки ҳамаи онҳо соҳаи фаъолияти соҳибкориро фаро мегиранд.

Вобаста ба мазмуни амали ҳуқуқ тарзи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкориро ба моддӣ, ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ ҷудо кардан мумкин аст. Тарзи моддии ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ин тарзи амал доир ба ҳифзи ҳуқуқ мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ мебошад. Тарзҳои моддии ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба шароит, хусусият, мансубияти соҳавӣ, навъи ҳуқуқҳои ҳифзшаванда, таркиби субъектҳо ва ғайра. аз якдигар фарқ мекунанд. Чунончи, вобаста ба мақсади тарзҳои амали ҳифзи ҳуқуқи моддӣ ба пешгирикунанда, барқароркунанда ва ҷаримавӣ ҷудо мешавад. Ба тарзи амали пешгирикунанда тарзҳои ба таври маҷбурӣ қатъ намудани амалҳои зиддиҳуқуқие, ки зарар ё дигар оқибати нохуш мерасонанд, инчунин таҳдиди чунин оқибатҳоро ба миён меоранд, дохил мешаванд.

Аз рӯйи табиати худ ба тарзи амали пешгирикунанда инҳо дохил мешаванд:

а) беэътибор донистани санади мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ;

б) аз тарафи суд татбиқ накардани санади мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки ба қонун зид аст ва ғайра.

Ба тарзи амали барқароркунанда шаклҳое дохил мешаванд, ки барои эътироф намудани ҳуқуқҳои муайяни субъект, инчунин, барои барқарор намудани ҳолати то вайронкунӣ ҷойдошта равона карда шудаанд.

Амалҳои зерин ҳамчун тарзи амали барқароркунанда эътироф карда мешаванд: эътирофи ҳуқуқ; беэътибор донистани аҳди баҳсшаванда ва татбиқи оқибати он, татбиқи аҳдҳои аз мавриди бастанашон беэътибор эътирофшуда; рӯёнидани зарар ва ҷуброни зарари маънавӣ; водор намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл ва ҳоказо.

Тарзи амали ҷаримавӣ ба муқобили ҳуқуқвайронкунанда татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарӣ барои рафтори зиддиҳуқуқӣ мебошад. Ба тарзи ҷаримавии ҳифз инҳо дохил мешаванд: рӯёнидани ноустуворона; мусодира; ба манфиати давлат рӯёнидани он чӣ, ки аз рӯйи аҳд ғайриқонунӣ ба даст даровардa шудааст ва ғайра.

Тарзи мурофиавии ҳифз дар амали намудани ваколатҳои қонунан муқарраргардидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар намуди нашри санаде, ки мақсади он муқаррар, эътироф ё тасдиқ кардани ҳуқуқ ва далелҳои аҳамияти ҳуқуқидошта, инчунин, барқарор намудани манфиатҳои қонунии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Шакли ҳифз гуфта, маҷмӯи чорабиниҳои ташкилии мувофиқшудаи дохилиро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои муҳофизатшаванда меноманд. Агар тарзи ҳифзи ҳуқуқ категорияи ҳуқуқии моддӣ бошад, пас шакли ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти мақомоти ваколатдор доир ба ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Вобаста ба хусусияти ҳуқуқи соҳибкорон ва хусусияти фаъолияти ташкилии онҳо шаклҳои ҳифзи ҳуқуқро ба судӣ ва ғайрисудӣ ҷудо кардан қобили қабул мебошад.

Дар зери мафҳуми шакли судии ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои вайронкардашуда ё талошшаванда фаҳмида мешавад. Моҳияти ин мафҳум дар он ифода меёбад, ки агар соҳибкор ва манфиатҳои қонунии ӯ дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ вайрон (халалдор) карда шуда бошад, вай метавонад барои ҳифзи ҳуқуқи худ ба мақомоти давлатӣ ё дигар мақомоти ваколатдор, муроҷиат намояд.

Мақомоте, ки барқарор намудани ҳуқуқи вайронкардашуда ё талошшавандаро дар доираи ҳифзи судӣ таъмин менамоянд, инҳоянд:

– Суди конститутсионии Ҷумҳурии Точикистон;

– Суди иқтисодӣ;

– Суди умумӣ.

Ба шакли ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон инҳо дохил мешаванд:

– ҳифзи нотариалӣ;

– мурофиаи ҳакамӣ;

– ҳалли баҳсҳо то суд.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО :

1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ чиро меомӯзад?
2. Фаъолияти соҳибкорӣ чист?
3. Аломатҳои соҳибкориро номбар кунед ва фаҳмонда диҳед.
4. Кадом сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкориро медонед?
5. Принсипҳои ҳуқуқи соҳибкориро номбар кунед ва шарҳ диҳед.
6. Дар бораи субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ маълумот диҳед.
7. Шахс кадом вақт соҳибкор эътироф карда мешавад?
8. Соҳибкории инфиродӣ чист?
9. Биржа чист?
10. Кадом навъҳои биржаро медонед?
11. Дар бораи танзими давлатии соҳибкорӣ маълумот диҳед.
12. Фаъолияти соҳибкорӣ дар кадом мавридҳо қатъ мегардад?
13. Муфлисшавӣ ва нишонаҳои он.
14. Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва тарзҳои он маълумот диҳед.
15. Шаклҳои судии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкориро номбар кунед.
16. Шаклҳои ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкориро номбар намоед.

# БОБИ III. ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ
## § 1. ПРЕДМЕТ, ПРИНСИП ВА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ

Молия, ҳамчун қисми таркибии ҳама гуна низоми иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷониби давлатҳо, сарфи назар аз сохти иқтисодӣ ва иҷтимоиву сиёсии онҳо, ба таври мушаххас ҳамчун предмети батанзимдарории ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Калимаи «молия» хеле барвақт пайдо шуда ва бо вуҷуди доштани тобишҳои гуногуни маъноӣ дар давраҳои гуногун маънои пардохти пулӣ, маблағҳои пулиро ифода менамуд. Калимаи «молия» асосан ҳангоме ки сухан дар бораи даромад, хароҷот ва қарзи давлат меравад, истифода бурда мешавад.

Дар зери мафҳуми «молияи мамлакат» маблағҳои пулӣ (захираҳои молиявӣ) ва дар асоси он ба воситаи муомилоти пулӣ амалӣ намудани муносибатҳои молиявиро мефаҳманд, ки дар натиҷаи он фондҳои гуногуни маблағҳои пулии ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ ва хусусӣ ташкил карда мешаванд. Ҳамин тавр, молияи мамлакат маблағҳои пулии мамлакат мебошанд, ки зоҳиран арзиши молҳои дар кишвар мавҷудбуда ва дар муомилот дар шакли накдӣ ва ғайринакдӣ иштироккунандаро ифода менамояд.

Ба ҳайати молияи мамлакат маблағҳои пулии буҷети ҳамаи сатҳҳо (маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, давлатӣ), маблағҳои пулии корхонаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ, ҳамаи даромадҳои буҷети давлатӣ – ҳам дар шакли пардохтҳои давлатӣ ва ҳам дар шакли қарзи давлатӣ дохил мешаванд. Молияи мамлакат ба молияи давлатӣ (оммавӣ) ва молияи хусусӣ (ғайридавлатӣ) ҷудо мешавад.

Молияи давлатӣ (оммавӣ) маблағҳои пулии дар ихтиёри мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ қарордошта мебошанд. Ба онҳо маблағҳои пулии буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ ва маҳаллӣ, маблағҳои пулии корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва коммуналӣ дохил мешаванд.

Ба молияи хусусӣ (ғайридавлатӣ) маблағҳои пулии ба ташкилотҳои хусусӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин, ба шахсони алоҳида тааллуқдошта дохил мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки табдилёбии молияи хусусӣ ба молияи давлатӣ ҳангоми ситонидани андоз аз субъектҳои хусусӣ (ғайридавлатӣ) ба вуҷуд меояд.

Фарқи молияи давлатӣ аз ғайридавлатӣ дар он аст, ки молияи давлатӣ талаботи ҷомеа (маориф, фарҳанг, таъминоти иҷтимоӣ, идоракунӣ, мудофиа) ва ғайраро қонеъ мегардонад, аммо мақсади соҳибмулкони (соҳибкори инфиродӣ ва ташкилоти тиҷоратии хусусӣ) молияи хусусӣ ба даст овардани фоида мебошад. Онҳо дар якҷоягӣ бо корхонаи давлатӣ ва коммуналӣ низоми субъектҳои хоҷагиро ташкил медиҳанд, ки давлат бо онҳо дар муносибатҳои молиявӣ (андозӣ) қарор мегирад. Маҳз ҳамин муносибатҳо асоси фаъолияти молиявии давлатро ташкил медиҳад. Ба туфайли чунин фаъолият маблағҳои пулӣ дар дасти давлат ҷамъ оварда шуда ва давлат функсияҳои худро ба воситаи онҳо ба таври самаранок амалӣ менамояд. Фаъолияти молиявии давлат ҷараёни аз рӯйи нақша сафарбар намудани маблағҳои пулӣ, ташкили фондҳои молиявӣ, ҷамъ намудани маблағҳои пулӣ, ташкили фондҳои молиявӣ, сарф кардани маблағҳои пулӣ бо мақсади иҷрои самараноки вазифа ва функсияҳои худ мебошад.

Фаъолияти молиявии давлат аз тарафи Президент, Парламент, Ҳукумат, Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҷараёни фаъолияти молиявии давлат дар байни субъектҳои ҳуқуқи молиявӣ муносибатҳои гуногуни амудию уфуқӣ ба вуҷуд меоянд, ки аз онҳо танҳо муносибатҳои амудӣ предмети батанзимдарории ҳуқуқи молиявӣ мегарданд. Ба таври дигар гӯем, ҳуқуқи молиявӣ танҳо он муносибатҳои молиявиро ба танзим медарорад, ки ба тобеияти маъмурии як тараф ба тарафи дигар асос ёфтааст.

Хусусияти хоси муносибатҳои молиявӣ аз он иборат мебошад, ки онҳо дар ҷараёни фаъолияти молиявии давлат ба

вуҷуд омада, хусусияти оммавию ҳуқуқӣ ва ҳокимияти давлатӣ доранд. Бинобар он, фаъолияти молиявии давлат яке аз шаклҳои ифодаёбии соҳибихтиёрии он мебошад, ҳама вақт давлат дар шахсияти мақомоти ваколатдори он ба сифати яке аз тарафҳои муносибатҳои молиявӣ баромад менамояд. Ба ҳайси чунин субъектҳо Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ шуда метавонад. Тарафи дигар бошад, ҳама гуна субъектҳо, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, корхонаҳои давлатӣ ва коммуналӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон, шуда метавонанд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи молиявӣ, ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятии дар ҷараёни ҷамъ овардан, тақсим кардан ва истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии давлатии бавуҷудомадаро бо мақсади амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои давлат ба танзим медарорад.

Ҳуқуқи молиявӣ, ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои аломатҳои умумӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ буда, дар айни замон бо як қатор хусусиятҳои худ аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ фарқ менамояд. Соҳаи ҳуқуқи мазкур дорои предмет, метод ва низоми танҳо ба он хос мебошад.

Предмети ҳуқуқи молиявӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар ҷараёни аз ҷониби давлат амалӣ намудани фаъолияти молиявӣ ба вуҷуд меоянд, яъне фаъолият оид ба муомилоти пул дар мамлакат, ҷалб намудани маблағҳои пулӣ ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ ва истифодаи онҳо ба манфиати ҷомеа ва давлат мебошад.

Ҳуқуқи молиявӣ на танҳо предмет, балки методи батанзимдарории ҳуқуқии худро дорад. Агар предмети батанзимдарории ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқамандӣ дошта бошад, пас методи батанзимдарории ҳуқуқӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқамандӣ дорад. Ҳамин тавр, методи батанзимдарории ҳуқуқӣ маҷмӯи тарзу усулҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқиро ба рафтори одамон дар ин ё он соҳаи

воқеан иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат, ифода менамояд.

Бояд дар назар дошт, ки методи батанзимдарориро танҳо бо як тарз ё усули батанзимдарорӣ маҳдуд кардан номумкин аст, зеро метод маҷмӯи восита, тарз ва усулҳои таъсиррасонӣ ба рафтори субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, вале методи асосии ҳуқуқи молиявӣ ин методи навиштаҷоти ҳатмӣ мебошад, ки тибқи он як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба тарафи дигар супоришҳои ҳатмиро новобаста ба иҷрои он ҳавасманд будан ё набуданаш медиҳад. Мисол, тибқи моддаи 13-и Кодекси андоз агенти андоз вазифадор аст ба мақомоти андоз барои назорати дурусти ҳисоб кардан, нигоҳ доштан ва пардохтани андозҳо ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намояд. Меъёри мазкур навиштаҷоти ҳатмиро ба агенти андоз оид ба рафтори ӯ муайян менамояд ва ҳатмӣ будани иҷрои онро таъин мекунад. Ҳамзамон бо ин, ҳуқуқи молиявӣ дорои принсипҳои ба худ хос мебошад, ки онҳо моҳияти асосии соҳаи мазкурро ифода менамоянд. Принсипи қонуният, нақшавӣ будан, ошкоро будан, мустақилияти фаъолияти молиявии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷавобгарии мутақобилаи давлат ва шаҳрванд дар соҳаи фаъолияти молиявӣ принсипҳои муҳимтарини он мебошанд.

Муносибатҳое, ки доир ба фаъолияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд, дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ ба доираи шахсони номуайян равона карда шуда, барои татбиқи чандинкарата пешбинӣ шудаанд. Сарчашмаи ҳуқуқи молиявӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд.

## § 2. ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ

Мувофиқи банди 2-и моддаи 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №723 буҷети давлатӣ фонди асосии маблағҳои пулӣ,

шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад; дар шакли қонун қабул ва амалӣ карда мешавад ва бинобар ин, мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташударо иҷро намоянд.

Ҳамин тавр, буҷет ба се маънӣ – моддӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Ба маънии моддӣ буҷет ҳамчун фонди марказонидашудаи захираҳои молиявие фаҳмида мешавад, ки барои пӯшонидани хароҷоти давлатӣ ташкил карда мешавад.

Ҳамчун категорияи иқтисодӣ буҷет маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки бо мақсади ҷамъ овардан, тақсим кардан ва минбаъд истифода бурдани фондҳои марказонидашудаи пулӣ барои амалӣ намудани функсия ва салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ таъйин шудааст. Ба маънии ҳуқуқӣ буҷет санади ҳуқуқии асосии молиявӣ, нақшаи молиявии асосии ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи марказонидашудаи маблағҳои пулии давлат буда, аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

Муносибатҳое, ки дар соҳаи буҷет ва дар байни субъектҳои он ба вуҷуд меоянд, дар асоси ҳуқуқи буҷетӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Бинобар ин, ҳуқуқи буҷетӣ аз маҷмӯи меъёрҳои молиявии ҳуқуқие иборат мебошад, ки батанзимдарории сохти буҷети давлатро муайян ва муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи фондҳои маблағҳои пулӣ ба танзим медарорад. Ҳамин тавр, предмети ҳуқуқи буҷетӣ он муносибатҳои ҷамъиятие шуда метавонанд, ки доир ба ҷамъоварӣ, тақсим ва минбаъд истифода намудани маблағҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашудаи давлатӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳуқуқи буҷетӣ яке аз зерсоҳаҳои ҳуқуқи молиявӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Чунин муносибатҳо дар ҷараёни барпо намудани манбаъҳои даромад дар байни буҷет ва амалӣ намудани салоҳиятҳои хароҷотии буҷети ҳамаи сатҳҳо, оид ба муайян намудани мақоми иштирокчиёни мурофиаи буҷетӣ, ҳангоми амалӣ намудани тақсимбандии ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, ҳангоми вайрон кардани қонунгузории буҷетӣ ба ҷавобгарӣ кашидан ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Агар чунин муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти молиявии давлатӣ ба вуҷуд оянду аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи буҷетӣ ба танзим дароварда шаванд, он гоҳ онҳо ҳамчун муносибатҳои буҷетӣ эътироф карда мешаванд.

Субъекти ҳуқуқи буҷетӣ гуфта шахсонеро меноманд, ки дар фаъолияти молиявию буҷетӣ иштирок менамоянд. Шахсони мансабдори давлатӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар тақсими даромад ва хароҷотҳо дар байни буҷетҳои сатҳҳои гуногун иштирок менамоянд, иштирокчиёни мурофиаи буҷетӣ, шахсоне, ки аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун захираҳои молиявиро дар шакли муайяннамудаи қонун мегиранд, инчунин, шахсоне, ки барои вайрон намудани қонунгузории буҷет ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ба маънии васеъ субъектҳои ҳуқуқи буҷетӣ мебошанд. Хусусиятҳои ҳуқуқи буҷетӣ чунинанд:

а) онҳо оид ба ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи захираҳои молиявии буҷетҳои сатҳи гуногуни низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд;

б) яке аз тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқи буҷетӣ, чун қоида, давлат, ҳудудҳои марзиву маъмурӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, инчунин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд.

в) муносибатҳои буҷетӣ дар доираи вақти муайян одатан дар доираи соли молиявӣ амал мекунанд.

Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмӯи ҳамаи буҷетҳои дар ҳудуди Тоҷикистон амалку-

нанда иборат мебошад. Ба онҳо буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, яъне буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дохил мешаванд. Ҳамин тавр, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду сатҳи буҷетҳо – ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат мебошад. Низоми буҷетӣ ба принсипҳои ягонагии буҷети давлатӣ, тафриқаи даромаду хароҷот байни сатҳи низоми буҷет, инъикоси пурра ва ҳатмии даромаду хароҷоти буҷетҳо, тавозуни буҷетҳо, ошкоро будани буҷетҳо, мақсаднок будани таъйиноти маблағҳои буҷетӣ ва ғайра. асос меёбад.

Буҷети давлатӣ аз қисмҳои даромад ва хароҷот иборат мебошад, ки ба таври қонунӣ ба буҷетҳои сатҳи муайян мустаҳкам карда шудааст. Тибқи моддаи 10-и Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатӣ» буҷети давлатӣ аз даромадҳои андозу ғайриандоз, грантҳо, инчунин аз воридоти маблағҳои беподош, иборат мебошад.

Қисми хароҷоти буҷети давлатӣ вобаста ба аҳамияти иқтисодӣ ба хароҷоти ҷорӣ ва хароҷоти асосӣ ҷудо мешавад. Хароҷоти ҷорӣ он қисми хароҷоти буҷет аст, ки барои фаъолияти ҷории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва фондҳои мақсадноки буҷети муқарраргардида, барои дастгирии сатҳҳои дигари низоми бучети давлатӣ, соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ тавассути расонидани кумаки молиявӣ ва мусоидати молиявӣ ба кор бурда мешавад.

Хароҷоти асосӣ барои маблағгузории фаъолияти навоварӣ муқаррар гардидааст. Ба хароҷоти асосӣ хароҷоте, ки тибқи барномаҳои сармоягузории тасдиқшуда барои маблағгузории шахсони ҳуқуқии амалкунанда ё нав таъсисёфта таъйин шудааст, маблағҳое, ки ҳамчун кредити буҷетӣ барои маблағгузорӣ ба шахсони ҳуқуқӣ дода мешаванд, хароҷоте, ки ба таъмири асосӣ ва хариди воситаҳои асосӣ вобастаанд ва ғ. дохил мешаванд (моддаи 14-и Қонун).

Дар танзимнамоии муносибатҳои буҷетӣ нақши ҷараёни буҷетӣ хеле калон аст. Ҷараёни буҷетӣ – фаъолияти мақо-

моти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни ҷараёни буҷетӣ доир ба таҳия ва баррасии лоиҳаи буҷетҳо, фондҳои мақсадноки давлатӣ, тасдиқ ва иҷрои онҳо, инчунин оид ба назорати иҷрои буҷетҳо, ки тавассути санадҳои қонунгузорӣ ба танзим даровarda мешаванд. Ҷараёни буҷетӣ аз давраи буҷетӣ иборат мебошад. Давраи буҷетӣ қариб дуюним сол давом карда, аз таҳияи буҷет то тасдиқи ҳисобот оид ба иҷрои онро дар бар мегирад.

Давраи буҷетӣ ба марҳалаҳои зерин ҷудо мешавад:

а) таҳияи лоиҳаи буҷет;

б) баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаи буҷет;

в) иҷрои буҷет;

г) таҳия, баррасӣ ва тасдиқи ҳисобот доир ба иҷрои буҷет.

Ин марҳалаҳо пайдарҳам якдигарро иваз менамоянд. Буҷет дар давоми як сол амал мекунад. Баробари ба охир расидани соли буҷетӣ, ки аз 1-уми январ то 31-уми декабри соли ҷорӣ амал менамояд, ба ивази як буҷет, буҷети дигар меояд. Вале пеш аз он, ки буҷети нав амал намояд, он бояд таҳия ва тасдиқ карда шавад. Баъди қабул аз оғози соли нав иҷрои буҷет оғоз меёбад. Аз рӯйи иҷрои буҷет ҳисоботи дахлдор тартиб дода шуда, барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад. Ин ҷараён ҳар сол аз сари нав оғоз меёбад.

**СУОЛ СУПОРИШҲО**:

1. Молияи давлат чӣ маънӣ дорад?
2. Фаъолияти молиявии давлат чист?
3. Ҳуқуқи молиявӣ чист?
4. Дар бораи предмет ва методи ҳуқуқи молиявӣ маълумот диҳед.
5. Принсипҳои ҳуқуқи молиявиро номбар кунед.
6. Буҷет ба кадом маъниҳо фаҳмида мешавад?
7. Ҳуқуқи буҷет чиро меомӯзад?
8. Дар бораи муносибатҳои буҷетӣ ва хусусиятҳои он маълумот диҳед.
9. Ҷараёни буҷет чист?
10. Давраи буҷетӣ ва марҳалаҳои онро номбар кунед.

# БОБИ IV. ҲУҚУҚИ АНДОЗ

## § 1. МАФҲУМ, ПРИНСИП ВА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ АНДОЗ

Мутобиқи моддаи 45-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани андоз ва пардохтҳое, ки қонун муайян намудааст, вазифаи ҳар як шахс мебошад. Ҳуқуқи андоз яке аз зерсоҳаҳои ҳуқуқи молиявӣ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба муқаррар кардан ва рӯёнидани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ танзим мекунад.

Андоз сарчашмаи муҳимми даромади давлатӣ ба шумор меравад. Барои ҳамин додани андоз уҳдадории ҳар кас дар назди давлат аст, зеро андоз ба буҷети давлатӣ пардохта мешавад. Дар моддаи 7-и Кодекси андоз омадааст, ки андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад.

Бояд қайд намуд, ки моддаи 6-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои андозҳоро муқаррар намудааст, ки тибқи он андозҳо ба андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешаванд.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд:

– андоз аз даромад;

– андоз аз фоида;

– андоз аз арзиши иловашуда;

– аксизҳо;

– андози иҷтимоӣ;

– андозҳо барои захираҳои табиӣ;

– андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

– андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия.

Ба андозҳои маҳаллӣ андозҳои зерин дохил мешаванд:

– андоз аз воситаҳои нақлиёт;

– андозҳо аз молу мулки ғайриманқул.

Андозҳо дорои функсияҳои муайян мебошанд. Тарзи дар натиҷаи татбиқи низоми андозситонии мавҷуда ноил шудан ба мақсадҳои муайян функсияи андозҳоро ташкил медиҳад.

Аз ин нуқтаи назар андозҳо функсияҳои зеринро доранд:
- функсияи хазинавӣ;
- функсияи тақсимнамоӣ (иҷтимоӣ);
- функсияи танзимнамоӣ;
- функсияи ҳавасманднамоӣ;
- функсияи назоратӣ.

Функсияи фискалӣ функсияе мебошад, ки ба воситаи он захираҳои молиявии давлат ташкил карда мешаванд.

Агар давлат ба воситаи андозҳо ба буҷет маблағҳоро барои ҳалли проблемаҳои ҷамъиятӣ сафарбар намояд, он функсияи тақсимнамоӣ (иҷтимоӣ) ҳисобида мешавад. Дар натиҷа даромадҳо дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ аз нав тақсим карда мешаванд.

Функсияи танзимнамоӣ чунин маънӣ дорад, ки давлат ба воситаи андозҳо маҷбуркунии иқтисодиро амалӣ менамояд, ставкаи андозҳо ва ҷаримаҳоро такмил дода, андозҳои навро ҷорӣ ё баъзе навъҳои андозро бекор мекунад, яъне ба ҷараёни сармоягузорӣ, афзоиши истеҳсолот ва таркиби он таъсир мерасонад.

Функсияи ҳавасманднамоӣ пеш аз ҳама дар шакли додани имтиёзҳои андозӣ ифода ёфта, имконият медиҳад, ки барои категорияҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низоми мусоиди андозситонӣ муқаррар карда шавад.

Функсияи назоратӣ чунин аст, ки ба воситаи низоми андозситонӣ амал кардани механизми андоз таркиб ва қобилияти пардохтпазирии андозсупорандагон ва дараҷаи иҷрои он санҷида мешавад.

Принсипҳои умумӣ будани андозсупорӣ, асоснокии иқтисодии андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муайян будани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, асоси конститутсионӣ доштани андозситонӣ, якхела будани андозситонӣ ва қонунан муқаррар гардидани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ принсипҳои асосии ҳуқуқи андоз мебошанд.

Умумӣ будани андозсупорӣ маънои онро дорад, ки ҳар як шахс бояд андоз ва дигар пардохтҳои қонунан муқарраркардашударо супорад. Асоснокии иқтисодӣ ҳамчун прин-

сип талаб менамояд, ки андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ асоси иқтисодӣ доранд ва набояд худсарона муқаррар карда шаванд. Муайян будани андоз маънои онро дорад, ки ҳангоми муқаррар намудани он ҳамаи қисмҳои андозситонӣ бояд аниқ карда шуда бошанд. Санадҳои қонунгузорӣ оид ба андоз бояд тарзе таҳия карда шаванд, ки ҳар кас навъи андозҳо, вақт ва тартиби пардохти онҳоро дақиқ донад. Конститутсионӣ будани андоз маънои ҳатман супоридани андоз ҳамчун уҳдадории конститутсионии шаҳрвандро дорад. Муқаррар кардан, тағйир додан ё бекор намудани андоз танҳо дар асоси Кодекси андоз, яъне дар асоси қонун анҷом дода мешавад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 17-уми сентябри соли 2012, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», аз 28-уми июли соли 2006 ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи андоз ба шумор мераванд.

## § 2. МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ АНДОЗ

Муносибатҳои ҳуқуқии андоз муносибатҳои ҷамъиятии молиявие мебошанд, ки доир ба муқаррар намудан ва рӯёнидани андозҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои ҳуқуқи андоз дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

– онҳо танҳо дар соҳаи андозсупорӣ ҷой доранд;

– дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи андоз ба вуҷуд меоянд, тағйир дода ё қатъ карда мешаванд;

– характери оммавӣ доранд;

– оид ба маблағҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд;

– давлат дар шахсияти мақомоти андоз ва молия ба сифати тарафи ҳатмии он баромад менамояд.

Муносибатҳои андоз аз субъект, объект ва мазмуни он иборатанд. Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ андоз аз як тараф, андозсупорандагон, (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) аз тарафи дигар, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар мақо-

моти андоз, агентҳои андоз, мақомоти гумрук, мақомот дигар, ки ваколатдоранд андозҳоро ҳисоб ва ё ҷамъоварӣ намоянд, мебошанд.

Объекти андозбандӣ он чизе шуда метавонад, ки рафтори субъектҳо ба он равона карда мешавад. Объекти андозбандӣ (объекте, ки бо андозбандӣ алоқаманд аст) ҳолатҳо, ҳуқуқҳо ва (ё) ҳаракатҳои аз рӯйи ҳар як навъи андоз муайяншаванда, ки аз мавҷудияти онҳо уҳдадории андоз ба миён меояд, фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии иштирокчиёни андоз мазмуни муносибатҳои ҳуқуқи андозро ташкил медиҳанд. Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи андоз дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд. Аз ҷумла онҳо ҳуқуқ доранд аз мақомоти андоз доир ба андозҳои амалкунанда ва тағйирот дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот гиранд, инчунин, доир ба тартиби ҳисоб кардан ва пардохтани андозҳо ва пур кардани шаклҳои ҳисоботи андоз шарҳу эзоҳ дастрас намоянд, манфиатҳои худро оид ба масъалаҳои муносибатҳои андоз шахсан ё тавассути намояндаи худ ҳифз намоянд, тибқи тартиби муқарраршуда ҳисоботи андозро дар шакли электронӣ пешниҳод намоянд, дар давоми 5 рӯзи корӣ дар асоси аризаи хаттӣ дар бораи мавҷуд будан ё набудани қарзи андоз ва дар бораи андозҳои боздошташуда (пардохтшуда) маълумот гиранд, аз шахсони мансабдори мақомоти андоз ҳангоми амалӣ намудани ҳаракатҳояшон нисбат ба андозсупорандагон риояи қонунгузории андоз ва дигар ҳуқуқҳое, ки Кодекси андоз муқаррар намудааст, талаб намоянд (моддаи 18-и Кодекси андоз).

Ҳамзамон, андозсупорандагон уҳдадоранд, ки уҳдадориҳои андозро мутобиқи Кодекси мазкур сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро намоянд, талаботи қонунии кормандони мақомоти андозро дар хусуси бартараф намудани вайронкуниҳои қонунгузории андоз иҷро намуда, инчунин ба фаъолияти қонунии онҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиашон монеъ нашаванд, дар асоси амрнома ба шахсони мансабдори мақомоти андоз барои азназаргузаронии молу

мулке, ки объекти андозбандӣ ва (ё) объекти бо андозбандӣ алоқаманд мебошад, иҷозат диҳанд, ба мақомоти дахлдори андоз эъломияҳои андоз, дигар ҳисоботи андоз ва ҳуҷҷатҳоро мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур пешниҳод намояд, дар давоми 5 рӯзи корӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ иттилоотро дар бораи таъсис додан ё қатъ намудани фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи худ, дар бораи қабули қарор оид ба азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ (қатъ гардидани фаъолият) ё муфлисшавӣ, дар бораи тағйир ёфтани низоми истифодашавандаи андозбандӣ пешниҳод намоянд ва дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси андозро иҷро намоянд.

Мақомоти андоз ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи андоз дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд. Аз ҷумла онҳо ҳуқуқ доранд назорати андозро амалӣ намоянд ва тибқи Кодекси андоз ҳаҷми уҳдадории андозро ҳисоб намоянд. Дар ҷараёни санҷишҳои андоз санҷиши ҳуҷҷатҳои молиявӣ, китобҳои муҳосибӣ, ҳисобот, пулҳои накд, коғазҳои қиматнок ва дигар сарватҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳоро анҷом диҳанд. Доир ба масъалаҳои дар рафти санҷиш ба миёномада аз шахсони мансабдор ва дигар кормандони ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ маълумот гиранд. Дар рафти санҷиши андоз молу мулкеро, ки объекти андозбандӣ ва (ё) объекти ба андозбандӣ алоқаманд мебошад, новобаста ба маҳалли ҷойгиршавиаш муоина намоянд. Барои ҳуқуқвайронкуниҳои андоз муҷозот ва ҷаримаҳои пешбининамудаи Кодекси андоз ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ намоянд, дар ҳолати вайрон намудани қонунгузории андоз нисбат ба андозсупорандагон, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони воқеӣ ҷавобгариро татбиқ намоянд, инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки қонунгузории андоз муайян намудаанд.

Мақомоти андоз уҳдадор аст, ки талаботи Конститутсия, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи шаҳрвандон ва ташкилотҳоро риоя

намоянд, дуруст ҳисоб кардан, ба пурраги ва сари вақт ба буҷет пардохт гардидани андозҳоро назорат намоянд, бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро анҷом диҳанд, баҳисобгирии пурра ва саривақтии андозсупорандагон, инчунин андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва бақияпулиҳоро таъмин намоянд, дар бораи ба буҷет ворид гардидани андозҳо ҳисобот тартиб диҳанд, ҷаримаҳо ва фоизҳои муқаррargardидаро татбиқ намоянд ва сари вақт ситонанд, назорати андозро амалӣ намоянд, чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андози андозсупорандаро татбиқ намоянд, махфияти сирри андозро риоя намоянд, дастрасии андозсупорандагонро ба маълумот оид ба масъалаҳои ба андозбандии онҳо алоқаманд таъмин намоянд ва дигар уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андозро иҷро менамоянд.

## § 3. ҶАВОБГАРИИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ АНДОЗ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ОНҲО

Андозсупорандагон вазифадоранд аст, ки уҳдадориҳои худро оид ба супоридани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ мустақилона иҷро намояд, вале онҳо ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои худ мумкин аст ба ҳуқуқвайронкуниҳои андозии гуногун роҳ диҳад.

Ҳуқуқвайронкунии андоз ин кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор мебошад, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, оварда расонидааст (моддаи 79-и Кодекси андоз). Барои вайрон кардани қонунгузории андоз ҷавобгарии маъмурӣ, ҷиноятӣ, интизомӣ ва гражданӣ пешбинӣ шудааст. Ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз мумкин аст андозсупорандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ), ғункунандагони андоз (соҳибкори инфиродӣ ва ташки-

лотҳо), ташкилотҳои (қарзие), ки барои ба буҷет гузаронидани андоз масъул мебошанд, кашида шаванд. Шахси воқеӣ (шаҳрванд)-ро аз синни 16-солагӣ ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст. Шахсро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест, агар аз рӯзи содир намудан ё аз рӯзи дигари баъди ба охир расидани давраи андоз, ки дар давоми он чунин ҳуқуқвайронкунии андоз содир шуда буд, муҳлати даъво аз се сол гузашта бошад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайронкунии ҳуқуқи андоз дар ҳолатҳои зерин ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд: агар эъломияи андозро сари вақт пешниҳод накунанд; маблағҳои андозро кам нишон диҳанд; қоидаҳои пардохти андозро вайрон намоянд; ба гузаронидани санҷиши андоз монеъ шаванд; ба даромадани шахси мансабдори мақоми андоз ба ҳудуди корхона ё бино ғайриқонунӣ монеъ шаванд; тартиби нигоҳдорӣ, истифода ва ихтиёрдории молумулкие, ки мақомоти андоз ба ҳабс гирифтаанд риоя накунанд; аз тарафи бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ сари вақт гузаронида нашудани маблағи андозҳо аз рӯйи супоришномаҳои пардохти андозсупорандагоне, ки дар ин ташкилотҳо суратҳисоб доранд гузаронида нашаванд ва ғайра.

Шахсони воқеӣ барои содир намудани ҷиноят дар соҳаи қонунгузории андоз, тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Кормандони мақомоти андоз барои иҷро накардан ё ба тарзи зарурӣ иҷро накардани вазифаҳояшон, риоя накардани муқаррароти қонунгузорӣ доир ба сирри давлатӣ, хизматӣ, андоз, тиҷоратӣ ва сирри пасандозҳо, суйиистифода аз мансаби хизматӣ ва дигар амалҳои хилофи қонун ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашида мешаванд. Ҳамзамон, зараре, ки ба андозсупоранда дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии кормандони мақомоти андоз расонида шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании рӯёнида мешавад.

Андозсупорандагоне, ки санади санҷиши андоз, маблағи ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳои он, инчунин,

дигар қарорҳои мақомоти андозро мавриди баҳс қарор додаанд, метавонанд аз болои мақомоти андозе, ки қарорҳои дахлдорро қабул кардаанд, ба мақомоти болоии андоз, мақомоти ваколатдори давлатӣ ё ба суд дар хусуси аз нав дида баромадани онҳо бо ариза (шикоят) муроҷиат намоянд. Пешниҳоди ариза (шикоят) ба ҳама гуна мақомоти андоз ҳуқуқи андозсупорандаро барои дар як вақт ё минбаъд пешниҳод намудани чунин ариза ба мақомоти андози болоӣ ё суд истисно намекунад. Шикоят аз болои санади санҷиши андоз, ҳисоб намудани маблағҳои андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин, дигар қарорҳои мақомоти андоз дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи аз ҷониби андозсупоранда гирифтани санадҳо, дигар қарор ё қабул накардани қарор вобаста ба моҳияти шикояти ӯ дар ҳамон муҳлат пешниҳод карда мешавад. Шикоят бояд дар шакли хаттӣ пешниҳод карда шавад. Доир ба шикоят қарор қабул карда шуда, дар бораи қарори қабулкардашуда мақомоти андоз шахси шикояткардаро дар шакли хаттӣ дар муҳлати на бештар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани шикоят огоҳ менамоянд. Ҳамзамон, то ба охир расидани баррасии ариза (шикоят) доир ба ҳисобкунии маблағи андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин дигар қарорҳо, ки ба мақомоти андоз ё суд пешниҳод шудаанд, танҳо он қисми уҳдадориҳои андоз бояд пардохта ва ситонида шавад, ки аз ҷониби андозсупоранда таҳти баҳс қарор нагирифтааст.

**СУОЛ ВА СУПОРИШҲО**:

1. Андоз чист?
2. Хусусиятҳои андозро номбар кунед?
3. Навъҳои андозро номбар намоед.
4. Функсияҳои андоз кадомҳоянд?
5. Принсипҳои асосии ҳуқуқи андоз кадомҳоянд?
6. Дар бораи муносибатҳои ҳуқуқи андоз ва хусусиятҳои он маълумот диҳед.
7. Ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи андоз кадомҳоянд?
8. Уҳдадориҳои андозсупорандагонро номбар намоед.
9. Дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти андоз маълумот диҳед.
10. Ҷавобгарии андозсупорандагонро шарҳ диҳед.

# БОБИ V. ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ

## § 1. МАФҲУМИ ОИЛА ВА ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ

Оила сохтори ибтидоии ҳар гуна ҷомеа ва зинаи аввалини ташаккули он ба шумор меравад. Пайдоиши оила, чунонки олимони ҳафриётшинос ва мардумшинос исбот кардаанд, таърихи 10 -12 ҳазорсоларо дар бар мегирад. Пайдоиш ва инкишофи ҷомеаҳои авлодӣ ҳамчун маҳсули асосии иқтисоди истеъмолӣ ба замони гузариш ба неолит (тахминан ҳазораҳои VII-III то милод) рост меояд. Заминаи рушди тадриҷии ин ҷомеаҳоро муносибатҳои хешутабории якчанд насл ташкил медоданд, аз ин рӯ, ин сохти қадимаро сохти авлодӣ меномиданд. Бояд гуфт, ки маҳз дар замони неолит табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ пайдо шуда, онҳо бавуҷудоӣ ва рушди муназзами синфҳо, давлат ва ҳуқуқро таъмин карданд.

Баъдан дар асрҳои XVII-XVIII, дар даврони авҷи ташаккули сохти сармоядорӣ, таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба оила ҳамчун ниҳоди мустақили иҷтимоӣ хеле зиёд гардид. Мувофиқи ақидаи ҳуқуқшиносони ин давра, оила дар натиҷаи никоҳ ба вуҷуд меояд. Ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон дар никоҳ на аз ҷониби худашон, балки аз тарафи давлат муқаррар мегарданд. То ибтидои асри XX ҳамсарон дар оила ҳуқуқи баробар надоштанд, танҳо шавҳар соҳибихтиёри корҳои оила ва ягона соҳибмулки амволи он ба шумор мерафт.

Танҳо баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ афкори ҷомеа ба масъалаи оила тағйир ёфта, аз нигоҳи илми ҳуқуқ никоҳ ҳамчун шартномаи шаҳрвандони баробарҳуқуқ баррасӣ гардид. Акнун дар замони мо навъҳои гуногуни оилаҳоро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки дар натиҷаи никоҳҳои ба таври расмӣ бақайдгирифташуда ва бе қайди давлатӣ (никоҳҳои воқеӣ ё шаҳрвандӣ) ташкил шудаанд.

Дар сарзамини Шарқ, чунончи аз сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ маълум мешавад, ҳанӯз дар даврони Зардушт, тақрибан дар асри IX пеш аз милод ба муносибатҳои мардону занон дар заминаи ҳуқуқ таваҷҷуҳ карда мешуд. Таш-

кили оила дар аҳди қадим кори муқаддас ҳисоб меёфт ва пойдории ахлоқу маънавиёти ҷомеаро аз устувории оилаҳо вобаста медонистанд. Чунончи, дар замони Сосониён, ки оини зардуштӣ дини давлатӣ маҳсуб мешуд, ихтиёран дохил шудан ба никоҳ шарти асосии бунёди оила ҳисоб меёфт. Масалан, дар Қонунномаи Сосониён сабт шуда буд, ки «инсон набояд духтари хешро зидди иродааш ба шавҳар диҳад». Синни расидан ба балоғат 15-солагӣ эътироф мешуд.

Тамаддуни исломӣ, ки тӯли 1400 сол ба аксарияти халқҳои Шарқ на фақат ҳамчун дин, балки ҳамчун намунаи тарзи зист ва маънавиёту ахлоқ хизмат карда меояд, ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ меъёрҳои наве ворид кард, ки ба устувор нигоҳ доштани хонаводаҳо мусоидат мекунанд. Бисёр арзишҳои ахлоқию маънавӣ, аз ҷумла садоқати ҳамдигарии зану шавҳар, масъули тарбияи фарзандон будани падару модар ва баръакс, нигаҳбонии падару модарони эҳтиёҷманд аз ҷониби фарзандон, муқаддас донистани падару модар аз қабили арзишҳое мебошанд, ки мустаҳкамии оилаҳоро таъмин мекунанд.

Беҳуда нест, ки тибқи фармудаҳои дини ислом падарро «қиблагоҳ» мегӯянд ва ризояти падарро баробари ризояти Худо меҳисобанд. Мақоли машҳури «падар розӣ, Худо розӣ», ё худ ҳикмати «биҳишт зери пойи модарон аст» гувоҳи он аст, ки ба гумон дар ягон тамаддуни дигар мақому мартабаи падару модар ин қадар баланд бошад. Аз нигоҳи арзишҳои умумибашарӣ низ оила як ҷомеаи хурди ташаккули шахсиятҳо эътироф мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки оиладор шудан, пеш аз ҳ**ама, маънои аз ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ бархӯрдор будани ҳар як шахс ва иҷро намудани онҳоро дорад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи ҳуқуқии** оила дода нашудааст ва вобаста ба мафҳуми он имрӯз назарияҳои гуногун ҷой доранд. Дар илми муосир мафҳуми оила ба ду маънои асосӣ: иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Ба маънои иҷтимоӣ оила гуфта, доираи шахсонеро меноманд, ки ба баста-

ни ақди никоҳ, хешу таборӣ, ба тарбияи оилавӣ гирифтани кӯдак асос ёфта, умумияти ҳаётӣ, манфиатҳо ва ғамхории тарафайнро ифода менамояд. Бо дарназардошти ин, оила ба маънои иҷтимоӣ на ҳама вақт ҳамон оилаеро ифода менамояд, ки ба маънои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, зеро оила ба маънои иҷтимоӣ ба муносибатҳои воқеӣ асос ёфта, доираи нисбатан васеъ дорад. Барои ин зарур аст, ки чунин иттифоқ дар сатҳи қонунгузории оилавӣ мустаҳкам карда шавад.

Оила ба маънои ҳуқуқӣ ҳамчун иттифоқи шахсоне фаҳмида мешавад, ки онҳо бо ҳуқуқу уҳдадориҳои аз муносибатҳои никоҳӣ, хешу таборӣ, ба тарбияи оила гирифтани кӯдак, фарзандхонӣ ва монанди инҳо пайдошаванда пайванд мебошанд.

Вазифаҳои асосии оила ба вуҷуд овардани насли солим, тарбия, хоҷагидорӣ (иқтисод), маънавиёти ба ҳам созгори аъзои оила ва дастгирии моддию маънавии байниҳамдигарӣ мебошад.

Ҳуқуқи оилавӣ бошад, ҳамчун соҳаи ҳуқуқ намуди муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ – муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро ба танзим медарорад, ки онҳо вобаста ба далели бастани ақди никоҳ, таваллуди фарзанд, фарзандхонӣ ва дигар муносибатҳои хешу таборӣ ба миён меоянд.

Дар фаҳмиши содаву муқаррарӣ ҳуқуқи оилавӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки муносибатҳои байни аъзои оиларо ба танзим медарорад. Аъзои оила гуфта, ҳамсарон, падару модарон ва фарзандонро дар назар доштан лозим аст, ки онҳоро маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба ҳам алоқаманд месозад. Дар фаҳмиши васеъ бошад, ҳуқуқи оилавӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, муносибатҳои шахсӣ ва молумулкиеро, ки бо сабаби никоҳ, таваллуди кӯдак, фарзандхонӣ, хешутаборӣ, ба тарбия гирифтани кӯдак, байни шаҳрвандон, шаҳрвандону шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандону давлат пайдо мешаванд, танзим менамояд.

Ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ намуди муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ – муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро ба танзим медарорад, ки онҳо вобаста ба далели бастани ақди никоҳ, таваллуди фарзанд, фарзандхонӣ ва дигар муносибатҳои хешу таборӣ ба миён меоянд.

Ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таносуб бо соҳаҳои дигари ҳуқуқ фаъолият намуда, алоқамандии худро бо онҳо нигоҳ медорад. Вобаста ба ин, ҳуқуқи оилавӣ дар навбати аввал бо ҳуқуқи конститутсионӣ робитаи мустаҳкам дорад, ки он ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро ба ташкили оила муқаррар намуда, дахлнопазирии ҳаёти онҳоро кафолат медиҳад. Дар баробари ин, ҳуқуқи конститутсионӣ асосҳои конститутсионии ҳуқуқи оила, аз ҷумла баробарҳуқуқии мард ва зан (моддаи 17), дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ (моддаи 23), озодона бастани ақди никоҳ, доштани ҳуқуқҳои баробар дар муносибатҳои оиладорӣ ва бекор намудани ақди никоҳ, манъ будани бисёрникоҳӣ (моддаи 33), таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доштани модару кӯдак (моддаи 34) ва монанди инҳоро муқаррар менамояд.

Вазифаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ аз ҳалли масъалаҳои зерин иборат аст:

а) мустаҳкам намудани оила, ки ба принсипҳои ахлоқии ҷамъият асос ёфтааст;

б) ташаккули муносибатҳои оилавӣ дар асоси иттифоқи ихтиёрии ақди никоҳи зану мард, ҳиссиёти аз ғаразҳои моддӣ озоди ҳамсарон, дӯстӣ ва эҳтироми ҳамаи аъзои оила;

в) муҳофизат намудани манфиати модару кӯдак ва таъмини ҳаёти хушбахтона ба ҳар як кӯдак;

г) дар муносибатҳои оилавӣ барҳам додани урфу одат ва расму оинҳои зарарнок;

д) парваридани эҳсоси баланди масъулият дар назди оила.

Моҳияти ин вазифаҳои ҳуқуқи оилавӣ мақсади сиёсати давлатро оид ба ғамхорӣ дар ҳаққи инсон, саодатмандӣ ва хушбахтии ӯ ифода менамояд.

Ҳуқуқи оилавӣ мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ мавзӯи омӯзиши худро дорад. Мавзӯи омӯзиши ҳуқуқи оилавӣ маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятиеро фаро мегирад, ки дар натиҷаи бастан ё бекор кардани никоҳ, таваллуди кӯдак, хешӣ, фарзандхонӣ, парасторӣ ва васоят пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд.

Ин муносибатҳо, хусусиятҳои хоси худро доранд ва онҳо имкон медиҳанд, ки муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ аз дигар намудҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ фарқ карда шаванд. Масалан, субъекти ҳуқуқи оилавӣ танҳо шаҳрвандоне ба шумор мераванд, ки доираи онҳоро қонун муайян кардааст (ҳамсарон, падару модарон, фарзандон, фарзандхондагон, парасторону васиён ва ғайра.) Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ доимо характери ҷиддӣ, инфиродӣ ва ивазшаванда доранд. Ғайр аз ин, муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқи оилавӣ бардавом ва эътимоднок мебошанд.

## § 2. КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲИФЗИ ДАВЛАТИИ ОИЛА

Дар қисми 1-и моддаи 34-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудааст, ки «Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд». Ин меъёри Конститутсия андешидани чорабиниҳои гуногунро вобаста ба устувории оилаҳо, ҳавасмандкунии модарӣ, ҳифзи манфиатҳои ҳамаи аъзои оила, махсусан модару кӯдак ва муҳайё намудани шароитҳои кафолатдиҳандаи иҷрои ҳуқуқи оилавии шаҳрвандонро тақозо мекунад. Ин ҳолат дар ҳуқуқи оилавии Тоҷикистон татбиқ гардидани муқаррароти дахлдори як қатор санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948), Эъломияи ҳуқуқи кӯдак (1959), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989)-ро ба ҳукми тасдиқ медарорад.

Дар ин ҳуҷҷатҳо зарурати зоҳир намудани ғамхориҳои махсус, таваҷҷуҳ ва кумак ба модарон, муҳайё намудани

шароити арзандаи ичтимоӣ барои рушди муътадили кӯдакон таъкид мешавад. Ҳамчунин ин меъёрҳои Конститутсия исбот мекунанд, ки давлат ба уҳдаи худ як силсила уҳдадориҳоро вобаста ба ҳуқуқи модару кӯдак ба зимма мегирад.

Дар қисми дуюми моддаи 34-и Констутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мешавад, ки «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти ичтимоии падару модар  масъул мебошанд». Ин меъёр чунин маънӣ дорад, ки ҳам падару модарон дар тарбия ва парвариши ҳамаҷонибаи фарзандон ва ҳам фарзандон барои нигоҳубини падару модарон дар айёми пиронсолагӣ ва корношоямиву эҳтиёҷмандӣ масъулият ва ҷавобгарии баробар доранд.

Ҳамин тавр, дастгирии ҳамаҷонибаи давлатии оила дар сиёсати ичтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад. Ин сиёсат, аз як тараф, аз суннатҳои тӯли асрҳо ташаккулёфтаи фарҳанги асили тоҷикӣ бошад, аз тарафи дигар, ҳамчун таҷрибаи пешқадами мамолики пешрафта, сарчашма гирифтааст.

Яке аз омилҳои самарабахши пешбурди сиёсати ичтимоӣ дар мавриди оила ҳамин аст, ки дар низоми қонунгузории давлат, пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Тоҷикистон ва Кодекси оила муҳимтарин принсипу усулҳои ба оила алоқаманд дарҷ шудаанд, чунончи, таҳти ҳимояи давлат қарор доштани оила ва ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модарон доир ба ҳифзи манфиати фарзандон ва баръакс, уҳдадории фарзандони болиғ барои нигоҳубини падару модарон (моддаҳои 64 ва 88-и Кодекси оила).

Бо мақсади таъмини иштироки зан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлат Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, № 5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» интишор гардид, ки барои таҳкими минбаъдаи қонунгузорӣ ҷиҳати боловарии мавқеи зан дар ҷомеа ва дастгирии давлатии оила такони ҷиддӣ бахшид. Ҳамчунин, давра ба давра дар ин самт

дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи қабул гардиданд, аз қабили қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2000, № 98 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ»; аз 8 августи соли 2001, № 391 «Дар бораи барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001- 2010»; аз 1 октябри соли 2004, № 406 «Дар бораи тасдиқи номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будан шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) гирад»; аз 1 октябри соли 2004, № 407 «Оид ба тасдиқи навъҳои музди меҳнат ва дигар даромадҳое, ки аз онҳо барои таъминоти кӯдакони ноболиғ алимент рӯёнида мешавад»; аз 1 ноябри соли 2006, № 496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 - 2016»; аз 29 майи соли 2010 таҳти № 269 «Дар бораи тасдиқи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 -2020»; аз 30 декабри соли 2015, №801 «Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои зиёди ҳуқуқӣ. Ҳамчунин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (1.03.2005), ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба якчанд санадҳои муҳимми байналмилалӣ, аз қабили Эъломия оид ба бартараф кардани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии зан, Конвенсияи оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ғайра. дар ҳалли мушкилоти оила дар пешбурди сиёсати иҷтимоӣ танзими ҳамешагӣ пайдо кард.

Конститутсияи Тоҷикистон, ҳамчун ҳуҷҷати баландэътибори ҳуқуқӣ, консепсияи ҳозиразамони ҳуқуқу озодиҳои инсонро инъикос мекунад ва ин сифати Қонуни асосӣ шароити мусоидро барои рушди ҳама соҳаҳои ҳуқуқ, махсусан,

ҳуқуқи оила ба вуҷуд овардааст. Аз ин нуқтаи назар, барои инсон ҳамчун як шаҳрванд, муҳайё шудани имконияти васеъ барои татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ вазифаи бағоят муҳимми қонунгузорӣ мебошад.

Ин ҳолат махсусан дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ аз ҳама бештар ба чашм мерасад, зеро оила мансуб ба ҳаёти шахсӣ буда, бидуни устувории он аз ҷомеаи солим ва бештар аз он – муносибатҳои қавии иҷтимоӣ, сухан гуфтан имкон надорад. Муҳимтар аз ҳама, татбиқи ҳамаҷонибаи ҳуқуқи оила яке аз рукнҳои асосии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандист ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пояи ҳаёти муназзами хусусии ашхос метавонад рушд кунад.

Тавассути рӯйи кор омадани конститутсияи демократӣ вазъи ҳуқуқии шахсият дар оила ба танзим дароварда шуд, ба ибораи дигар, паҳлуҳои гуногуни ҳолати шахсият аз лиҳози ҳуқуқ ба эътибор гирифта шуданд. Мундариҷаи ҳолати ҳуқуқии шахсият дар оила, чунонки маълум аст, ба ду омили муҳим – сохти иқтисодӣ ва низоми сиёсӣ вобаставу алоқаманд аст. Ба эътибори Конститутсия низоми сиёсӣ демократӣ эътироф шудааст, ки дар чунин шароит низоми ҳама соҳаҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории оилаву никоҳ низ ба арзишҳои демократӣ такя мекунад.

Бо дарназардошти ин, дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 13-уми ноябри соли 1998 қабул шудааст, меъёрҳо ва институтҳои наве ворид карда шуданд, ки аҳдномаи никоҳ, созишномаи пардохти алимент, афзалият доштани ҳуқуқи кӯдак дар оила, муоинаи тиббии никоҳшавандагонро номбар кардан мумкин аст. Ҳар яке аз ин меъёрҳо моҳияти амиқи иҷтимоӣ дошта, ба консепсияи муосири ҳуқуқу озодиҳои инсон комилан мувофиқ мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, суннатҳои миллӣ, ба эътибор гирифтани расму оинҳои асрҳо ташаккулёфтаи аҷдодӣ аз қабили насабгузорӣ, муқаррар кардани синни никоҳӣ, бо дарназардошти ахлоқ ва маънавиёт бартараф сохтани монеаҳои ни-

коҳ мавқеи муҳим пайдо намудаанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории оилаву никоҳ ва танзими муносибатҳои дохилиоилавӣ нақш ва аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳамин тариқ, қонунгузории оилаву никоҳ дар партави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам инкишоф ёфта, ба он равона шудааст, ки ҳама паҳлуҳои ҳаёти шахсии шаҳрвандон, аз ҷумла муносибатҳои оилавӣ низ аз нигоҳи ҳуқуқ ба нафъи рушди солими ҷомеа танзим карда шаванд.

## § 3. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МОДАРӢ ВА ФАРЗАНДӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

Ҷомеаи инсонӣ бидуни оила вуҷуд дошта наметавонад ва аз дараҷаи маърифатнокӣ ва некуаҳволии оилаҳо дар кадом сатҳи инкишоф қарор доштани ин ё он ҷомеа ва давлат муайян карда мешавад. Бинобар ин, ҳуқуқи ташкил намудани оила дар қатори ҳуқуқҳои афзалиятноки соҳаи иҷтимоӣ қарор дорад, зеро ҳанӯз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1978 бори аввал ҳуқуқ ба ташкили оила ва таҳти ҳимояи давлат қарор доштани оила зикр шуда, ин меъёрҳо шакли ҳуқуқи асосӣ касб карда буданд. Дар Конститутсияи замони истиқлол (1994) низ, чунонки дар боло қайд кардем, ба муносибатҳои оилавӣ ду модда (моддаҳои 33-34) бахшида шуда, давлат уҳдадор шудааст, ки оиларо ҳамчун асоси ҷамъият таҳти ҳимоя мегирад.

Тибқи моддаи 33-и Конститутсия расидан ба синни никоҳ ягона шарте мебошад, ки дар сурати муҳайё будани он мардону занон ҳуқуқи озодона бастани ақди никоҳро пайдо мекунанд. Чи дар оиладорӣ ва чи ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқ эълон карда шудаанд. Якканикоҳӣ принсипи асосии ташкили оила мебошад. Дар моддаи 34 зикр шудани чунин меъёр, ки тибқи он модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд, ба уҳдаи давлат масъулияти рушди соҳаи иҷтимоиро вогузор мекунад.

Инъикоси ин меъёри конститутсионӣ (қисми 1-и моддаи 34) аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳуқуқи миллӣ муқарраротти дахлдори як силсила санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (1989), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (1966 ) ва ғайра татбиқ шудаанд.

Кӯдакон бояд аз истисмори иқтисодию иҷтимоӣ муҳофизат карда шаванд. Дар моддаи 25-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз ҳимояи иҷтимоии баробар бархӯрдор будани ҳамаи кӯдакон, сарфи назар аз он ки онҳо дар ақди никоҳ ё берун аз он таваллуд шудаанд, муқаррар шудааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи принсипҳои ҳимояи ҳуқуқи модарӣ ва кӯдакӣ, ҳифзи ҳуқуқи наврасон дар як қатор эъломияҳои (конвенсияҳои) Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла дар Эъломияи СБМ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи модарӣ» дар давраи ҳомиладорӣ ба занон пешниҳод намудани рухсатии на камтар аз 12-ҳафтаинаро, ки аз он ақаллан 6 ҳафтааш бояд ба давраи баъд аз таваллуд рост ояд, пешбинӣ гардидааст.

Дар давраи рухсатӣ аз рӯйи ҳомиладорӣ ва таваллуд фармон дар мавриди аз кор озод намудани занон ғайриқонунӣ эътироф мешавад. Дар дигар эъломияҳои дахлдори ин Созмони байналмилалӣ ҳадди ақали синну соли қабул кардан ба кор муайян гардидаанд: дар соҳаи кишоварзӣ он аз 14-солагӣ ва дар дигар мавридҳо аз 15-солагӣ муқаррар шудааст. Тибқи санади дигари ҳуқуқии созмони мазкур, Конвенсияи №90 «Оид ба меҳнати шабонаи наврасон дар соҳаи саноат» ба корҳои шабона дар саноат ҷалб кардани наврасони то 18-сола манъ аст.

Ҳимояи оила, ҳуқуқи модарӣ ва кӯдакӣ ҳуқуқи озодона бастани никоҳро низ дар бар мегирад. Никоҳ асос ва таҳкурсии ташкилёбии оила буда, бо созиши тарафайн, ихтиёрона бастани он барои ҳифзи ҳуқуқҳои аъзои оила аҳамияти фавқулода муҳим дорад. Давлат поймолкунии ҳуқуқҳоро ҳангоми ба никоҳ даромадан тавассути муқаррар намудани

шартҳои махсуси ба никоҳ даромадан пешгирӣ менамояд.

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (13-уми ноябри соли 1998) ҳамчун санади асосии ҳуқуқие, ки муносибатҳои оилавиро танзим мекунад, барои ақди никоҳ ризояти ҳамдигарии марду зани ба никоҳ дароянда ва ба синни никоҳӣ расидани онҳоро чун шартҳои эътиборноки никоҳ муқаррар кардааст. Инчунин, Кодекси оила ҳолатҳоеро пешбинӣ кардааст, ки мавҷудияти онҳо монеи ақди никоҳ мегарданд. Муқаррар намудани шартҳои ақди никоҳ баробарии ҳуқуқҳои мардону занонро дар ташкили оила таъмин менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиларо асоси ҷомеа دониста, дар зери ҳимояи давлат будани онро эълон кардааст. Тибқи Конститутсия, ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд, ки озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрникоҳиро манъ намудааст. Ҳимояи оила, модарӣ ва кӯдакӣ, дастгирии иҷтимоии оила аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Конститутсия муқаррар мекунад, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории давлатанд. Ин муқаррароти Конститутсия шаҳодати он аст, ки таваллуди кӯдак ва никоҳ на танҳо кори шахсӣ аст, балки аҳамияти ҷамъиятӣ дошта, дастгирии ҳамаҷонибаи давлатро тақозо мекунад.

Ҳимояи оила ва кумак ба он, ҳуқуқҳои модарӣ ва кӯдакӣ аз ҷониби соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ низ ба амал бароварда мешаванд. Қонунгузории оилавӣ муносибатҳои оилавиро танзим намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои аъзои оила нақши муҳим мебозад. Мустақилият ва мухторияти оила дар қабули қарорҳо доир ба инкишофи худ, афзалият доштани манфиати кӯдакон, баробарҳуқуқии марду зан дар тақсими адолатноки уҳдадориҳои оилавӣ, раво набудани дахолати беасос ба корҳои оила дар қонунгузории оилавӣ ифода ёфта, сиёсати

давлатиро доир ба ҳимоя ва таҳкими оила муайян мекунанд.

Аз ҷумлаи чораҳои ҳуқуқие, ки бевосита ба ҳимояи модарӣ ва кӯдакӣ нигаронида шудаанд, ин рухсатӣ вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак барои занони бо фаъолияти меҳнатӣ машғулбуда мебошад, ки аз ҷониби қонунгузории меҳнатӣ пешбинӣ гардидааст.

Ин рухсатиҳо на танҳо мақсади ҳифзи манфиатҳои модар ва кӯдакро дар назар доранд, то дараҷаи муайян ҳамчун ҷуброни паст шудани даромади оила бо сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд низ мебошанд. Давомнокии рухсатӣ, кумакпулиҳое, ки ҳангоми рухсатӣ дода мешаванд ва ҳуқуқи баъди рухсатӣ ба ҷойи кори пештара баргаштан аз омилҳои муҳимми дастгирии иҷтимоии модариву кӯдакӣ ба ҳисоб мераванд.

Тибқи моддаи 223-юми Кодекси меҳнат, ба занони ҳомила дар асоси варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида додашуда пеш аз таваллуд ҳафтод рӯзи тақвимӣ ва баъд аз таваллуд низ ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкил - ҳаштоду шаш, таваллуди ду ва ё зиёдаи кӯдак – яксаду даҳ) рӯзи тақвими рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад.

Моддаи 224-и Кодекс муқаррар мекунад, ки рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак ба муҳлати якуним сол баъд аз рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд бо хоҳиши зан ба ӯ дода мешавад. Ин навъи рухсатӣ пардохти кумакпулиро низ дар назар дорад.

Қонунгузорӣ ҳимояи махсуси ҳуқуқҳои меҳнатии занон ва фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнатро, ки ба хусусиятҳои физиологии занон ҷавобгӯ мебошанд, таъмин месозад: кафолатҳо ҳангоми ба кор қабул кардан ва аз кор озод намудан, манъ кардани меҳнати онҳо дар корҳои вазнин ва корҳои шароиташон зараровар, маҳдуд будани меҳнати занони ҳомиладор дар бастҳои шабона, гузаронидани онҳо ба корҳои нисбатан сабук ва ғайра. Қонунгузории меҳнатӣ дар

ин самт манфиатҳои занони коркунандаро ҳамаҷониба мавриди танзим қарор додааст.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 15, ки фарогири моддаҳои 207-214 мебошад, бо мақсади муҳаё намудани шароити мусоид барои амалишавии ҳуқуқҳои меҳнатии кӯдакони ноболиғ ва ҳимояи манфиатҳои онҳо дар ин самт як зумра имтиёзҳо пешбинӣ намудааст.

Чунончи дар моддаи 207-и Кодекси меҳнат баробар будани ҳуқуқи кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида дар муносибатҳои меҳнатӣ бо ҳуқуқи дигар кормандон зикргардида, пешбинӣ шудааст, ки онҳо дар ҳифзи меҳнат, вақти кор, вақти истироҳат ва дигар шароити меҳнат аз кафолатҳои иловагии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ истифода мебаранд.

Дар моддаҳои 208 ва 211 Кодекси меҳнат бошад, дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарноку хатарнок, истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, инчунин дар корҳое, ки иҷроишашон ба саломатӣ ва рушди маънавии онҳо зарар мерасонад, манъ эълон шуда, ба кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида давомнокии вақти кӯтоҳи корӣ муқаррар карда мешавад. Аз ҷумла барои кормандони аз чордаҳсола то шонздаҳсола – на зиёда аз 24 соат дар як ҳафта; барои кормандони аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола – на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта; барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ, ки якҷоя дар давраи соли таҳсил кор ва таҳсил мекунанд, аз чордаҳсола то шонздаҳсола – 2,5 соат дар як рӯз ва аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола – 3,5 соат дар як рӯз вақти кӯтоҳи корӣ пешбинӣ шудааст.

## § 4. ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ

Қонунгузории оилавӣ моҳиятан аз меъёрҳои Конститусия сарчашма мегирад ва ин меъёрҳо на танҳо асоси қонунгузории никоҳу оиларо ташкил медиҳанд, балки принсипҳои онро низ муайян мекунанд. Масалан, ҳуқуқи оилавӣ баробарҳуқуқии мардону занонро дар муносибатҳои оилавӣ танзим кардааст. Ин ҳолат ҳам дар ҳуқуқу уҳдориҳои

онҳо ҳангоми никоҳ ва ҳам дар танзими баҳсҳо оид ба амволи умумӣ зоҳир мешавад. Ҳам падар ва ҳам модар ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар доранд, сарфи назар аз он ки кӯдак бо кадоме аз онҳо зиндагӣ мекунад ва новобаста аз он ки кӯдак дар никоҳ ё ин, ки берун аз он таваллуд шудааст.

Ғайр аз ин, Конститутсия озодии шахсиятро дар мавриди аввал мегузорад. Ин озодӣ дар интихоби тарзу усулҳои гуногуни рафтор зоҳир мешавад. Қонунгузории оилавӣ низ ба шахсиятҳо имкониятҳои истифодаи озодиро дар вазъиятҳои гуногун: ҳангоми дохил шудан ба никоҳ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои баҳсноки оилавӣ, дар интихоби навъҳои тарбия ва таълими кӯдакон фароҳам меорад.

Дар қисми 1-и моддаи 19-и Конститутсия сабт шудааст, ки «ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад». Ҳуқуқи оилавӣ низ чунин вазифа дорад, яъне ҳар як узви оила барои таъмини ҳуқуқҳои худ аз имконияти ҳифзи судӣ бемонеа истифода бурда метавонад. Дар солҳои пеш ҳангоми сар задани баҳсҳои байни ҳамсарон дар мавриди тааллуқмандӣ ва бо кадоме аз ҳамсарон зиндагӣ кардани кӯдак онҳо аз ҳифзи маъмурии ҳуқуқҳояшон истифода мебурданд, ҳоло бошад, қонунгузор имкониятҳои васеи истифода аз ҳимояи судиро пешбинӣ кардааст.

Дар Конститутсия инчунин дахлнопазирии шахсӣ эълон шудааст. Дар ҳуқуқи оилавӣ ин ғоя низ истиқбол шуда, таъкид мегардад, ки ягон кас ҳуқуқи ба корҳои оилавӣ дахл карданро надорад. Масалан, ҳангоми пеш омадани масъалаи қатъи никоҳ, на суд ва на мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ наметавонанд садди роҳи хулосаи ҳамсарон гарданд.

Дар мамлакати мо, тибқи Конститутсия, ҳар кас ҳуқуқи озодона баён кардани афкори худро дорад. Таъсири ин меъёри конститутсионӣ дар як қатор моддаҳои Кодекси оила низ ба назар мерасад. Ҳар узви оила ҳуқуқи озодона баён намудани фикру мулоҳизаи худро дорад. Ҳангоми дахолат ба манфиатҳои кӯдак ӯ низ метавонад мавқеи худро

муайян кунад, фикри кӯдак ҳам дар мурофиаи судӣ ва ҳам дар баррасии маъмурӣ шунида мешавад. Зиёда аз ин, ҳангоми баровардани қарор дар мақомоти васоят ва парасторӣ, агар синни ӯ ба 10-солагӣ расида бошад, ризояти кӯдак гирифта мешавад. Ҳамин тавр, принсипҳои зерини ҳуқуқи оилавиро, ки тавассути онҳо муносибатҳои оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд, номбар кардан мумкин аст:

– баробарҳуқуқии зану мард дар ҳалли ҳама масъалаҳои оилавӣ;

–Ин баробарҳуқуқӣ на танҳо ҳангоми аз ақди никоҳ гузаштан, балки баъд аз он ҳам нигоҳ дошта мешавад. Онҳо инчунин, ҳуқуқи баробари шахсӣ ва молумулкӣ пайдо мекунанд.

–баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ сарфи назар аз миллат, нажод ва муносибаташон ба дин;

Дар кишвари мо дар вақти ақди никоҳ ба муносибатҳои оилавӣ аз рӯйи аслу насаб, мавқеи иҷтимоӣ ва молу мулкдорӣ, мансубияти нажодӣ ва миллӣ, маълумот, забон, муносибат ба дин, навъ ва характери касбу кор, ҷойи зист ва дигар ҳолатҳо ба ягон тарз, бевосита ё бавосита маҳдудкунии ҳуқуқ, муқаррар намудани афзалиятҳои бевоситаю бавосита роҳ дода намешавад.

–муҳофизат ва ҳавасманд намудани ҳуқуқи модарӣ;

–ғамхорӣ дар ҳаққи фарзандон ва ҳимояи манфиати онҳо;

Падару модарон вазифадоранд, ки фарзандонашонро дар руҳияи ахлоқи нек тарбия намуда, дар бораи саломатӣ ва рушди ҷисмонию маънавии онҳо ғамхорӣ кунанд.

– якканикоҳӣ;

Моҳияти ин принсип дар он зоҳир мешавад, ки ҳар кас фақат дар як никоҳ буда метавонад. Агар ин принсип риоя нашавад, никоҳ беэътибор дониста мешавад.

–озодона ва ихтиёрӣ бастани никоҳ;

–роҳ надодан ба дахолати беруна ба масъалаҳои оила;

–дар зери назорати давлат бекор кардани никоҳ;

–афзалияти манфиати кӯдак ва аъзои корношоями оила;

–роҳ надодан ба ягон навъи табъиз нисбат ба ҳар як узви оила;

–роҳ надодан ба маҳдудиятҳои маҷбурии ҳуқуқҳои оилавӣ;

–ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ;

–аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ масъули ҳамдигар будани падару модар ва фарзандон;

–ба уҳдаи давлат вогузор намудани уҳдадорӣ оид ба ҳифзи оила, модарӣ, падарӣ ва кӯдакӣ;

–ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо;

–афзалияти тарбияи кӯдак дар оила, ғамхорӣ нисбат ба некуаҳволӣ ва рушду камоли ӯ;

–аз ҳалли масъалаҳои никоҳ ва оила ҷудо будани дин.

Ғайр аз ин, ҳуқуқи оилавӣ аз муқаррароти афзалият доштани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории миллӣ истифода мекунад, ба шарте, ки дар шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нуқта зикр шуда бошад.

## § 5. НИКОҲ: ШАРТҲО ВА ТАРТИБИ БАСТАНИ ОН. МОНЕАҲОИ АКДИ НИКОҲ

Ҳар як мафҳуми ҳуқуқӣ таърифи худро дорад, ки дар он аломатҳои хос ва фарққунандаи он инъикос мешаванд. Ҳамин тавр, никоҳ иттифоқи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзимшудаи боихтиёрона ва баробарҳуқуқи зану мард аст, ки мақсади он бунёди оила буда, барои ҳамсарон ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсӣ ва молумулкиро ба вуҷуд меорад. Нишонаҳои ҳуқуқии никоҳ хусусиятҳои хоси дар қонун инъикосёфта буда, аз инҳо иборатанд:

–никоҳ танҳо миёни зану мард баста шуда метавонад;

–барои бастани никоҳ мавҷудияти иродаи ихтиёронаи онҳое лозим аст, ки ба никоҳ ворид мешаванд;

–никоҳ иттифоқи баробарҳуқуқ аст;

–никоҳ бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровара

шавад, яъне дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ ба қайд гирифта шавад;

–мақсади никоҳ бунёди оила аст, дар ҳолати баръакс никоҳ беэътибор дониста мешавад;

–қайди никоҳ боиси пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсӣ ва молумулкии ҳамсарон мегардад.

Бояд зикр намуд, ки асоси қайди давлатии никоҳ аризаи якҷояи шахсонест, ки нияти ба никоҳ даромадан доранд. Додани ариза ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) қисми таркибии тартиби қайди никоҳ мебошад. Дар ариза бояд ризоияти ихтиёрии тарафҳо, набудани ҳолатҳое, ки ба бастани никоҳ монеа мешаванд, зикр шавад.

Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи муштарак додани шахсоне, ки хоҳиши ақди никоҳ карданро доранд, ба ҷо оварда мешавад. Ҳамсарони оянда ҳуқуқ доранд, ки доир ба кам ё зиёд кардани муҳлати якмоҳаи то қайди никоҳ ба мақомоти САҲШ муроҷиат кунанд. Инчунин, мувофиқи қисми 2-юми моддаи 13-и Кодекси оила, барои шахсоне, ки синни никоҳиашон кам карда шудааст, муҳлати якмоҳаи интизорӣ муайян намегардад. Яъне бақайдгирии никоҳи онҳо мувофиқи хоҳишашон ба ҷо оварда мешавад.

Барои бастани никоҳ, пеш аз ҳама, ризояти никоҳшавандагон муҳим аст. Ҳар гуна амали маҷбурӣ барои никоҳ на фақат боиси бекор кардани никоҳ мегардад, балки шахсоне, ки барои чунин амал гунаҳкоранд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Дигар шарти бастани никоҳ – расидан ба синну соли никоҳӣ мебошад. Ҳоло мувофиқи моддаи 13-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон синни никоҳӣ барои ҳар ду ҷинс аз 18-солагӣ муқаррар шудааст, аммо суд дар мавридҳои истисноӣ метавонад синни никоҳиро на бештар аз як сол кам

кунад. Хилофи қонун амал кардани шаҳрвандон боиси сар задани амали ҷиноятӣ мегардад, ки барои ин мувофиқи моддаи 169-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, дар қонунгузории оилавӣ бо мақсади ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо шаҳрвандони хориҷӣ ақди никоҳ мебанданд, хусусан занон ва кӯдакони аз чунин никоҳҳо таваллудшуда пешниҳод гардидааст, ки зимни бастани ақди никоҳ агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, риояи шартҳои иловагӣ аз қабили истиқомат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз як соли охир ва ба таври ҳатмӣ бастани аҳдномаи никоҳ талаб карда мешаванд.

Никоҳ зоҳиран як амали муқаррарӣ менамояд, аммо аз нигоҳи оқибатҳои ҳуқуқии худ амали хеле масъулиятнок аст. Аз ин сабаб дар қонун доир ба никоҳ якчанд монеаҳо пешбинӣ шудаанд. Мувофиқи моддаи 14-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин бастани ақди никоҳ байни шаҳрвандон манъ шудааст:

– байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар никоҳи дигари ба қайдгирифташуда қарор дошта бошад;

– байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ);

– байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай (ки аз як падар ё модаранд);

– байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар;

– байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян;

– байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд;

– байни шахсоне, ки аз муоинаи тиббии ҳатмӣ нагузаштаанд;

– байни фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон;

– байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби беморechoии рӯҳӣ ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) ғайри қобили амал эътироф кардааст;

– байни шахсоне, ки суд қобилияти амали яке аз онҳоро бо сабаби суиистеъмол намудан аз машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда маҳдуд намудааст.

– байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст.

Якканикоҳӣ дар тамаддуни башарӣ шакли пешқадами никоҳ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ин никоҳ шахс худро хушбахт ҳисоб карда, ба дигарон низ хушбахтӣ меорад. Аммо ашхосе пайдо мешаванд, ки ин меъёри қонунро вайрон карда, сабабгори ҳар гуна оқибатҳои нохуш мегарданд. Бо дарназардошти ҳамин ҳолат дар моддаи 170-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бисёрникоҳӣ, ки боқимондаи урфу одатҳои даврони пешин мебошад, ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Бояд гуфт, ки барои шахсро гунаҳкор шуморидан шарт нест, ки мард бояд бо ду ё якчанд зан ақди никоҳ дошта бошад. Аломати асосии ин ҷиноят бо ду ва ё зиёда зан зиндагонӣ кардани мард ва бо онҳо хоҷагии умумӣ доштан мебошад.

Ақди никоҳ дар байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай, дар байни ба фарзандӣ қабулкардагон ва қабулшудагон, инчунин, байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян низ манъ аст. Никоҳи хешовандон на танҳо аз нуқтаи назари маънавӣ, балки аз лиҳози биологӣ низ раво нест. Илми тиб исбот кардааст, ки никоҳи хешовандон ба насли онҳо таъсири номатлуб мерасонад. Мувофиқи қонун манъ кардани никоҳи шахсони ба фарзандӣ қабулкарда ва қабулшудагон ба он асос меёбад, ки байни онҳо чунин муносибатҳое ба вуҷуд меояд, ки ба муносибатҳои падару модар ва фарзандон баробар ҳисоб карда мешаванд. Ғайр аз ин, никоҳи байни онҳо аз рӯйи қоидаҳои ахлоқ ҳам дуруст нест.

Ақди никоҳ байни шахсоне, ки яке аз онҳоро суд бинобар бемории рӯҳӣ ё сустақлӣ ғайри қобили амал донистааст, роҳ

дода намешавад. Исботи дар асоси бемории рӯҳӣ ё сустақлӣ ғайри қобили амал донистани шахс ҳалномаи эътибори қонунидоштаи суд мебошад. Ин манъкунӣ ба он мулоҳиза асос ёфтааст, ки ҳаёти оилавӣ бо чунин шахс номуътадил хоҳад буд. Ғайри қобили амал будани шахс ба шарте монеаи ақди никоҳ мегардад, ки агар ин ҳолат то лаҳзаи қайди никоҳ ошкор шуда бошад. Агар ин ҳолат баъди қайди давлатӣ ошкор шавад, пас он барои талоқ асос мешавад.

Бояд зикр намуд, ки сустақлӣ ё бемории рӯҳӣ худ аз худ монеаи ақди никоҳ шуда наметавонад. Ин гуна шахсон бояд бо ҳалномаи суд ғайри қобили амал эътироф карда шаванд. Инчунин, ақди никоҳ байни шахсоне номумкин аст, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифода аз нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи мухаддир дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст.

Вобаста ба ақди никоҳ дар қонунгузории оилавии кишвари мо гузаштан аз муоинаи тиббии ҳатмӣ ба таври ройгон ҷорӣ карда шудааст. Мақсад аз ворид намудани ин муқаррарот, қабл аз ҳама ташкил кардани оилаи солим ва ба дунё овардани насли солим аст. Ин мақсад вақте амалӣ мегардад, ки агар никоҳшавандагон аз вазъи саломатии ҳамдигар дар натиҷаи муоинаи дақиқи тиббӣ огоҳ шуда, аз ташкил намудани оилае, ки боиси бадбахтиҳои минбаъда хоҳад гашт, худдорӣ кунанд. Ғайр аз ин, дар моддаи 15-и Кодекси оила додани машварат доир ба тарзи солими ҳаёт, банақшагирии оила ва таъсири бемориҳо ба саломатии насл аз ҷониби муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустии маҳалли зист ё истиқомати доимӣ дар назар дошта шудааст, ки барои ҳаёти якҷояи хушбахтонаи никоҳшавандагон хеле муҳим мебошад. Муқаррароти моддаи мазкур хусусияти пешгирикунанда дорад, зеро мавҷудияти беморие, ки саломатии никоҳшавандаи дигарро зери хавф мегузорад, боиси дер ё зуд вайрон шудани оила мегардад. Ҷомеа ҳамон вақт солим хоҳад буд, ки агар аз оилаҳои солим иборат бошад.

## § 6. БЕЭЪТИБОРИИ НИКОҲ ВА ҚАТЬ ГАРДИДАНИ НИКОҲ

Агар никоҳ бе ризояти никоҳшавандагон ё яке аз онҳо, вайрон кардани синни никоҳӣ, принсипи якканикоҳӣ, байни хешу табори наздик, бародарону хоҳарони ҳамхун, байни ба фарзандӣ қабулкардагон ва қабулшудагон, байни шахсоне, ки ақаллан яке аз онҳоро суд бо сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлӣ ғайри қобили амал эътироф кардааст, байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст, инчунин байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян баста шуда бошад, мувофиқи меъёрҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи судӣ беэътибор дониста мешавад.

Ҳамчунин, никоҳи бо роҳи маҷбурӣ ё фиреб басташуда низ беэътибор дониста мешавад. Фиреб додан маънои қасдан гумроҳ кардани шахси дигарро дорад. Фиреб барои он истифода бурда мешавад, ки тарафи дигар ба бастани никоҳ водор карда шавад ва дар ниҳоди ӯ дар бораи шартҳои никоҳ тасаввуроти нодуруст ҳосил шавад. Фиреб метавонад ҳам аз тарафи яке аз ҳамсарони оянда, ҳам аз тарафи шахси сеюм сар занад, ки чунин амали ношоямро аксар вақт падару модарон ё шахсони наздики тарафи манфиатдор иҷро менамоянд ва онҳо бо ҳамин мақсад забон як мекунанд. Моҳияти фиреб аксар вақт аз он иборат аст, ки дар бораи мавҷуд будан ё набудани вазъиятҳои гуногун изҳороти бардурӯғ дода мешавад, ки ин ҳолатҳо барои беэътибор донистани никоҳ нақши муҳим мебозанд.

Беэътибор донистани никоҳ чунин оқибатҳо дорад:

а) никоҳи беэътибор эътирофшуда аз лаҳзаи ба қайд гирифта шудани он беэътибор ҳисоб карда мешавад;

б) никоҳи беэътибор ҳисобшуда барои зану шавҳар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои оилавиро ба вуҷуд намеорад;

в) муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии шахсоне, ки никоҳашон беэътибор эътироф шудааст, мувофиқи қоидаҳои

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд;

г) беэътибор эътироф кардани никоҳ ба ҳуқуқи фарзандоне, ки аз ин гуна никоҳ таваллуд ёфтаанд, таъсир намерасонад. Гуфтан зарур аст, ки қонуни оилавӣ манфиатҳои ҳамсари бегуноҳро, ки аз мавҷудияти монеаҳо огоҳ набуд, ҳифз менамояд. Бо ин мақсад қонун барои чунин ҳамсарон ҳуқуқҳои зеринро пешбинӣ кардааст:

–нигоҳ доштани насабе, ки дар вақти акди никоҳ интихоб шуда буд;

–суд метавонад барои чунин ҳамсар аз ҳамсари дигар алимент ситонад ва молу мулкашонро аз рӯйи қоидаҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим кунад.

Никоҳи беэътиборро аз рӯйи оқибати ҳуқуқии он аз талоқ фарқ кардан лозим аст, зеро донистани он аҳаммияти калон дорад:

а) танҳо никоҳи беэътиборро қатъ кардан мумкин аст, дар никоҳи беэътибор акди никоҳ бо вайрон кардани талаботи қонун баста шудааст;

б) ҳангоми талоқ муносибатҳои занушавҳарӣ дар оянда қатъ мешаванд (ба истиснои уҳдадориҳои алиментӣ), дар никоҳи беэътибор бошад, одатан аз лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо;

в) ҳангоми талоқ молу мулке, ки ҳамсарон дар давраи занушавҳарӣ ба даст даровардаанд, тибқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти якҷояи (умумии) онҳо ҳисоб ёфта, тақсим карда мешавад. Ба чунин моликияти занушавҳарӣ дар никоҳи беэътибор донисташуда қоидаҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд;

г) талоқ аз рӯйи ирода ва хоҳиши тарафҳо ба амал бароварда мешавад, никоҳи беэътибор бошад, бидуни хоҳиш ва ҳатто бархилофи иродаи тарафҳо сурат мегирад;

д) ҳангоми талоқ суд бояд ба хулосае ояд, ки зиндагонии якҷояи зану шавҳар ва нигоҳ доштани оила минбаъд аз имкон берун шудааст.

**Қатъ** гаштани никох. Қонунгузории оила ду тартиби қатъ кардани никоҳро ҳангоми дар ҳаёт будани ҳамсарон пешбинӣ намудааст: яке дар мақомоти суд ва дигаре дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ. Бо тариқи судӣ никоҳ дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

–байни ҳамсароне, ки яке аз онҳо барои бекор кардани никоҳ розӣ нест;

–байни ҳамсароне, ки фарзандони ноболиғ доранд;

–байни ҳамсароне, ки фарзандони ноболиғ надоранд, ҳар ду барои бекор кардани никоҳ розианд, аммо барои ба расмият даровардани талоқашон дар мақомоти САҲШ яке аз онҳо ҳозир намешавад.

Мувофиқи моддаи 22-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон агар суд муқаррар намояд, ки зиндагии минбаъдаи зану шавҳар ғайриимкон аст, он гоҳ барои бекор кардани он қарор мебарорад. Суд барои оштӣ додани зану шавҳар, албатта, чораҳо мебинад, яъне бо мақсади оштишавии ҳамсарон метавонад то шаш моҳ муҳлат диҳад. Ҳангоми муҳокимаи парвандаҳо доир ба ҷудошавии ҳамсарон суд якчанд масъалаҳои дигарро низ ҳал мекунад, аз ҷумла:

–муайян менамояд, ки фарзандони ноболиғ пас аз бекор кардани никоҳ бо кадоме аз падару модар зиндагӣ мекунанд;

муайян менамояд, ки барои таъминоти фарзандон аз кадом падару модар ва ба кадом андоза алимент ситонида мешавад;

–бо талаби зану шавҳар (яке аз онҳо) молу мулки дар таҳти моликияти муштараки онҳо қарордоштаро тақсим менамояд;

–бо талаби зан ё шавҳаре, ки аз ҳамсари худ ба гирифтани таъминот ҳуқуқ дорад, андозаи ин таъминотро муайян менамояд.

Ҳамчунин, ҳангоми бекор кардани ақди никоҳе, ки яке аз тарафҳо шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бетабаа бошад, суд вазифадор аст таъмини иҷрои аҳдномаи никоҳро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

## § 7. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШАХСИИ ҲАМСАРОН

Муносибатҳои **ҳуқуқии шахсӣ** чунин муносибатҳое мебошанд, ки аз тарафи ҳамсарон ҳангоми бастан ё бекоркунии никоҳ, интихоби касб, ҳаллу фасли якҷояи масъалаҳои ҳаёти оилавӣ, интихоби озодонаи машғулият, ҷойи истиқомат, ризоият додан ба фарзандхонӣ, ҳалли масъалаҳои бекоркунии никоҳ ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Ҳуқуқҳои шахсӣ ба шахсияти ҳамсарон алоқаманданд.

Ҳуқуқҳои шахсӣ аз лаҳзаи бастани никоҳ ба вуҷуд омада, ҳангоми вафот қатъ мешаванд. Онҳоро бо созиши тарафҳо қатъ ё тағйир додан мумкин нест. Ҳуқуқҳои шахсӣ бояд ба талаботи қонун зид набошанд.

Ҳуқуқҳои шахсӣ дар муносибатҳои оилавӣ дар муқоиса бо муносибатҳои молумулкӣ ҷиҳати муайянкунанда доранд, яъне саравал муносибатҳои шахсӣ ва баъд муносибатҳои молумулкӣ пайдо мешаванд. Маҳз ҳамин хусусият дар байни ҳуқуқи оилавӣ ва соҳаҳои дигар, аз ҷумла ҳуқуқи гражданӣ фарқ мегузорад. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсарон асосан аз инҳо иборатанд:

Ҳуқуқи интихоби насаб **(фамилия)**

Мувофиқи моддаи 37-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» зану шавҳар ҳангоми бақайдгирии давлатии ақди никоҳ метавонанд ихтиёран насаби якеро ҳамчун насаби умумӣ интихоб намоянд ё насаби то ақди никоҳ доштаашонро нигоҳ доранд. Ба сифати насаби умумии ҳамсарон метавонад насабе навишта шавад, ки бо роҳи илова кардани насаби яке аз ҳамсарон ба насаби ҳамсари дигар ташаккул ёфтааст. Агар ҳар ду ё яке аз ҳамсарон насаби дутаркиба дошта бошанд, ба ҳам пайвастани насабҳо манъ аст. Масъалаи интихоби насаб кори ихтиёрии никоҳшавандагон буда, озодона ва бо ризоияти якдигар, бидуни дахолати дигарон ҳал карда мешавад.

Шаҳрвандони ба балоғатрасидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд насаб, ном ва номи падари худро тағйир диҳанд ва ислоҳ намоянд. Чунин тағйирот тибқи моддаи 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» бо илова кардани пасвандҳои насабсози -ӣ, -зод, -зода, -он, -ён, -иён, -ёр, -ниё, -фар ба амал баровconfigurations мешавад.

Дигар кардани насаб бо иҷозати шуъбаҳои вилоятӣ ва марказии мақомоти САҲШ сурат мегирад. Дар ҳолатҳои зайл ба дигар кардани насаб иҷозат дода намешавад: агар аризадиҳанда дар зери таҳқиқу тафтишоти суд бошад ё доғи судӣ дошта бошад. Ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ҳамсарон метавонанд насаби худро тағйир диҳанд.

Ҳуқуқи ҳамсарон ба интихоби машғулият ва касбу ҳунар

Ин ҳуқуқи конститутсионии ҳар як шаҳрванд дар меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ сабт ёфтааст. Дар моддаи 32-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки зану шавҳар дар интихоби машғулият, касб ва навъҳои фаъолият соҳибихтиёранд. Дар ҳаёт татбиқ намудани ин меъёри қонун барои дастгирии ҳамсарон ва мустаҳкам намудани оилаҳо омили муҳим ба ҳисоб меравад. Масъалаҳоро оид ба интихоби машғулият ва касбу ҳунар зану шавҳар бо ризоияти ҳамдигар ҳал мекунанд.

Ҳуқуқи ҳамсарон ба интихоби ҷойи истиқомат

Зану шавҳар дар интихоби ҷойи истиқомат ва маҳалли буду бош низ озод мебошанд. Ин чунин маънӣ дорад: уҳдадории ҳуқуқие вуҷуд надорад, ки дар сурати ҷойи истиқоматро дигар кардани яке аз ҳамсарон нафари дуюм ҳам аз паси ӯ равад.

Қонун кафолати ҳар як ҳамсарро ба озодии интихоби ҷойи истиқомат муқаррар намуда, ҳамзамон, омилҳои зиндагии якҷояи онҳоро низ ба инобат мегирад.

Ҳуқуқҳо оид ба масъалаҳои ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзандон

Дар истифодаи ин ҳуқуқ бисёр паҳлуҳои ҳаёти шахсии

зану шавҳар дар назар дошта мешавад: тарбияи фарзандон, пешбурди кори хоҷагӣ ва ғайра. Номгӯи корҳое, ки бо ҳаёти оилавӣ алоқаманданд, хеле гуногун мебошанд. Чун қоида, дар иҷрои ин корҳо зану шавҳар бояд баробар иштирок намоянд. Аммо то ҳол дар соҳаи маишати оила байни зану мард баробарии комил дида намешавад.

Ҳуқуқи иштирок дар ҳалли масъалаҳои тарбияи фарзандон асосан дар шаклҳои зерин ба амал бароварда мешавад: тарбияи ҳаматарафаи фарзандон, додани ному насаб ба фарзандон, муайян кардани ҷойи истиқомати фарзандони ноболиғ, талаб карда гирифтани фарзандон аз дигар шахсе, ки онҳоро ғайриқонунӣ нигоҳ медорад ва ғайра. Фарзандон муҳимтарин воситаи бақодории оила мебошанд. Аз ин сабаб барои тарбияи дурусти онҳо муҳити боварӣ ва эҳтироми ҳамдигариро фароҳам овардан зарур аст.

## § 8. ҲУҚУҚҲОИ МОЛУМУЛКИИ ЗАНУ ШАВҲАР

Пас аз қайди давлатии никоҳ дар байни зану шавҳар муносибатҳои молумулкӣ пайдо мешаванд. Минбаъд дар ҷараёни никоҳ молу мулки якҷоя бадастовардашуда, мувофиқи моддаи 34-и Кодекси оила, молу мулки муштараки зану шавҳар ба шумор меравад ва молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи ҳамзистӣ ҷамъ овардаанд, моликияти умумии онҳо ҳисобида мешавад.

Молу мулки якҷояи зану шавҳар аз маблағҳои пулӣ, амволи манқул (мошинҳои тамғаҳои гуногун ва дигар воситаҳои нақлиёт), инчунин амволи ғайриманқул – хонаҳои истиқоматӣ, иморатҳо, мебели хона, коғазҳои қиматнок, вомбаргҳо, вексел, чек, сертификати бонкӣ, саҳмияҳо, пай ва ғайра иборат аст. Ҳамаи молу мулки номбурда, ки танҳо дар давраи зиндагии якҷояи зану шавҳар ҷамъ оварда шудаанд, молу мулки муштараки онҳо ба шумор меравад.

Яке аз шартҳои дар қонун нишондодашуда ба вазъи тоникоҳии шаҳрвандон алоқаманд мебошад, яъне молу мулке, ки то акди никоҳ ба зан ё шавҳар тааллуқ дошт, моликияти

шахсии ӯ ба ҳисоб меравад. Масалан, то хонадоршавӣ яке аз ҳамсарон соҳиби хонаи истиқоматӣ, мошин ва дигар навъи молу мулк бошад, ин амвол пас аз ба никоҳ даромадан низ ҳамчун моликияти алоҳидаи вай эътироф мешавад. Таҷрибаи судӣ гувоҳӣ медиҳад, ки тақсими молу мулки умумии ҳамсарон дар ду ҳолат рух доданаш мумкин аст: а) дар ҳолати қатъи никоҳи ҳамсарон; б) дар ҳолати вафоти яке аз ҳамсарон, вақте ки зарурати ба мерос додани моликияти шахсии ҳамсари фавтида ба миён меояд. Ғайр аз ду ҳолати зикршуда, имкон дорад, ки тақсими молу мулки муштараки зану шавҳар ҳангоми дар қайди никоҳ будани ҳамсарон бо тартиби судӣ низ амалӣ шавад, агар яке аз ҳамсарон ё қарздиҳандаи ӯ даъво пешниҳод намояд. Дар қонунгузории оилавӣ тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон бо қатъи никоҳ вобаста карда намешавад. Аз ин рӯ, суд ҳангоми дар қайди никоҳ будани ҳамсарон ҳуқуқи рад кардани аризаи даъво оид ба тақсими моликияти умумии зану шавҳарро надорад.

Аҳдномаи никоҳ

Дар муносибатҳои ҳуқуқии байни одамон ба воситаи шартнома муайян кардани низоми ҳуқуқии молумулкии миёни ҳамсарон ва онҳое, ки нияти издивоҷ кардан доранд, таърихи хеле қадима дорад.

Қадимтарин намунаи аҳдномаи никоҳро аз сангнавиштаҳои кӯҳи Муғ (асри VIII милодӣ) дарёфт кардаанд. Ҳамчун ҳуҷҷати муайянкунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии ҳамсарон дар давраи никоҳ ва дар ҳолати бекор шудани он эътироф шудани аҳдномаи никоҳ дар таҷрибаи давлатдории мамлакатҳои Ғарб низ таърихи дерина дорад ва дар замони ҳозира низ васеъ истифода мешавад.

Дар муқоиса бо қонунгузории оилавӣ, ки низоми молумулкиро аз лаҳзаи бастани ақди никоҳ ба танзим медарорад, аҳдномаи никоҳ на танҳо ҳуқуқи моликияти ҳамсаронро ба молу мулки дар давраи тоникоҳӣ ва дар давоми зиндагии якҷоя муқаррар месозад, балки дар мавриди бекор шудани никоҳ муҷозоти молумулкиро низ пешбинӣ менамояд. Яъне

суд ҳангоми баррасии баҳси молумулкии ҳамсарон муқаррароти аҳдномаи никоҳро дар навбати аввал ба эътибор мегирад.

Аҳдномаи никоҳ дорои мавзӯи хос – молу мулки ҳамсарон ва мазмуни мушаххас – низоми ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон аст ва бояд аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ ва аз нигоҳи шаклу мазмун ба талаботи аҳдҳои ҳуқуқи граждании мувофиқат кунад. Тибқи моддаи 178-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «амали шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқӣ, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои граждани равона гардидааст, аҳд дониста мешавад».

Аҳдномаи никоҳ мафҳуми нав буда, бори нахуст дар қонунгузории оилавӣ дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998) дохил карда шудааст. Шахсоне, ки нияти акди никоҳ бастанро доранд, ё ин ки зану шавҳаре, ки дар никоҳи расмӣ мебошанд, ҳуқуқ доранд байни ҳамдигар аҳдномаи никоҳ банданд. Аҳдномаи никоҳ танҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои молумулкии зану шавҳарро дар никоҳи расмӣ ё ҳангоми бекор кардани никоҳ муайян месозад ва аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ аҳди дутарафа мебошад, чунки дар ин аҳднома ду тараф - шахсоне, ки нияти ба никоҳ даромадан доранд ё ин ки зану шавҳари дар никоҳи расмибуда иштирок менамоянд. Ҳамон мардону заноне аҳдномаи никоҳ баста наметавонанд, ки ба таври воқеӣ, бе қайди давлатии никоҳ зиндагӣ мекунанд ва дар оянда нияти ба расмият даровардани никоҳашонро тавре ки Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, надоранд.

Дар аҳдномаи никоҳ зану шавҳар ҳуқуқ доранд молу мулкеро муайян намоянд, ки дар ҳолати бекор кардани никоҳ ба ихтиёри ҳар кадоми онҳо вогузор мешавад. Зану шавҳар инчунин, ҳуқуқ доранд, ки ҳама гуна муқарраroти дигари марбут ба муносибатҳои молу мулкиашонро дар аҳдномаи никоҳ инъикос намоянд.

Қонунгузор муқаррар кардааст, ки шахсони нияти

бастани аҳдномаи никоҳро дошта бояд шартҳои муайянро риоя намоянд. Яке аз шартҳои пешбиникардаи қонун дар он ифода меёбад, ки аҳдномаи никоҳ ба таври хаттӣ баста шуда, ҳатман бояд дар идораи нотариалӣ тасдиқ карда шавад. Дигар шарти қонун аз он иборат аст, ки аҳдномаи никоҳ танҳо ба муносибатҳои молумулкии зану шавҳари дар никоҳи расмибуда ва шахсоне, ки нияти ба никоҳ даромадан доранд, дахл дорад.

Мавзӯи баҳси аҳдномаи никоҳ молу мулки якҷояи зану шавҳар ё ин ки молу мулкест, ки онҳо дар оянда нияти ба даст овардан доранд. Инчунин, молу мулки яке аз ҳамсарон метавонад предмети ин аҳднома шавад.

Аҳдномаи никоҳ бемуҳлат баста мешавад, яъне ҳуқуқу уҳдадориҳои пешбининамудаи аҳднома метавонанд ба муҳлати муайян маҳдуд карда шаванд ё бо шарти фаро расидан ё фаро нарасидани муҳлат вобаста карда шаванд. Зану шавҳар метавонанд муҳлати аҳдномаи никоҳро бо ризояти якдигар муқаррар намоянд. Ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки муҳлати аҳдномаи никоҳро вобаста аз мундариҷаи он ба муддати 5 сол, 10 сол ё зиёда аз он муқаррар намоянд. Бояд қайд кард, ки аҳдномаи никоҳ наметавонад қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали зану шаҳар, ҳуқуқи онҳоро барои мурочиат ба суд дар бобати ҳифзи ҳуқуқҳояшон – танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии зану шавҳар ва ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳарро нисбат ба фарзандон маҳдуд кунад ё худ чунин муқарраротеро пешбинӣ кунад, ки ҳуқуқи ҳамсари корношоямро ба таъминот маҳдуд кунад ё худ шартҳое дошта бошад, ки зан ё шавҳарро дар ҳолати ногувор гузорад.

Мувофиқи моддаи 43-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, зану шавҳар имконият доранд, ки ҳар вақте хоҳанд, аҳдномаи никоҳро тағйир диҳанд ё бекор кунанд. Дар ин маврид созишнома дар бораи тағйир додан ё бекор кардани аҳдномаи никоҳ дар ҳамон шакле, ки аҳдномаи никоҳ баста мешавад, ба имзо мерасад.

Аҳдномаи никоҳ бо дарназардошти шартҳои дар он гузошташуда ҳатман бояд иҷро гардад. Барои ҳамин қонунгузор аз иҷрои аҳдномаи никоҳ даст кашидани яке аз тарафҳоро иҷозат намедиҳад. Қонун муқаррар мекунад, ки дар ҳолати ба созиш наомадани зану шавҳар бо талаби яке аз онҳо аҳдномаи никоҳ метавонад бо ҳалномаи суд тағйир дода ё бекор карда шавад.

## § 9. МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАХСӢ ВА МОЛУМУЛКИИ ПАДАРУ МОДАР ВА ФАРЗАНДОН

Ҳуқуқу вазифаи падару модарон барои тарбияи фарзандон ба насаби фарзандон вобаста аст. Одатан муқаррар кардани модари кӯдак мушкил нест. Ин фақат бо маълумотномаи муассисаҳои тиббӣ (таваллудхонаҳо), агар кӯдак дар хона ба дунё омада бошад, бо тасдиқномаи духтур ё дигар кормандони тиббӣ ва ҳангоми набудани онҳо аз рӯйи нишондоди ду шоҳид тасдиқ карда мешавад.

Барои исботи модарӣ дар никоҳ будан ё набудани зани соҳиби фарзандшуда аҳамият надорад. Масъалаи муқаррар кардани падари кӯдак мушкилтар аст. Дар қонун чунин тартиботи муқаррар кардани насаби кӯдак пешбинӣ шудааст:

а) насаби кӯдак аз падару модаре, ки ақди никоҳ доранд, бо қайди никоҳи падару модар тасдиқ карда мешавад. Албатта, дар ин қоида баъзе истисноҳо вуҷуд дорад;

б) агар падару модар байнашон никоҳ надошта бошанд, модари кӯдак, аз рӯйи аризаи модар, падари кӯдак бошад, аз рӯйи аризаи якҷояи падар ва модари кӯдак ё мувофиқи қарори суд навишта мешавад;

в) дар сурати таваллуд ёфтани кӯдак аз шахсоне, ки ақди никоҳ надоранд, агар аризаи якҷояи падару модар набошад, падари кӯдак аз рӯйи аризаи падар ё модар ё васии (парастори) кӯдак, инчунин, худи фарзанд (баъди ба балоғат расиданаш) ва дигар шахсоне, ки кӯдак дар таъминоти онҳо мебошанд, бо роҳи судӣ муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми муқаррар кардани падари кӯдак суд ҳолатҳои то таваллуди кӯдак якҷоя зиндагӣ кардан ва рӯзгордории умумии модари кӯдак ва шахси ҷавобгар ё аз тарафи онҳо якҷоя тарбия ё таъмин кардани кӯдак ё худ далелҳоеро, ки ҳамчун падар иқрор шудани ҷавобгарро дар ҳақиқат исбот мекунанд, ба эътибор мегирад.

Дар соҳаи муносибатҳои байни падару модарон ва фарзандон муносибатҳои шахсии ҳуқуқӣ мавқеи ҳалкунандаро мебозанд. Барои ин муносибатҳо хислати бо ҳам пайвастаи ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон хос мебошад.

Ба ҳуқуқи шахсии волидону фарзандон инҳо дохил мешаванд:

а) ҳуқуқи кӯдакон ба ном, номи падар, насаб ва мувофиқан ба ин ҳуқуқи падару модар барои ба фарзандон додани ном, номи падар ва насаб;

б) ҳуқуқи падару модарон – тарбия кардани фарзандон ва ҳуқуқи фарзандон – гирифтани тарбия аз падару модар;

в) ҳуқуқи падару модарон аз номи фарзандон намояндагӣ кардан, ҳифзи ҳуқуқу манфиати онҳо ва мувофиқан ҳуқуқи фарзандон ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати онҳо.

Насаби фарзандон бо насаби падару модарашон муайян карда мешавад. Агар падару модар насаби гуногун дошта бошанд, ба кӯдак бо мувофиқаи падару модар насаби модар ё падар дода мешавад, ҳангоми набудани ин гуна мувофиқа, насаб бо нишондоди мақомоти васоят ва парасторӣ муайян карда мешавад.

Ба кӯдак гузоштани номи ба фарҳанги миллии тоҷикӣ бегона, номи ашё, мол, ҳайвонот ва парандагон, инчунин, ном ва ибораҳои таҳқиромез, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананд ва одамонро ба табақаҳо ҷудо менамоянд, манъ аст. Ба номи шахс илова кардани тахаллусҳои «мулло», «халифа», «тӯра», «хоҷа», «хӯҷа», «шайх», «валӣ», «охун», «амир», «сӯфӣ» ва ба инҳо монанд, ки боиси тафриқаандозӣ дар байни одамон мегарданд, манъ аст.

Тибқи моддаи 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» насаби шахс тибқи анъанаҳои миллии тоҷикӣ метавонад аз номи падар ё решаи насаби ӯ бо иловаи пасвандҳои насабсози -ӣ, -зод, -зода, -он, -ён, -иён, -ёр, -ниё, -фар ташаккул ёбад. Насаби шахс ҳамчунин метавонад аз номи падар ё решаи насаби падар ё модар бе илова намудани пасвандҳои насабсоз ташаккул ёбад.

Иваз намудани ном, номи падари кӯдак, ки ҳангоми қайди таваллудаш ба ӯ дода шуда буд, бо роҳи қонунӣ то ба синни 16-солагӣ расидани кӯдак мумкин аст. Қатъ гардидан ё беэътибор донистани никоҳи падару модар сабаби тағйир ёфтани насаби фарзандон намегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ба номгузорӣ ва иваз кардани ном тибқи анъанаҳои миллиашон кафолат дода шуда, аз ҷмула дар моддаҳои 20 ва 67 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлати асноди ҳолати шаҳрвандӣ» пешбинӣ шудааст, ки намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо хоҳиши худ метавонанд номгузории кӯдаконашонро тибқи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ ё анъанаҳои миллиашон амалӣ намоянд. Ё худ намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо хоҳиши худ метавонанд номи худро тибқи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ ё анъанаҳои миллиашон иваз намоянд.

Ҳуқуқи падару модарон ба тарбияи кӯдакон яке аз ҳуқуқҳои асосии шахсии онҳо мебошад. Падару модарон вазифадоранд, ки фарзандонашонро тарбия намоянд, дар бораи саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ ва маънавию ахлоқӣ, инчунин, таълими онҳо ғамхорӣ кунанд, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ тайёр намуда, ҳамчун узви сазовору содиқи ҷамъият ба камол расонанд. Агар муқаррар карда шавад, ки падару модар ё яке аз онҳо аз иҷрои уҳдадориҳои тарбия намудани фарзандонашон, аз ҷумла бе сабабҳои

узрнок аз таваллудхона ё дигар муассисаҳои бачагонаи табобатию профилактикӣ ва таълимию тарбиявӣ гирифтан саркашӣ кунанд ё аз ҳуқуқи падару модарии худ суиистеъмол намоянд, бо фарзандон бераҳмона муомила намоянд, ба кӯдакон бо рафтори бадахлоқона ва зиддиҷамъиятии худ таъсири зарарнок расонанд, инчунин падару модар майзада ё нашъаманд бошанд, суд ҳуқуқ дорад падару модар ё яке аз онҳоро (ки ба кирдорҳои номбаршуда гунаҳкор мебошанд) аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум намояд. Ин гуна ҷазо бемуҳлат аст. Аммо агар муқаррар карда шавад, ки рафтори падар ё модар ва тарзи зиндагиашон дигар шудааст, аз уҳдаи тарбияи кӯдак баромада метавонанд ва аз нав барқарор кардани ҳуқуқи падарӣ ё модариро манфиатҳои кӯдак талаб мекунад, он гоҳ онҳо барои ҳуқуқи падарӣ (модарӣ) -ро барқарор кардан ба суд муроҷиат карда метавонанд.

Ҳуқуқи падару модарӣ танҳо бо роҳи судӣ аз нав барқарор карда мешавад.

Ҳангоми ҳал кардани масъалаи аз нав барқарор кардани ҳуқуқи падару модарӣ, синну соли фарзандоне, ки дар ҳаққи онҳо чунин чора дида мешавад, аҳамият дорад. Дар ин ҳолат агар фарзанд ба синни 10-солагӣ расида бошад, суд дар вақти ҳал кардани даъвои оид ба аз нав барқарор кардани ҳуқуқи падару модарӣ фикру хоҳиши кӯдакро ба эътибор мегирад.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи падару модар ин тарбияи фарзанд ва дар рӯҳияи инсондӯстӣ ба воя расонидани он мебошад, аммо, мутаассифона, дар таҷриба ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки падару модарон ба тарбияи фарзандони худ беэътиноӣ зоҳир намуда, ба ояндаи онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир наменамоянд. Ин амал боиси ба ҳар гуна корҳои ғайр даст задани кӯдакон, ба оворагардӣ машғул шудани онҳо ва аз таълиму тарбияи мактабӣ дур мондани кӯдакон мегардад.

Бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифти-

хори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ тарбия кардани фарзандон, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо бо ташаббуси наҷибонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардида, дар он муқаррар карда шуд, ки падару модар, новобаста ба он ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд.

## § 10. МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МОЛУМУЛКИИ ПАДАРУ МОДАР, ФАРЗАНДОН ВА АЪЗОИ ДИГАРИ ОИЛА

Чунин муносибатҳо на танҳо мувофиқи ҳуқуқи оилавӣ, балки тибқи ҳуқуқи гражданӣ ҳам танзим мегарданд. Агар меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ муносибатҳои алиментии онҳоро ба тартиб даронанд, санадҳои ҳуқуқи гражданӣ дигар муносибатҳои молумулкии онҳоро танзим менамоянд. Падару модар ва фарзандон байни худ ҳар гуна аҳдро баста метавонанд. Масалан, шартномаи қарз, хариду фурӯш, тухфа ва ғайра. Падару модарон ва фарзандон ворисони ҳамдигаранд.

Молу мулки падару модар ва фарзандон алоҳида мебошад. Ҳангоми дар ҳаёт будани падару модар фарзандон ба молу мулки онҳо ҳуқуқ надоранд. Падару модар низ ба молу мулки фарзандон ҳуқуқ надоранд, гарчанде аз молу мулки ҳамдигарӣ истифода мебаранд. Фарзанд аз даромади бадастовардаи худ, молу мулки ҳадя ё меросгирифта ва ҳама гуна молу мулки дигаре, ки тибқи қонун ба ӯ тааллуқ дорад, дорои ҳуқуқи моликият доштан мебошад.

Агар дар оилаи шаҳрӣ моликияти якҷояи умумӣ танҳо байни ҳамсарон пайдо шавад, дар хоҷагии деҳқонӣ, дар деҳот ва ҳоҷагии ёрирасони шахсӣ бошад, байни ҳамаи аъзои он чунин моликият ба миён меояд. Дар хоҷагии деҳқонӣ

ва хоҷагии ёрирасон фарзандони ноболиғи оила низ субъекти ҳуқуқи моликияти умумии якҷоя мебошанд.

Вазифаи падару модар фақат бо иҷрои корҳои тарбиявӣ ба охир намерасад. Онҳо уҳдадоранд, ки фарзандони ноболиғ ва инчунин ба балоғат расидаи қобилияти меҳнат надошта ва муҳтоҷи ёрӣ будаи худро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намоянд.

Агар онҳо аз иҷрои ин вазифаҳои ҳатмии худ саркашӣ кунанд, аз чунин падару модарон ба воситаи суд алимент рӯёнида мешавад.

Алимент барои фарзандони ноболиғ аз падару модар то синни 18-солагии фарзанд ҳар моҳ ба миқдори зерин рӯёнида мешавад: барои як фарзанд чоряк, барои ду фарзанд сеяк, барои се ва зиёда аз он – нисфи музди кор (даромад). Ҳаҷми алимент бо дарназардошти вазъи моддӣ ва оилавии тарафҳо ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷуҳ имкон дорад аз ҷониби суд кам ё зиёд карда шавад. Агар кӯдак таҳти таъминоти пурраи давлат ё ташкилоти ҷамъиятӣ қарор гирифта бошад, суд ҳақ дорад андозаи алиментро кам кунад ё шахсро аз пардохти он озод намояд.

Суд метавонад барои фарзандони ба синни балоғат расида, ки донишҷӯйи таҳсили рӯзонаи муассисаҳои таълимии давлатии маълумоти миёна ва олӣ мебошанд, мутаносибан то ба синни 20 ва 24-солагӣ расиданашон аз падару модар алимент ситонад. Андозаи алимент ҳар моҳ бо пули устувор ситонидашаванда аз тарафи суд бо дарназардошти вазъи моддию оилавӣ ва манфиатҳои қобили таваҷҷуҳи тарафҳо муайян карда мешавад.

Аз додани алимент қасдан саркашӣ кардан ҷиноят ҳисоб меёбад. Қонун ба масъалаи сари вақт додани алимент барои таъмини фарзандон ва дигар аъзои оила эътибори махсус медиҳад. Дар ин хусус тартиб додан ва рӯёнидани алимент аҳамияти калон дорад.

Алиментдиҳӣ ё рӯёнидани он яке аз масъалаҳои муҳим ва нозуки қонун мебошад. Аз рӯйи қоидаи умумӣ, алимент аз вақти ба суд бо даъво муроҷиат кардан ва барои дар оянда

рӯёнидани он муқаррар карда мешавад. Агар дар суд муайян шавад, ки даъвогар пеш аз ин барои гирифтани алимент чораҳо дида, аммо бо гуноҳи шахси уҳдадор онро гирифта натавонистааст, пас суд метавонад алиментро низ баъд аз се соли гузашта ҳам рӯёнад. Агар ҷавобгар баъд аз баровардани ҳалнома дар бораи рӯёнидани алимент ғайб зада бошад, он гоҳ алимент барои тамоми замони гузашта, сарфи назар аз болиғ шудани алиментгиранда, рӯёнида мешавад.

Падару модар вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи қобилияти меҳнат надошта ва ба ёрӣ муҳтоҷашонро низ нигоҳубин намоянд, яъне ба онҳо алимент диҳанд. Ҳангоми муқаррар кардани миқдори алименте, ки барои чунин фарзандон рӯёнида мешавад, суд шароити моддӣ ва оилавии падару модарон ва фарзандони ба ёрӣ муҳтоҷро ба эътибор гирифта, маблағи устувори ҳар моҳ додашавандаро муайян мекунад.

Ғамхорӣ дар ҳаққи падару модар, ёрӣ расонидан ва дастгирӣ кардани онҳо қарз ва вазифаи муқаддаси фарзандон аст. Ин кор, пеш аз ҳама, вазифаи ахлоқӣ, қарзи виҷдонӣ ва хислати наҷиби аъзои ҷамъият мебошад. Аммо фарзандоне низ ёфт мешаванд, ки аз иҷрои ин вазифа саркашӣ мекунанд. Қонун чунин фарзандони ба балоғат расидаро уҳдадор мекунад, ки дар ҳаққи падару модари худ ғамхорӣ намоянд, онҳоро дар вақти ғайри қобили меҳнат шуданашон (агар муҳтоҷи ёрӣ бошанд) аз ҷиҳати моддӣ ҳам нигоҳубин кунанд. Дар ин ҳангом суд аҳволи моддиву оилавии падару модарон ва фарзандонро ба эътибор гирифта, барои ҳар моҳ ба миқдори муайян додани алимент ҳалнома мебарорад. Дар вақти муайян намудани миқдори алимент ҳамаи фарзандон ба эътибор гирифта мешаванд.

Фарзандоне, ки аз рӯйи ҳалномаи суд барои таъминоти падару модарони қобилияти меҳнатӣ надошта, бояд ёрӣ мерасониданд, ҳангоми бе сабабҳои узрнок иҷро накардани ин вазифаҳояшон ба ҷазои ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ҳамсарон, падару модарон ва фарзандон байни худ бо

муносибатҳои наздиктарини хонаводагӣ вобастаанд. Бинобар ҳамин, вазифаи нигоҳубини аъзои ба ёрӣ муҳтоҷи оила пеш аз ҳама ба зиммаи онҳо гузошта шудааст. Ҳангоми аз ҳамсар, падару модар ё фарзандон гирифта натавонистани кумаки моддӣ иҷрои ин вазифа ба дӯши дигар аъзои оила гузошта мешавад. Ба ин гурӯҳ бобо, модаркалон, набера, бародарону хоҳарон, тарбиятгарону тарбиятгирандагони воқеӣ, падари (модар) ӯгай, писари (духтар) ӯгай дохил мешаванд. Аммо на байни ҳамаи онҳо ҳуқуқу вазифаҳои шахсии ғайримолумулкӣ пайдо мешаванд. Танҳо байни бобо, модаркалон нисбат ба наберахо, тарбиятгарони воқеӣ нисбат ба тарбиятгирандагони (падару модар)-и ӯгай нисбат ба фарзандони ӯгай ҳуқуқу уҳдадориҳо пайдо мешаванд.

Ҳуқуқу уҳдадории алиментии дигар аъзои оила ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) байни бобо, модаркалон, набера;

б) байни бародарону хоҳарон;

в) байни падар (модар)-и ӯгай, писар (духтар)-и ӯгай;

г) байни тарбиятгарони воқеӣ ва тарбиятгирон.

## § 11. ФАРЗАНДХОНӢ

Ғамхории давлат дар ҳаққи кӯдакон зиёд аст. Давлат ба воситаи хонаи кӯдакон, кӯдакистон, мактаб-интернатҳо, хазинаи кӯдакон ва инчунин кӯдаконе, ки бе падару модар мондаанд, ҳамаи шароити зарурирo муҳайё менамояд. Аммо меҳру муҳаббати падару модариро ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз иваз карда наметавонад.

Ба фарзандӣ гирифтан яке аз роҳҳои дар вазъияти оилавӣ тарбия намудани кӯдаконе мебошад, ки бо сабабҳои гуногун бе падару модар мондаанду каси дигаре онҳоро ба фарзандӣ қабул кардааст, ки ин пеш аз ҳама ба манфиати кӯдак равона карда шудааст.

Ҳангоми амалӣ гардонидани ҳуқуқи фарзандхондӣ бояд шартҳои зерин риоя карда шаванд:

а) Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни

балоғат расидаанд, новобаста аз ҷинс, ғайр аз шаҳрвандоне, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд; барои саркашӣ кардан аз додани алименти кӯдакон маҳкум шудаанд; фарзандхонд буданду аммо дар натиҷаи ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориашон фарзандхонии онҳо бекор карда шудааст; ашхоси ғайри қобили амал ва онҳое, ки ҳуқуқи қобили амаликуниашон маҳдуд карда шудааст, фарзандхонд шуда метавонанд;

б) Танҳо кӯдакони ноболиғро ба фарзандӣ гирифтан мумкин аст. Агар кӯдак ба синни 10-солагӣ расида бошад, ӯро бе ризоияташ ба фарзандӣ гирифтан мумкин нест. Ризоияти кӯдакро суд муайян мекунад.

в) Ба фарзандӣ гирифтан ихтиёрӣ мебошад ва кӯдак бо қарори суд мувофиқи аризаи ашхосе, ки ӯро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳад, ба фарзандӣ дода мешавад.

г) Ризояти ҳамсарон. Дар натиҷаи фарзандхондӣ кӯдак фарзанди фарзандхонон ҳисоб шуда, ба оилаи онҳо дода мешавад. Бинобар ин, зану шавҳар бо ризояти ҳамдигарӣ кӯдакро ба фарзандӣ мегиранд.

д) Ризояти падару модар ва мақомоти васояту парасторӣ. Агар кӯдаке, ки ба фарзандхонӣ дода мешавад, падару модари биологӣ дошта бошад, барои ба фарзандхонӣ додани ӯ, албатта, ризояти онҳо зарур аст. Падару модар метавонанд барои ба ашхоси ба онҳо маълум ба фарзандӣ додани кӯдаконашон ризоят диҳанд, инчунин, ҳуқуқи интихоби шахсони фарзандхонандаро ба ихтиёри мақомоти васояту парасторӣ гузоранд.

е) Фарқи синну соли шахси ба фарзандхонӣ қабулкунанда, ки оиладор нест ва фарзандхондашаванда бояд аз 17 сол кам набошад.

То ба фарзандӣ додани кӯдак падару модар метавонанд аз ризояташон даст кашанд, аммо баъд (ғайр аз мавридҳои бо қонун пешбинишуда) пушаймонии онҳо ба инобат гирифта намешавад.

Ба фарзандӣ қабулкунӣ бо қарори суди ҷойи истиқома-

ти фарзандхон ё ҷойи истиқомати фарзандхоншаванда дар асоси аризаи шахсе, ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳад, ба ҷо оварда мешавад. Парвандаҳои фарзандхондӣ дар суд бо иштироки мақомоти васояту парасторӣ баррасӣ мегарданд. Фарзандхондӣ дар шуъбаҳои (бюроҳои) САҲШ, яъне ҷое, ки дар бораи фарзандхонӣ қарор бароварда шуда буд, сабт мегардад. Ин мақомот амалиёти худро дар асоси қарори дар бораи фарзандхондӣ баровардаи суд иҷро менамоянд.

Дар баъзе мавридҳои дар қонун пешбинишуда фарзандхонӣ беэътибор дониста мешавад. Масалан, агар қарор дар бораи фарзандхонӣ қалбакӣ бошад; ашхоси болиғ ба фарзандӣ қабул шуда бошад; фарзандхонанда шахси ғайри қобили амал дониста ё қобилияти амалаш маҳдуд ҳисобида шуда бошад ё аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум карда шуда бошад, чунин фарзандхонӣ беэътибор дониста мешавад.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО:

1. Пайдоиши оила ба кадом давра мансуб аст ва хусусиятҳои он давраро бо истифода аз маводи фанни таърих шарҳ диҳед.
2. Никоҳро як навъи шартнома гуфта шумо чиро мефаҳмед?
3. Ба ташкили оила дар аҳди Зардушт чӣ гуна баҳо дода мешуд?
4. Чаро ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар аз ҷониби давлат муқаррар мешавад?
5. Таърифи оиларо гӯед.
6. Вазифаҳои ҳуқуқи оилавӣ аз ҳалли кадом масъалаҳо иборат аст?
7. Мавзӯи омӯзиши ҳуқуқи оилавӣ чист?
8. Субъектҳои ҳуқуқи оилавиро номбар кунед.
9. Ба ёд биёред, ки давлати иҷтимоӣ чист ва чӣ гуна хусусиятҳо дорад.
10. Ҳуқуқи оилавӣ аз кадом меъёрҳои Конститутсия сарчашма мегирад?
11. Дар кадом санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ доир ба ҳифзи давлатии оила сухан меравад?
12. Ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ дар кадом давраҳои ҳаёти инсон амалӣ мешавад?
13. Дар кадом моддаҳои Конститутсия аз ҳуқуқи ташкили оила сухан меравад?
14. Кадом шарти никоҳ дар Конститутсия зикр шудааст?
15. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро номбар кунед, ки дар онҳо

ғамхории давлат дар ҳаққи модарон зикр шуда бошад.

16. Ғамхорӣ дар ҳаққи занон дар Кодекси меҳнат чӣ гуна ифода ёфтааст?

17. Шарҳ диҳед, ки баробарҳуқуқии мардону занон дар муносибатҳои оилавӣ чӣ гуна татбиқ мешаванд.

18. Озодии шахсият дар кадом ҷанбаҳои муносибатҳои оилавӣ ифода меёбад?

19. Дар кадом мавридҳо фикру мулоҳизаи кӯдак ба инобат гирифта мешавад?

20. Принсипи якканикоҳӣ чӣ маънӣ дорад ва барои чӣ он ҳам дар Конститутсия ва ҳам дар қонунгузории оила таъкид шудааст?

21. Дигар принсипҳои ҳуқуқи оилавиро номбар кунед.

22. Нишонаҳои ҳуқуқии никоҳро номбар кунед.

23. Чаро баъди пешниҳоди ариза доир ба ақди никоҳ як моҳ интизор шудан лозим аст?

24. Оё ҳангоми пешниҳоди ариза иштироки ҳар ду ҷониб, яъне никоҳшавандагон зарур аст?

25. Барои кам ё зиёд кардани муҳлати якмоҳаи баъди додани ариза ба кадом мақомот муроҷиат кардан лозим аст?

26. Шартҳои дигари бастани ақди никоҳ кадомҳоянд?

27. Дар кадом ҳолатҳо бастани ақди никоҳ манъ карда шудааст?

28. Муоинаи тиббии ҳатмии никоҳшавандагон бо кадом мақсад ҷорӣ карда шудааст?

29. Кадом навъи никоҳ бо роҳи судӣ беэътибор дониста мешавад?

30. Ҳолатҳоеро номбар кунед, ки боиси беэътибор эътироф шудани никоҳ мегарданд.

31. Фарқи никоҳи беэътибор аз талоқ дар чист?

32. Суд барои оштӣ додани зану шавҳар чӣ қадар муҳлат медиҳад?

33. Ҳангоми муҳокимаи парвандаҳо оид ба ҷудошавии ҳамсарон суд кадом масъалаҳоро ҳал мекунад?

34. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсаронро номбар кунед.

35. Масъалаи интихоби насабро баъди ташкили оила ҳамсарон чӣ гуна ҳал мекунанд?

36. Агар ҳамсарон хоҳанд, ки насабашонро тағйир диҳанд, кадом моддаи Кодекси оиларо ба асос мегиранд?

37. Дигар кардани насаб бо иҷозати кадом мақомот сурат мегирад?

38. Ҳуқуқи иштирок дар ҳалли масъалаҳои тарбияи фарзандон дар кадом шаклҳо ба амал бароварда мешавад?

39. Дар байни зану шавҳар муносибатҳои молумулкӣ кай пайдо мешавад?

40. Кадом навъи моликият, моликияти умумии ҳамсарон ҳисобида мешавад?

41. Тақсими молу мулки умумии ҳамсарон дар кадом ҳолатҳо рух дода метавонад?

42. Дар байни зану шавҳар муносибатҳои молумулкӣ кай пайдо мешавад?

43. Оё аҳдномаи никоҳ собиқаи таърихӣ дорад?

44. Мавзӯи аҳдномаи никоҳ аз чӣ иборат аст?

45. Аҳдномаи никоҳ аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ чӣ гуна аҳд аст?

46. Шартҳои бастани аҳдномаи никоҳро шарҳ диҳед.

47. Аҳдномаи никоҳро кӣ ҳуқуқи тағйир додан ё бекор кардан дорад?

48. Кадом масъалаҳо набояд дар аҳдномаи никоҳ зикр шаванд?

# БОБИ VI. ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ

## § 1. МАФҲУМ, ПРИНСИП ВА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ

Тибқи моддаи 35-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнатӣ ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад.

Ҳуқуқ ба меҳнат яке аз ҳуқуқҳои асосии ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ шарти муҳимми амалӣ намудани ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба меҳнат мебошад.

Гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ боиси дигаргуниҳои ҷиддӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатии ба предмети ҳуқуқи меҳнатӣ тааллуқдошта ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, сарчашмаҳои батанзимдарорӣ ва принсипҳои ҳуқуқи меҳнатӣ гардид. Дар ин давра моҳият ва мазмуни муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд ба таври куллӣ дигаргун гашта, механизми ҳуқуқӣ ва принсипҳои батанзимдарории онҳо ба он мутобиқ гардонида шуданд.

Ҳуқуқи меҳнатӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар шароити бозори меҳнат ба миён омада, тарзи ташкил ва татбиқи меҳнати кирояро муайян менамоянд, ба танзим медарорад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи меҳнатӣ муносибатҳои меҳнатиеро ба танзим медарорад, ки дорои аломатҳои зерин мебошанд:

–Онҳо ба созиши байни корманд ва корфармо асос меёбанд;

Мазмуни чунин созишро шахсан ва дар асоси музд иҷро намудани функсияи меҳнатӣ, яъне кор, дар асоси касб, ихтисос ва вазифа ташкил медиҳад;

–Корманд ухдадор аст, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатро риоя намояд ва корфармо дар навбати худ ухдадор мешавад, ки шароити дахлдори меҳнатиро тибқи қонунгузории меҳнатӣ, шартномаи коллективӣ, созишномаҳо ва шартномаи меҳнатӣ таъмин намояд.

Предмети батанзимдарории ҳуқуқи меҳнатӣ муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд мебошанд. Муносибатҳои меҳнатӣ аз муносибатҳо доир ба бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи (карордоди) меҳнатӣ оид ба вақти кор ва вақти истироҳат, музди меҳнат, интизоми меҳнат, ҷавобгарии мутақобилаи моддии иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ иборат мебошанд. Ба муносибатҳои меҳнатӣ, муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, таъмин кардан бо кор, оид ба шарикии иҷтимоӣ, баргузорӣ ва пешбурди музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои назорати риояи қонунгузории меҳнатӣ ва ҳифзи меҳнат ва баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Иштирокчиёни (субъектҳои) муносибатҳои меҳнатӣ корфармо ва корманд мебошанд, ки онҳо муносибатҳои худро бештар дар асоси шартномаи меҳнатӣ амалӣ менамоянд. Ба сифати корманд танҳо шахси воқеӣ ва ба сифати корфармо бошад, шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ташкилот) баромад менамояд. Қобилияти умумии меҳнатӣ бо расидани шахси воқеӣ ба синни понздаҳсолагӣ ба вуҷуд меояд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, бо дарназардошти масъалаҳои ҳифзи саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии таълимгирандагон муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсусро, ки ба синни 14-солагӣ расидаанд, ба кор қабул кардан мумкин аст. Ҳамчунин, таълимгирандагоне, ки ба синни 14-солагӣ нарасидаанд, бо мувофиқаи падару модар метавонанд шартномаи меҳнатӣ баста, дар театрҳо, кинофилмҳо, консертҳо, сиркҳо иштирок намоянд.

Мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, шахси ҳуқуқӣ (ташкилот), инчунин намоянда ва филиалҳои онҳо, шахси воқеии бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифташуда, ба сифати корфармо эътироф карда мешаванд.

Ҳуқуқи меҳнатӣ ба принсипҳои муайяни ҳуқуқӣ асос

меёбад. Онҳо ғояҳои асосие мебошанд, ки моҳияти ҳуқуқи меҳнатӣ, равиши асосии сиёсати давлатро дар соҳаи фаъолияти бозори меҳнат, татбиқ ва ташкили меҳнати кироя ифода менамоянд. Ба принсипи асосии ҳуқуқи меҳнатӣ пеш аз ҳама принсипи озодии меҳнат дохил мешавад. Мазмуни онро аз ҷониби ҳар як шахс озодона интихоб шудани касб ва навъи фаъолият, ихтиёрдории қобилияти худ ба меҳнат, озодона ризо шудан ба ин ё он шароити меҳнат ташкил медиҳад.

Принсипи дигаре, ки ҳамчунин муҳим аст, принсипи манъи маҳдудсозии ҳуқуқ инсон ва шаҳрванд дар муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳама гуна фарқгузорӣ, иҷозат надодан ва ё қабул накардан ба кор аз рӯйи аломатҳои мансубияти миллӣ, нажодӣ, ранги пӯст, ҷинсият, синну сол, дин, ақидаи сиёсӣ, маҳалли таваллуд, баромади хориҷӣ ё иҷтимоӣ, ки баробарии имкониятро дар соҳаи меҳнат барҳам медиҳад, манъ аст.

Принсипи манъи кори маҷбурӣ принсипи дигари асосии ҳуқуқи меҳнатӣ мебошад. Дар зери кори маҷбурӣ иҷро намудани кор дар зери таҳдиди таъсири зӯрӣ, ба монанди барои иштирок дар корпартоӣ ё ин ки ба сифати чораи ҷазо барои ифодаи ақидаи сиёсӣ ё эътиқоди ғоявии хилофи низоми мавҷудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ, ба сифати чораи маҳдуднамоӣ ва ғ. фаҳмида мешавад.

Сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 23-юми июли соли 2016, қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонун «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1-уми августи соли 2003, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5-уми марти соли 2007 ва ғ. мебошанд.

Инчунин, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ

эътироф карда мешаванд. Санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон низ сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат мебошанд.

## § 2. МАФҲУМ ВА НАВЪҲОИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Муносибатҳои меҳнатии корманд бо корфармо дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба тартиб дароварда мешавад. Он шакли асосии ҳуқуқии бавуҷудоӣ ва мавҷудияти муносибатҳои меҳнатӣ буда, дар масъалаи бо кадрҳо таъмин намудани истеҳсолот нақши муҳим мебозад.

Корманд ҳуқуқи ба меҳнат доштаи худро бо роҳи озодона бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ оид ба фаъолият варзидан бо ташкилот ба амал мебарорад.

Шартномаи меҳнатӣ созишномаи байни корфармо ва корманд мебошад, ки мувофиқи он корманд уҳдадор мешавад корро аз рӯйи як касб, якчанд касби муайян, ихтисос ё вазифаи ба таври дахлдор, бо риоя намудани тартиботи дохилии меҳнатӣ иҷро намояд ва корфармо дар навбати худ уҳдадор мешавад, ки ба корманд музди корашро дода, шароити меҳнатро, ки санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба меҳнат ва созишномаҳои тарафҳо муайян намудаанд, таъмин кунад.

Барои бастани шартномаи меҳнатӣ ризояти (созиши) тарафҳо зарур аст. Шартномаи меҳнатӣ шартномаи дутарафа мебошад, ки дар он яке аз тарафҳо корманд ва тарафи дигар корфармо мебошад.

Маҷмӯи шартҳое, ки бо шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ шудаанд, мазмуни онро ташкил менамоянд ва дар шакли ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои шартнома баромад мекунанд. Ин шартҳоро ба ду гурӯҳ чудо кардан мумкин аст, якум, шартҳои дар қонун муқарраршуда ва дар асоси талаботи қонун ба шартнома (қарордод) воридшаванда; дуюм, шартҳои бо созиши тарафҳо қабулшуда ва дар шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ифода кардашуда. Гурӯҳи дуюми

шартҳои шартномаи меҳнатӣ дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: 1) зарурӣ; 2) иловагӣ.

Ба шартҳои зарурӣ инҳо дохил мешаванд: ҷойи кор, функсияи меҳнатӣ ва музди меҳнат.

Ҷойи корӣ қитъаи бо афзору олоти корӣ ҷиҳозонидашудае мебошад, ки дар он корманд уҳдадориҳои меҳнатии худро иҷро мекунад.

Созиши тарафҳо доир ба функсияи меҳнатии кормандон масъалаи бо кор таъмин намудани кормандонро мувофиқи касбу ихтисос ва малакаи онҳо дар бар мегирад. Касб – навъи фаъолияти меҳнатие мебошад, ки малакаи тавассути омӯзиш ва таҷриба андухташудаи кормандро тақозо менамояд. Ихтисос – маҷмӯи дониш, кордонӣ ва малакаи тавассути омодагии махсус ва таҷрибаи кории андухташудае мебошад, ки барои иҷрои навъи муайяни фаъолияти корӣ дар доираи касби мазкур зарур аст ва бо ҳуҷҷатҳои дахлдор дар бораи таҳсилот тасдиқ карда мешавад.

Дар моддаи 25-и Кодекси меҳнат муҳлатҳои амали шартномаи меҳнатӣ нишон дода шудаанд. Мувофиқи он шартномаи меҳнатӣ ба муҳлатҳои зерин баста мешавад:

– ба муҳлати номуайян;

– ба муҳлати муайян - на камтар аз як сол, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои сеюм, чорум ва панҷуми ҳамин қисм;

- барои иҷрои уҳдадориҳои корманди ҳозирнабуда, ки мутобиқи Кодекси мазкур ҷойи кораш нигоҳ дошта мешавад;

- ба муҳлати иҷрои кори муайян;

- барои иҷрои корҳои мавсимӣ.

Қисми зиёди шартномаҳо ба муҳлати номуайян баста мешаванд. Амали чунин шартномаҳо бемуҳлат буда, яке аз кафолатҳои мутаассилии муносибатҳои меҳнатиро таҷассум мекунад. Дар шартномаи ба муҳлати муайян басташуда вақти амали он ба тарзи мушаххас нишон дода шудааст. Дар шартномаи барои вақти иҷрои кори муайян басташуда

вақти иҷрои кори мазкур нишон дода мешавад, масалан, дар вақти гузаронидани барӯйхатгирӣ.

Шартномаи меҳнатии ба муҳлати муайян ва ё барои вақти иҷрои кори муайян басташударо одатан шартномаи фаврӣ меноманд. Корманди чунин шартномаро баста ухдадор аст, ки дар муддати вақти муайян дар ташкилот машғули кор бошад. Дар қонунгузорӣ муҳлати камтарини шартнома на кам аз 1 сол муқаррар карда шудааст. Чунин шартномаҳо пас аз гузаштани муҳлати амали онҳо бо хоҳиши тарафҳо ба муҳлати нав баста мешаванд. Вале агар муҳлати онҳо гузараду муносибати меҳнатӣ идома пайдо кунад ва тарафҳо хоҳиши қатъ кардани онро талаб накунанд, он гоҳ шартнома ба муҳлати номуайян дароз кардашуда ҳисоб мешавад. Шартномаи меҳнатие, ки барои вақти иҷрои кори муайян баста шудааст, баъди ба охир расидани он қатъ мегардад.

## § 3. ТАРТИБИ БАСТАН ВА ШАКЛҲОИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Ба кор қабул намудани кормандон дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳангоми ба кор дохил шудан онҳо вазифадоранд, ки шиноснома, (барои шахсоне, ки ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидаанд, шаҳодатномаи таваллуд), дафтарчаи меҳнатӣ (агар пеш дар дигар ҷой кор карда бошад), ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (дар ҳолати пешбининамудаи санади меъёрӣ), ҳуҷҷати уҳдадории ҳарбӣ ё шаҳодатномаи бақайдгирӣ, инчунин, барои корҳое, ки дониши махсусро талаб менамоянд, ҳуҷҷат дар бораи маълумоти махсус пешниҳод намоянд. Дар вақти ба кор қабул намудан аз кормандон ғайр аз ҳуҷҷатҳои пешбиникардаи қонун дигар хел ҳуҷҷатҳоро талаб кардан манъ аст (моддаи 26-и Кодекси меҳнат).

Қонунгузории меҳнат нисбат ба баъзе гурӯҳи алоҳидаи кормандон пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ аз муоинаи тиббӣ гузаштанро талаб менамояд. Чунин тартибот бо мақсади саломатии онҳо ё ҳифзи саломатии аъзои ҷамъият ба

роҳ монда мешавад. Ин шарт нисбат ба шахсони зерин татбиқ карда мешавад: а) ба ноболиғони то 18-сола; б) шахсоне, ки ба кори шароиташ вазнин ва зарарнок роҳ дода мешаванд; в) шахсоне, ки ба корҳои вобаста ба хизматрасонӣ ба кӯдакон, беморон, соҳаҳои савдо ва хӯроки умумӣ ва амсоли инҳо ба кор қабул карда мешаванд.

Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, ва бо фармони (амри) роҳбари ташкилот ё шахси ваколатдор ба расмият дароварда мешавад. Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Он дар ду нусха тартиб дода шуда, ба он тарафҳо имзо мегузоранд. Як нусха ба корманд дода шуда, дигарашро корфармо нигоҳ медорад. Дар вақти бастани шартномаи меҳнатӣ мумкин аст дар байни тарафҳо дар хусуси аз санҷиш гузаштани корманд ризоият ба миён ояд. Мақсад аз санҷиш ба кор лоиқ будан ё набудани кормандро муайян кардан аст. Муҳлати санҷиш ғайр аз мавридҳои муқаррарнамудаи қонун аз се моҳ зиёд буда наметавонад, санҷиш барои ноболиғони то 18-сола, мутахассисони ҷавон ҳангоми гузаронидани онҳо ба кор ба маҳалли дигар, гузаронидан ба ташкилоти дигар, инчунин тибқи озмун ба кор қабул намудан муқаррар карда намешавад.

Ба корманде, ки аввалин маротиба ба кор қабул карда мешавад, баъди панҷ рӯзи кор дар корхона дафтарчаи меҳнатӣ кушода мешавад. Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати асосӣ доир ба фаъолияти меҳнатии корманд мебошад. Ба маълумоти дар дафтарчаи меҳнатӣ сабтшуда маълумот доир ба коре, ки аз тарафи корманд иҷро карда мешавад, маълумот доир ба ҳавасмандгардонӣ ва мукофотҳо барои муваффақиятҳои кор дохил карда мешавад. Дар дафтарчаи меҳнатӣ сабаби аз кор рафтани корманд низ қайд карда мешавад. Дар рӯзи аз кор рафтани корманд дафтарчаи меҳнатӣ бояд ба ӯ супорида шавад.

## § 4. БА КОРИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАН ВА НАВЪҲОИ ОН

Қонунгузории меҳнатӣ ҳуқуқи кормандонро ба меҳнат ҳаматарафа ҳимоя карда, амалӣ гардонидани ҳуқуқи онҳоро оид ба шароити меҳнатие, ки дар вақти ба кор қабул намудан пешбинӣ шудаанд, кафолат медиҳад. Маъмурият ҳуқуқ надорад аз корманд иҷрои кореро, ки дар шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ нашудааст, талаб намояд. Агар дар рафти иҷрои уҳдадории меҳнатӣ зарурати ба кори дигар гузаронидани корманд ба миён ояд, дар ин сурат ризоияти ӯ ба таври хаттӣ гирифта мешавад. Гузаронидан ба кори дигар доимӣ ва муваққатӣ мешавад. Ба кори дигари доимӣ гузаронидан аз се навъ иборат аст:

1. Ба кори дигар гузаронидан дар худи ҳамон ташкилот. 2. Гузаронидан ба кор ба ташкилоти дигар. 3. Гузаронидан ба ҷойи дигар якҷоя бо ташкилот.

Корманд ҳамон вақт ба кори дигар гузаронидашуда ҳисоб карда мешавад, ки шартҳои зарурии шартномаи меҳнатӣ, ба монанди ҷойи кор, функсияи меҳнатӣ (касб, ихтисос) ва музди меҳнат тағйир ёбад. Дар сурати тағйир наёфтани шартҳои зарурии номбаршуда на аз як кор ба кори дигар гузаронидан, балки ҷойивазкунӣ ҳисоб карда мешавад ва дар чунин ҳолат гирифтани ризоияти корманд шарт нест.

Чун қоида, ба кори дигар гузаронидан фақат бо ризояти корманд мумкин аст, вале дар мавридҳои истисноӣ бо ташаббуси корфармо ва бо ризоияти корманд ӯро муваққатан ба кори дигар гузаронидан мумкин аст. Ба чунин мавридҳо дохил мешаванд:

а) зарурати истеҳсолӣ; б) бекормонӣ; в) ҳамчун чораи татбиқи ҷазои интизомӣ.

Ба кори дигар гузаронидан дар мавриди зарурати истеҳсолӣ барои пешгирӣ ё бартараф намудани ҳодисаҳои офати табиӣ, фалокатҳои истеҳсолӣ ё фавран бартараф намудани оқибатҳои онҳо, барои пешгирӣ кардани ҳодисаҳои нохуш,

нобуд ё вайроншавии молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин барои иваз кардани корманди ғоиб мумкин аст. Муддати ба кори дигар гузаронидан дар мавриди зарурати истеҳсолӣ то як моҳ мебошад.

Дар вақти бекормонӣ бошад, бо дарназардошти ихтисосу касб кормандонро дар ҳамон ташкилот ба тамоми вақти бекормонӣ ё ба дигар ташкилот, вале дар худи ҳамон маҳал ба муҳлати то як моҳ ба кори дигар гузаронидан мумкин аст. Дар вақти бекормонӣ агар кормандон ба кори каммузд гузаронида шаванд, он гоҳ музди миёнаи корашон аз рӯйи кори пештараи онҳо дода мешавад. Муваққатан ба кори дигар гузаронидани корманд ҳамчун чораи ҷазои интизомӣ мумкин аст. Мувофиқи он маъмурияти ташкилот барои вайрон намудани интизоми меҳнатӣ метавонад кормандро ба кори каммузд ё ба вазифаи пасттар гузаронад.

## § 5. АСОСҲОИ ҚАТЬ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ (ҚАРОРДОДИ) МЕҲНАТӢ

Истеҳсолот барои устувории муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ ва бо кадрҳо таъмин будани соҳаҳои гуногун ҳавасманд мебошад, зеро, ҷой иваз намудани кадрҳо ба иқтисоди миллӣ зарари калон мерасонад. Аз ин рӯ, қонунгузории меҳнатӣ ба ҳамаи кормандоне, ки фаъолияти худро дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба роҳ мемонанд, кафолати ҳуқуқии аз кор озод карданро муқаррар менамояд. Шартномаи (қарордоди) меҳнатиро танҳо бо асосҳо ва тартиби дар қонун пешбинишуда бекор кардан мумкин аст. Асосҳо мувофиқи қонунгузории меҳнатӣ чунинанд: 1) бо созиши тарафҳо; 2) бо ташаббуси корманд; 3) бо ташаббуси корфармо; 4) бо гузаштани муҳлат; 5) ҳолатҳое, ки ба иродаи тарафҳо вобаста намебошанд.

Бо ташаббуси корманд шартномаи (қарордоди) меҳнатии ба муҳлати номуайян басташударо бекор кардан мумкин аст. Кормандон ҳақ доранд ду ҳафта пештар корфарморо дар ин бора ба тариқи хаттӣ огоҳ намоянд, вале баъди гу-

заштани муҳлати номбаршуда корманд ҳақ дорад, ки корро қатъ созад. Корфармо уҳдадор аст, ки дафтарчаи меҳнатии кормандро дода, бо вай ҳисобро баробар намояд. Бо хоҳиш ва ризоияти корфармо шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ то ба итмом расидани муҳлати огоҳӣ метавонад бекор карда шавад. Дар сурате ки аризаи корманд дар бораи бекор кардани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо ҳолати ғайриимкон будани идомаи кор вобаста мебошад, корфармо бояд шартномаи (қарордоди) меҳнатиро дар муҳлати хоҳишкардаи корманд бекор кунад. Дар баробари ҳамин корманд ҳуқуқ дорад, ки пеш аз гузаштани муҳлати дуҳафтаина аризаи худро бозпас гирад, агар ба ҷойи кори ӯ ба таври гузаронидан корманди дигар даъват нашуда бошад.

Бидуни огоҳии пешакӣ корманд метавонад шартномаи (қарордоди) меҳнатиро дар ин ҳолатҳо бекор намояд:

Вақте ки корфармо ҳангоми ба кор қабул кардан ба корманд оид ба шароити меҳнатӣ дар ҷойи кор маълумоти нодуруст дода бошад;

Агар корфармо бархилофи уҳдадории худ шароити солим ва бехатари меҳнатро барои корманд дар ҷойи кораш таъмин накунад.

Тавре ки мебинем, хоҳиши корманд дар бораи аз кор рафтан асоси бекор намудани шартномаи меҳнатӣ мегардад. Вале ин қоида ба кормандон ва мутахассисони ҷавон дахл надорад. Зеро, онҳо баъди хатми донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус дар асоси роҳхат уҳдадоранд дар корхона муҳлати муайян кор кунанд. Чунин талабот ба шахсоне низ дахл дорад, ки шартномаи меҳнатиро бо муҳлати муайян бастаанд.

Аз кор озод кардани корманд бо ташаббуси корфармо дар мавридҳои зерин мумкин аст:

Барҳам хӯрдани ташкилот; қатъ ёфтани фаъолияти соҳибкор; ихтисор шудани шумора ё штати кормандон.

Ошкор гардидани номувофиқии корманд ба вазифаи ишғолкардааш ё коре, ки иҷро мекунад – бо сабаби пурра

мутобиқ набудани ихтисос ё вазъи саломатии ӯ, ки барои давом додани ҳамон кор халал мерасонад, агар ин номувофиқатии корманд дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад.

Бидуни сабабҳои узрнок вазифаҳои меҳнатиеро, ки бо шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, мунтазам иҷро накардани корманд, агар ба корманд пештар чораҳои ҷазои интизомӣ дода шуда бошанд.

Ҳозир набудан (аз ҷумла, дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз се соат набудан дар кор) бидуни сабабҳои узрнок.

Ҳозир нашудан ба кор дар давоми бештар аз чор моҳи бефосила дар натиҷаи корношоямии муваққатӣ бидуни ҳисоб кардани рухсатии давраи ҳомилагӣ ва таваллудкунӣ, агар қонунгузорӣ муҳлати аз ин зиёдтари нигоҳ доштани ҷойи корро (вазифаро) ҳангоми бемории муайян муқаррар накарда бошад. Барои кормандоне, ки бо сабаби осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ қобилияти меҳнатиро аз даст додаанд, то муқаррар гардидани маъюбӣ ҷойи кор (вазифа) нигоҳ дошта мешавад.

Дар ҳолати мастӣ аз шароб, маводи нашъаовар ва токсикӣ ҳозир шудан ба кор.

Дуздидани молу мулки корфармо дар ҷойи кор, ки онро ҳукми қувваи қонуни пайдокардаи суд ё қарори мақоме, ки додани ҷазои маъмурӣ ба салоҳияти он дохил мешавад, муқаррар намудааст.

Қатъ кардани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо шахсони дар чанд ҷой коркунанда бинобар қабули корманди дигаре, ки дар чанд ҷой кор намекунад, инчунин вобаста ба маҳдуд гардонидани кор дар чанд ҷой.

Қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо роҳбари ташкилот бинобар иваз шудани молик.

Вайронкунии дағалонаи яккаратаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат аз ҷониби роҳбарони ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовинони онҳо;

Аз ҷониби корманде, ки бевосита бо арзишҳои пулию молӣ сарукор дорад, содир гардидани амали гунаҳкоронае, ки боиси рафтани боварии корфармо нисбати ӯ мегардад.

Аз ҷониби корманде, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, содир шудани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани он кор сазовор намебошад.

Вайрон намудани тартиб ва қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабул ба кор.

Аз кор холӣ кардани корманд дар асоси фармони (амри) корфармо ба расмият даровdefinition мешавад. Дар баробари ҳамин, корфармо уҳдадор аст, ки ба корманд дар рӯзи охирини кор дафтарчаи меҳнатиро супорад ва бо ӯ ҳисобӣ кунад.

Дар мавриди бо ташаббуси корфармо ғайриқонунӣ бекор кардани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ корманд метавонад дар муддати як моҳ аз рӯзи баромадани фармон ё гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ барои барқарор намудани ҳуқуқҳои худ ба суд муроҷиат кунад.

Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ инчунин дар ҳолатҳое, ки ба иродаи тарафҳо вобаста нестанд, қатъ карда мешавад. Ба чунин ҳолатҳо дохил мешаванд: 1) ҳангоми даъват ё ба хизмати ҳарбӣ дохил шудани корманд; 2) ҳангоми ба кор барқарор намудани корманде, ки пештар ин корро иҷро мекард; 3) ҳангоми қувваи қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд, ки дар асоси он корманд ба ҷазо маҳкум шудааст ва ин ҳолат давом додани кори пештараашро истисно менамояд; 4) бинобар вафот кардани корманд ё корфармо; 5) дар сурати вайрон кардани қоидаҳои муқарраршудаи қабул ба кор. 6) ба охир расидани муҳлат.

## § 6. ВАҚТИ КОРӢ ВА НАВЪҲОИ ОН

Фаъолияти кории инсон ба монанди тамоми ҳаёти ӯ дар доираи вақт мегузарад. Ченаки асосии сарфи меҳнати кормандон маҳз вақти корӣ мебошад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқ вақти корӣ доираи вақти бо қонун муқарраршудаи вақте ба ҳисоб меравад, ки дар давоми он корманд тибқи тартибот

ё нақшаи кор ё шартҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бояд вазифаҳои меҳнатии худро иҷро намояд. Вақти корӣ метавонад муътадил, кӯтоҳ ва нопурра бошад. Вақти кори муътадил мувофиқи Кодекси меҳнатӣ дар як ҳафта 40 соат мебошад. Вай ба тамоми кормандон, ғайр аз коркуноне, ки мувофиқи қонун барои онҳо вақти кори кӯтоҳ муқаррар карда шудааст, татбиқ карда мешавад.

Барои гурӯҳи алоҳидаи кормандон бо дарназардошти синну сол, вазъи саломатӣ, шароити меҳнат, хусусияти уҳдадории меҳнатии онҳо давомнокии кӯтоҳкардашудаи вақти корӣ бе кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад. Ба чунин шахсон кормандоне, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд; занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд; кормандони маъюб ва кормандоне, ки бо корҳои шароити меҳнаташ зарарнок машғуланд ё хусусияти махсуси кор доранд, аз ҷумла духтурон, муаллимон ва шахсони дигаре, ки кори онҳо бо шиддати баланди эҳсосотӣ, зеҳнӣ ва асабӣ алоқаманд аст, дохил мешаванд. Давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ барои чунин шахсон на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта муқаррар карда мешавад. ҳамзамон, барои шахсоне, ки дар басти шабона кор мекунанд, вақти корӣ як соат кӯтоҳ муқаррар карда мешавад.

Барои баъзе гурӯҳи алоҳидаи кормандон вақти нопурраи кор муқаррар карда шуданаш мумкин аст. Чунин вақти корӣ дар асоси созиши корманд ва корфармо муқаррар карда мешавад ва дар вақти қабул ба кор ё дар вақти иҷрои кор муайян карда мешавад. Вақти кори нопурра барои манфиати шахсоне муқаррар карда мешавад, ки бо ягон сабаб ба вақти пурраи корӣ машғул шуда наметавонанд. Мувофиқи қонунгузории меҳнат ба занони ҳомила, заноне, ки фарзанди то чордаҳсола ё кӯдаки маъюб доранд, мувофиқи хулосаи тиббӣ аъзои бемори оиларо нигоҳубин мекунанд, дар асоси аризаи онҳо корфармо вазифадор аст, ки рӯзи нопурраи кор ё ҳафтаи нопурраи корӣ муқаррар намояд. Ҳангоми ҷорӣ намудани низоми вақти нопурраи корӣ давомнокии

вақти корӣ наметавонад аз нисфи меъёри моҳонаи вақти кор камтар бошад. Агар меъёри муътадили вақти кор 40, 35, 24 соат бошад, пас меъёри вақти нопурраи кор набояд аз нисфи меъёри муътадили вақти кор кам бошад. Дар ҳама ҳолат андозаи музди он давра аз андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат кам буда наметавонад. Дар баробари ин, кор дар шароити вақти нопурраи корӣ барои кормандон боиси ягон хел маҳдудияти муддати рухсатии ҳарсола, собиқаи меҳнатӣ ва дигар ҳуқуқҳои меҳнатӣ шуда наметавонад.

## § 7. ВАҚТИ ИСТИРОҲАТ ВА НАВЪҲОИ ОН

Мувофиқи моддаи 24-и Эъломияи умумӣ оид ба ҳуқуқи башар, ҳар як инсон ба истироҳат ва дамгирӣ, инчунин, ба рӯзи кории маҳдуд ва рухсатии музднокӣ даврӣ ҳуқуқ дорад. Чунин ҳуқуқ, мувофиқи қонунгузории амалкунанда, ба ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Чунин вақтеро вақти дамгирӣ меноманд, ки дар давоми он корманд аз иҷрои вазифаи меҳнатӣ озод мебошад ва онро мувофиқи салоҳдиди худ барои қонеъ намудани манфиатҳои худ ва барқарор намудани қобилияти меҳнатиаш истифода мебарад. Аҳамияти вақти дамгирӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки бо мақсади рафъи хастагӣ ва барқарор намудани қувваи корӣ истифода бурда мешавад. Вақти истироҳат ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

а) танаффус дар давоми рӯзи (дамгирӣ, хӯрокхӯрии дохилибастӣ ва махсус); б) танаффус дар байни рӯзҳои корӣ; в) рӯзҳои истироҳат; г) рӯзҳои иди ғайрикорӣ; д) рухсатиҳо.

Рухсатӣ вақти нисбатан тӯлониест, ки дар давоми он корманд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо шарти нигоҳ дошта шудани ҷойи кору мансаб аз иҷрои вазифаҳои корӣ озод буда, аз он барои фароғат ва барқарор намудани қобилияти меҳнатӣ, ҳамчунин қонеъ гардонидани дигар ниёзмандиҳои худ истифода мебарад.

Ба кормандон намудҳои зерини рухсатӣ дода мешаванд:

– рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда;

– рухсатиҳои иҷтимоӣ;

– рухсатии бемузди меҳнат;

– рухсатии муваққатии бемузд ё қисман музднок.

Дар навбати худ рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда аз инҳо иборат мебошанд: рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин; рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ва рухсатии меҳнатии иловагии ҳарсола.

Рухсатиҳои иҷтимоӣ аз рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд; рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак; рухсатӣ барои таҳсил ва рухсатии эҷодӣ иборат мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 37) ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба истироҳатро пешбинӣ намудааст. Ҳуқуқ ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда танҳо ба кормандоне, ки дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ кор мекунанд, кафолат дода мешавад. Рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин ба корманд бо давомнокии на камтар аз 24 рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Ҳамзамон бо ин, корфармо ҳуқуқ дорад, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ муҳлати давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи камтаринро аз 24 рӯзи тақвимӣ бо тартиб ва шартҳои дар шартномаҳои (созишномаҳои) коллективӣ ё шартномаҳои (қарордоди) меҳнатӣ зикршуда зиёд намояд.

Рӯзҳои ғайрикорӣ, давраи корношоямии муваққатӣ, инчунин рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ба рухсатии асосии ҳарсола дохил намешаванд.

Ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон бо дарназардошти хислат ва хусусияти функсияҳои меҳнатӣ, синну сол, собиқаи корӣ, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатии асосии дарозкардашуда муқаррар шуда метавонад.

Корфармо вазифадор аст ба кормандоне, ки бо корҳои шароити номусоиди зарарнок ва вазнин машғуланд, корашон хислати махсус дорад ё ин ки дар шароити номусоиди табиию иқлимӣ кор мекунанд, инчунин, ба кормандоне, ки

рӯзи кориашон ба меъёр гирифта нашудааст, рухсатии иловагии ҳарсола диҳад. Рухсатии иловагии ҳарсола барои кор дар шароити зарарнок ва вазнини меҳнатӣ бо давомнокии на камтар аз 7 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

Рухсатии иловагии ҳарсола барои хислати махсуси кор бо давомнокии на камтар аз се рӯзи тақвимӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон, ки меҳнати онҳо бо шиддати зиёди асаб ва эҳсосот вобаста мебошад ё дорои хислати махсуси иҷрои кор аст, дода мешавад.

Рухсатии иловагии ҳарсола барои кор дар шароити махсуси табиию иқлимӣ бо давомнокии на камтар аз 8 рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Рухсатии меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои соли аввали корӣ на барвақттар аз гузаштани ёздаҳ моҳи корӣ, бо хоҳиши корманд дода мешавад. Рухсатии меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои солҳои дуюм ва солҳои минбаъдаи корӣ ҳар вақти соли корӣ, сарфи назар аз додани рухсатиҳои меҳнатӣ, дода мешавад.

Рухсатии иҷтимоӣ ба кормандон барои фаъолияти эҷодӣ, давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд, нигоҳубини кӯдак ва таҳсил бе ҷудошавӣ аз истеҳсолот дода мешавад.

Рухсатии иҷтимоӣ илова ба рухсатии меҳнатӣ ва барои ҳамон соли тақвимие дода мешавад, ки корманд ба он ҳуқуқ дорад.

Рухсатии бемузди меҳнатӣ ба корманд бинобар вазъи оилавӣ ва дигар сабабҳои узрнок мутобиқи аризааш дода мешавад, ки давомнокии он бо мувофиқаи байни корманд ва корфармо муайян карда мешавад.

Рухсатии бемузди меҳнатӣ дар асоси аризаи корманд ба таври ҳатмӣ ба инҳо ба муддати муайяншуда дода мешавад:

–иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ба нафақахӯрони коркунанда - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;

–падару модарон ва ҳамсарони хизматчиёни ҳарбие, ки дар натиҷаи захм, контузия ё осебе, ки ҳангоми ҳимояи кишвар ба онҳо расидааст ё дар натиҷаи бемории вобаста бо иштиро-

кашон дар ҷабҳа фавтидаанд - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;

–маъюбоне, ки кор мекунанд - то 2 моҳ дар як сол;

–кормандон дар мавриди таваллуд шудани кӯдак, маросими бастани ақди никоҳ, вафоти хешовандон - то 7 рӯзи тақвимӣ;

–кормандоне, ки шахси бемори аъзои оиларо нигоҳубин мекунанд (бе додани варақаи корношоями меҳнатӣ ё ҳуҷҷати ивазкунандаи он), - то 14 рӯзи тақвимӣ;

–кормандоне, ки барои супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус иҷозат дода шудаанд, мутобиқан 10 ва 15 рӯзи тақвимӣ, ғайр аз вақти рафту омад ба маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ва дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ намудаанд;

–шахсони ба аспирантура дохилшаванда ва дар вақти рафту омад ба маҳалли ҷойгиршавии муассисаи илмӣ дар давраи супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ, номзадӣ ва ҳимояи рисолаи илмӣ.

## § 8. ИМТИЁЗҲО БАРОИ НОБОЛИҒОН ВА ШАХСОНЕ, КИ ДАР БАРОБАРИ КОР ТАҲСИЛ МЕКУНАНД

Ба ноболиғон ва шахсоне, ки дар баробари кор таҳсил мекунанд, имтиёзҳои гуногун дода мешаванд. Онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ бо калонсолон баробаранд, вале ноболиғон дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнатӣ дорои имтиёзҳои муайян низ мебошанд. Дар соҳаи ҳифзи меҳнат, вақти кор, рухсатиҳо ва ғайра ноболиғон аз имтиёзҳои дар ин соҳаҳо мавҷудбуда истифода мебаранд. Ба ноболиғон иҷрои корҳои вазнин, корҳои шароиташон зарарноку хатарнок, корҳои зеризаминӣ ва корҳое, ки ба саломатӣ ва рушди маънавии онҳо зиён мерасонанд, манъ аст. Давомнокии вақти кори кормандони аз 14-16-сола ҳафтае на зиёдтар аз 25 соат ва шахсони аз 15-18-сола ҳафтае на зиёдтар аз 35 соат мебошад. Барои таълимгирандагони

муассисаҳои таълимӣ, ки якҷоя дар давраи соли таҳсил кор ва таҳсил мекунанд, аз чордаҳсола то шонздаҳсола 2,5 соат дар як рӯз ва аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола 3,5 соат дар як рӯз муқаррар карда шудааст.

Музди кори кормандони аз ҳаждаҳсола хурде, ки муддати кори ҳаррӯзаашон кӯтоҳ аст, ба андозаи музди меҳнати гурӯҳи алоҳида кормандони дахлдори муддати кори ҳаррӯзаашон пурра дода мешавад ва ҳамзамон, бо ин, музди меҳнати таълимгирандагон, ки дар вақти фориғ аз таҳсил дар ташкилотҳо кор мекунанд, аз ҳисоби муддати кор ё вобаста ба маҳсули меҳнат дода мешавад.

Ба кормандони аз ҳаждаҳсола хурд ҳар сол на камтар аз сӣ рӯзи тақвимӣ рухсатии пардохтшавандаи меҳнатӣ дар фасли тобистон ё ҳар вақти дигари барои онҳо мувофиқ дода мешавад. Агар соли корие, ки барои он рухсатӣ дода мешавад, давраи то ба ҳаждаҳсолагӣ расидани корманд ва баъди онро дар бар гирад, давомнокии рухсатии барои собиқаи корӣ то расидан ба ҳаждаҳсолагӣ аз ҳисоби сӣ рӯзи тақвимӣ ва барои собиқаи кори баъди расидан ба ҳаждаҳсолагӣ дар асосҳои умумӣ ҳисоб карда мешавад. Кормандони аз ҳаждаҳсола хурдро ба корҳои шабона ва изофакориҳо, кори рӯзҳои истироҳат ва ид ҷалб кардан, ҳамчунин, ба сафари хизматӣ фиристодан манъ аст.

Кормандоне, ки дар баробари кор дар муассисаҳои таълимӣ мехонанд ва нақшаҳои таълимиро иҷро мекунанд, ба рухсатии иловагии пардохтшаванда аз ҷойи кор, ба ҳафтаи кӯтоҳи корӣ ва дигар имтиёзҳо ҳақ доранд. Барои кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил менамоянд, дар давраи соли таҳсил ҳафтаи кории 4 соат камкардашуда муқаррар карда шудааст. Хонандагони муассисаҳои мазкур дар давраи соли таҳсил на камтар аз чилу ду рӯзи тақвимӣ (дар мавриди ҳафтаи кори шашрӯза) аз кор озод карда мешаванд. Дар муддати аз кор озод будани талаба ба ӯ аз ҷойи кори асосӣ на камтар аз 50 дарсади музди меҳнат, вале на камтар аз андозаи муқар-

раршудаи ҳадди ақалли музди меҳнат маош дода мешавад. (моддаи 126 Кодекси меҳнат). Ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил мекунанд, дар давраи супоридани имтиҳоноти хатмкунӣ рухсатӣ дода мешавад, ки давомнокии он то 20 рӯзи кориро ташкил медиҳад.

Кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, дар муассисаҳои таҳсилоти касбию техникӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ таълим мегиранд, бо мақсади омодагӣ ва супоридани имтиҳонҳо аз кор ба муҳлати 30 рӯзи корӣ дар давоми соли таҳсил озод карда шуда, музди миёнаи меҳнати онҳо ба андозаи на камтар аз ҳадди ақалли муқарраршудаи музди меҳнат пардохта мешавад.

Барои кормандони ба имтиҳони қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олии касбӣ роҳ додашуда барои супоридани имтиҳонҳо рухсатии бемузд мутобиқан ба муддати 10 ва 15 рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Кормандоне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ маълумоти касбӣ мегиранд, дар ҳар ҳафтаи рӯзҳои кориаш иборат аз шаш рӯз барои тайёрӣ ба машғулият дар давоми даҳ моҳи таълимӣ пеш аз навиштани рисолаи дипломӣ ё супоридани имтиҳоноти хатмкунӣ камаш якрӯзӣ аз кор озод карда мешаванд ва ба онҳо музди миёнаи меҳнат пардохта мешавад.

## § 9. ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ

Интизоми меҳнат дар ташкилотҳо бо роҳи фароҳам овардани шароити зарурии ташкилию иқтисодӣ барои кори сермаҳсули муътадил, муносибати бошуурона ба кор, усули боварикунонӣ, тарбия, ҳамчунин, ҳавасмандгардонӣ барои меҳнати софдилона таъмин карда мешавад. Кормандон вазифадоранд, ки софдилона ва бовиҷдонона кор кунанд, талаботро оид ба муҳофизати меҳнат, бехатарии техникӣ риоя намуда, фармонҳои корфарморо сари вақт ва аниқ ба ҷо оранд, ҳосилнокии меҳнатро баланд ва сифати маҳсулотро беҳтар намоянд. Риояи интизоми меҳнат муттасилии раван-

ди меҳнатиро таъмин менамояд. Ба кор дер мондан ё ба кор наомадани як фард метавонад кори мунтазами як коллективи томро вайрон намояд. Интизоми меҳнат барои ҳама – чи корманди оддӣ ва чи роҳбар, ҳатмист. Интизоми хуби меҳнат ба ташкилот имконият медиҳад, ки бештар маҳсулот истеҳсол кунад ва ба ин восита даромади кормандон афзояд. Дар мустаҳкам намудани интизоми меҳнат худи кормандон ва масъулияти баланди онҳо нақши калон мебозад. Қонунгузории меҳнатӣ барои вайрон намудани интизоми меҳнат ҷазои зеринро муқаррар кардааст:

1) сарзаниш; 2) танбеҳ; 3) танбеҳи қатъӣ; 4) қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо.

Ҷазои интизомиро корфармо бевосита ба корманд баъди ошкор шудани кирдораш медиҳад. Пас аз он ки вайронкунандаи интизоми меҳнат ҷазо дода шавад, аз ӯ бояд баёнот гирифта шавад. Ҷазо на дертар аз як моҳи содиршавии вайронкунии интизоми меҳнат дода мешавад. Ба ин муҳлат вақти бемории корманд ё дар рухсатии меҳнатӣ будани ӯ дохил намешавад. Пас аз шаш моҳи рӯзи содир кардани кирдор ва аз рӯйи натиҷаҳои тафтиш ё санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагии на дертар аз дусолаи баъди содиршавии чунин кирдор ҷазо додан мумкин нест. Барои ҳар як вайронкунии интизоми меҳнат танҳо ҷазои интизомӣ додан мумкин аст. Татбиқи ҷазои интизомӣ тибқи санади корфармо ба расмият дароварда шуда, ба корманд эълон карда мешавад. Ғайр аз ин корманд пас аз шинос шудан бо фармони санади корфармо дар зери он бояд имзо гузорад. Дар вақти додани ҷазои интизомӣ бояд вазнинии кирдори содиршуда, ҳолатҳое, ки дар онҳо чунин кирдор содир карда шудааст, инчунин муносибати пештараи корманд нисбат ба коре, ки иҷро мекард, ба назар гирифта шаванд.

Муҳлати амали ҷазои интизомӣ аз рӯйи татбиқи он аз 6 моҳ зиёд буда наметавонад. Агар корманд дар ин муддат ба ҷазои нави интизомӣ гирифтор нашавад, дар ин сурат ӯ ҷазогирифташуда эътироф карда мешавад.

## § 10. ҲИФЗИ МЕҲНАТ. ҲИФЗИ МЕҲНАТИ ЗАНОН ВА ҶАВОНОН

Қонунгузории меҳнатӣ низоми васеи чорабиниҳоро барои ҳифзи ҳамаҷонибаи меҳнати кормандон пешбинӣ карда, як қатор қоидаҳоро дар хусуси фароҳам овардани шароити бехавфу безарари меҳнат ҷорӣ намудааст, ки онҳо ба қоидаҳои бехатарӣ, инчунин меъёрҳои махсус оид ба ҳифзи меҳнати баъзе гурӯҳҳои кормандон дахл доранд. Мувофиқи талаботи Кодекси меҳнат ҳифзи низоми чорабиниҳои ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию техникӣ, санитарию гигиенӣ табобатию пешгирикунанда ва барқароркунанда, ки Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кори шахсро дар ҷараёни меҳнат таъмин мекунад. Ҳамаи шаҳрвандоне, ки фаъолияти меҳнатии худро дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба роҳ мемонанд, ба ҳифзи меҳнат ҳуқуқ доранд. Ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо қисми ҷудонашавандаи раванди истеҳсолот мебошад. Корфармо уҳдадор аст, ки ҳифзи меҳнатро дар ташкилот таъмин намояд. Барои ин ӯ бояд шароити солиму бехатари меҳнатро муҳайё намуда, истифодаи воситаҳои пешқадами истеҳсолот ва равандҳои технологии мутобиқро таъмин намояд; истифодаи васеъ ва такмили доимии усулҳои техникӣ, ҷавобгарии иқтисодии ташкилот ва ҳавасмандии моддии кормандонро дар масъалаи ба садама дучор нашудан ба роҳ монад. Дар истеҳсолоти шароити кораш зарарнок ва хатарнок, инчунин дар корҳое, ки дар шароити махсуси ҳароратӣ гузаронида мешаванд ё ба ифлоскорӣ (чангу ғубор) вобастаанд, ба кормандон аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда ё бо қарори коллективҳои меҳнатӣ ройгон либосу пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ, шир ё дигар маҳсулоти ба он баробар, ғизоҳои табобатию профилактикӣ дода мешавад. Дар баробари ин, кормандон уҳдадоранд, ки қоидаҳо ва меъёрҳои муқарраршудаи техникаи бехатарӣ ва санитарии истеҳсолӣ аз муоинаи тиббии ҳатмии пешакӣ

ва дар ҳолатҳои пешбининамуда қонунгузорӣ дастурамали муҳофизати меҳнатро риоя намоянд, аз муоинаи тиббӣ гузаранд, инчунин воситаҳои муҳофизати дастаҷамъӣ ва инфиродиро дуруст истифода баранд.

Қонунгузор ба муҳофизати меҳнати занон ва ҷавонон таваҷҷуҳи махсус медиҳад, зероояндаи миллат, давлат аз солиму бардам будани онҳо вобастагии калон дорад. Қонун истифодаи меҳнати занон ва ноболиғонро дар корҳои зеризаминӣ, вазнин ва дар корҳои шароити меҳнатиаш зараровар, инчунин ба корҳои шабона ҷалб кардани занон, ба истиснои он соҳаҳое, ки ин хеле зарур аст, манъ кардааст.

Ба корҳои шабона, изофакориҳо ва ба кори рӯзҳои истироҳату ид ҷалб кардан, ба сафари хизматӣ фиристодани занони ҳомила, кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида иҷозат дода намешавад. Ҳамзамон, аз рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда бозхонд нашудан манъ аст. Заноне, ки фарзандони то чордаҳсола доранд, инчунин, дигар шахсоне, ки кӯдаки то синни чордаҳро бо модар тарбия мекунанд, танҳо бо ризояти худашон ба изофакорӣ ҷалб кардан ё ба сафари хизматӣ фиристодан мумкин аст.

## § 11. МУЗДИ МЕҲНАТ

Мувофиқи моддаи 35-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнати якхелаи кормандон музди баробар дода мешавад. Вобаста ба ҷинс, синну сол, нажод ва миллат камкунии андозаи музди меҳнат манъ аст. Музди кор бояд таҷассумгари заҳмати корманд бошад. Ба меҳнати баландихтисос, меҳнати аз ҷиҳати ҷисмонӣ вазнин ва сабук, кори мураккаб ё сода ҳар хел музд дода мешавад.

Музди меҳнати кормандон вобаста ба миқдор ва сифати заҳмати сарфшуда муқаррар карда мешавад. Ченаки сарфи меҳнат меъёрҳои меҳнатие (меъёри коркард, меъёри вақт, меъёри хизматрасонӣ) мебошанд, ки онҳоро корфармо дар мувофиқа бо намояндагони кормандон дар асоси ҳадди ақалли музди меҳнат, меъёрҳои тарифӣ ва коэффитсиентҳои

байнидарачавӣ, мувофиқи сатҳи дастовардҳои техникӣ, технологӣ ва ташкили истеҳсолот дар ҳолати барои кормандон муҳайё намудани шароити муътадили кор муқаррар мекунад. Андозаи музди меҳнат бо мувофиқаи байни корманд ва корфармо муқаррар карда мешавад. Музди кор ба кормандони то 18-сола дар сурати кӯтоҳ будани давомнокии кори ҳаррӯзаи онҳо ба ҳамон андозае дода мешавад, ки он ба гурӯҳи алоҳида кормандони дахлдор дар сурати пурра будани давомнокии кори ҳаррӯзаашон дода мешавад. Корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш уҳдадор аст ба корманд барои кори иҷро намудааш музди меҳнати муқарраршударо пардохт намояд. Корфармо уҳдадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш музди меҳнати якхела диҳад.

Музди меҳнат камтар аз андозаи ҳадди ақалли муқаррарнамудаи давлат буда наметавонад ва бо ягон ҳадди аксар маҳдуд карда намешавад. Музди меҳнати кормандон дар асоси меъёрҳои (маошҳои) соатбайъ ва (ё) моҳонаи тарифӣ пардохт карда мешавад, ки онҳоро шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва дар ташкилотҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда бошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд.

Муҳлати пардохти музди меҳнатро шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва ё дигар санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) муқаррар менамоянд, вале он дар ҳар ним моҳ камтар аз як маротиба буда наметавонад. Корфармо барои сари вақт напардохтани музди меҳнат мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО:

1. Чиро ҳуқуқи меҳнат меноманд?
2. Шартномаи меҳнатӣ чист?
3. Шартномаи меҳнатӣ аз кадом шартҳо иборат аст? 4. Кадом навъҳои шартномаи меҳнатиро медонед?
5. Шартномаи меҳнатӣ чӣ тавр баста мешавад?
6. Ба кори дигар гузаронидан аз ҷойивазкунӣ чӣ фарқ дорад?
7. Кадом намудҳои ба кори дигар гузарониданро медонед?

8. Асосҳои қатъгардии шартномаи меҳнатиро номбар кунед.

9. Бо ташаббуси корманд шартномаи меҳнатӣ чӣ тавр қатъ гардонида мешавад?

10. Дар кадом мавридҳо корфармо шартномаи меҳнатиро бо корманд бекор карда метавонад?

11. Дар бораи муҳлати санҷиш маълумот диҳед.

12. Вақти корӣ чист?

13. Намудҳои вақти кориро номбар кунед.

14. Вақти истироҳат ва намудҳои онро шарҳ диҳед.

15. Рухсатии меҳнатӣ ва намудҳои онро номбар кунед.

16. Ба ноболиғон чӣ гуна имтиёзҳо дода мешавад?

17. Интизоми меҳнат ва моҳияти онро шарҳ диҳед.

18. Барои вайрон кардани интизоми меҳнат кадом намудҳои ҷазо муқаррар карда шудаанд?

19. Муҳофизати меҳнат чист?

20. Дар бораи музди меҳнат маълумот диҳед.

# БОБИ VII. ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ

## § 1. ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ, ПРЕДМЕТ, МЕТОД, ПРИНСИП ВА САРЧАШМАҲОИ БАТАНЗИМДАРОРИИ ОН

Кишоварзӣ соҳаи муҳимтарини иқтисоди миллии мо ба шумор меравад, зеро аз инкишофи он пешрафти дигар соҳаҳо ва ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни мардуми мо вобастагӣ дорад. Дар кишвари мо навъҳои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ, ба монанди пахта, ғалла, картошка, пиёз, сабзӣ, карам ва ғайра истеҳсол карда мешаванд. Дар истеҳсоли онҳо нақши ширкатҳои хоҷагӣ, хоҷагиҳои давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, иҷоракорон, соҳибкорони инфиродӣ ва шаклҳои дигари ташкили ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ калон мебошад.

Муносибатҳои кишоварзӣ дар байни чунин субъектҳо ва дар рафти истеҳсолоти кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқи кишоварзӣ ба тартиб даровarda мешаванд. **Ҳамин тавр, ҳуқуқи кишоварзӣ аз низоми меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои кишоварзиро дар соҳаи истеҳсолоти хоҷагии** кишоварзӣ ба танзим медарорад. Дар зери мафҳуми истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ на танҳо истеҳсоли бевоситаи маҳсулоти рустанипарварӣ ва чорводорӣ, балки фурӯш ва коркарди аввалияи он аз ҷониби худи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар назар дошта мешавад. Бинобар ин, ба соҳаи қонунгузории кишоварзӣ фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва дигар бахшҳои истеҳсолӣ оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, сохтмони кишоварзӣ ва ғайра дохил намешаванд. Пас предмети ҳуқуқи кишоварзӣ маҳз ҳамон муносибатҳое шуда метавонанд, ки бевосита дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳуқуқи кишоварзӣ дорои методи ба худ хоси батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, зеро ҳамчун соҳаи комплексӣ дар он методҳои батанзимдарории соҳаҳои

гуногуни давлатӣ, маъмурӣ, молиявӣ, граждании, меҳнатӣ ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Ҳуқуқи кишоварзӣ муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси принсипҳои таъмини қонуният, озодии интихоби шакли хоҷагидорӣ аз ҷониби соҳибкорон, бехатарии экологӣ ва таъмини сифати маҳсулоти истеҳсолкардашуда, аз ҷониби давлат муқаррар намудани роҳҳои асосӣ ва афзалиятҳои рушди комплекси агросаноатӣ, озодии шартномавӣ, ҳифзи судии ҳуқуқи вайронкардашудаи иштирокчиёни муносибатҳои кишоварзӣ ва принсипи дар танзими муносибатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб гирифтани хусусияти истеҳсолоти кишоварзиро ба танзим медарорад.

Ба онҳо, пеш аз ҳама, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замин, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастовардҳои селексионии зироат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

## § 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶОРАВӢ

Иҷора шакли муҳимми танзими муносибатҳои кишоварзӣ ба шумор меравад. Вай ҳавасмандии кишоварзонро ба натиҷаи ниҳоии кор зиёд намуда, ҳосилнокии меҳнат ва масъулияти онҳоро баланд мебардорад. Муносибатҳои иҷоравӣ дар асоси Кодекси замин, Кодекси граждании ба танзим дароварда мешавад. Иҷора шакли махсуси хоҷагидорӣ буда, мувофиқи он молу мулк, замин ва дигар захираҳои табиӣ ба муҳлати муайян ва музднок дар асоси шартнома барои дар ихтиёр доштан ва истифодабарӣ гирифта мешавад.

Тибқи шартномаи иҷора, иҷорадеҳи замин ва дигар за-

хираҳои табиӣ уҳдадор мешавад, ки ба иҷорагир барои ихтиёрдории муваққатӣ замин ва дигар захираҳои табииро ба иҷора диҳад, иҷорагир бошад, уҳдадор мешавад, ки онҳоро мувофиқи таъйинот истифода бурда, маблағи иҷораро пардозад (моддаи 686-и Кодекси гражданӣ). Дар соҳаи кишоварзӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ҳуқуқ дорад заминро ба иҷора диҳад. Ҳамзамон замин истифодабарандагони якумдараҷа ва дуюмдараҷа, яъне шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва ё меросии заминро доранд ё қитъаи заминро дар асоси шартнома истифода мебаранд, ба иҷора диҳанд.

Дар соҳаи кишоварзӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иҷорагир буда метавонанд. Муносибати байни иҷорадеҳ ва иҷорагир дар асоси шартнома ба танзим даровarda мешавад. Он ихтиёран ва дар асоси баробарҳуқуқии тарафҳо баста мешавад. Шартномаи иҷораи замин бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Муҳлати ҳадди ақалли шартномаи иҷораи замин аз як навбати майдони киштгардон камтар буда наметавонад. Ҳамзамон шартномаи иҷораи қитъаи замин бе тағйир додани таъиноти мақсадноки қитъаи замин баста мешавад.

Тарафҳои шартномаи иҷора – иҷорадеҳ ва иҷорагир дорои уҳдадориҳои муайян мебошанд. Иҷорадеҳ уҳдадор аст замини таъиноти кишоварзиро ба иҷорагир дар ҳолате супорад, ки он барои таъиноти дар шартнома пешбинишуда мутобиқ бошад. Ҳамзамон, иҷорадеҳ уҳдадор аст чорабиниҳоро оид ба фароҳам овардани шароити зарурӣ (обрасонӣ, ҳосилхез кардани хок, роҳсозӣ ва таъмини он ва ғайраро) бо мақсади истифодаи самарабахши замини ба иҷора додашуда амалӣ намояд ё ба иҷорагир ҳангоми бо талаби иҷорадеҳ пеш аз муҳлат қатъ гардидани шартномаи иҷора хароҷоти анҷомдодаи ӯро оид ба арзиши ҳосили ҳанӯз ғундоштанашуда диҳад. Инчунин, дигар хароҷоти зарурииро, ки дар замини иҷоравӣ бо ризоияти иҷорагир сарф шудааст, ҷуброн намояд.

Иҷорагир бошад, уҳдадор аст заминро аз рӯйи таъйино-

таш истифода барад, заминро бе истифода нагузорад, барои беҳтар намудани ҳолати замин чораҳо андешад, ҳаққи иҷораро сари вақт пардозад ва баъди ба анҷом расидани мӯҳлати иҷора заминро дар ҳолати даркорӣ баргардонад.

Баъди ба охир расидани мӯҳлати шартнома иҷорагир ҳуқуқи аз нав барқарор намудани шартномаро дорад. Дар сурати набудани аризаи яке аз тарафҳо дар бораи қатъ кардан ё тағйир додани шартнома он ба ҳамон шартҳое, ки дар шартномаи пешина пешбинӣ шуда буд, дароз карда мешавад. Фаъолияти иҷоравӣ бо ризояти тарафҳо ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати амали шартнома, вафоти иҷоракор ва набудани ворисони ӯ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳам хӯрдани заминистифодабарандаи якумдараҷа, мунтазам насупоридани иҷорапулӣ ва вайрон кардани дигар шартҳои шартнома, мувофиқи мақсад истифода набурдани замин, истифода бурдани қитъаи замин бо усулҳое, ки боиси паст шудани ҳосилнокии замин, заҳролудшавии он бо маводи кимиёӣ, ҳаставӣ ва маводҳои дигар, ки боиси бад шудани вазъи муҳити зист мегардад, дар давоми як сол истифода набурдани қитъаи замин ва ҳолатҳои дигар қатъ мегардад.

Умуман, муносибатҳои иҷоравӣ ваколати хоҷагидории иҷорагиронро хеле васеъ карда, нақши онҳоро дар фаъолияти хоҷагидорӣ баланд мебардорад.

## § 3. ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)

Хоҷагии деҳқонӣ яке аз шаклҳои муҳими хоҷагидорӣ дар шароити ҳозира мебошад. Муносибатҳое, ки вобаста ба шакл ва фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ ба вуҷуд меоянд дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15-уми марти соли 2016 ба танзим даровarда мешаванд. Тибқи моддаи 1-и Қонуни мазкур хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) субъекти соҳибкорӣ мебошанд, ки дар он нигоҳдорӣ коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва дигар молумулки ба

онҳо таааллуқдошта асос ёфтааст. Ҳамин тавр, Қонуни мазкур хоҷагии деҳқониро ҳамчун навъи алоҳидаи шакли ташкилию ҳуқуқии фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ эътироф менамояд. Ба шаклҳои хоҷагии деҳқонӣ, мутобиқи моддаи 3-и Қонун, инҳо дохил мешаванд:

а) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, бо шумораи аз 1 то 50 нафар;

б) бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ бе назардошти шумораи аъзо.

Ҳоло тибқи қонунгузорӣ худи хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ эътироф карда шудааст, на роҳбари хоҷагии деҳқонӣ. Роҳбари хоҷагии деҳқонӣ манфиати онро дар муносибат бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ намояндагӣ менамояд, роҳбари умумиро ба фаъолияти хоҷагидорӣ амалӣ менамояд, тибқи шартномаи меҳнатӣ коргарони кирояро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд, шартнома ва дигар аҳдҳои ҳуқуқиро ба имзо мерасонад ва ғайра. Роҳбари хоҷагии деҳқонӣ яке аз аъзои қобили амали он шуда метавонад, агар ба синни ҳаждаҳ расида бошад. Шахсоне, ки дар хоҷагии деҳқонӣ аз рӯйи шартнома кор мекунанд, ба ҳайати хоҷагии деҳқонӣ дохил намешаванд ва муносибати меҳнатии онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба танзим даровара мешавад.

Хоҷагии деҳқонӣ дар заминаи қитъаи замин ва молумулки дигар таъсис дода мешавад. Қитъаи замин барои ташкили хоҷагӣ дар асоси аризаи шаҳрванд барои мероси якумра аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи ноҳия (шаҳр) дода мешавад. Ҳуқуқи истифодаи замин бо шаҳодатномаи ҳуқуқи истифодаи замин тасдиқ мегардад. Пас аз гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин хоҷагии деҳқонӣ дар мақомоти давлатии андози маҳалли ҷойгиршавии он ба қайд гирифта шуда, шуъбаи омори маҳаллӣ онро ба ҳисоб мегирад. Ҷамоати деҳот (шаҳрак) ҳар як хоҷагии деҳқониро дар дафтари хоҷагӣ ба ҳисоб гирифта, дар он маълумоти асосиро оид ба онҳо бояд ба қайд гирад.

Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва аъзои он ҳуқуқ доранд дар замин мустақилона хоҷагидорӣ намоянд, соҳиби маҳсулоти истеҳсолшуда ва даромад аз фурӯши он бошанд, ҳиссаи худро талаб намоянд, аз истифодаи замин ба таври ихтиёрӣ даст кашанд, сарфи назар аз ризояти дигар аъзои хоҷагии деҳқонӣ, мувофиқи саҳми худ аз ҳайати хоҷагии деҳқонӣ бароянд, шартномаҳо банданд, дар мавриди аз тарафи давлат бозпас гирифта шудани қитъаи замин ҷуброни пурраи зарарро талаб намоянд, аз баъзе канданиҳои фоиданоки табиӣ (рег, шағал, гил, санг, манбаъҳои об) истифода баранд, қитъаи заминро ба иҷора диҳанд, сервитути хусусиро ба қитъаи замин муқаррар намоянд, молу мулк ва ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагии деҳқониро мутобиқи қонунгузории маданӣ ба мерос гузоранд, ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро ба ҳуқуқи бегона кардани он ба гарав монад ва ғайра.

Ҳамзамон хоҷагии деҳқонӣ ва аъзои он, ки саҳми замини худро доранд, уҳдадоранд мутобиқи таъйиноти мақсаднок заминро истифода баранд, ҳосилхезии онро баланд бардоранд, ҳаққи истифодаи замин ва дигар навъҳои андозро дар вақташ супоранд, зарари паст шудани ҳосилхезии заминро, ки бо гуноҳи заминистифодабанда рӯй додааст, талофӣ кунанд, оиннома ва шартнома оид ба фаъолияти якҷояро риоя намоянд, уҳдадориҳои шартномавӣ, талаботи низоми ҳисоботӣ, муҳосибӣ ва низоми ҳисоби қарзиро риоя намояд, ҳуқуқи заминистифодабарандагони дигарро вайрон ва маҳдуд накунанд, ва ғайра. Баҳсҳо оид ба қатъ намудани фаъолият ва барҳам додани хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи суд тибқи тартиби муқарраркардаи қонун ҳал карда мешаванд.

## § 4. ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ

Хоҷагии ёрирасони шахсӣ хоҷагиест, ки бо меҳнати шахсии шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар пеш бурда мешавад. Пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба дӯши шаҳрванд ё

аъзои оилаи ӯ мебошад. Фарзандон, фарзандхондагон, падару модар, хешовандони дигаре, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуда метавонанд. Фаъолияти шаҳрвандон дар бобати пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ фаъолияти соҳибкорӣ намебошад. Муносибатҳое, ки доир ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба вуҷуд меоянд, аз тарафи қонунгузорӣ ба танзим даровarda шуда, асоси онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8-уми декабри 2003 ташкил медиҳад. Шаҳрванде, ки дорои қобилияти амалкунӣ мебошад, ба ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҳуқуқ дорад. Барои амалӣ намудани чунин ҳуқуқ вай метавонад қитъаи заминро ба мероси якумра ё бемуҳлат гирад. Чунин ҳуқуқро шаҳрванде, ки дар деҳот муқимӣ зиндагӣ мекунад ва ҳам шаҳрванде, ки сокини шаҳр ва шаҳракҳо мебошад, дорад. Қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба шаҳрванд барои истифодаи мероси якумра ё бемуҳлат аз ҳисоби фонди ягонаи давлатии замин бо пешниҳоди мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дар асоси қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи замин ҷудо карда мешавад. Ба қитъаи замини хочагии ёрирасони шахсӣ замини наздиҳавлигӣ ва дар мавриди зарурӣ қитъаҳои замини иловагӣ дохил мешаванд. Қитъаи замини наздиҳавлигӣ одатан. дар шафати манзили истиқоматӣ ва ҳамчунин имкон дорад дуртар аз он воқеъ бошад. Қитъаи замини иловагӣ ба шаҳрванд аз ҳисоби заминҳои фонди ягонаи давлат ҷудо карда мешавад. Баръакси қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар қитъаи замини иловагӣ сохтани биноҳо, иморату иншоот ва шинонидани дарахтҳои бисёрсола манъ аст.

Масоҳати қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба ҳар оила дар замини обӣ ба андозаи 0,12 гектар дар замини обёринашаванда 0,25 гектар мебошад. Дар ноҳияҳои навкорам ва кӯҳӣ ба андозаи то 0,15 гектар замини обӣ ва то 0,40 гектар замини обёринашаванда ҷудо карда мешавад, ки ба он масоҳати биною ҳавлӣ низ дохил мешавад (қисми 2-и моддаи 71-и

Кодекси замин). Қитъаи замини иловагие, ки барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон ҷудо карда мешавад, дар ҳаҷми 0,15 гектар дар заминҳои обёришаванда ва дар заминҳои лалмӣ дар ҳаҷми 0,50 гектарро ташкил карда метавонад.

Шаҳрвандоне, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян доранд. Онҳо ҳуқуқ доранд соҳиби молу мулк бошанд, молу мулкро мерос гиранд ва васият намоянд, ҳамроҳи дигар шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, шахси хуқуқӣ таъсис диҳанд, ҳама гуна аҳди хилофи қонун набударо анҷом диҳанд, дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ бо шарти риоя намудани меъёрҳои шаҳрсозӣ, бинокорӣ ва ҳамчунин талабҳои таъйиноти мақсадноки қитъаи замин хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ, иморату иншооти барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ зарурро бунёд намоянд, онҳоро аз нав созанд ё вайрон кунанд ва ғ.

Шаҳрвандони дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ уҳдадоранд, ки нигоҳубини қитъаи заминро таъмин намоянд, қитъаҳои заминро мақсаднок истифода намоянд, андози истифодаи қитъаи заминро сари вақт супоранд, қитъаи заминро дар давоми муҳлати муқарраркардаи қонунгузории замин ба кор дароранд, қоидаҳои беҳдошти санитарию гигиенӣ ва байтории нигоҳубини ҳайвонот, талаботи мелиоративӣ ва агротехникии парвариши зироатҳои кишоварзӣ, тартибу маҳдудиятҳо ба ҳуқуқи истифодаи заминро риоя намоянд, хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ, иморату иншоотро аз рӯйи талаботи меъморию нақшавӣ, бинокорӣ, экологӣ, беҳдошти санитарию гигиенӣ, зиддисӯхторӣ ва дигар талаботи меъёру қоидаҳои муқарраргардида бунёд кунанд, атрофи онро обод созанд ва ҳоказо.

Узвият дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар мавридҳои вафоти узви хоҷагии ёрирасони шахсӣ, пешниҳоди ариза дар бораи қатъи узвият, зиндагонӣ накардан ҳамроҳи аъзои боқимондаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ, зиёда аз як сол иштирок надоштан дар пешбурди якҷояи хоҷагии ёрирасо-

ни шахсӣ ба истисноӣ беморӣ, хизмати ҳарбӣ аз рӯйи даъват дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хориҷа рафтан ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ қатъ мегардад.

Молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ чорвою мурғ, занбӯри асал, дарахтони бисёрсола, хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ ва дигар иморату иншооти мавриди пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ, техника, асбобу афзори кишоварзӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар захираҳои моддӣ, инчунин маҳсулоти кишоварзӣ шуда метавонад. Молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсиро фақат бо ризояти ҳамаи аъзои он соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудан мумкин аст. Молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ мумкин аст бо талаби аъзои қобили амали хоҷагии ёрирасони шахсӣ мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим карда шавад. Ҳамзамон бо ин, ҷудо намудани ҳисса аз молу мулки якҷояи хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар мавриди қатъ гардидани узвияти аъзои он анҷом дода мешавад. Молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба мерос мегузарад.

Пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ мумкин аст дар ҳолатҳои муайян қатъ гардад. Қатъи пешбурди он дар асоси қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ гардонида мешавад. Пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо талаби яке аз аъзоёни хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё меросхӯре, ки майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагиро дошта бошад, бо сабаби гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё коммуналӣ, бо сабаби доштани дигар қитъаҳои замин аз пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ қатъ мегардад. Фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз рӯзи ба дафтари хоҷагӣ даровардани навиштаҷоти дахлдор, инчунин, сабт дар китоби қайди кумитаи ноҳиявии (шаҳрии) замин қатъ мегардад.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО:

1. Ҳуқуқи кишоварзӣ чиро меомӯзад?
2. Предмети омӯзиши ҳуқуқи кишоварзӣ аз кадом муносибатҳо иборат мебошанд?
3. Методи ҳуқуқи кишоварзӣ чист?
4. Сарчашмаҳои ҳуқуқи кишоварзиро номбар кунед.
5. Иҷора чист?
6. Муносибатҳои иҷоравӣ дар кадом асос ба вуҷуд меоянд?
7. Хоҷагии деҳқонӣ чист?
8. Шаклҳои хоҷагии деҳқониро номбар кунед.
9. Кӣ роҳбари хоҷагии деҳқонӣ шуда метавонад?
10. Кӣ ҳуқуқи ташкил намудани хоҷагии деҳқониро дорад?
11. Ҳуқуқу ухдадориҳои аъзоёни хоҷагии деҳқониро номбар кунед.
12. Фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ дар кадом мавридҳо қатъ мегардад?
13. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ чист?
14. Кӣ узви хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуда метавонад?
15. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз кадом қитъаи заминҳо иборат мебошад?

# БОБИ VIII. ҲУҚУҚИ ГУМРУКӢ

## § 1. ПРЕДМЕТ ВА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ ГУМРУКӢ

Баробари соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ нақши давлат дар танзими байналмилалии ивази мол, кору хизматрасониҳо ва иттилооти гуногун хеле афзуд. Ин раванд дар айни замон ба инкишофи босуръати иқтисоди бозорӣ ва афзоиши амалиёти содироту воридот мусоидат намуда, дар навбати худ боиси рушди муносибатҳои гумрукӣ дар кишвари мо гардид. Бо дарназардошти ин, давлат дар асоси санадҳои мушаххаси меъёрии ҳуқуқӣ низоми дахлдори гумрукии ҷойивазкунии мол ва воситаҳои нақлиётро ба воситаи сарҳад муқаррар намуда, пардохтҳои гумрукӣ ва навъҳои гуногуни андозро мерӯёнад, қоидаҳои гумрукӣ ва шаклҳои дигари таъсиррасонии ҳуқуқиву идоракуниро нисбат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян менамояд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор нисбат ба вайронкунандагони қоидаҳои гумрукӣ чора дида, дар соҳаи гумрук корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ ва пешгириро амалӣ мекунанд. Чунонки дар зиндагии ҳаррӯза мушоҳида мекунем, нақши муносибатҳои гумрукӣ дар қатори дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ мунтазам меафзояд. Он муносибатҳои ҷамъиятие предмети батанзимдарории ҳуқуқи гумрукӣ шуда метавонанд, ки дар байни мақомоти гумрук ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ доир ба ҷойивазкунии молҳо ва интиқоли воситаҳои нақлиёт ба воситаи сарҳади гумрукӣ ва тибқи қонун гузаронидани барасмиятдарорӣ, назорат ва рӯёнидани пардохтҳо ба вуҷуд меоянд.

Ин муносибатҳо масъалаҳои вобаста ба танзими гумрукию тарифӣ, манъ кардан ва ҷорӣ намудани маҳдудиятҳоеро дар бар мегиранд, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста ба интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муқаррар шудаанд.

Танзими муносибатҳои гумрукӣ бо ёрии ҳуқуқ ва бо роҳи муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии муайян амалӣ карда мешавад. Меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ муносибатҳои мақомоти гумрукӣ, шаҳрвандон, ташкилотҳо, инчунин, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро танзим намуда, ба онҳо дараҷаи махсуси ҳуқуқии гумрукӣ медиҳанд.

Субъектҳои чунин муносибатҳо дорандагони ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гумрукӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муносибатҳои гумрукӣ дар байни субъектҳои гуногун, аз ҷумла дар байни мақомоти гумрукӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ба вуҷуд меоянд. Агар чунин муносибатҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ ба танзим даровarда шаванд, чунин муносибатҳо ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ эътироф карда мешаванд.

Ҳама гуна меъёри ҳуқуқи гумрукӣ танҳо ба воситаи муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ дар таҷриба амалӣ мегардад. Муносибатҳои гумрукӣ дорои таркиби зерин мебошанд:

а) субъектҳои махсуси фаъолияти гумрукӣ;

б) объектҳои махсуси фаъолияти гумрукӣ;

в) ба воситаи муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ амалӣ гардидани фаъолияти субъектҳо ва объектҳо.

Ҳамзамон бо ин, муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ нисбат ба муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳои фарқкунанда мебошанд. Пеш аз ҳама, онҳо дар ҷараёни фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меоянд. Хусусияти ҳокимиятӣ доштани онҳо дар он ифода меёбад, ки аз як тараф ҳама вақт дорои ҳуқуқи талабкунӣ дошта, аз тарафи дигар уҳдадор аст, ки ба ин талабот итоат намояд. Масалан, тибқи зербанди з) моддаи 467-и Кодекси гумрук шаҳрвандон ва шахсони мансабдор уҳдадоранд ҳангоми иштирок дар амалиёти гумрукӣ ҳуҷҷатҳоеро, ки шахсияти онҳоро тасдиқ мекунанд, ба мақомоти гумрук пешниҳод намоянд. Хусусияти дигари характерноки муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ аз он иборат мебошад, ки ба сифати як тарафи ин муносибатҳо давлат баромад менамояд. Ҳамин тавр, муносибатҳои гум-

рукӣ хусусияти ҳокимияти оммавӣ дошта, тартиби ҷойивазкунии мол ва воситаҳои нақлиётро ба воситаи сарҳади гумрукӣ таъмин менамоянд.

Ба сифати субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ шахсони алоҳидае баромад менамоянд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ иштирок мекунанд. Вобаста ба хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ шумораи субъектҳои онҳо гуногун шуда метавонад, вале набояд камтар аз ду нафар бошад.

Мақомоти гумрук, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ шуда метавонанд. Ба сифати мақомоти гумрук мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ (Хадамоти гумрук), идораҳои минтақавии гумрук, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ шуда метавонанд.

Ба сифати шахсони воқеӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, баромад мекунанд. Шахсони ҳуқуқӣ низ дар муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ иштирок менамоянд. Онҳо ба шахсони ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ ҷудо мешаванд.

Объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҷойивазкунии молҳо ва интиқоли воситаҳои нақлиёт ба воситаи сарҳади гумрукӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд мебошанд, ки ҳаракати субъектҳои ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо равона карда шудааст. Хусусияти дигари ба худ хоси ҳуқуқи гумрукӣ методи батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Методи ҳуқуқи гумрукӣ маҷмӯи восита, усул ва тарзҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ба ҳуқуқи гумрукӣ мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқҳои комплексӣ методҳои гуногун хос мебошанд. Танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ на дар асоси як метод, балки тавассути методҳои гуногун, ба монанди методи иҷозатдиҳӣ, тавсия, маҳдуду манъномоӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи гумрукӣ ҳамчун соҳаи комплексӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки тавассути онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҷойивазнамоии мол ва интиқоли воситаҳои нақлиёт ба воситаи сарҳади гумрукӣ дар байни субъектҳои ҳуқуқи гумрукӣ, инчунин, гузаронидани барасмиятдарорӣ, назорат ва рӯёнидани пардохтҳо ба танзим дароварда мешавад.

## § 2. ВАЗИФА ВА САЛОҲИЯТИ МАҚОМОТИ ГУМРУК

Дар амалӣ намудани фаъолияти гумрукӣ мақомоти гумрук нақши асосӣ дорад. Мақомоти гумрук аз ҷумлаи мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ буда, ҳимояи истиқлолият, амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳангоми интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд. Ба мақомоти гумрук мақомоти ваколатдор (Хадамоти гумрук оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ), идораҳои минтақавии гумрукӣ, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ дохил мешаванд.

Мақомоти гумрук асосан дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешаванд. Дар дигар маҳалҳо мақомоти гумрук бо дарназардошти ҳаҷми муомилоти мол ва шумораи мусофирон, суръати рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷи минтақаҳои алоҳида, талаботи ташкилотҳои нақлиётӣ ва ғайра аз ҷониби мақомоти ваколатдори гумрук ҷойгир карда мешавад. Амалиёти гумрукӣ дар мавриди барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт аз ҷониби мақомоти гумрук ва воҳидҳои сохтории онҳо бевосита дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо гузаронида мешавад.

Мақомоти гумрук вазифаҳои таҳия ва амалӣ намудани сиёсати гумрукии Тоҷикистон, таъмини соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар доираи салоҳияти худ, риояи қонунгузории гумрук, ҳимояи манфиати давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хо-

риҷиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ, таъмини тартиби аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани молу маҳсулот ва воситаҳои нақлиёт, мубориза бар зидди қочоқ ва дигар ҷинояткориҳои ғайриқонунӣ, аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, силоҳу лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва маводи радиоактивӣ, арзишҳои фарҳангӣ, навъҳои ҳайвоноту набототе, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд, инчунин назорати асъории марбут ба молу воситаҳои нақлиёти аз сарҳади гумрукӣ интиқолшавандаро анҷом медиҳанд, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ таъмин мекунанд ва дигар уҳдадориҳои пешбиникардаи қонунгузориро иҷро менамоянд.

Ҳамзамон бо ин, мақомоти гумрук барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда дорои салоҳиятҳои муайян мебошанд, аз ҷумла онҳо ҳақ доранд ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти шаҳрвандон ва шахсони мансабдорро, ки дар амалиёти гумрукӣ иштирок менамоянд, тафтиш намоянд; аз шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ тасдиқномаи ваколати анҷом додани амалҳои алоҳида ё фаъолияти алоҳидаро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ талаб намоянд; парвандаҳоро доир ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ баррасӣ намуда, шахсонеро, ки барои вайрон кардани қоидаҳои маъмурӣ тибқи қонунгузорӣ гунаҳкоранд, ба ҷавобгарӣ кашанд; шахсонеро, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар дониста шудаанд ё онро содир намудаанд, ё содиркунандагони ҷиноят ё вайронкунандагони қоидаҳои маъмурии соҳаи фаъолияти мақомоти гумрукро мувофиқи қонунгузорӣ дастгир намоянд; оид ба далелу воқеаҳои марбут ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ва интиқолу нигоҳдории моли таҳти низоми назорати гумрукӣ нигоҳдоришаванда, борбардорию борфурорӣ ҳуҷҷат тартиб диҳанд, ба видео ва аудио сабт кунанд, акси онҳоро гиранд; робитаҳои байналмилалиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ муқаррар ва давом диҳанд, ва ғайра.

Ба хизмат дар мақомоти гумрук шаҳрвандоне қабул карда мешаванд, ки қобили амал мебошанд ва синнашон на кам аз 20-сол ва на зиёд аз 35 сол бошад. Корманди мақомоти гумрук бояд дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ё олӣ бошад. Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд, ки ягон кори муздноки муштаракро, ба истисноии фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгорӣ иҷро намоянд; ба фаъолияти соҳибкорӣ шахсан ё ба воситаи миёнарав машғул шаванд; мустақилона ё тавассути намоянда дар идораи субъектҳои хоҷагидорӣ ширкат варзанд; хизматрасонӣ ва имтиёзҳо бо истифода аз вазифаи хизматӣ ҳар гуна кумаки дар қонун пешбинишударо расонанд ва ғайра.

**СУОЛ ВА СУПОРИШҲО**:

1. Ҳуқуқи гумрукӣ чист?
2. Доир ба муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ ва таркиби он маълумот диҳед.
3. Субъектҳои ҳуқуқи гумрукиро номбар намоед.
4. Доир ба объектҳои ҳуқуқи гумрукӣ маълумот диҳед.
5. Вазифа ва салоҳияти мақомоти гумрукро шарҳ диҳед.
6. Ба хизмати гумрукӣ кадом шаҳрвандон қабул карда мешаванд?

# БОБИ IX. ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

## §1. ВАЗИФАҲО ВА ПРЕДМЕТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ. САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Хусусияти муҳимми давлати ҳуқуқбунёд дар волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, воқеӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон зоҳир мешавад ва ин ду аломати давлати ҳуқуқбунёд танҳо дар сурати тақсими ҳокимият имконпазир мегардад. Принсипи тақсими ҳокимият дар моддаи 9-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки мувофиқи он «ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсими он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад».

Дар кишвари мо бо қабул намудани Конститутсияи Тоҷикистон асосҳои конститутсионии ҳокимияти иҷроия гузошта шуданд ва ин шохаи ҳокимият дар низоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шохаи мустақил пазируфта шуд.

Мақсади мо аз таҳлили мухтасари принсипи тақсими ҳокимият аз он иборат аст, ки ин мавзӯъ бевосита бо яке аз соҳаҳои маъмули ҳуқуқ – ҳуқуқи маъмурӣ алоқа дорад. Гурӯҳи махсуси муносибатҳои ҷамъиятие, ки онҳоро ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим медарорад, маҳз дар соҳаи идоракунии давлатӣ, яъне дар ҷараёни ташкил ва фаъолияти низоми ҳокимияти иҷроия дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд.

Предмети танзимсозии ҳар як соҳаи ҳуқуқро доира ва хусусияти муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян месозад, ки тавассути ҳамон соҳаи ҳуқуқ ба танзим дароварда мешавад.

Аз ин рӯ, предмети ҳуқуқи маъмурӣ он муносибатҳое мебошанд, ки онҳо тавассути меъёрҳои маъмурӣ ба танзим дароварда шуда, бо фаъолияти давлатию идоракунӣ алоқаманданд. Ин муносибатҳо идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои идоракунии ғайридавлатиро дар бар мегиранд.

Хусусияти асосии ин муносибатҳо дар он ифода мегардад, ки онҳо нисбат ба идоракунии давлатӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Ин чунин маънӣ дорад,

ки муносибатҳои зикршуда доир ба ташкил ва фаъолияти ҳокимияти иҷроия дар ҳамаи самтҳои сохтори марзию маъмурии Тоҷикистон (ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ) вобастаанд. Ҳамин гуна муносибатҳо, ки чӣ хеле мураккаб ё гуногун нашаванд, предмети ҳуқуқи маъмуриро ташкил медиҳанд.

Ин доираи муносибатҳоро ба таври умумӣ муносибатҳои ташкилӣ меноманд, ки фаъолияти асосии идоракунии давлатӣ – иҷроиявию амрдиҳӣ ба таркиби он дохил мешавад. Муносибатҳои ташкилиро ҳамчун предмети танзими маъмурию ҳуқуқӣ ба чор навъ ҷудо мекунанд: 1) муносибатҳои ташкилию идоракунӣ дар соҳаи амалигардонии ҳокимияти иҷроия (идоракунии давлатӣ); 2) муносибатҳои ташкилӣ дар ҳама зинаҳои низоми идоракунии умумӣ ва соҳаҳои фаъолияти давлатӣ; 3) муносибатҳои ташкилию назоратии умумидавлатӣ ва 4) муносибатҳои ташкилии маъмурию адлиявӣ.

Ҳамаи ин чор навъи муносибатҳо ба воситаи меъёрҳои маъмурию ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, ки ин меъёрҳо дар навбати худ аз рӯйи мазмун ба чор намуд ҷудо мешаванд:

–ӯҳдадоркунанда (вазифадоркунанда);

–манъкунанда;

– ваколатдоркунанда;

–ҳавасмандкунанда.

Аксари меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ӯҳдадоркунанда мебошанд, яъне иҷрои амалҳои муайянро барои субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ ҳатмӣ мешуморанд. Масалан, меъёрҳо оид ба ваколати мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни он, меъёрҳо оид ба тартиби кор бо арзу шикоят ва мурочиатҳои шаҳрвандон ва ғайра.

Тавассути меъёрҳои манъкунанда бисёр амалҳои номатлуб пешгирӣ карда мешаванд. Масалан, меъёрҳое, ки таркиби ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро ташкил медиҳанд.

Ба меъёрҳои ваколатдоркунанда меъёрҳое дохил мешаванд, ки ба мақомот, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳуқуқу ваколатҳои муайянро пешниҳод мегардонанд.

Хусусияти меъёрҳои ҳавасмандкунанда дар андешидани чораҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ аз ҷониби субъектҳои дахлдори ҳуқуқи маъмурӣ зоҳир мешавад.

Муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ танзим мешаванд ва меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ шарти асосии пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии маъмурист.

Муносибатҳои иштирокчиёни ҳуқуқи маъмурӣ ба уфуқӣ (масалан, байни вазоратҳо ва муассисаҳои тобеи онҳо), амудӣ (масалан, байни ду вазорат) аз рӯйи идомаи амал – ба таъҷилӣ, кӯтоҳмуддат ва бемуҳлат, аз рӯйи ҳаҷм ва мавқеашон дар низоми танзими маъмуриву ҳуқуқӣ ба умумӣ, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ ҷудо мешаванд.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи маъмурӣ гуфта шаклҳои ифодаёбии меъёрҳои маъмуриро меноманд, ки онҳо асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои маъмуриро ташкил медиҳанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади волотарини ҳуқуқӣ сарчашмаи асосии ҳуқуқи маъмурӣ, инчунин қонунҳое, ки ба воситаи раъйпурсӣ қабул карда мешаванд, ба ҳисоб меравад.

Дар ҷойи дуюм қонунҳои конститутсионӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи маъмурӣ эътироф мешаванд (масалан, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми майи соли 2001, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17-уми майи соли 2004 ва ғайра).

Дар ҷойи сеюм қонунҳои ҷорӣ қарор доранд, ки ба вазъи ҳуқуқии мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ бахшида шудаанд (масалан, Қонун «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти соли 2008).

Дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқи маъмурӣ кодексҳо ҷойи махсусро ишғол мекунанд (масалан, «Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ», Кодекси расмиёти маъмурӣ, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси гумрук, Кодекси замин ва ғайра).

Ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи маъмурӣ санадҳои меъёрии зерин – қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, фармоишҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, қарорҳои кумитаҳои давлатӣ, қарорҳои Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, қарорҳои раисони ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) эътироф карда мешаванд, ки муносибатҳои муайяни идоракуниро танзим менамоянд.

## § 2. СУБЪЕКТҲОИ (ИШТИРОКЧИЁНИ) ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Ҳуқуқи маъмурӣ чун соҳаи мустақили ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки аз тарафи давлат муқаррар карда мешаванд, иҷозат ва кафолат дода мешаванд ва барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятие равона мегарданд, ки доир ба амалисозии ҳокимияти иҷроия ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд.

Аз ин рӯ, доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ танзим мегарданд, ба амалисозии ҳокимияти иҷроия дахл доранд. Яъне ин муносибатҳо дар байни:

–мақомоти ҳокимияти иҷроия ва сохторҳои он;

–ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шаклҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.;

–мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шаҳрвандон, аз ҷониби дигар дар байни мақомоти ҳокимияти иҷроия ва иштирокчиёни берунаи муносибатҳои шартномавӣ;

–мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сурат мегиранд.

Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мақоми он

дар ҳар соҳаи ҳуқуқ ҳар хел маънидод мешавад. Масалан, дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун шахсони воқеӣ баромад карда, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ эътироф мешаванд. Дар муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ бошад, мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва дар баъзе ҳолатҳо ташкилоту муассисаҳо, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ низ ба ҳайси субъектҳои ҳуқуқ баромад мекунанд.

Дар ҳуқуқи маъмурӣ субъект ин иштирокчӣ ё тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳокимияти иҷроия аст, ки доир ба амалисозии функсияҳои идоракунӣ ваколатҳои дахлдори давлатӣ, яъне ҳокимият дорад. Одатан, ба сифати муносибатҳои маъмурии ҳуқуқӣ (ҷониби идоракунанда) мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдор баромад мекунанд, ки ирода ва манфиати давлатро дар шакли расмӣ дар амал татбиқ менамоянд. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун инчунин, судҳо (ҳангоми баррасии парвандаҳои маъмурӣ) ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои идоракунӣ дар нақши субъект буда метавонанд: масалан, иттифоқҳои касаба муассисаҳои санаторию курортиро идора мекунад.

Объекти идоракунӣ бошад, шахсони воқеию ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар соҳаи ҳокимияти иҷроия ҳуқуқу вазифаҳо доранд, аммо ҳамчун тарафи идорашаванда эътироф мегарданд. Ба онҳо шаҳрвандон, хизматчиёни давлатӣ, мақомоти идоракунии ташкилоту сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, корхонаву муассисаҳо, ҳокимияти иҷроия дар низоми худидораи маҳаллӣ ва ташкилоту созмонҳои хориҷӣ дохил мешаванд. Амалан фаъолияти ин одамон ва иттиҳодияҳои онҳо оид ба татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳояшон дар соҳаи ҳокимияти иҷроия ва рафтори бошууронаи онҳо объекти идоракунӣ мебошад.

Бештари муносибатҳои маъмурии ҳуқуқӣ бо тартиби маъмурӣ ҳифз карда мешаванд.

Масъалаи муҳимми дигар он аст, ки субъекти ҳуқуқи маъмурӣ метавонад фақат дар ҳолати мавҷуд будани воқеияти ҳуқуқӣ субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ бошад. Шахс ё ташкилоте субъекти ҳуқуқи маъмурӣ номида мешавад, ки дар шароити муайян метавонад иштирокчии муносибатҳои идоракунӣ бошад. Онҳо метавонанд индивидуалӣ (фардӣ) - шаҳрвандон, хизматчиёни давлатӣ ва коллективӣ (мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилоту созмонҳои ғайридавлатӣ) бошанд.

Субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ танҳо дар сурати вуҷуд доштани се шарт метавонанд субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ бошанд:

–меъёрҳои маъмурии ҳуқуқӣ, ки субъектро муайян карда, ҳуқуқу вазифа ва ҷавобгарии ҳуқуқии онро муқаррар мекунанд;

–қобилияти ҳуқуқдории маъмурӣ ва қобилияти амалкунии субъект;

–далели ҳуқуқӣ, яъне асоси пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани муносибати ҳуқуқӣ.

Ҳамин тариқ, субъектҳои ҳуқуқи маъмуриро ба ду гурӯҳ – инфиродӣ (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, хизматчиёни давлатӣ) ва коллективӣ тақсим мекунанд. Субъектҳои коллективӣ дар навбати худ ба ду гурӯҳи дигар ҷудо мешавад. Ба гурӯҳи аввал инҳо дохил мешаванд:

–ташкилотҳои давлатӣ;

–мақомоти ҳокимияти иҷроия;

–бахшҳои таркибии мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки дорои салоҳияти ҳудудӣ мебошанд;

–мақомоти идоракунии корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ.

Ба гурӯҳи дуюм инҳо дохил мешаванд:

–ташкилотҳои ғайридавлатӣ;

–мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

–мақомоти идоракунии ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ;

–муассисаҳои хусусӣ;

–муассисаҳои хориҷӣ.

Дар Тоҷикистон, ташкилоту созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ низ метавонанд ба ҳайси субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ эътироф карда шаванд. Онҳо дар чунин нақш дорои қобилияти ҳуқуқдории маъмурӣ мебошанд. Аммо онҳо дар муносибатҳои мушаххаси маъмурии ҳуқуқӣ бевосита иштирок намекунанд. Қобилияти амалкунии маъмурӣ ба уҳдаи мақомоти ҳокимияти иҷроия ё идоракунӣ дар муқоиса бо шаҳрвандон гузошта мешавад, ки ин ду сифати ҳуқуқиро дар худ дошта метавонанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки на вилоят, шаҳр, ноҳия, корхона, ҳизби сиёсӣ ё иттиҳодияи ҷамъиятӣ, балки мақомоти идоракунии онҳо субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ҳисоб мешаванд.

Барои ҳар соҳаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи маъмурӣ муайян кардани субъектҳои он кори муҳим аст. Ҳангоми шахс ё ташкилотеро ба ҳайси субъекти ҳуқуқ эътироф кардан қонун мақоми ҳуқуқии онҳоро муайян карда, онҳоро дар муносибат бо давлат, мақомоти он ва дигар шахсон равшан менамояд.

## § 3. ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Чунончи дар мавзӯи пешина ишора кардем, ба ҳуқуқи маъмурӣ як қатор субъектҳо, аз ҷумла шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо, ҷомеаҳои меҳнатӣ, бахшҳои таркибии ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра дохил мешаванд, ки миёни онҳо шаҳрвандон ҳамчун шахсони воқеӣ мавқеи аввалиндараҷа доранд. Зеро дар қисми 2-и моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки «***Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад***». Зиёда аз ин, моддаи 10-и Конститутсия афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нисбат ба қонунҳои миллӣ эътироф намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро аз 10-уми декабри соли 1948 ба тасвиб расонидааст ва тибқи муқаррароти Конститутсия ин санади муҳимми байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвари моро ташкил медиҳад. Дар моддаи 6-и Эъломияи мазкур таъкид шудааст, ки «ҳар як инсон, дар ҳар кучое, ки қарор дошта бошад, ба эътирофи ӯ ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ ҳақ дорад».

Бояд гуфт, ки зери мафҳуми «шахси воқеӣ» инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ фаҳмида мешавад. Ба мазмуни ҳуқуқӣ шахсони ҷисмонӣ – шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд ҳамчун шахсони воқеӣ фаҳмида мешаванд. Ҳамин тавр, байни субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ шаҳрвандон ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Дар ин ҷо шаҳрванде дар назар дошта мешавад, ки функсияи ҳокимиятӣ-амрдиҳӣ надорад, дар ташкилоти муайян кор мекунад ё кор намекунад (масалан, хонанда, нафақахӯр).

Вазифаи асосии ҳуқуқи маъмурӣ таъмини манфиати давлат мебошад, ки ба воситаи манфиати ҳар як шаҳрванд ва ҷомеа дар маҷмӯъ амалӣ гардонида мешавад. Эътироф кардан лозим аст, ки давлат барои шаҳрвандон ва ҷомеа вуҷуд дорад, на баръакс. Ҳамин аст, ки дар Конуститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст: «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз мекунад».

Вазъи маъмуриву ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон ҷузъи муҳим ва таркибии мақоми ҳуқуқии умумии онҳоро ташкил мекунад, ки бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8-уми августи 2015, дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар карда шудааст.

Мазмуни вазъи маъмуриву ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро инҳо ташкил медиҳанд:

а) маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ устувор гардонида шудаанд;

б) кафолати татбиқи ин ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳифзи онҳо

ба воситаи қонун ва роҳу усулҳои ҳимоя аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

Шаҳрванд нисбат ба инсон ҳуқуқу уҳдадориҳои бештар дорад. Шахсоне, ки шаҳрванди Тоҷикистон нестанд, аз ҳуқуқҳои ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда маҳруманд, масалан, ҳуқуқи ба мансаби Президент интихоб шуданро надоранд.

Вазъи маъмуриву ҳуқуқии ин шаҳрвандон аз рӯйи андоза ва хусусияти қобилияти субъекти ҳуқуқи маъмурӣ будани онҳо муқаррар карда мешавад, ки онҳо аз қобилияти ҳуқуқдории маъмурӣ ва қобилияти амалкунии маъмурӣ иборатанд.

Зери мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории маъмурии шаҳрванд ба маънии имконияти бо қонун эътирофшудаи субъекти ҳуқуқи маъмурӣ будан, доштани ҳуқуқ ва уҳдадории характери маъмуриву ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Ҳаҷм ва мазмуни ин гуна қобилияти ҳуқуқдорӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ муқаррар ва тағйир дода мешавад. Хусусиятҳои муҳимми он дар Конститутсия сабт шудаанд. Мутобиқи Конститутсия санадҳои ҳуқуқии зиёде қабул шудаанд, ки ин ё он паҳлуи вазъи ҳуқуқиву маъмурии шаҳрвандонро дар маҷмӯъ ва дар соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа ба танзим даровардаанд. Масалан, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандон дар масъалаи ҳимояи Ватан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29-уми ноябри соли 2000 ба таври муфассал зикр шудаанд.

Қобилияти амалкунии маъмурии шаҳрванд ин қобилияти бо амалиёти (рафтори) шахсӣ ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳои хислати маъмуриву ҳуқуқидошта ва амалисозии онҳост. На ҳама шаҳрвандон қобилияти якхелаи амалкунии маъмурӣ доранд, ки ин ба хусусиятҳои хоси муносибатҳои идоракунӣ ва доштани таҷриба, ақлу заковат, эҳсоси масъулият дар бобати амали худ вобастагӣ дорад. Масалан, дар моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

хизмати давлатӣ» аз 5-уми марти соли 2007 ҳолатҳое, ки ба хизмати давлатӣ қабул шудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд, пешбинӣ гардидаанд.

Албатта, тибқи Конститутсия ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқу уҳдадориҳои якхела ва баробар доранд. Ҳуқуқи маъмурӣ ба амалишавии ин ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои конститутсионӣ ба таври гуногун таъсир мерасонад, махсусан дар ҳолатҳое, ки агар муқаррароти конститутсионӣ ба мушаххасгардонӣ ниёз дошта бошад, ё дар мавриди ҳамкории шаҳрвандон бо сохторҳои идоракунӣ ва назорати онҳо бо мақсади риояи принсипи конститутсионии «татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд набояд ҳуқуқу озодии дигар шахсонро халалдор кунад».

Ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадориҳои зерини шаҳрвандон дар ҳамкорӣ ва таъсири мутақобила бо сохторҳои идоракунӣ амалӣ карда мешаванд:

–Ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба иштирок кардан дар идоракунии давлат бевосита ё ба воситаи намояндагони худ. Ин бо ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва ё интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ вобастагӣ дорад.

–Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ва ҳуқуқи созмон додани иттифоқҳои касаба барои ҳифзи манфиатҳои худ.

–Ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишу роҳпаймоиҳо. Ҳарчанд ки дар Конститутсия оид ба тартиби гузаронидани ин чорабиниҳо чизе гуфта нашудааст, вале дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо» аз 31-уми декабри соли 2014 доир ба ташкили чорабинии оммавӣ, иштирокчии чорабинии оммавӣ, ариза дар бораи баргузор намудани чорабинии оммавӣ, ҷойҳои гузаронидани чорабиниҳо, ҷойҳои барои чорабиниҳо маҳдуд ё манъшуда, вақти гузаронидани чорабиниҳо ва ғайра мавҷуданд.

–Ҳуқуқи шахсан мурочиат кардан ба мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ё фиристодани мурочиатҳои умумӣ.

–Ҳуқуқи шаҳрванд ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ.

–Дахлнопазирии манзил.

–Ҳуқуқ ба чойивазкунӣ.

–Ҳуқуқ ба озодии иттилоот.

–Ҳуқуқ ба чуброни зарари аз тарафи мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор расонидашуда.

Чараёни татбиқи ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ асоснок карда шудаанд, пешбинӣ мекунад, ки онҳо амали ҳуқуқиро анчом диҳанд.

## § 4. МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ИЧРОИЯ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Дар мачмӯъ, истилоҳҳои «мақомоти ҳокимияти ичроия» ва «мақомоти идоракунии давлат» ҳангоми муайян кардани вазъи маъмуриву ҳуқуқии мақомоти дахлдор ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно истифода шудаанд. Мақомоти ҳокимияти ичроия, пеш аз ҳама, ташкилоте мебошанд, ки як чузъи дастгоҳи давлатӣ маҳсуб шуда, сохтори худ, салоҳият ва фаъолияти ҳудудӣ доранд, бо тартиби муқарраркардаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил карда мешаванд, дар кори худ усулҳои муайянро истифода мебаранд, ҳуқуқи бо супориши давлат баромад кардан доранд, бо тартиби фаъолияти ичроиявӣ ва амрдиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ, фарҳангӣ ва маъмуриву сиёсӣ роҳбарӣ мекунанд.

Аз аломатҳои дар ин таъриф зикршуда моҳияти мақомоти ҳокимияти ичроия маълум мегардад, ки онҳо бо ҳамин аз дигар мақомоти давлатӣ (масалан, қонунгузор, судӣ) ва ғайридавлатӣ фарқ мекунанд.

Сохтори дохилии ҳокимияти ичроия аз роҳбар ва чонишинони вай, мақомоти коллегиалии идоракунӣ ва кормандони дастгоҳ иборат аст. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобили-

яти амалкунии маъмурии мақомоти ҳокимияти иҷроия бо ташаккул ёфтан ва муайян шудани салоҳият пайдо шуда, бо барҳам додани онҳо қатъ мегардад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳамчун ҷузъи дастгоҳи давлатӣ ҳамарӯза корҳоро оид ба татбиқи вазифаҳои идоракунӣ ва функсияҳои давлат анҷом медиҳанд. Онҳо бо таъйиноти худ, мазмуни кор ва методи фаъолияташон аз мақомоти ҳокимияти судӣ ва қонунгузор фарқ мекунанд.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия аз номи давлат баромад мекунанд, аз ин рӯ, онҳо дорои ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ мебошанд. Мақомоти ҳокимияти иҷроия аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд, яъне дорои қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ низ мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пойдории давлат ва мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад.

Тибқи моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти Президент аз инҳо иборат аст:

1. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;

2. Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

3. Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад;

4. Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро таъйин ва озод мекунад; фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

5. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд;

6. Санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми му-

холифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё боз медорад;

7. Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад ва фармонро барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

8. Номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд;

9. Бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад;

10. Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад;

11. Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад;

12. Судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо таъйин ва озод мекунад;

13. Раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад;

14. Ба қонунҳо имзо мегузорад;

15. Низоми пулиро муайян менамояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

16. Ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад;

17. Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

18. Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъйин ва озод мекунад;

19. Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд;

20. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад; фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъйин ва озод мекунад;

21. Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад;

22. Барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризояти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад;

23. Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;

24. Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад;

25. Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;

26. Масаълаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунад;

27. Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад;

28. Шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз мегардонад;

29. Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд.

Ин меъёрҳои конститутсионӣ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ инкишоф дода шудаанд.

Мувофиқи Қонуни конститутсионии мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳокимияти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олӣ, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад; ба низоми мақомоти идораи давлатӣ роҳбарӣ намуда, фаъолият ва мутобиқати ҳамкории онҳоро таъмин мекунад. Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари

ҳокимияти иҷроия мебошад. Раиси Ҳукумат ба фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, барои самаранок амалӣ гардидани ваколатҳои он тадбирҳо меандешад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Сарвазир, муовини якум ва муовинон, вазирон ва раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад ва фармонҳоро дар ин хусус ба тасдиқи Маҷлиси Олӣ пешниҳод менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои зерин мебошад: идоракунии равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, фароҳамсозии шароит барои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; муайян ва татбиқ кардани сиёсати давлатӣ, молиявӣ, андоз ва қарз; идоракунии объектҳои моликияти давлатӣ, бастани қарордодҳо бо роҳбарони онҳо; ташкили таҳия ва иҷрои буҷети давлатӣ, ояндабинӣ ва барномаҳои муҳимтарини тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ; таҳияи пешниҳодҳо дар бораи сохтори Ҳукумат, ташкил, азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораю дигар мақомоти идораи давлатӣ ва хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон; андешидани тадбирҳо доир ба ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоии шаҳрвандон, ҳуқуқи онҳо ба меҳнат, такмили низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ; дигар ваколатҳоеро, ки Қонуни конститутсионӣ пешбинӣ намудааст.

Шакли асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки оид ба масъалаҳои баррасишаванда қарор қабул мекунад.

Ҳангоми зарурат, бо иҷозати хаттии Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё бо супориши ӯ бо иҷозати хаттии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои алоҳидаи хусусияти фаврӣ дошта, мумкин аст бе гузаронидани маҷлис бо роҳи пурсиши хаттии аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарафдории аз нисф зиёди аъзои Ҳукумат қабул карда шаванд.

Ба намуди дигари субъектони ҳуқуқи маъмурӣ мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия дохил мешаванд. Тибқи Конститутсия ҳокимияти маҳаллӣ аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат аст. Онҳо иҷрои Конститутсия, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд (м.76).

Низоми мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия тибқи сохтори маразиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад. Ба ин низом мутобиқан мақомоти давлатии иҷроияи маҳаллии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо дохил мешаванд, ки ба он раис роҳбарӣ менамояд. Раис сарварии ҳам мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва ҳам роҳбарии ҳокимияти иҷроияро дар маҳал ба иҷро мерасонад. Тартиби ба вазифа таъйин намудан ва аз он озод намудани раисро моддаи 78 Конститутсия ва моддаи 18 Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» муқаррар намудааст. Раисони мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро Президент ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод мекунад. Агар Маҷлиси вакилони халқи дахлдор номзадии раисро тасдиқ накунад, Президент ҳуқуқ дорад ӯро такроран ба Маҷлиси вакилони халқ барои тасдиқ пешниҳод намояд ё шахси дигарро ба ин вазифа таъйин намуда, барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқ пешниҳод намояд.

Раиси мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар доираи ваколати худ қарор ва амр қабул мекунад.

Раис таъминоти фаъолияти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии дастгоҳи худро ташкил ва тағйир медиҳад. Низомномаи дастгоҳ, сохтор ва шумораи штатии онро дар доираи лимити шумораи умумии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, ки маблағгузории дастгоҳ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ сурат мегирад.

Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба принсипҳои зайл асос меёбад: қонуният ва адолати иҷтимоӣ; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ; ба таври демократӣ, ошкоро ва бо дарназардошти гуногунандешии сиёсӣ ҳал намудани масъалаҳо; масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти худ дар назди аҳолӣ; изҳори иродаи аҳолӣ ба воситаи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор; мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҳалли масъалаҳои ваколати худ; ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, ки дар доираи ваколаташон қабул шудаанд; яккасардории фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия доир ба масъалаҳои ваколати худ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ҳисоботдиҳанда ва масъул мебошад.

## § 5. МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ (ҶАМОАТ) ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Асосҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷузъҳои он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17-уми майи соли 2004 муқаррар карда шудаанд.

Сохтори мақомоти худидоракунии маҳаллиро худи аҳолӣ мустақилона муайян мекунад. Муайян кардани вазъи мақомоти намояндагии худидораи маҳаллӣ ба соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ дахл дорад. Ҳуқуқи маъмурӣ вазъи мақомоти худидораи маҳаллиро, ки функсияҳои дорои хусусияти идоракуниро амалӣ мегардонанд, муқаррар месозад. Тибқи моддаи 78-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд». Тартиби интихоби Ҷамоат (раис, муовинони ӯ

ва котиб), ваколатҳо, сохтор ва ташкили фаъолият, инчунин ваколатҳои раиси онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5-уми августи соли 2009 муқаррар намудааст.

Мақоми худидоракунии шаҳрак ва деҳот мувофиқан Ҷамоати шаҳрак ва Ҷамоати деҳот мебошанд.

Ҷамоатҳо дар амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон ҷиҳати иштирок дар идораи корҳои ҷамъият ва давлат ёрӣ мерасонанд, онҳоро барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагии қаламрави худ, ҳалли масъалаҳои муҳимме, ки бевосита ба манфиати аҳолӣ дахл доранд, муттаҳид месозанд, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар иҷрои талаботи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси дахлдори вакилони халқ ва раисони онҳо мусоидат мекунанд. Дар кори ҷамоатҳо шаҳрвандоне иштирок мекунанд, ки синнашон ба 18-солагӣ расидааст ва дар қаламрави мазкур доимӣ истиқомат мекунанд.

## § 6. ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Мафҳуми «хизматчии давлатӣ» дар қонунгузории мо нав аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ пештар таҳти ин мафҳум иҷрои фаъолияти меҳнатии хизматчиёни ташкилотҳои давлатӣ мувофиқ бо вазифаҳои ишғолнамуда барои амалӣ намудани вазифаи давлатӣ фаҳмида мешуд. Акнун тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5-уми марти соли 2007 «хизматчии давлатӣ» шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст.

Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой ва нақши мақоми давлатӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои давлат, тат-

бикӣ салоҳияти мақомоти давлатӣ, хусусияти ваколати мансабҳои мушаххас ва аҳаммияти онҳо дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим мешаванд.

Мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ, категорияҳои мансабҳои давлатӣ дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Дар моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» принсипҳои зерини хизмати давлатӣ муқаррар карда шудаанд: волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз taҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ; садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон; инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ; хусусияти дунявӣ доштани хизмати давлатӣ; ғайриҳизбӣ будани хизматчиёни давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ки тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд; шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ғайр аз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад; касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ; ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ; ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ; устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ; болоравии мансаби хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ; баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ.

Дар қонуни мазкур ҳуқуқу уҳдадориҳои умумии хизматчиёни давлатӣ муқаррар шудаанд. Онҳо қоидаҳои умумии рафтор ва амали хизматчиёни давлатӣ, шароит ва ҳаҷми дорои хислати ташкилиро зоҳир мекунанд, ки барои амалисозии салоҳият аз рӯйи мансаби ишғолнамуда мувофиқат мекунанд.

Ғайр аз ҳуқуқу уҳдадорӣ қонуни мазкур барои хизматчиёни давлатӣ як қатор маҳдудиятҳо низ пеш мегузорад, ки мақсади онҳо устувории ахлоқи хизматчӣ аст. Масалан,

ба хизматчии давлатӣ ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ ба дигар кори муздаш баланд даромадан манъ аст.

Ӯ ҳуқуқ надорад, ки узви мақомоти идоракунии ташкилоти тиҷоратӣ бошад, захираҳои давлатӣ ва иттилоотии хизматиро бо мақсади ғайрихизматӣ истифода барад, барои иҷрои вазифаи хизматӣ тухфаҳо қабул кунад ва ғайра.

Кафолатҳои давлатӣ барои иҷрои фаъолияти пурсамари хизматчии давлатӣ хеле муҳим мебошанд. Дар қонун як қатор кафолатҳо номбар шудаанд, ки онҳоро давлат ба уҳда гирифтааст, аз ҷумла: шароити корӣ барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ; музди меҳнат; рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва дигар рухсатиҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус бо нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар, бо тартиби муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи таҳсил; суғуртаи ҳатмии давлатӣ барои беморӣ ё гум кардани қобилияти корӣ, фавт ё расондани зарар ба саломатӣ ва молу мулки ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ; таъмини нафақа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; таъмини нафақаи хизматчии давлатӣ дар ҳолати фавти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ, ки таҳти саробониаш қарор доранд; ҳатман гирифтани розигии хизматчии давлатӣ ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигар (ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон); ҳимояи хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва наздикони ӯ аз зӯроварӣ, таҳдид ва дигар кирдорҳои ғайриқонунии вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ; таъмини имконияти баландравии мансабӣ; ҷуброни зарар ҳангоми пурра ё қисман гум кардани қобилияти меҳнатӣ.

## § 7. ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Қобилияти субъекти ҳуқуқи маъмурӣ будани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ комплекси ҳуқуқу уҳдадориҳои ба онҳо

тааллуқдоштаро дар бар мегирад, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо субъектҳои ҳокимияти иҷроия амалӣ мешаванд. Масъалаҳои нисбатан муҳим вобаста ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12-уми майи соли 2007 сабт шудаанд. Ин қонун мундариҷаи ҳуқуқи шаҳрвандро ба муттаҳидӣ, кафолатҳои давлатӣ дар ин соҳа, мақоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, тартиби бунёд, тағйирёбӣ ва барҳамдиҳии онҳоро муқаррар месозад.

Дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба кори иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва баръакс роҳ дода намешавад. Мақомоти адлия иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба қайд мегиранд. Иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳақ дорад, ки бақайдгириро анҷом надиҳад, дар ин ҳолат он шахси ҳуқуқӣ намегардад. Мақомоти адлия бо мақсадҳои оинномавиаш мувофиқ будан ё набудани иттиҳодияро назорат мекунанд. Мақомоти молия масъалаҳои даромади иттиҳодия ва пардохти андозҳоро назорат мекунанд. Муҳимтарин уҳдадории иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ риояи қонунҳост. Дар ҳолати вайрон кардани муқаррароти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қатъ карда мешавад.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки хусумати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро тарғиб менамоянд ё зӯран ба сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват мекунанд, манъ аст.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, дар назди қонун баробар мебошанд. Фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба принсипҳои ихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ, худидорӣ ва қонуният асос меёбад.

Бо созмонҳои ҷавонон, кӯдакон, созмонҳои хайрия, ташкилотҳои маъюбон давлат кумаки моддию молиявӣ мерасонад.

Аз тарафи давлат бо маблағ таъмин намудани фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки мақсадҳои сиёсӣ доранд, манъ аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳо-

дияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таъсис дода мешаванд ва амал мекунанд.

Иттиҳодияи ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ, иттиҳодияи ҷамъиятие мебошад, ки фаъолияти худро мувофиқи мақсадҳои оинномавӣ метавонад дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд, намояндагиҳо ва филиалҳо дошта бошад.

Иттиҳодияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ тааллуқ доранд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар сурати вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар мавриди аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ содир шудани амалиёте, ки аз доираи мақсад ва вазифаи дар оинномаи он муайянгардида берун аст ё қонунҳои ҷорӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро вайрон мекунанд, ба мақомоти роҳбарикунандаи ин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби мақоме, ки онҳоро ба қайд гирифтааст ё аз ҷониби прокурор огоҳии хаттӣ дода мешавад. Огоҳии хаттӣ то муроҷиат кардан ба суд дар хусуси қатъ намудани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дода мешавад.

## § 8. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ ВА ҶАЗОИ МАЪМУРӢ

Мувофиқи моддаи 17-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкоронаи шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ мебошад, ки содир намудани он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда мешавад.

Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамон вақт қасдан содиршуда эътироф мегардад, ки агар шахс зидди ҳуқуқ будани кирдори худро донад ва оқибатҳои зараровари онро пешбинӣ карда бошад, инчунин фаро расидани оқибатҳои кирдорашро хоста бошад.

Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамон вақт аз беэҳтиётӣ содиршуда эътироф мегардад, ки агар шахси гунаҳкор оқибатҳои зарарноки кирдори худро пешакӣ донад, вале бепарвоёна ва бе асосҳои кофӣ ба пешгирии чунин оқибатҳо умед бандад ё эҳтимоли ба вуқӯъ пайвастани чунин оқибатро пешбинӣ накарда бошад, ҳарчанд мебоист ва мумкин буд онро пешбинӣ намояд, инчунин, ғайриқонунӣ будани кирдори худро бояд медонист. Чунонки аз таърифи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фаҳмида мешавад, ин навъи кирдор аз амал ё беамалӣ иборат аст.

Беамалӣ дар он сурат ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дониста мешавад, ки дар қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории шахс дар хусуси бо амалҳои худ бартараф кардани фарорасии ин ё он оқибатҳо пешбинӣ шуда бошад.

Шахс барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шарте гунаҳкор дониста намешавад, ки кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии вай гумроҳона содир шуда бошад ва ӯ сар задани ин гумроҳиро пешбинӣ карда натавониста бошад.

Шахси ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шарте ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки барои риояи меъёру қоидаҳое, ки тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барояшон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст, имконият доштанаш муқаррар шуда бошад, вале ӯ барои риояи онҳо на ҳамаи чораҳоро андешидааст.

Ба шахси ҳуқуқӣ таъйин кардани ҷазои маъмурӣ шахси воқеии гунаҳгорро ба сабаби ҳуқуқвайронкунии мазкур аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намекунад ва ҳамзамон ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ кашида шудани шахси воқеӣ шахси ҳуқуқиро аз ҷавобгарии маъмурӣ ба сабаби ин ҳуқуқвайронкунӣ озод намекунад.

Кирдори шахс ба шарте ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф карда намешавад, ки он аз ҷониби вай дар ҳолати зарурати ниҳоӣ содир шуда бошад. Зарурати ниҳоӣ, расонидани зарар, барои рафъи хавфест, ки бевосита ба манфи-

атҳои қонунан ҳифзшавандаи давлат, ҷамъият ва шахс таҳдид мекунад, яъне дар ин ҳолат бо дигар тарзу восита рафъи он хавф имконнопазир гардад ва зарари расонида нисбат ба зарари бартарафшуда камтар бошад.

Шахс ҳангоми таваккали асоснок расонидани зарар ба манфиатҳои тибқи Кодекси зикршуда муҳофизатшаванда ҷиҳати ноил шудан ба мақсади барои ҷомеа фоиданок ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳисоб намеёбад. Таваккал дар ҳолате асоснок эътироф мешавад, ки ноил шудан ба мақсади мазкур бо амал (беамалии) ба таваккал марбутнабуда имконнопазир бошад ва шахсе, ки таваккал кардааст, бояд барои пешгирии зарар тамоми чораҳои заруриро андешида бошад. Таваккал кардан ба ҳаёт ва саломатии одамон манъ аст. Агар таваккал баръало бо фалокати экологӣ ё офати ҷамъиятӣ алоқаманд бошад, асоснок эътироф карда намешавад.

Мувофиқи қонун шахси воқеие ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синнаш ба 16-солагӣ расида бошад.

Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад.

Ноболиғон низ мувофиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) метавонанд ҳолатҳои мушаххаси парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва маълумоти марбут ба ноболиғро, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дар синни аз шонздаҳ то ҳаждаҳ содир кардааст, ба назар гирифта, он ноболиғро аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намоянд.

Баъди аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдори ваколатдор қабул гардидани қарори аз ҷавобгарии маъмурӣ озод кардани ноболиғ парванда дар ҳаққи ӯ барои татбиқ намудани чораҳои таъсиррасонӣ ба Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак фиристода мешавад.

Агар шахси воқеие, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҳолати номукаллафӣ қарор дошта бошад, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад. Номукаллафӣ ин ҳолатест, ки бар асари бемории рӯҳии

доимӣ, парешонии муваққатии рӯҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусияти воқеӣ ва зиддиҳуқуқии кирдори (амал ё беамалии) худро дарк ё онро идора карда наметавонад.

Шахси мансабдор, шахси ба вай баробаркардашуда ва соҳибкори инфиродӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Шахси мансабдор барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо сабаби иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои хизматиаш ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани ин ҳолатҳо шахси мансабдоре, ки дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гунаҳгор аст, тибқи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Таҳти мафҳуми шахси мансабдор шахсе фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё дар асоси ваколатҳои махсус вазифаҳои намояндаи ҳокимияти давлатиро анҷом медиҳад, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсоне, ки тобеияти хизматӣ доранд, ваколатҳои амрдиҳӣ дорад, инчунин шахсе фаҳмида мешавад, ки дар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагиро иҷро менамояд.

Роҳбарон ва кормандони ташкилотҳо, ки дар робита ба иҷрои вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмурию хоҷагӣ ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, ҳамчун шахсони мансабдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Соҳибкорони инфиродӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бинобар сабаби иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Таҳти мафҳуми соҳибкори инфиродӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамояд.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зерини ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро пешбинӣ намудааст:

–дар соҳаҳои истифодаи замин, сарватҳои зеризаминӣ, захираҳои об, ҷангал, ҳифзи олами ҳайвонот, наботот ва истифодаи захираҳои табиӣ; - кишоварзӣ; - алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, телевизион, радиошунавонӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма;

– энергетика ва истифодаи захираҳои энергетикӣ, саноат, фаъолияти меъморию шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ;

– қонунгузории бонкӣ, гумрук, андоз;

– суғуртаи иҷтимоии давлатӣ;

– стандартизатсия, метрология, сертификатсия, аккредитатсия, савдо ва хизматрасонӣ;

– кайҳон, геодезия, харитасозӣ, топография ва ғайра.

**2) Вобаста:**

– ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– ба ҳифзи саломатӣ, вазъи санитарию эпидемиологии аҳолӣ;

– ҳифзи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

– ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ;

– ба меъёрҳо ва қоидаҳои байторию санитарӣ;

– ба қоидаҳои кимиёии ҳифзи рустанӣ;

– ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ба манзил, хоҷагии коммуналӣ, ободонӣ;

– ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, тартиботи идоракунӣ, адолати судӣ, коррупсия ва ғайра.

Тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъ-

мурӣ аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдор (шахси мансабдор) баррасӣ карда мешаванд.

Ҷазои маъмурӣ бо мақсади дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо дар тарбия кардани шахси ҳуқуқвайронкунандаи маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар татбиқ карда мешавад.

Ҷазои маъмурӣ чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Набояд фаромӯш кард, ки ҷазои маъмурӣ ҳаргиз мақсади таҳқири шаъну эътибори шахси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содирнамуда ё расонидани ранҷу озори ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, тарсонидан, ҳама гуна табъиз ё таҳқири шаъну эътибори инсонии шахси воқеиро надорад.

Барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ чунин навъҳои ҷазои маъмурӣ муқаррар ва татбиқ карда мешаванд:

– огоҳӣ;

– ҷаримаи маъмурӣ;

– боздошти маъмурии амали иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият;

– маҳрум кардан аз иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият;

– маҳрум кардани шахси воқеӣ аз ҳуқуқи махсус;

– боздошти маъмурии намуди муайяни фаъолият;

– бо подош ситонидани ашёе, ки олоти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё объекти бевоситаи он мебошад;

– мусодираи ашёе, ки олоти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё объекти бевоситаи он мебошад;

– бо роҳи маъмурӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд;

– ҳабси маъмурӣ.

Татбиқ намудани ҷазоҳои маъмурӣ хусусиятҳои хоси

худро дорад. Онҳо вобаста ба навъи ҳуқуқвайронкунӣ, шахсияти ҳукуқвайронкунанда, ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷавобгарӣ татбиқ карда мешаванд. Масалан, огоҳӣ як навъи ҷазои маъмурӣ буда, дар шакли хаттӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахси ҳуқукувайронкунии маъмуриро содиркарда дода мешавад. Танбеҳи шифоҳӣ, ки ба ҳуқуқвайронкунанда баён карда шудааст, огоҳӣ ҳисобида намешавад.

Ҷаримаи маъмурӣ намуди ҷазои маъмурӣ буда, ба тарзи ситонидани пул ба фоидаи давлат сурат мегирад ва аз тарафи судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси содиркардаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъин карда мешавад.

Андозаи ҷаримаи маъмурӣ ба ҳисоби фоиз ва ё карат вобаста ба инҳо муқаррар карда мешавад:

– нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок аз рӯзи ошкор карда шудани он муқаррар гардидааст;

– аз арзиши ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар вақти хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар гардидааст, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок аз рӯзи ошкор шудани он;

– аз маблағи пардохтнашудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ё амалиёти асъории ғайриқонунӣ, ки бояд пардохта шаванд, дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок дар рӯзи ошкор шудани он муқаррар гардидаанд;

– аз арзиши корҳои иҷрошуда.

Шахси воқеӣ аз ҳуқуқи махсус (ҳуқуқи идора кардани воситаҳои нақлиёт, шикор, нигоҳ доштан, бо худ гирифта гаштани силоҳи оташфишон, истифодаи воситаҳои радиоэлектронӣ ва ё дастгоҳҳои баландбасомад, истифодаи қитъаи замин ва ғайра), ки ба ӯ дода шудааст, барои содир намудани

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бинобар дағалона ё ба таври мунтазам риоя накардани қоидаҳои истифодаи он маҳрум карда мешавад. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи махсус ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол муқаррар карда мешавад.

Ҷазои маъмуриро судя дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи махсус таъин мекунад.

Бо роҳи маъмурӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бетабаа ҳамчун ҷазои маъмурӣ, аз маҷбуран берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бетабаа (бетабаият) аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ мешавад:

– агар кирдори (амал ё беамалии) онҳо бархилофи манфиати таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ё бархилофи манфиати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ бошад;

– агар ин чора барои ҳифзи саломатӣ ва маънавиёти аҳолӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони дигар зарур бошад;

– агар онҳо талаботи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накарда бошанд.

Ҳабси маъмурӣ ҳамчун ҷазои маъмурӣ аз муваққатан маҳрум кардани шахс аз озодӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва бо роҳи маҷбуран ҷалб кардани ӯ ба кори фоиданоки ҷамъиятӣ иборат аст.

Ҳабси маъмурӣ ҷудо нигоҳ доштани ҳуқуқвайронкунанда аз ҷамъият буда, ба муҳлати аз як то понздаҳ шабонарӯз ва барои риоя накардани низоми вазъи фавқулода то 30 шабонарӯз муқаррар гардида, аз тарафи судя таъин карда мешавад. Ҳабси маъмурӣ нисбат ба зани ҳомила, зане, ки таҳти тарбияаш кӯдаки то 14-сола дорад, шахси ба синни 18-солагӣ нарасида, маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, инчунин нисбат ба шахсе, ки ба синни нафақа расидааст, татбиқ карда намешавад.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО :

1. Бигӯед, ки мақсади асосии принсипи таҷзияи ҳокимият аз чӣ иборат аст?

2. Ҳуқуқи маъмурӣ кадом гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад?

3. Кадом навъи муносибатҳо муносибатҳои идоракунӣ номида мешаванд?

4. Меъёрҳои ҳукуқи маъмурӣ ба чанд намуд ҷудо мешаванд ва чӣ гуна вазифаҳо доранд?

5. Намудҳои муносибатҳои ҳукуқи маъмуриро шарҳ диҳед.

6. Сарчашмаҳои ҳуқуқи маъмурӣ кадомҳоянд?

7. Кадом намуди муносибатҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим даровarda мешаванд?

8. Субъектҳои ҳуқуқи маъмуриро номбар кунед.

9. Субъектҳои инфиродӣ ва коллективии ҳуқуқи маъмуриро аз ҳам ҷудо намоед.

10. Барои пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ кадом омилҳо заруранд?

11. Қобилияти амалкунии маъмурӣ чӣ маънӣ дорад?

12. Ба ёд биёред, ки киҳоро шахсони воқеӣ мегӯянд?

13. Мақоми маъмуриву ҳуқуқии шаҳрванд кадом унсурҳоро дар бар мегирад?

14. Қобилияти ҳукуқдории маъмурии шаҳрванд чист?

15. Дар ҳамкорӣ ва таъсири мутақобила бо сохторҳои идоракунӣ кадом ҳукуқу озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд?

16. Таърифи мақомоти ҳокимияти иҷроияро гӯед ва нишонаҳои ҳуқуқии онро муайян намоед.

17. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии маъмурии мақомоти ҳокимияти иҷроия аз кадом лаҳза оғоз мешавад?

18. Ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ба кадом принсипҳо асос меёбад?

19. Салоҳияти Президентро тибқи моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар кунед.

20. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташ чӣ гуна санадҳои меъёрӣ қабул мекунад?

21. Асосҳои ҳуқуқии мақомоти худидораи маҳаллӣ ва ҷузъҳои онро кадом санадҳои ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд?

22. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот чист ва кадом мақомот ҳукуқи ташкили онро дорад?

23. Кадом мақомот ҳукуқи даъват кардани Ҷамоатро дорад?

24. Мафҳуми «хизматчии давлатӣ»-ро аз нигоҳи ҳуқуқи маъмурӣ шарҳ диҳед.

25. Принсипҳои хизмати давлатиро номбар кунед ва гӯед, ки онҳо дар фаъолияти корӣ чӣ аҳамият доранд?

26. Хизматчии давлатӣ аз рӯйи вазифа чӣ гуна ҳуқуқҳо дорад?

27. Чаро нисбат ба хизматчиёни давлатӣ дар қонун як қатор маҳдудиятҳо пеш гузошта шудаанд?

28. Кафолатҳои давлатӣ барои иҷрои фаъолияти хизматчии давлатӣ кадомҳоянд?

29. Кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад?

30. Чаро дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба кори иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ манъ карда шудааст?

31. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз кадом ташкилоту муассисаҳо иборат шуда метавонанд?

32. Ҳуқуқҳои иттиҳодияи ҷамъиятиро барои ба амал баровардани мақсадҳои оинномавиашон номбар кунед.

33. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис ва фаъолияти чӣ гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ манъ карда шудаанд?

34. Таърифи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро гӯед.

35. Дар кадом ҳолатҳо ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан содиршуда эътироф карда мешавад?

36. Ҳолатҳои аз беэҳтиётӣ содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро шарҳ диҳед.

37. Беҳаракатӣ дар кадом ҳолат ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дониста мешавад?

38. Кадом ҳолатҳо асоси озод намудан аз ҷавобгарии маъмурӣ шуда метавонанд?

39. Таҳти мафҳуми шахсони мансабдор чӣ гуна шахсон дар назар дошта мешаванд?

40. Навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро номбар кунед.

41. Ҷазои маъмурӣ чист ва он бо кадом мақсад татбиқ мешавад?

42. Намудҳои ҷазоҳои маъмуриро номбар кунед.

# БОБИ X. ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

## § 1. МАФҲУМ, ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

Маълум аст, ки ҳар гуна таҷовуз ба неъматҳои бо қонун ҳимояшавандаи иҷтимоӣ барои ҷамъият хавфнок аст, аммо чизи дигар низ маълум аст, ки дараҷаи ин хавфнокӣ метавонад гуногун бошад ва бинобар ин, тарзу усулҳои ҳимояи он низ гуногун шуда метавонад.

Муҳимтарин масъалае, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳалли он машғул аст, асосҳо ва ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятист. Ҳамаи дигар масъалаҳо аз ҳамин масъала сарчашма мегиранд ва табиатан дуюмдараҷа маҳсуб мешаванд. Табиист, ки масъала оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд дар ҳолати мушаххас нисбат ба кирдори ҷинояткоронае, ки сазовори ҷазост, ҳал карда шавад. Мундариҷаи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мафҳумҳои «ҷиноят», «ҷавобгарии ҷиноятӣ», «ҷинояткор» ва «ҷазо» ҳамчун категорияҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқии универсалӣ ифода мегардад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ кирдори ҷиноятиро бо мақсадҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Кирдори ҷиноятиро ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, аз ду ҷиҳат меомӯзад: ҳамчун муносибати ҷинояткор ба объекти ҷиноят, неъмати ҷамъиятӣ ё давлатӣ ва ҳамчун муносибати давлат ба ҷинояткор.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ду функсия – функсияи муҳофизатӣ ва функсияи танзимкунандагӣ иборат аст. Ҳардуи ин функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба якдигар алоқаманданд ва якҷоя моҳияти механизми ҷиноятро танзим мекунанд.

Ғайр аз ин, ҳуқуқи ҷиноятӣ функсияи тарбиявӣ низ дорад, ки тавассути мусоидат кардан ба инкишофи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Бо роҳи қабули қонунҳои ҷиноятӣ давлат ба шаҳрвандон мефаҳмонад, ки чӣ гуна кирдорҳо барои ҷамъият хавфнок мебошанд. Ғайр аз ин, татбиқи қонуни ҷиноятӣ на фақат ба шахсе, ки қонунро вайрон кардааст, балки ба дигарон низ таъсир мерасонад.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъият дигаргуниҳои азим ба амал омаданд. Чунин ҳолат ба вазифаҳо ва таъйиноти ҳуқуқи ҷиноятӣ низ таъсир расонид. Мисоли равшани ин, пеш аз ҳама, бо роҳу усулҳои ҷиноятию ҳуқуқӣ ба муҳофизат гирифтани ҷамъият, ҳуқуқ ва вазифаҳои он, инчунин муҳофизати баробари шаклҳои гуногуни моликият мебошанд.

Ба ибораи дигар, вазифаи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифзи ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон, ҳама шаклҳои моликият, амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, муҳити атроф, асосҳои сохти конститутсионии давлат аз кирдорҳои ҷинояткорона мебошад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи ҷиноятӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки дар онҳо ҷиноят будани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ва татбиқ кардани ҷазо нисбат ба шахсони ҷиноят содирнамуда, инчунин асос, шарт ва тартиби ҷавобгарӣ барои ҷинояти мушаххас, тартиби таъйин намудани ҷазо ва озод кардан аз ҷазо, тартиби сафарбар намудани аҳли ҷамъият ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ислоҳ ва азнавтарбиякунии маҳкумшудагон нишон дода мешаванд.

Предмети танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки онҳо бинобар содир шудани ҷиноят пайдо мешаванд. Содиршавии ҷиноят далели ҳуқуқӣ буда, муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ба вуҷуд меорад.

Вазифаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки пеш аз ҳама, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ, сохти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, моликият ва умуман тартиботи ҳуқуқиро аз таҷовузҳои ҷинояткорона муҳофизат намояд.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ сарчашмаи худро дорад. Сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо қонуни ҷиноятӣ буда, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтааст.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи илми ҳуқуқ принсипҳои муайяни худро дорад.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ ифода шуда, тавассути

ин меъёрҳо инъикоси худро дар институтҳо ва муқаррароти алоҳидаи он меёбанд. Принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкорӣ, адолат, инсондӯстӣ ва демократизм аз ҷумлаи ин принсипҳо мебошанд.

Принсипи қонуният дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар моддаи 20-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки «то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ҳеҷ кас гунаҳкор дониста намешавад».

Принсипи қонуният дар он ифода меёбад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд мувофиқ ба қонуни ҷиноятӣ мавриди ҷазо қарор дода шавад.

Принсипи баробарӣ дар назди қонун чунин мазмун дорад, ки шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, эътиқоди динӣ, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, маҳалли истиқомат ва ғайра дар назди қонун баробаранд ва бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Мувофиқи мазмуни принсипи ногузирии ҷавобгарӣ шахси ҷинояткарда ҳатман бояд таҳти ҷазо қарор гирад.

Моҳияти принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкорӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар кас танҳо барои кирдори шахсан содирнамудаи худ таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор мегирад.

Шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки гуноҳаш дақиқ муайян шуда бошад. Барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мумкин нест.

Принсипи адолат дар моддаи 8-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зерин ифода ёфтааст: «Ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳкор мувофиқ бошад».

Моҳияти принсипи адолат дар он зоҳир мешавад, ки ҳангоми таъйини ҷазо суд бояд баъди таҳлили объективо-

наи ҷинояти содиршуда ва шахсияти гунаҳкор қарори дахлдор қабул намояд.

Принсипи инсондӯстӣ ба ҳамин мазмун аст, ки ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноӣ, ки нисбат ба шахси ҷиноят содирнамуда истифода мешаванд, мақсади озори ҷисмонӣ ва таҳқири шаъну эътибори инсонро надоранд.

Давра ба давра қабул гардидани қонунҳои авф, истифодаи ниҳоди маҳкумкунии шартӣ ва пеш аз муҳлат озод намудан аз адои ҷазо низ исботи татбиқи амалии ҳамин принсип мебошанд.

## § 2. ТАВСИФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ

Аз нигоҳи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни ҷиноятӣ ягона сарчашмаи меъёрҳои ҷиноятиву ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Қонунгузории ҷиноятии амалкунандаро дар айни замон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 майи соли 1998) ташкил медиҳад.

Кодекси ҷиноятӣ санади бонизоми қонунгузорӣ буда, қабл аз ҳама асосҳо ва принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунад, кирдорҳои ба шахсияту ҷамъият ва давлат хавфнок ва ҳамчун ҷиноят эътирофшавандаро муайян намуда, навъҳои ҷазо ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқи ҷиноятидоштаро муқаррар мекунад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қисмҳои умумӣ ва махсус иборат аст. Дар қисми умумӣ вазифа ва принсипҳои қонуни ҷиноятӣ, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ (боби 1), амали қонуни ҷиноятӣ дар замону макон (боби 2) инъикос шудаанд. Махсусан дар фасли 2 мафҳум ва намудҳои ҷиноят, ашхосе, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд, дар бораи гуноҳ, ҷиноятҳои нотамом ва хотимаёфта, ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, мушаххас шудаанд.

Дар фасли 2 боби 3 бошад, мафҳум ва намудҳои ҷазо ва таъйини ҷазо муқаррар гардидаанд. Дар фасли минбаъда

ҳолатҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, озод кардан аз ҷазо, масъалаҳои авф, бахшиши ҷазо, доғи судӣ ва сафедкунӣ, дар фасли 5 хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон маънидод шудаанд. Фасли 6 мақсад, асоси таъйин кардан ва тартиби татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ мебошад.

Ҳамин тавр, қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ ба масъалаҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ дахл дорад. Қисми махсус бошад, ҷиноятҳоро ба таври мушаххас муайян намуда, барои содир намудани ҳар яке аз онҳо ҷазои муайянро муқаррар мекунад. Бояд зикр кард, ки меъёрҳои ҳар ду қисми Кодекси ҷиноятӣ якдигарро пурра мекунанд. Меъёрҳои қисми умумӣ асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро муайян мекунанд ва дар қисми махсус бошад, таркибҳои ҷиноятӣ мушаххас нишон дода шудаанд.

Дар фасли 7 ҷиноятҳо ба муқобили шахсият инъикос ёфтаанд. Ба ин гурӯҳ, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият, озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шаҳрванд, оила ва ноболиғон дохил карда шудаанд.

Дар фасли 8, ки «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ» унвон дорад, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ, бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт гирд оварда шудаанд. Дар фасли 9 ҷиноятҳо амнияти экологӣ ва муҳити зист зикр шудаанд.

Фасли 10 ҷиноятҳоро ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ дар бар мегирад. Дар фасли 11 силсилаи ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, алалхусус, ҷиноятҳои ба муқобили моликият ва ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ мушаххас шудаанд.

Фасли 12 ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотиро дар бар мегирад. Дар фасли 13 ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ зикр шудаанд, ки онҳо иборат аз ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, ҳокимияти давлатӣ, тартиботи идора ва адолати су-

диро фаро гирифтаанд. Фасли 14 табсираи ҷиноятҳоро ба муқобили хизмати ҳарбӣ дар бар мегирад. Дар фасли охирин, яъне фасли 15 ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният зикр шудаанд.

## § 3. МАФҲУМ ВА НИШОНАҲОИ ҶИНОЯТ

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 17) ҷиноятро кирдори аз ҳаракат ё беҳаракатӣ содиршудаи гунаҳкоронаи барои ҷамъият хавфнок меҳисобад, ки ба шахсият, ҷамъият ва давлат зарар мерасонад ё бо расонидани зарар таҳдид ба амал меоварад. Чунин кирдор ҳаракат ё беҳаракатиро қонуни ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст. Дар таърифи додашудаи ҷиноят ҳам хусусияти расмӣ ва ҳам моддӣ зикр шудаанд, чунки дар он ҳам аломати расмӣ – кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъкардашуда ва ҳам аломати моддӣ – барои ҷамъият хавфнок пешбинӣ шудаанд.

Ҳамин тавр, ҷиноят дорои аломатҳои зерин мебошад: хавфнок будан барои ҷамъият; амали зиддиҳуқуқӣ будан; гунаҳкорӣ; сазовори ҷазо будан.

Аломатҳои ҷиноят мундариҷаи онро ошкор намуда, имконият медиҳанд, ки ҷиноят аз дигар навъи ҳуқуқвайронкуниҳо фарқ карда шавад. Ҷиноят, пеш аз ҳама, кирдорест, ки дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ ифода меёбад. Шахс бояд имконияти дарк намудани мазмун ва аҳаммияти кирдори худро дошта бошад. Кирдори шахс бояд бошуурона, иродавӣ, ихтиёрӣ ва мақсаднок содир шавад.

Танҳо кирдоре ҷиноят эътироф мешавад, ки барои ҷамъият хавфнок бошад. Ба ҷамъият хавфнок будан яке аз хусусиятҳои асосии иҷтимоии (моддии) ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Моҳияти хавфнок будани кирдор дар он ифода меёбад, ки он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонад ё таҳдиди чунин зарарро ба вуҷуд меорад. Аз ҳамин сабаб барои ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Набудани ҷиҳати хавфнокӣ барои ҷамъият имконияти ҷиноят эътироф гардидани кирдорро сарфи назар мекунад.

Масалан, кирдорҳои камаҳамият, амалҳое, ки дар ҳолатҳои мудофиаи зарурӣ ва зарурати ниҳоӣ содир шудаанд, ҷиноят эътироф намешаванд. Ба ҷамъият хавфнок будани кирдор аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад: арзиши объекти ҳифзшаванда, характер ва ҳаҷми оқибати амали ҷиноятӣ, тарзу восита, вақт, ҷой ва ҳолатҳои дигари содир шудани ҷиноят.

Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ тавсифи миқдории ҷиноят аст, ки хусусиятҳои зоҳирии онро, аз ҷумла арзиши объекти таҷовузшуда, дараҷаи гуноҳ ва ҳаҷму андозаи зарарро муайян мекунад. Қонунгузор дараҷаи хавфнокии ҷиноятҳои мушаххасро ба эътибор гирифта, ҳолатҳоеро муқаррар намудааст, ки ҷазоро сабук ё баръакс, вазнин мекунанд.

Аломати муҳимми дигари ҷиноят амали зиддиҳуқуқӣ ё худ зиддиқонунӣ будани кирдори мушаххас аст. Кирдори ба ҷамъият хавфнок ҳамон вақт ҷиноят маҳсуб мешавад, ки агар дар моддаҳои мушаххаси қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ инъикос шуда бошад. Ба ибораи дигар, зиддиҳуқуқӣ будани кирдор маънои аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ манъ шудани онро дорад.

Гунаҳкорӣ ё худ мавҷуд будани гуноҳ шарти дигари ҷиноят эътироф шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок аст. Гуноҳ ин муносибати рӯҳии шахс нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он буда, дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода меёбад. Бе мавҷудияти гуноҳ таркиби ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад, яъне гуноҳ заминаи зарурии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ба шумор меравад. Танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад. Кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шуда бошад.

Ҷинояти қасдан содиршуда кирдоре эътироф мешавад, ки бо қасди бевосита ё бавосита содир шудааст. Агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат ё худ (беҳаракатии) худро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намояд ва

хоҳони фаро расидани он бошад, ҷинояти ӯ бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад.

Аломати охирини ҷиноят сазовори ҷазо ҳисобидани кирдор мебошад. Моҳияти сазовори ҷазо будани кирдор дар он аст, ки танҳо ҳамон кирдори ба ҷомеа хавфнок, зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкорона ҷиноят шуморида мешавад, ки агар барои содир намудани он қонуни ҷиноятӣ ҷазои ҷиноятиро муқаррар карда бошад.

Кирдорҳои ҷиноятӣ вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфи барои ҷамъият доштаашон ба ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин тақсим мешаванд. Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинигардида аз 2 сол маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест ва кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо пешбинигардида аз 5 сол маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои начандон вазнин эътироф мешаванд. Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксари онҳо аз 5 сол маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест ва кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо аз 5 сол маҳрумият аз озодӣ зиёд мебошад, ҷиноятҳои дараҷаи миёна эътироф мешаванд. Кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинигардида аз 12 сол маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои вазнин эътироф мешаванд. Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо зиёда аз 12 сол маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои қатл пешбинӣ гардидааст, ҷиноятҳои махсусан вазнин эътироф мешаванд.

## § 4. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ

Аз таҷрибаи зиндагӣ мо гоҳе хабар меёбем, ки ин ё он ҷиноятро гурӯҳи одамон содир кардаанд. Ин ҳолатро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ шарикӣ дар ҷиноят мегӯянд. Мувофиқи қонуни ҷиноятӣ (моддаи 35-и Кодекси ҷиноятӣ) «Иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда ашхос дар содир намудани ҷино-

яти қасдона шарикӣ дар ҷиноят эътироф мешавад». Акнун биёед ин таърифро каме шарҳ медиҳем.

Таърифи мазкур мавҷудияти ҳатмии якчанд аломатро талаб мекунад. Аввалан, шумораи иштирокчиёни ҷиноят бояд аз як нафар зиёд бошад; дуюм, якҷоя содир шудани амалиёти шариконаи ҷиноят ва оқибати ягонаи кирдори ҷиноятkорона барои ҳамаи иштирокчиён; сеюм, иштирокчиён дар бораи содир намудани ҷинояти мушаххас то воқеъ гардидани он маслиҳат мекунанд ва онҳоро як умумияти рӯҳӣ ба ҳам муттаҳид месозад. Чаҳорум, сухан дар бораи иштироки барқасдона (дониста) дар содир намудани ҷиноят меравад. Ба ибораи дигар, ҳама иштирокчиён ба ҷомеа хавфнок будани кирдори худро дарк мекунанд, оқибатҳои зарарноки онро пешбинӣ менамоянд ва фаро расидани оқибатҳои онро мехоҳанд. Аломати дигари шарикӣ дар ҷиноят танҳо қасдан шуданаш мумкин аст.

Вобаста ба таъсири ҳамдигарии иштирокчиён ва сатҳи муташаккилии онҳо илми ҳуқуқи ҷиноятӣ чор шакли шарикӣ дар ҷиноятро аз ҳам фарқ мекунад:шарикӣ бе маслиҳати пешакӣ; шарикӣ бо маслиҳати пешакӣ; гурӯҳи муташаккил; иттиҳоди ҷиноятӣ.

Шарикӣ бе маслиҳати пешакӣ чунин маънӣ дорад, ки иштирокчиёни дигар ба иҷрокунандаи бевоситаи амали ҷиноятӣ ҳамроҳ мешаванд. Ин шакли хавфноки шарикӣ дар содир намудани ҷиноят аст, ки дар натиҷаи он одамкушӣ, расонидани зарарҳои вазнини ҷисмонӣ рӯй медиҳанд. Хусусияти хоси ин навъи ҷиноят дар он зоҳир мешавад, ки дар натиҷаи ғайриимкон будани маслиҳат то оғози ҷиноят мувофиққунонии амалиёти иштирокчиён дар ҳадди ақал аст.

Шакли нисбатан хавфноки шарикӣ дар ҷиноят шарикӣ бо маслиҳати пешакӣ мебошад. Ин гуна маслиҳат метавонад дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ва хомӯшона розигӣ додани иштирокчиёни ҷиноят сурат гирад.

Зери мафҳуми гурӯҳи муташаккил ҳамин чизро фаҳмидан лозим аст, ки ҷиноят аз ҷониби ду ва зиёда шахсон, ки

пешакӣ бо ин мақсад гурӯҳи устуворро ташкил додаанд, содир карда мешавад. Зимнан, ин гуна ҷиноятҳо бештар дар соҳаи иқтисодиёт содир мешаванд.

Ниҳоят, шакли аз ҳама хавфноки шарикӣ дар ҷиноят иттиҳоди ҷиноятӣ ба шумор меравад. Дар чунин иттиҳод гурӯҳи устувор ва муташаккили ҷинояткорон бо мақсади содир намудани ҷиноятҳои пайдарпайи вазнин ва махсусан вазнин муттаҳид мешаванд.

Вобаста ба чигунагии амалҳои ҷинояткорона қонуни ҷиноятӣ шарикони ҷиноятро ба чор навъ ҷудо мекунад: иҷрокунанда, ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ.

Иҷрокунанда шахсе эътироф мешавад, ки бевосита ҷиноятро содир намудааст ё якҷоя бо шахсони дигар бевосита дар содир намудани он иштирок кардааст, инчунин шахсе, ки бо роҳи истифодаи ашхоси дигаре, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд, ҷиноят содир кардааст.

Ташкилкунанда шахсе эътироф мешавад, ки ҷиноятро ташкил ё ба иҷрои он роҳбарӣ карда бошад, инчунин, шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятиро таъсис додааст ё ба он роҳбарӣ кардааст.

Таҳриккунанда шахсе эътироф мешавад, ки шахси дигарро бо роҳи багапдарорӣ, порадиҳӣ, таҳдид ё бо роҳҳои дигар ба содир кардани ҷиноят моил кардааст.

Ёрдамчӣ шахсе эътироф мешавад, ки бо маслиҳату дастурдиҳӣ, додани маълумот, восита ё олоти содир кардани ҷиноят ё рафъи монеаҳо ба содир кардани ҷиноят мусоидат кардааст, инчунин, шахсе, ки пинҳон кардани ҷинояткор, восита ё олоти содир намудани ҷиноят, осори ҷиноят ё ашёи бо роҳи ҷиноят бадастомадаро пешакӣ ваъда додааст, ҳамчунин шахсе, ки соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани чунин ашёро пешакӣ ваъда кардааст.

Дар ёд доштан лозим аст, ки мувофиқи қонуни ҷиноятӣ суд ҳангоми таъйин намудани ҷазо характер ва дараҷаи иштироки ҳар як шарики ҷиноятро дар содир намудани ҷиноят алоҳида ба эътибор мегирад. Дар навбати худ, хусу-

сияти шарикӣ дар ҷиноят бо шакли мушаххаси зоҳиршавии он, дараҷаи иштирок дар ҷиноят бошад, бо нақшҳое муайян карда мешавад, ки ҳар як гунаҳкор иҷро кардааст.

## § 5. ҲОЛАТҲОЕ, КИ ҶИНОЯТ БУДАНИ КИРДОРРО ИСТИСНО МЕКУНАНД

Дар зиндагӣ бисёр ҳолатҳое дучор меоянд, ки ин ё он шахс бо мақсади ҳимояи худ, амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шахсӣ ё субъективии худ, иҷрои қарзи хизматӣ ва уҳдадории ҳуқуқии худ амалҳое содир мекунад, ки ҳарчанд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар расонанд ҳам, аммо ҷиноят ҳисоб намешаванд. Дар қонуни ҷиноятӣ низ ҳамин гуна ҳолатҳо ба эътибор гирифта шуда, меъёрҳо оид ба худдифои зарурӣ, расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор, зарурати ниҳоӣ, маҷбуркунии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, таваккали асоснок, иҷрои фармон ва амр муқаррар карда шудаанд.

Ҳамин тавр, ҳаракате, ки дар ҳолати мудофиаи зарурӣ, яъне ҳангоми ҳимояи шахсият ва ҳуқуқҳои мудофиакунанда ё шахси дигар, манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷомеа ё давлат аз таҷовузи барои ҷомеа хавфнок бо роҳи расонидани зарар ба таҷовузкунанда содир шудааст, агар ин таҷовуз бо зӯроварӣ барои ҳаёти мудофиакунанда ё шахси дигар хавфнок бошад ё ин ки бо таҳдиди бевоситаи истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд бошанд, ҷиноят ҳисобида намешавад.

Набояд фаромӯш кард, ки аз ҳадду андозаи мудофиаи зарурӣ баромадан мумкин нест. Албатта, ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дода шудааст, ки сарфи назар аз вазифа ва характери фаъолияташ худро аз ҳуҷуми бегона ҳимоя кунад. Ҳар як шаҳрванд ба ҳимояи худ ҳақ дорад, ҳарчанд имконияти кумак пурсидан аз мақомоти дахлдорро (масалан аз милитсия) дошта бошад. Ҳамин нукта дар қисми 3-и моддаи 40-и Кодекси ҷиноятӣ низ зикр шудааст: «Ҳаракатҳои шахси мудофиакунанда, ки дар натиҷаи таҷовузи нобаҳангом ба вуҷуд омадаанд, баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ ҳисоб намешаванд, агар шахс имконияти ба таври воқеӣ баҳо додани

дараҷа ва хусусияти хавфнокии таҷовузро надошта бошад».

Инчунин, дар қонуни ҷиноятӣ таъкид мешавад, ки шахс, сарфи назар аз имконияти халос шудан аз таҷовуз, нововбаста аз тайёрии касбӣ ё дигар тайёрии махсус ва мақоми хизматиаш ба мудофиаи зарурӣ ҳуқуқ дорад. Қасдан барангехтани иғвои таҷовуз бо мақсади расонидани зарар мудофиа (худдифо)-и зарурӣ ҳисоб намешавад.

Бояд гуфт, ки расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноятсодирнамуда низ ҷиноят ҳисобида намешавад, вале дар назар доштани якчанд шартҳо муҳим мебошад.

Масалан, ҳаракатҳое, ки ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда бо мақсади ба мақомоти ҳокимият супурдан ё пешгирии имконияти ҷиноятҳои навро содир карданаш ба ӯ зарар расонидаанд, агар бо воситаҳои дигар дастгир намудани чунин шахс ғайриимкон бошад ва дар айни замон чораҳои зарурии ба ин мақсад андешидашуда аз ҳад набаромада бошад, ҷиноят ҳисоб намешаванд.

Ҳангоми арзёбии қонунӣ будани зарари дар вақти дастгир кардани шахси ҷиноятсодирнамуда расонидашуда, ҳаракати ӯ дар мавриди аз дастгиршавӣ халос хӯрдан, қувваю имконияти дастгиршаванда, ҳолати рӯҳии вай ва ҳолатҳои дигари вобаста ба амали дастгир кардан ба назар гирифта мешаванд.

Бояд гуфт, ки расонидани зарар ба манфиатҳои давлату ҷамъият ва шаҳрвандон дар ҳолати зарурати ниҳоӣ низ ҷиноят эътироф намешавад, агар зарурати ниҳоӣ барои бартараф кардани хавфу хатар ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрванди алоҳида ё ҷомеа равона шуда бошад. Бояд дар назар дошт, ки агар расонидани зараре, ки ба хусусияту дараҷаи хавфи таҳдидкунанда ва ҳолатҳои бартараф намудани ин хавф мувофиқ набошад ва дар натиҷа ба манфиатҳои қонунан муҳофизатшаванда баробари зарари пешгиришуда ё аз он бештар зиён расонида шуда бошад, он гоҳ зарурати ниҳоӣ азҳадгузашта ҳисобида мешавад.

Ҳолати расонидани зарар дар натиҷаи маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, ба шарте, ки дар натиҷаи чунин маҷбур-

куниҳо шахс ҳаракат ё беҳаракатии худро идора карда натавонад, вақте ба амал меояд, ки нисбат ба шахси ҷиноятсодирнамуда тарзу усулҳои ғайриқонунии таъсиррасонии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ (психикӣ) истифода шуда бошад. Ин ҳолатҳо метавонанд ғайриқонунӣ маҳрум намудан аз озодӣ, латукӯб, фишорҳои рӯҳӣ, таҳдидҳои тарсоваранда бошанд.

Бояд қайд кард, ки ҳар як шаҳрванд ба таваккали асоснок ҳуқуқ дорад. Ҳолатҳоеро номбар кардан мумкин аст, ки истифодаи таваккали асоснокро ҳақ мебароранд: масалан, агар барои пешгирии зараре, ки ба манфиатҳои ҷомеа расонида мешавад, воситаҳои муқаррарӣ кифоят накунанд. Чунин ҳолатҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа рух доданаш мумкин аст, масалан, дар соҳаи истеҳсолӣ, тиббӣ, дар ҳолатҳои фавқулода, дар соҳаи маишӣ ва ғайра.

Ниҳоят, ҳолати дигаре, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад, иҷрои фармон ё амр аст. Агар шахс бо мақсади иҷрои ҳатмии амру фармон кирдоре содир кунад, ки дар натиҷаи он ба манфиати шаҳравандон, давлату ҷомеа зарар расад, пас ин гуна кирдор ҷиноят ҳисобида намешавад. Барои расонидани ин зарар шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки фармон ё амри ғайриқонунӣ додааст.

## § 6. ҶАЗО: МАҚСАД ВА НАВЪҲОИ ОН

Ҳар як амали инсон сазовори подош аст: ба амали нек ташаккур мегӯянд ва дар ҷавоби кирдори бад нафрат меховнанд. Дар тасаввури умумии мо неку бад ҳамин гуна фарқият дорад. Аммо аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ кирдори баде, ки ба ҷомеа ва давлат хавфнок бошаду ба манфиатҳои шахс ва давлат зарар расонад, ҳатман бояд сазовори ҷазо бошад. Номгӯйи ҷиноятҳо ва ҷазоҳои сазовор барои онҳо дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ зикр шудаанд.

Мувофиқи моддаи 46-и Кодекси мазкур «Ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъйин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор эътироф шудааст, татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар Ко-

декси ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд, иборат мебошад».

Мақсади ҷазоро қонуни ҷиноятӣ дар барқарор кардани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси маҳкумшуда, инчунин, пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав маънидод мекунад.

Аз ин ҷо якчанд аломати муҳимми ҳуқуқии ҷазоро дар тафовут аз чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ, интизомӣ ва гражданию ҳуқуқӣ ошкор намудан мумкин аст:

Ҷазо ҳатман дар қонуни ҷиноятӣ нишон дода шудааст.

Ҷазо хусусияти умумӣ ё худ оммавӣ дорад, яъне аз номи давлат таъин карда мешавад.

Ҷазо баҳодиҳии манфии ахлоқию сиёсии давлатро нисбат ба шахсияти гунаҳкор дар бар мегирад.

Ҷазо бо ҳукми суд барои содир намудани ҳамон ҷиноятe татбиқ мешавад, ки дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Ҷазо доғи судиро ба вуҷуд меорад.

Тибқи моддаи 47-и Кодекси ҷиноятӣ, чунин навъҳои ҷазо муқаррар карда шудаанд:

а) ҷарима;

б) маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян;

в) маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон;

г) корҳои ҳатмӣ;

д) корҳои ислоҳӣ;

е) маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

ж) маҳдуд кардани озодӣ;

з) нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ;

и) мусодираи молу мулк;

к) маҳрум сохтан аз озодӣ;

л) якумра аз озодӣ маҳрум сохтан;

м) ҷазои қатл.

Мувофиқи қонуни ҷиноятии амалкунанда ҳама навъҳои ҷазоро ба ду гурӯҳ: ҷазои асосӣ ва иловагӣ ҷудо мекунанд.

Корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати

ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҷазои қатл танҳо ба сифати ҷазои асосӣ татбиқ мешаванд. Ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ҳам ба сифати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам иловагӣ татбиқ мешаванд.

Маҳрум кардан аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон, инчунин, мусодираи молу мулк танҳо ба сифати ҷазои иловагӣ истифода мешавад. Ҷазои иловагии таъиннамудаи суд аз ҷазои асосӣ сахттар буда наметавонад.

Тибқи қонун барои як ҷиноят танҳо як ҷазои асосӣ таъйин намудан мумкин аст. Дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ба ҷазои асосӣ таъйин кардани як ё якчанд ҷазои иловагӣ имконпазир аст.

Ҷарима ва мусодираи амволро танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, ҳамчун ҷазои иловагӣ таъин намудан мумкин аст.

## § 7. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ НОБОЛИҒОН

Аксари аҳолии Тоҷикистонро кӯдакону наврасон ташкил медиҳанд ва гуфтан мумкин аст, ки дарояндаи наздик сарнавишти диёри азиз ва устувории хусусиятҳои демокративу ҳуқуқбунёдии он ба дӯши онҳо вогузор хоҳад шуд. Бинобар ин, масъалаи пешгирии ҷиноятқорӣ дар байни ноболиғон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо ба шумор меравад. Мувофиқи меъёрҳои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ноболиғ шахсе эътироф мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят 14-солагиро пур карда, вале ба синни 18-солагӣ нарасидааст.

Ба ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд, мумкин аст ҷазо ё чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ таъйин карда шавад. Қонуни ҷиноятӣ чунин навъҳои ҷазоро ба ноболиғон таъйин кардааст: ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ.

Корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз 40 то 160 соат таъйин кар-

да мешавад, ки он аз иҷрои корҳои ба ноболиғон мувофиқ ва берун аз вақти таҳсил аст. Давомнокии чунин навъи ҷазо нисбат ба ноболиғони то 16-сола аз ду соат дар як рӯз ва нисбат ба ноболиғони аз 16 то 18-сола аз се соат дар як рӯз зиёд буда наметавонад.

Ҷарима ҳамон вақт таъйин карда мешавад, ки ноболиғ даромади мустақилона ё молу мулк дошта бошад ва он ба андозаи то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъйин карда мешавад. Маҳрум сохтан аз машғул шудан ба фаъолияти муайян бошад, ба ноболиғон ба муҳлати аз 1 то 2 сол таъйин карда мешавад.

Корҳои ислоҳӣ ба ноболиғон дар ҷойи корашон ба муҳлати аз ду моҳ то як сол таъйин карда мешавад. Дар айни замон аз панҷ то понздаҳ дарсади музди меҳнати маҳкумшудагон ба ҳисоби даромади давлат нигоҳ дошта мешавад.

Ба ноболиғоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир намудаанд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад ва агар санксияи моддаи қисми махсус ғайр аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ накарда бошад, он гоҳ суд ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набудаи дар қисми умумии ҳамин Кодекс пешбинишударо дар доираи ҳаҷм ва муҳлатҳои пешбининамудаи қисми умумии ҳамин Кодекс таъйин менамояд. Мувофиқи моддаи 87-и Кодекси ҷиноятӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ноболиғоне таъйин карда мешаванд, ки дар синни то 16-солагӣ ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин содир намудаанд – ба муҳлати то 7 сол ва нисбат ба ноболиғоне, ки дар синни аз 16 то 18-солагӣ ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд, ба муҳлати то 10 сол таъйин карда мешавад.

Ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ноболиғони ҷинси марде, ки бори аввал ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, инчунин ноболиғони ҷинси зан дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ ва ноболиғони ҷинси марде, ки қаблан маҳрум сохтан аз озодиро адо намудаанд, дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми пурзӯр адо мекунанд.

## § 8. БАЪЗЕ НАВЪҲОИ ҶИНОЯТҲО ВА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОНҲО

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои содиршударо ба гурӯҳҳои мухталиф ҷудо менамояд:

Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият;

Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ;

Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист;

Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ;

Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт;

Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ;

Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ;

Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ;

Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният.

Ҳоло баъзеи ин ҷиноятҳои номбаршударо таҳлил карда, барои содир кардани онҳо чӣ гуна ҷавобгарӣ муқаррар кардани қонунро дида мебароем.

а) **Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият**

Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои зерин дохил мешаванд: ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият, озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, оила ва ноболиғон.

Одамкушӣ яке аз ҷиноятҳои вазнини муқобили ҳаёт ва тандурустии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи 104-и Кодекси ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин қасдан одам куштан бо ҳолатҳои вазнинкунанда эътироф карда мешавад: ду шахс ё бештар аз он; шахс ё наздикони ӯ вобаста ба фаъолияти хизматӣ ва ё қарзи ҷамъиятиро иҷро карданი ӯ; бараъло ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст; марбут ба одамрабоӣ ё гаравгонгирӣ; зане, ки ҳомилагии ӯ барои гунаҳгор аён аст; куштори одам бо бераҳмии махсус; куштори одам бо тарзи ба ҳаёти мардуми зиёд хавфнок; куштор аз ҷониби гурӯҳи ашхос ё гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил, иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ); куштор бо

мақсади ғаразнок ё кирояи зархаридон, инчунин, марбут ба роҳзанӣ, тамаъҷӯйӣ ё бандитизм; одам аз ҳиссиёти авбошӣ; куштори одам бо нияти рӯйпӯш намудани ҷинояти дигар ё осон содир намудани он, инчунин, марбут бо таҷовуз ба номус ё кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ; куштор бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ маҳалгароӣ ё интиқоми хунӣ; куштори одам бо мақсади истифодаи аъзои бадан ё бофтаҳои ҷабрдида ва ғайра.

б) **Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ**

Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои зерин дохил мешаванд: авбошӣ, вандализм, ба фоҳишагӣ ҷалб намудан, ташкил ё нигаҳдошти фоҳишахонаҳо, даллагӣ ё занҷаллобӣ, ташкил ё нигаҳдошти ғайриқонунии қиморхона, ғайриқонунӣ тайёр ва паҳн кардани мавод ё ашёи порнографӣ, несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг, таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо.

Авбошӣ яке аз ҷиноятҳои хавфнок ва вазнине ба шумор меравад, ки зидди тартиботи ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Авбошӣ ҳаракати бадқасдона буда, тартиботи ҷамъиятиро дағалона вайрон мекунад. Авбошӣ дар оқибати кор боиси рӯй додани дигар ҷиноятҳои вазнин, мисли одамкушӣ, расонидани зарари ҷисмонӣ ба шахс, нобуд кардани моликияти давлатӣ, ҷамъиятиву шахсӣ ва ғайра мегардад. Авбошӣ одатан дар назди мардум рӯй медиҳад ва беҳурматии рӯйрост ва ошкоро нисбат ба ҷамъият мебошад. Афсӯс, ки амалиёти авбошӣ аз ҷониби ноболиғон низ содир мешаванд. Бинобар ин, давлат бо ҳар роҳ ба муқобили авбошӣ мубориза мебарад ва барои ин ҷиноят ҷазои сахт татбиқ карда мешавад.

**в) Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт**

Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳои зерин мансуб дониста мешаванд: ҷиноятҳо ба муқобили моликият, ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ.

Ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият инҳо дохил мешаванд: дуздӣ, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, тасарруфи пулу молӣ ба тариқи кредит додашуда, қаллобӣ, ғоратгарӣ, роҳ-

занӣ, тамаъҷӯйӣ, тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши махсус ва ғайра.

Ба ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ инҳо дохил мешаванд: монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ, соҳибкории ғайриқонунӣ, истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда, соҳибкории сохта, бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, ғайриқонунӣ гирифтани кредит, ғайриқонунӣ додани кредит ва ғайра.

Мувофиқи моддаи 244, барои дуздӣ, яъне тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр (қисми якум) шахси гунаҳкор бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 2 сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад. Дар ҳолати содир кардани дуздӣ бо ҳолатҳои дар қисми дуюми ҳамин модда пешбинигардида шахси гунаҳкор бо ҷарима ба андозаи аз 1000 то 2000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 2 то 5 сол ҷазо дода мешавад. Тибқи қисми сеюми ҳамин модда барои содир намудани дуздӣ шахси гунаҳкор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 5 то 8 сол ва дар сурати содир кардани дуздӣ дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 8 то 12 сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

Кадом навъи дуздӣ ба миқдори калон маҳсуб дониста мешавад? Мувофиқи банди 2-и эзоҳи моддаи 244, таҳти мафҳуми ба миқдори калон андозаи арзиши амволе дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал 1000 маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон арзиши амволе фаҳмида мешавад, ки аз андозаи маоши ҳадди ақал 2000 маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 2000 маротиба зиёдтар мебошад. Андозаи зарари ба моликияти

шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз рӯйи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад. Барои содир кардани чунин ҷиноят шахси гунаҳкор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 5 то 8 сол (қисми сеюм) ва аз 8 то 12 сол (қисми 4-уми моддаи 244) бо мусодираи молу мулк дар ҳар ду ҳолат ҷазо дода мешавад.

Дар ҷомеа шахсоне ҳастанд, ки аз ҳисоби дигарон зиндагӣ карданро дӯст медоранд ва худашон дар ҳеҷ куҷо меҳнат намекунанд. Бинобар ин, даст ба дуздӣ мезананд. Қонун ба ин гуна шахсон ҷазои сахтро сазовор донистааст.

Барои ошкоро дуздидани молу мулки шахсии шаҳрвандон, тибқи моддаи 248-и Кодекси чиноятӣ (ғоратгарӣ), гунаҳкор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 5 сол (қисми 1-ум), барои ғоратгарӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2-юм шахси гунаҳкор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 5 то 10 сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он, барои ғоратгарӣ бо ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3-юми ҳамин модда бошад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз даҳ то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ва барои ғоратгарӣ бо ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи мазкур бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

**г) Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ**

Ба ин гурӯҳ ҷиноятҳо дохил мешаванд: ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ, тартиботи идоракунӣ ва адолати судӣ.

Аз ҳамаи ҷиноятҳо вазнинтарин ҷиноят ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ба ҳисоб меравад. Ба ин қабил ҷиноят дохил мешавад: хиёнат ба давлат, ҷосусӣ, таҳрибкорӣ (диверсия), даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Точикистон, даъвати оммавӣ барои ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ), ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), ифшои сирри давлатӣ, исёни мусаллаҳона ва ғайра.

Шахсоне, ки ҷиноятҳои номбаршударо содир менамоянд, ба сохти давлатӣ ва ҷамъиятии мамлакатамон, ба истиқлолият, дахлнопазирии ҳудуд ё бехатарии давлат қасдан таҷовуз менамоянд. Қонун барои ин гуна ҷинояткорон ҷазоҳои вазнинро муқаррар намудааст. Масалан, мувофиқи моддаи 305-и Кодекси ҷиноятӣ, барои хиёнат ба давлат ҷавобгарӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 12 то 20 сол бо мусодираи молу мулк муқаррар карда шудааст.

Барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади суст кардани асосҳои сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат (моддаи 310-и Кодекси ҷиноятӣ) шахси гунаҳкор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз дувоздаҳ то бист сол ҷазо дода мешавад.

Барои супоридани маълумоти дорои сирри давлатӣ ба давлати хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ ё ба намояндагони онҳо (ҷосусӣ) мувофиқи моддаи 308-и Кодекси ҷиноятӣ, ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз 12 то 20 сол муқаррар карда шудааст.

Мувофиқи қонуни ҷиноятӣ барои бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият бархилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин бо мақсади бо зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 306-и Кодекси ҷиноятӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 12 то 20 сол пешбинӣ шудааст.

Хизмат дар сафи қӯшунҳои давлатӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Афсӯс, ки баъзе ҷавонон аз хизмат кардан қасдан саркашӣ мекунанд ва дар масъалаи ҳифзи манфиатҳои давлати худ беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Барои саркашӣ аз даъвати сафарбарӣ ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ мувофиқи моддаи 344-и Кодекси ҷиноятӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 2 то 5 сол ҷазо дода мешавад.

Ҳамин тавр, барои ҳар як кирдори ҷинояткорона шахси гунаҳкор ҷазо мегирад ва қонун бар зидди ҷинояткорон беамон мубориза мебарад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои дигари ҷиноятҳо ва ҷавобгарӣ барои онҳо пешбинӣ шудааст, ки ҳар шахс метавонад бо истифода аз Кодекси ҷиноятӣ бо онҳо пурра шинос шавад.

**Иҷрои ҷазо (ҳукм)**

Ҷазо барои ҷинояти содиршуда мувофиқи ҳукми суд бароварда мешавад. Таъин кардани ҷазо на фақат подоши ҷиноят мебошад, балки мақсади он маҳкумшудагонро ислоҳ ва дар рӯҳияи муносибати бовиҷдонона ба меҳнат, риояи дурусти қоида, эҳтироми қоидаҳои ҷамъият ва пешгирии роҳи ҷиноятҳо тарбия кардан низ мебошад. Воситаҳои асосии ислоҳ ва тарбияи маҳкумшудагон инҳоянд: реҷаи аз сар гузаронидани ҷазо, кори фоиданоки ҷамъиятӣ, кори тарбиявию сиёсӣ, таълими умумӣ ва касбию техникӣ, ба колонияҳои ислоҳоти меҳнатӣ ҷойгир кардан.

Маҳкумшудагон дар чор низом: умумӣ, пурзӯр, сахт ва махсус ҷазоро аз сар мегузаронанд. Ноболиғон дар ду навъ колонияҳо – колонияҳои реҷаашон умумӣ ва пурзӯр муҳлати муайяншудаи ҷазоро мегузаронанд. Мардону занон алоҳида нигоҳ дошта мешаванд.

Дар колонияҳои тарбиявию меҳнатии низомашон пурзӯр ва умумӣ ноболиғонро дар истиқоматгоҳҳои муқаррарӣ нигоҳ медоранд. Ноболиғон метавонанд бе ҳеҷ маҳдудият мактуб гиранду мактуб нависанд. Мактубҳои онҳо аз назорат гузаронида, бастаҳои ба онҳо фиристодашуда низ бо диққат санҷида мешаванд. Дар колонияҳо корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, оммавию варзишӣ ва дигар чорабиниҳо гузаронида мешаванд.

Барои маҳкумшудагон чораҳои ҷазо ва ҳавасмандкунӣ низ муқаррар карда шудаанд. Дар колонияҳои тарбияи меҳнатӣ изолятор ҳаст. Гунаҳкорро дар он ҷо 10 рӯз нигоҳ медоранд. Ғайр аз ин, маҳз дар колонияҳои тарбияи меҳнатӣ чораҳои хос, мисли як маротиба маҳрум кардани шахси маҳкумшуда аз тамошои кино, консерт, манъ кардани иштироки онҳо дар корҳои варзишӣ татбиқ мешаванд.

Пеш аз озод кардани тарбиятгирандагон аз колония му-

раббияву муаллимон ва устоҳо ба нақшаю ниятҳои онҳо шинос мешаванд ва бо падару модарон дар масъалаи минбаъд дар куҷо кор карданашон маслиҳат менамоянд. Комиссияи ҷойи истиқомат барои ба кор таъмин намудан ё хонданро давом додани ноболиғ тадбирҳо меандешад ва рафтори ӯро назорат мекунад.

Маҳкумшудагоне, ки дар колонияҳоиислоҳоти меҳнатӣ софдилона кор мекунанд ва ба вайронкориҳои қоидаҳои муқарраршуда роҳ намедиҳанд, ба режими сабуктар гузаронда мешаванд. Бо тавсияи маъмурияти колонияҳо онҳо шартан ё пеш аз муҳлат ба озодӣ ҷавоб дода мешаванд. Маҳз дар колонияҳои ислоҳоти меҳнатӣ аксари маҳкумшудагон гуноҳи худро дарк намуда, барои ислоҳ ва тарбия ёфтан тамоми кӯшиши худро истифода менамоянд. Бесабаб нест, ки баъди ба озодӣ баромадан бархе аз онҳо бо кори фоиданоки худ дар ҷамъият обрӯю эътибори хосса пайдо мекунанд ва соҳиби иззату эҳтироми умум мегарданд.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Масъалаи муҳимтаринеро номбар кунед, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳалли он машғул аст.

2. Вазифаи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҳалли кадом масъала иборат аст?

3. Предмети танзими ҳуқуқи ҷиноятиро кадом муносибатҳо ташкил медиҳанд?

4. Сарчашмаи қонуни ҷиноятӣ кадом санади меъёриву ҳуқуқист?

5. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро шарҳ диҳед.

6. Қонунгузории ҷиноятии амалкунандаро кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад?

7. Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ аз ҳамдигар чӣ тафовут доранд?

8. Номгуйи ҷиноятҳоеро номбар кунед, ки дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ зикр шудаанд.

9. Таърифи ҷиноятро мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуед.

10. Аломатҳои ҳуқуқии ҷиноятро шарҳ диҳед.

11. Моҳияти хавфнок будани кирдор дар чӣ ифода меёбад?

12. Ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо кадомҳоянд?

13. Гуноҳ чӣ гуна кирдор аст ва оқибатҳои он дар кадом шаклҳо ифода меёбанд?

14. Фарқи қасди бевоситаро аз қасди бавосита фаҳмонед.

15. Категорияҳои ҷиноятро номбар кунед.

16. Таърифи шарикӣ дар ҷиноятро мувофиқи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ бигуед.

17. Аломатҳои ҳатмии шарикӣ дар ҷиноят кадомҳоянд ва онҳоро шарҳ диҳед.

18. Навъи шаклҳои шарикӣ дар ҷиноятро номбар кунед.

19. Бигӯед, ки нақши иҷрокунанда аз ташкилкунанда чӣ фарқ дорад?

20. Вазифаи ёрдамчӣ дар содир намудани ҷиноят аз чӣ иборат аст?

21. Ҳолатҳоеро гӯед, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд.

22. Дар кадом ҳолатҳо мудофиаи зарурӣ ҷиноят ҳисобида намешавад?

23. Шартҳоеро номбар кунед, ки расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноятсодирнамуда ҷиноят ҳисобида намешавад.

24. Таҳти мафҳуми зарурати ниҳоӣ қонуни ҷиноятӣ чиро дар назар дорад?

25. Доир ба таваккали асоснок аз зиндагӣ ягон мисол биёред.

26. Таърифи ҷазоро гӯед ва мувофиқи фаҳмиши худ шарҳ диҳед, ки он бо кадом мақсад пешбинӣ шудааст?

27. Аломатҳои муҳимми ҳуқуқии ҷазо кадомҳоянд?

28. Намудҳои ҷазоҳои ҷиноятиро номбар кунед.

29. Чаро ҷазоҳои ҷиноятиро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо мекунанд?

30. Синну соли ноболиғро аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ гӯед.

31. Навъҳои ҷазоро барои ноболиғон номбар кунед.

32. Корҳои ҳатмӣ ба кадом муҳлат таъйин карда мешаванд?

33. Ба ноболиғоне, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир намудаанд, чӣ гуна ҷазо таъин карда мешавад?

34. Ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ноболиғон дар куҷо адо мекунанд?

35. Навъҳои асосии ҷиноятҳоро номбар кунед.

36. Дар бораи ҷиноятҳои муқобили шахсият маълумот диҳед.

37. Кадом ҷиноятҳо ба гурӯҳи ҷиноятҳои муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ дохил мешаванд?

38. Доир ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт маълумот диҳед.

39. Ҷиноятҳои муқобили ҳокимияти давлатӣ кадомҳоянд?

40. Барои ҷиноятҳои алоҳида чӣ гуна чавобгарӣ пешбинӣ шудааст?

41. Иҷрои ҷазо чӣ тавр амалӣ гардонида мешавад?

# БОБИ XI. ТАЪМИНИ ҚОНУНИЯТ ВА ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## § 1. МАФҲУМИ ҚОНУНИЯТ ВА ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ

Давлати ҳуқуқбунёдро бе риояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар чунин давлат ҳамаи шаҳрвандон ва мақомоти давлатию ҷамъиятӣ уҳдадоранд, ки ба талаботи қонунҳо итоат карда, онҳоро бечунучаро риоя намоянд.

Дар ҷамъияте, ки аз талаботи қонун сарфи назар карда мешавад, бетартибӣ ва бесарусомонӣ ҳукмфармо буда, пояҳои давлатдорӣ оҳиста-оҳиста завол меёбанд. Аз ин рӯ, риояи қонун ва мустаҳкам намудани тартиботи ҳуқуқӣ яке аз омилҳои муҳимми пешрафти давлат ба ҳисоб меравад.

**Қонуният гуфта, аниқ ва бечунучаро иҷро кардани қонунҳо аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандонро меноманд. Яъне ҳар як рафтори шаҳрванд ё сохторҳои давлатӣ бояд ба талаботи қонун мувофиқат намояд.**

Дар моддаи 5-и Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад: «**Ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсоне, ки мансубияти шаҳрвандӣ надоранд, инчунин ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва динӣ фаъолияти худро мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонанд ва ҳуқуқҳои онҳоро қонун ҳимоя мекунад**». Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳеҷ як шахс, сарфи назар аз вазифаи ишғолкардааш, миллат, нажод, молу мулк ва дигар нишонаҳо, инчунин ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ғайра ҳуқуқ надоранд аз доираи талаботи қонун берун бароянд. Дар навбати худ онҳо дар тамоми ҳолат зери ҳимояи қонун қарор доранд. Барои вайрон кардани талаботи қонун шахсони гунаҳкор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Барои таъмини қонуният, пеш аз ҳама, асоси ҳуқуқӣ лозим аст. Ин чунин мазмун дорад, ки ҳар як муносибати ҷамъ-

иятӣ бояд тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда шавад. Мавҷуд будани муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо ягон меъёри ҳуқуқӣ ба танзим дароварда намешаванд, боиси пайдо шудани номуайянии доираи фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ гардида, мумкин аст ба манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷамъият зарар расонад. Бинобар ин, давлатро зарур аст, ки вобаста ба пайдо шудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро эҷод намояд.

Масалан, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи мо доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо гардиданд, ки пештар аз ҷониби ягон меъёри ҳуқуқӣ ба танзим дароварда намешуданд. Маҳз ба ҳамин хотир, бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми сентябри соли 1991, N°392 бар тибқи Қонун «Оид ба эълон намудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кумитаҳои Шӯрои Олӣ ва Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардида буданд, ки вобаста ба талаботи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини ҳуқуқии истиқлолияти ҷумҳурӣ қонунҳои нав таҳия намоянд.

Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки устувории ҳуқуқ яке аз шартҳои муҳимтарини риояи қонуният буда, доираи амали ҳуқуқ барои ҳама баробар мебошад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҷамъият қонун ба шахс ё гурӯҳи шахсон татбиқ карда намешавад ва бартарии як гурӯҳро кафолат намедиҳад.

Пурра ва бемамониат амалӣ гардонидани ҳуқуқҳо аз ҷониби шаҳрвандон вақте имконпазир аст, ки дар давлат низоми қонуният мавҷуд бошад. Бинобар ин, мафҳумҳои ҳуқуқ, қонуният ва демократия дар ҷомеаи мо мафҳумҳои аз ҳамдигар ҷудонашаванда мебошанд. Риояи ҳатмии қонуният нишонаи мавҷуд будани демократия дар ҷамъият аст. Дар давлате, ки қонунҳо поймол карда мешаванд, демократияи ҳақиқӣ вуҷуд дошта наметавонад. Пас мавҷудияти демократия бе риояи қонуният ғайриимкон аст, зеро қонуният

қисми ҷудонашавандаи демократия мебошад.

Қонуният ба принсипҳои зерин такя мекунад:

**а) ягонагии қонуният дар миқёси тамоми давлат.** Ин чунин маънӣ дорад, ки амал ва талаботи қонунҳо дар тамоми қаламрави давлат ягона буда, ҳамаи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ бояд аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилоту корхонаҳо дар саросари кишвар дақиқ иҷро карда шаванд.

**б) волоияти қонун.** Яъне қонунҳое, ки аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ қабул карда мешаванд, дорои эътибори олии ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳамаи санадҳои ҳуқуқие, ки аз тарафи мақомоти дигар қабул карда мешаванд, набояд ба қонунҳое, ки мақомоти олии давлатӣ қабул мекунанд, мухолифат дошта бошанд.

**в) ҳатмӣ будани талаботи қонун барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ.** Ин чунин маънӣ дорад, ки қонун барои ҳама вуҷуд дорад ва ҳама дар назди қонун баробаранд. Ҳар шахсе, ки қонунро вайрон мекунад, сарфи назар аз вазифаи ишғолкарда ва шахсияташ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

**г) ҷорӣ кардани назорати катъӣ аз болои риояи қонун.** Ҳисси масъулият, бечунучаро иҷро кардани қонунҳо аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон аз мавҷудияти қонун дар ҷомеа дарак медиҳад, зеро ҳамеша дар назар доштан зарур аст, ки қонуни мо оила ваояндаи фарзандони моро ҳифз менамояд. Риояи қонун, пеш аз ҳама, ба онҳое, ки аниқ иҷро шудани онро таъмин менамоянд, ҳатмӣ мебошад. Ба ибораи дигар гӯем, аз коргари одӣ то шахси мансабдори болоӣ вазифадор аст, ки қонунро бечунучаро риоя намояд. Бинобар ин, дар Конститутсияи давлатамон (моддаи 10) дарҷ гардидааст, ки «***Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд».***

д) ***баробарии ҳама дар назди қонун.*** Ин принсип чунин маънӣ дорад, ки тамоми шаҳрвандон ва шахсони мансабдор уҳдадоранд ба талаботи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ итоат кунанд. Вайрон намудани қонун бо сабаби шахси

мансабдор будан, вазъи иҷтимоии шаҳрванд ва сабабҳои дигар мумкин нест.

Тартиботи ҳуқуқӣ натиҷаи амалигардонии қонуният буда, бо роҳи ихтиёрӣ аз ҷониби умум иҷро намудани талаботи қонун, пешгирӣ кардани ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, нисбати вайронкунандагони қонун татбиқ намудани чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ ё маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда мешавад.

Мафҳумҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мафҳумҳои ба ҳам наздику алоқаманд буда, беякдигар вуҷуд дошта наметавонад.

Тартиботи ҳуқуқӣ натиҷаи амали ҳуқуқ дар низоми қонуният мебошад. Тартиботи ҳуқуқӣ маҷмӯи муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки иштирокчиёни он дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобила ҳастанд. Тартиботи ҳуқуқӣ қисми ҷудонашавандаи тартиботи ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар байни муносибатҳои ҷамъиятӣ дар давлат муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мадди аввал буда, бо дигар муносибатҳо пайвандии зич доранд ва дар баробари ин якҷоя бо онҳо амал менамоянд.

Тартиботи ҳуқуқӣ аз тарафи давлат тавассути қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Барои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ якчанд амалҳо таъсири мусбат мебахшанд. Натиҷаи ҳар як ҳуқуқвайронкунӣ ин расонидани зарар ба манфиатҳои инсон, давлат ва ҷомеа буда, он дар шакли зарари моддӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, ҷисмонӣ ва ғайра ифода меёбад.

Аз сабаби он, ки ҳуқуқвайронкунӣ ҳам ба манфиатҳои давлату ҷамъият ва ҳам ба манфиати шаҳрвандон зарар мерасонад, онҳо дар маҷмӯъ манфиатдор ҳастанд, ки пеши роҳи ҳуқуқвайронкунӣ гирифта шавад. Барои халалдор намудани тартиботи ҳуқуқӣ ҳатто ҳолатҳои ҷудогонаи ҳуқуқвайронкунӣ таъсир мерасонанд. Яъне барои пурра таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ бояд фаъолияти мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва оила ба хотири пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ пурсамар ба роҳ монда шавад.

Пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ омили асосии таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Роҳ надодан ба вайрон кардани қонун имкон медиҳад, ки шахс аз ҳаракати ғайриқонунии худ воқиф шавад ва онро содир накунад. Бинобар ин, давлат вазифа гузоштааст, ки ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ сари вақт пешгирӣ карда шавад.

## § 2. ВАЗИФАИ МАҚОМОТИ НАМОЯНДАГӢ ВА ИҶРОИЯ ДАР ТАЪМИНИ ҚОНУНИЯТ ВА ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ

Дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши мақомоти намояндагӣ, иҷроия ва мақомоти маҳаллӣ калон аст. Хусусан дар солҳои охир фаъолияти мақомоти намояндагӣ дар ин масъала хеле ҷоннок шудааст. Ваколатҳои назоратии мақомоти маҳаллӣ ба корхона ва муассисаҳое, ки дар ҳудуди онҳо воқеанд, васеъ карда шуда, фаъолияти онҳо дар ин самт пурзӯр шудааст. Мақомоти намояндагӣ ва иҷроия ба риояи қонунҳо назорат карда, барои муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, моликияти ташкилоту корхонаҳо, шаҳрвандон ва пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо тадбирҳои зарурӣ меандешанд. Ҳоло дар назди мақомоти намояндагӣ комиссияҳои доимии қонуният ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон амал менамоянд, ки онҳо дорои чунин ваколатҳо мебошанд:

– баробарҳуқуқии дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтгардидаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъмин менамоянд;

– риоя гардидани қонунҳо, муҳофизати тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳо, созмонҳои кооперативӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар ҳудуди худ таъмин мекунанд;

– барои беҳтар кардани шароити кору фаъолияти судҳо, мақомоти прокуратура, инчунин адвокатура чораҳо меандешанд; барномаҳои фарогири чораҳои пешгирӣ кардани қонуншиканӣ ва самтҳои асосии фаъолияти мақомот ва соз-

монҳои ҷамъиятиро доир ба мустаҳкам кардани қонуният ва тартибот бо дарназардошти вазъи ҷинояткорӣ таҳия менамоянд;

дар ҳолати офатҳои табиӣ, эпидемия, сӯхтор ва вайронкуниҳои оммавии тартиботи ҷамъиятӣ чораҳои махсуси пешбининамудаи қонунро оид ба таъмини бехатарии шахсии шаҳрвандон, ҳимояи ҳуқуқии онҳо, муҳофизати моликият ва тартиботи ҳуқуқӣ ба амал мебароранд.

Мақомоти маҳаллӣ ва комиссияҳои доимии онҳо расонидани ёрии ҳуқуқиро барои аҳолӣ ташкил менамоянд ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон машғул мешаванд. Дар маҷлисҳои комиссияҳои доимӣ рафтори роҳбарони ташкилоту муассисаҳое, ки ба қонуншиканӣ роҳ додаанд, муҳокима шуда, доир ба бартараф кардани онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар кори таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо нақши калон мебозад.

Ба зиммаи ин комиссияҳо пешгирӣ кардани қонуншикании ноболиғон, муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, таъмин намудани ноболиғон бо кор ва дигар масъалаҳои марбут ба ноболиғон гузошта шудаанд. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар ин комиссияҳо баррасӣ мегардад, рафтори наврасоне мебошад, ки бе назорати падару модар мондаанд ва дар ҳеҷ ҷо кор намекунанд ва тартиботи ҷамъиятиро вайрон менамоянд. Комиссияҳо якҷоя бо фаъолони корхонаву муассисаҳо ва вакилони халқ ба наврасони муҳтоҷи ёрӣ кумак мерасонанд, яъне онҳоро ба мактаб-интернатҳо ё дигар муассисаҳои бачагона ҷойгир мекунанд; агар падару модарони онҳо муҳтоҷи ёрии моддӣ бошанд, ба онҳо кумак мерасонанд. Бидуни ризояти комиссия ягон нафар мактаббачаро аз мактаб ва ноболиғро аз кор рондан мумкин нест. Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак доир ба ноболиғоне, ки ба онҳо чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ натиҷа намебах-

шанд, дар назди мақомоти дахлдори давлатӣ барои татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунӣ масъала мегузорад, аз ҷумла ноболиғро аз оила гирифта, ба муассисаи махсуси таълиму тарбия ҷойгир менамояд.

Мувофиқи низомномаи комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳуқуқ дорад, ки чораҳои таъсиррасонии зеринро истифода барад: гунаҳкорро водор кунанд, ки дар назди омма ё дар шакли дигар аз ҷабрдида узр пурсад; танбеҳ ё танбеҳи қатъӣ эълон кунанд; огоҳӣ дода, муҳлати яксолаи озмоишӣ муқаррар намоянд; бо мақсади муҳокима кардан ва чораҳои дахлдор андешидан асноди ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғонро ба ташкилотҳои ҷамъиятии ҷойи таҳсил, кор ё истиқоматашон фиристонанд; ноболиғонро ба падару модарон ё шахсони онҳоро ивазкунанда ба кафолат диҳанд; кӯдакону наврасонро ба муассисаҳои махсуси табобату тарбия фиристонанд.

## § 3. ИШТИРОКИ АҲЛИ ҶОМЕА ДАР ТАЪМИНИ ҚОНУНИЯТ ВА ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ

Шаклу воситаҳои иштироки аҳли ҷомеа дар таъмини қонуният хеле зиёданд. Инро, пеш аз ҳама, дар фаъолияти корхонаю муассисаҳо, мактабҳо, оила, дастаҳои халқӣ, дӯстони ҷавони милиса ва ғайра равшан дидан мумкин аст. Корхонаю муассисаҳо ва сохторҳои давлатию иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ худро аз ин кор канор намегиранд.

Барои пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии ноболиғон мактаб низ нақши муҳим мебозад. Дар аксари мактабҳои миёна ин кор дуруст ба роҳ монда шудааст. Коллективҳои омӯзгорӣ якҷоя бо падару модарони наврасон, парасторон, корхонаҳои истеҳсолӣ, бо фаъолони маҳаллаҳо ин корро дуруст ба роҳ мондаанд. Яке аз масъалаҳои ҳалталаби ноболиғон ин дуруст ва босамар гузаронидани вақти холӣ мебошад. Пӯшида нест, ки баъзан ноболиғон вақти холии худро дар кӯча бо шаробнӯшӣ, беҳудагардӣ, бадкорӣ ва дигар корҳои номатлуб мегузаронанд ва як қисми онҳо даст ба қонуншиканӣ мезананд. Агар коллективи мактабҳо ва соз-

монҳои ҷамъиятии онҳо бо ноболиғон чорабиниҳои зарурӣ гузаронанд, пеши роҳи бисёр ҳуқуқвайронкуниҳоро гирифтан мумкин аст.

Тарбияи ҳуқуқии мактабиён асосан бо роҳи ҳавасмандгардонӣ ба роҳ монда мешавад. Бо ин мақсад чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла олимпиада, викторина ва дигар навъҳои мусобиқаи маърифатию ҳуқуқӣ, ки барои ғолибон афзалияти дохил шудан ба мактабҳои олиро медиҳанд, гузаронида мешаванд. Бо мақсади боз ҳам ҳавасманд гардонидани наврасон ва тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ аксари чунин чорабиниҳо аз тариқи телевизион нишон дода мешаванд.

Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, хештаншиносӣ дар таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нақши бузург дорад. Ташкил намудани вохӯриҳои хонандагон бо собиқадорони ҷангу меҳнат, пирони рӯзгордида ва баргузор намудани суҳбатҳо дар мавзӯъҳои ватандӯстӣ, эҳтиром ба падару модар ва калонсолон, қадри суботу оромии ҷомеа, ҷангу ҷидол ва оқибатҳои вазнини он боиси пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби ноболиғон мегардад.

Бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани дӯстию рафоқат байни хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ гузаронида мешаванд. Дуруст ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии хонандагони мактаб яке аз омилҳои муҳимми мустаҳкам намудани қонуният дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад дар мактабҳо маҳфилҳои тарбияи ҳуқуқӣ ташкил шудааст, ки вазифадоранд сатҳи дониши ҳуқуқии наврасонро афзун намояд. Маҳфилҳои ҳуқуқӣ бо роҳи омӯхтани қонунгузории ҷорӣ ва таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба баланд гардидани дониши ҳуқуқии талабагон мусоидат менамоянд. Ба маҳфилҳо омӯзгорони фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» ва «Ҳуқуқи инсон», шахсони масъули мақомоти давлатӣ, донишҷӯёни ҳуқуқшинос сарварӣ менамоянд. Шакли муҳимми тарбияи ҳуқуқӣ гузаронидани конфронсҳои талабагон дар мавзӯъҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки онҳо барои риояи қонуният му-

соидат менамоянд. Дар кори тарбияи ҳуқуқии мактабиён таъсис додани рӯзномаи деворӣ «Ҳуқуқшиноси ҷавон» низ мақоми калон дорад. Дар ин рӯзнома мақолаҳо оид ба қонунҳои нав дарҷ шуда, дар бораи ҳамкории мактаб бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маълумот дода мешавад. Маъмурияти аксар мактабҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии мактабиён бо судяҳо, прокурорҳо ва дигар намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вохӯриҳо ташкил менамоянд, ки чунин чорабиниҳо, албатта, аҳамияти муҳимми тарбиявӣ доранд. Гузаронидани олимпиадаи ҳуқуқшиносони ҷавон низ барои тарбияи ҳуқуқии наврасон кумаки зиёд мерасонад. Мақсади асосии олимпиада баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати ҳуқуқии мактабиён ва ҳаматарафа омӯхтани фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» ва «Ҳуқуқи инсон» мебошад. Ба ғолибони олимпиада барои дохил шудан ба факултаҳои ҳуқуқи мактабҳои олии кишвар тавсиянома дода мешавад.

Барои он, ки дар таъмини қонуният натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда шавад, мактаб бояд бо Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак алоқаи зич дошта бошад.

Дар пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва мустаҳкам намудани қонуният оила низ мавқеи муҳим дорад. Рафтори ибратбахши падару модарон фарзандонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва онҳоро дар рӯҳияи ростқавлию меҳнатдӯстӣ тарбия мекунад. Мувофиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модарон уҳдадоранд, ки фарзандони худро дар рӯҳияи садоқатмандӣ ба Ватан ва миллат, иззату эҳтиром нисбат ба калонсолон тарбия намоянд.

Агар падару модарон дар оила ҳар як рафтори фарзандонашонро назорат карда, сари вақт тадбирҳо андешанд, он гоҳ ноболиғон ба ҳуқуқвайронкуниҳо роҳ намедиҳанд.

Масалан, боре падари як хонандаи мактаби миёнаи шаҳри Душанбе дар хонааш глобусро дида, аз писараш аз куҷо пайдо шудани онро пурсон шуд. Дар ҷавоб писараш

гуфт, ки онро аз мактаб ба хона овардааст. Рӯзи дигар падар ҳамроҳи писараш глобусро ба мактаб баргардонида, аз омӯзгорон узр пурсид. Албатта, чунин рафтори падар шоистаи таҳсин аст, зеро глобус моликияти мактаб аст. Рафтори падару модароне, ки фарзандонашонро дуруст тарбия мекунанд, лоиқи дастгирӣ ва пайравӣ мебошад. Маҳз тавассути чунин падару модарон дар оила ва мактаб рӯҳияи инсондӯстӣ ва оштинопазирӣ ба ҳар гуна қонуншиканиҳо ҳукмфармост.

Бояд қайд кард, ки дар оилае, ки ҳамсарон хушбахтона умр ба сар мебаранд, якдигарфаҳмии аъзои оила ҷой дорад, тарбияи фарзандон дуруст ба роҳ монда шудааст. Ва баръакс, агар дар байни аъзои оила нофаҳмӣ ва сардӣ мавҷуд бошад, он гоҳ фарзандон низ ба роҳи нодуруст мераванд ва чунин вазъияти ногувори оилавӣ оқибат ба дараҷаи маданият ва маълумоти наврасон нақши манфии худро мегузорад.

Бинобар ин, масъалаи тарбияи дурусти фарзандон яке аз вазифаҳои муҳимми оила ва ҷамъият ба ҳисоб меравад. Ин омил дар маҷмӯъ, барои мустаҳкам гардидани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО:

1. Қонуният чист?
2. Принсипҳои қонуниятро номбар ва фаҳмонида диҳед.
3.Тартиботи ҳуқуқӣ гуфта чиро мефаҳмед?
4. Нақши мақомоти намояндагӣ ва иҷроия дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ чӣ гуна аст?
5. Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, шаҳр ва вилоят дар кори таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ чӣ корҳоро ба анҷом мерасонанд?
6. Иштироки аҳли ҷомеа дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар кадом шаклҳо ба роҳ монда мешаванд?
7. Мактаб дар пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ чӣ гуна нақш бозида метавонад?
8. Мавқеи оила дар мустаҳкам намудани қонуният чӣ гуна мебошад?

# БОБИ XII. МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## § 1. НИЗОМИ СУДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шудааст. Дар қонуни конститутсионӣ зикр шудааст, ки Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд (қисми 1-и моддаи 3). Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили суди фавқулодаро манъ мекунад (қисми 5-и моддаи 84).

Тибқи қонунгузории мавҷуда Суди Олӣ нисбат ба судҳои шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва судҳои ҳарбӣ дар масъалаи баррасии парвандаҳои гражданӣ, ҷиноӣ, маъмурӣ ва Суди Олии иқтисодӣ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки аз тарафи судҳои иқтисодӣ баррасӣ карда мешаванд, мақомоти олии судӣ эътироф гардидаанд.

Вобаста ба тақсимоти кишвар ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низоми судии мазкур (ғайр аз судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ) ба се зина тақсим мешаванд: судҳои шаҳрию ноҳиявӣ (суди зинаи аввал ба шумор меравaнд); суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе (суди зинаи дуюм); Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (суди зинаи сеюм).

***Адолати судӣ ва принсипҳои ба амал баровардани он***

Чунонки аз талаботи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии марбут ба судҳо бармеояд, яке аз аломатҳои адолати судӣ аз он иборат аст, ки ғайр аз судҳо дигар мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ адолати судиро амалӣ карда наметавонанд.

Адолати судӣ танҳо тавассути қонун бо роҳҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

– баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои конститутсионӣ;

– баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои гражданӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, корхона ва ташкилоту муассисаҳо иртибот доранд;

– баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳалли масъалаҳо оид ба гунаҳкор будани судшавандагон, татбиқи чораҳои ҷазои муқарраркардаи қонун нисбат ба ашхосе, ки дар содир намудани ҷиноят айбдоранд ва ё сафед кардани бегуноҳон;

– баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ;

– баррасии парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ.

Тартиби баррасии ин парвандаҳоро қонунҳои мурофиавӣ танзим мекунад. Тартиби баррасии парвандаҳои конститутсионӣ дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда шудааст.

Адолати судӣ дар мавриди мурофиаи ҷиноятии судӣ раванди аз ҷониби суд дар асоси қонун ҳаматарафа, пурра ва объективона таҳқиқ намудани ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ бо мақсади муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва шахсони гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят, ҳамчунин, татбиқ кардани ҷазои сазовор нисбат ба ҷинояткор мебошад.

Суд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ маҷбуркунии давлатиро истифода мекунад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷро накардани санадҳои судӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ кардааст.

Қонунгузории ҷиноятӣ барои аз ҷониби шахсони мансабдор қасдан иҷро нагардидани ҳалнома, ҳукм, таъинот ё қарори суд ё барои монеъ шудан ба иҷрои онҳо ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст (моддаи 363-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Тамоми масъалаҳои вобаста ба амал баровардани адолати судӣ танҳо дар ҷаласаҳои судӣ ҳаллу фасл карда мешаванд. Тартиби мурофиаи судиро вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ мутобиқан кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, мурофиавии икти-

содӣ ва мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд. Мақсади қонунҳои мурофиавии мазкур ба даст овардани ҳақиқат ва адолат, асоснок будани санадҳои судии қабулшаванда, яъне асоси қонунӣ доштани онҳо мебошад. Бояд дар хотир дошт, ки адолати судӣ яке аз зуҳуроти ҳокимияти судӣ буда, натиҷаи фаъолияти танҳо суд оид ба баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои конститутсионӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ мебошад.

Принсипҳои асосии адолати судӣ аз инҳо иборатанд: мутобиқи қонун ташкил гардидани судҳо ва ба амал баровардани адолати судӣ; мустақил будани судяҳо ва танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат кардани онҳо; ба таври дастаҷамъӣ ва ё алоҳида баррасӣ гардидани парвандаҳо; ба таври мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат гирифтани адолати судӣ; кафолати ҳифзи судӣ доштани ҳар шахс; аз тарафи суди босалоҳият ва беғараз баррасӣ гардидани парванда; эҳтимолияти бегуноҳӣ; таъмин намудани ҳуқуқи ҳимоя ба дастгиршуда, гумонбар, айбдоршаванда, судшавнда, маҳкумшуда ва сафедкардашуда; ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдида; ба таври ошкоро доир шудани мурофиаи судӣ; забони мурофиаи судӣ; баробар будан дар назди қонун ва суд; иштироки намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаҳои шаҳрвандию меҳнатӣ дар суд.

***Тартиби фаъолияти судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суди конститутсионӣ хусусияти ба худ хос дорад ва ба дигар судҳо монанд нест. Он ба хотири ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад ва мақоми болоӣ ва поёнии судӣ надорад. Тибқи Конститутсия (қисми 4-и моддаи 89) ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба

қувваи қонун надаромадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсия иборат аст. Дар мавриди бо қарори Суди конститутсионӣ ғайриконститутсионӣ эътироф гардидани баъзе меъёрҳои қонун қувваи қонунии он аз байн меравад. Қарори суди мазкур дар ин хусус қатъӣ буда, аз ҷониби дигар мақомоти давлатӣ баррасӣ карда намешавад. Суди конститутсионӣ, инчунин, баҳсҳои вобаста ба салоҳиятро байни мақомоти давлатиро баррасӣ менамояд.

Вобаста ба мақоми хосса доштани Суди конститутсионӣ талаботи қонун нисбат ба номзадҳо барои судягӣ дар суди мазкур ҷиддитар аст: номзад бояд таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта бошад, синнаш аз 30-сола кам набошад, беш аз 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судя будан барои занон 58 ва барои мардон 63 мебошад. Судяи Суди конститутсионӣ наметавонад вазифаи дигари бо музди кор вобастабударо иҷро кунад, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ё созмонҳои сиёсӣ бошад (ба истисноеи фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ). Санадҳои ин суд аз қарор, хулоса ва таъинот иборатанд.

***Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлати мо мақоми олии судӣ ба ҳисоб меравад ва аз болои фаъолияти судҳои ҳарбии гарнизонҳои Душанбе, Хуҷанд, Хатлон, Хоруғ, суди ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо оид ба парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳои дар тобеияти ин судҳо қарордошта назорати судиро ба амал мебарорад. Мақоми олӣ доштани ин суд аз он иборат аст, ки вай нисбат ба судҳои вилоят ва шаҳру ноҳия, судҳои ҳарбии гарнизонҳо суди болоӣ ба шумор меравад ва асоснок будани санадҳои судии аз ҷониби судҳои поёнӣ қабулшударо муайян мекунад, яъне доир ба амалӣ гардидани адолати судӣ назорати судӣ мебарад.

Суди Олӣ ваколати тағйир додан, ба қувваи қонунӣ монондани санади судӣ, бекор кардан ва баровардани санади судии дигарро оид ба тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва маъмурӣ дорад. Суди Олӣ инчунин таҷрибаи судии

судҳои поёниро муайян мекунад, яъне ҳуқуқи ба ин судҳо додани тавзеҳоти дастуриро дорад.

Мансабҳои раис, муовини раис ва судяҳои ин суд интихобӣ мебошанд. Ба вазифаҳои раис, муовини раис ва судяҳои Суди Олӣ шахсе интихоб мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ буда, синнашон аз 30 сол кам набошад, ба ҳайси судя ҳадди ақал 5 сол собиқаи корӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судя будан барои занон 58 ва барои мардон 63 мебошад. Номзадҳо ба вазифаи судяи Суди Олӣ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муддати 10 сол интихоб карда мешаванд. Сохтори Суди Олӣ аз Пленум, Раёсат, коллегияҳои судӣ парвандаҳои граждани, парвандаҳои ҷиноятӣ, оид ба парвандаҳои оилавӣ, парвандаҳои маъмурӣ ва Коллегияи ҳарбӣ иборат аст. Пленуми Суди Олӣ марҳалаи олии судӣ ба ҳисоб меравад.

***Судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Суди Олии иқтисодӣ, суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятӣ, суди иқтисодии шаҳри Душанбе ба низоми судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд ва онҳо адолати судиро дар соҳаи муносибатҳои хоҷагӣ ва иқтисодӣ ба амал мебароранд. Судҳои иқтисодӣ аз рӯйи салоҳияти худ аз дигар судҳо фарқ мекунанд, зеро онҳо баҳсҳои иқтисодиеро ҳал мекунанд, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, маъмурӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ бармеоянд. Доираи субъектҳои ба судҳои иқтисодӣ муроҷиаткунанда муайян аст. Инҳо шахсони ҳуқуқӣ – ташкилоту ширкатҳо, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва соҳибкорон мебошанд. Мазмуни муроҷиати онҳо масъалаи молу мулк ва ҳимояи ҳуқуқи молумулкист. Ғайр аз ин, судҳои иқтисодӣ дар доираи салоҳияти худ барои пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъҳои фаъолияти иқтисодӣ вазифадор мебошан*д.*

***Судҳои ҳарбӣ.*** Судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буда, дар Вазо-

рати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми қисмҳои ҳарбӣ адолати судиро ба амал мебароранд. Фарқи асосии судҳои ҳарбӣ аз дигар судҳо дар он аст, ки судҳои ҳарбӣ парвандаҳоро нисбат ба шахсони ҳарбӣ баррасӣ мекунанд.

Аз болои судҳои ҳарбӣ Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати судӣ мебарад.

Судҳои ҳарбии гарнизонҳои Душанбе, Хуҷанд, Хатлон, Хоруғ ва коллегияи ҳарбии Суди Олӣ ба низоми судҳои ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Судҳои ҳарбии гарнизонҳо аз ҷиҳати ҳайат ба суди шаҳру ноҳия монанд мебошанд. Судҳои ҳарбӣ салоҳияти баррасии парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятиро доранд. Ин судҳо парвандаҳои зикршударо ҳамон вақт баррасӣ мекунанд, ки агар онҳо ба судҳои ҳарбӣ тобеияти идоравӣ дошта бошанд. Барои муайян кардани тобеияти идоравии парвандаҳои ҷиноятӣ мафҳумҳои хизмати ҳарбӣ ва ҳизматчии ҳарбӣ будан ё набудани ҷавобгарро донистан лозим аст. Шахсе хизматчии ҳарбӣ ҳисобида мешавад, ки ӯ дар хизмати ҳарбӣ қарор дошта бошад. Судҳои ҳарбӣ тамоми парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои содирнамудаи хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати афсарон, прапоршикҳо, сержантҳо, старшинаҳо ва сарбозони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Гвардияи миллӣ, қӯшунҳои дохилию посбонӣ, қисмҳои милитсияи аз рӯйи даъват ташкилшудаи Вазорати корҳои дохилӣ, сохтмончиё-

ни ҳарбӣ ва шахсони ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои ислоҳиро баррасӣ мекунанд.

Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе. Судҳои номбаршуда баъд аз Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои судҳои шаҳриву ноҳиявӣ суди болоӣ ба ҳисоб меравад. Судҳои вилоятӣ парвандаҳоро дар марҳалаи якум баррасӣ мекунанд. Ин судҳо, тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, дар ҳудуди вилоят, ҳамчун суди зинаи якум, парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои одамкушӣ, таҷовуз ба номус, терроризм, генотсид, биотсид ва ғайраро баррасӣ мекунанд. Ҳайати судҳои вилоятӣ аз раис, муовини якум, муовини раис, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ иборат аст.

***Судҳои шаҳр ва ноҳия.*** Судҳои шаҳр ва ноҳия дар низоми судии мамлакат мавқеи асосӣ доранд. Онҳо суди зинаи якум буда, парвандаҳоро танҳо ба сифати суди марҳалаи якум моҳиятан баррасӣ менамоянд. Мувофиқи моддаи 85-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ дар бораи судҳо, шахсе ба вазифаи судяи суди шаҳр ва ноҳия таъйин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 25-сола кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кори касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судя будан барои занон 58 ва барои мардон 63 мебошад.

Судяҳои суди шаҳр ва ноҳияро бо пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд. Хоста гирифтан ва пешниҳод намудани номзадҳо ба вазифаи судяҳои суди шаҳр ва ноҳия ба зиммаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Шахсоне, ки бори аввал ба вазифаи судя пешбарӣ мешаванд, чун қоида бо пешниҳоди комиссияи имтиҳонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати як сол ба сифати коромӯз-судя фаъолият менамоянд.

Танҳо баъд аз ба сифати коромӯз–судя як сол фаъолият намудан номзадҳо ба вазифаи судяи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ пешбарӣ шуда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба ин вазифа таъйин карда мешаванд ва соҳиби ваколати судя мегарданд.

Ҳайати суди шаҳру ноҳия яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Мувофиқи қонунгузорӣ, ҳайати суди шаҳр ва ноҳия аз раиси суд, муовини раис, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ иборат ҳастанд. Ҳоло дар кишвар 69 суди шаҳриву ноҳиявӣ амал мекунанд, ки қисме якҳайата ва қисми дигар бисёрҳайата мебошанд. Ин ҳолат аз шумораи аҳолӣ ва шумораи корҳо дар суд вобастагӣ дорад. Дар судҳои шаҳру ноҳияҳое, ки таркибашон аз 5 ва бештар судяҳо иборатанд, вазифаи муовини раиси суд муқаррар карда шудааст. Сарфи назар аз ҳайати суд ба ҳар судя 20 машваратчии халқӣ интихоб мегардад.

## § 2. ВАЗИФАҲО ВА СОХТОРИ ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мувофиқи «Низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 28-уми декабри соли 2006 тасдиқ намудааст, Вазорати адлия мақоми марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки татбиқи сиёсати давлат ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаҳои меъёрэҷодкунӣ, ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, экспертизаи судӣ ва криминалистӣ, дигар соҳаҳои адлияе, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, таъмин менамояд.

Вазифаҳои асосии вазорати мазкур иборатанд аз:

таъмини сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи меъёрэҷодкунӣ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; иштирок дар таъмини фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, гузаронидани санҷиши ҳуқуқии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмин намудани мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст; бақайдгирӣ ва баҳисобгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ дар ҷомеа, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва таҳкими қонуният нигаронида шудааст; танзими давлатии фаъолияти мақомоти нотариалӣ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, фаъолияти адвокатҳои ваколатдор ва баланд бардоштани самаранокии кори онҳо; таъмини риояи қонунгузорӣ ҳангоми бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шартномаҳои гарав ва консессионӣ; дар доираи ваколатҳои худ таъмин намудани самаранокии ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ; таъмини иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; ташкил ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ; такмили ихтисоси кадрҳои ҳуқуқшинос бо дарназардошти талабот ва меъёрҳои замонавӣ; баррасии саривақтӣ ва босифати шикоятҳо, аризаҳо ва дигар мурoҷиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ва дигар вазифаҳо.

Муҳимтарин самти фаъолияти Вазорати адлия амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқист. Баъдан мутахассисони вазорат ба лоиҳаи ҳамаи қонунҳо хулоса пешниҳод мекунанд, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро сабти ном менамоянд, инчунин, шартномаҳои гаравро ба қайд мегиранд.

Сохтори Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Раёсатҳои адлияи ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораи нотариалии давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, Маркази ҷумҳуриявии санҷишгоҳи судӣ ва криминалистӣ ва нашриёти «Қонуният» сохтори Вазорати адлияро ташкил медиҳанд.

## §3. МАҚОМОТИ САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

Асноди ҳолати шаҳрвандӣ амали шаҳрванд ё ҳодисаест, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва қатъ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо гардида, ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандонро муайян менамоянд. Таваллуд, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхонӣ, муқаррар кардани падарӣ, иваз намудани ном, номи падар ва насаб, инчунин вафот аз ҷумлаи ҳолатҳое мебошанд, ки вазъи ҳуқуқиву шаҳрвандии шаҳрвандонро муқаррар менамоянд. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи шуъбаҳои САҲШ-и шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот сурат мегирад. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ сурат мегирад.

Мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳия ва шаҳр таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар намудани падарӣ, иваз кардани ном, номи падар ва насабро ба қайди давлатӣ гирифта, асноди ҳолати шаҳрвандиро тағйир медиҳанд, пурра, ислоҳ ва бекор мекунанд, сабтҳои гумшударо барқарор менамоянд, инчунин, китобҳои аснодро нигоҳ медоранд, шаҳодатномаи такрорӣ ва маълумотномаҳои дахлдор медиҳанд. Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бошанд, танҳо таваллуд, вафот, ақди никоҳ ва муқаррар намудани падариро ба қайди давлатӣ мегиранд. Ҳамаи ин амалҳоро мақомоти САҲШ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» (аз 29-уми апрели соли 2006) анҷом медиҳанд. Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми назоратӣ ва ҳамоҳангсозандаи фаъолияти мақомоти САҲШ дар кишвар мебошад.

**Вазифа ва ваколатҳои идораҳои нотариалӣ**

Вазифаи асосии нотариати давлатӣ ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлат бо роҳи аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо овардани амалиёти нотариалии пешбининамудаи қонунгузорӣ аст. Ин ва дигар вазифаҳои нотариат дар Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» муқаррар шудаанд. Доираи ваколатҳои идораҳои нотариалӣ оид ба пешбурди амалиёти нотариалӣ хеле васеъ аст: тасдиқ намудани аҳдҳо, шартномаҳо, васиятномаҳо, ваколатномаҳо; додани шаҳодатномаҳо оид ба ҳуқуқ ба мерос; тасдиқ намудани ҳаққонияти нусхаи ҳуҷҷатҳо; тасдиқ намудани дурустии тарҷумаи ҳуҷҷатҳо аз як забон ба забони дигар; навишта додани номаҳои иҷроия; додани шаҳодатномаҳо оид ба ҳуқуқи моликият ва ғайра.

Фаъолияти идораҳои нотариати давлатӣ таҳти назорати давлат қарор дорад. Қонуни зикршуда назоратро аз болои фаъолияти идораҳои нотариалии давлатӣ ба зиммаи Вазорати адлия, раёсатҳои адлияи ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон вогузор намудааст.

## § 4. ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВАЗИФА ВА САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРАТУРА

Мақомоти прокуратура дар таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон саҳми асосӣ доранд. Ҳамин аст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти прокуратура боби алоҳида (боби 9) бахшида шудааст. Дар моддаи 93-и Конститутсия зикр шудааст, ки дар қаламрави Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд. Инчунин дар моддаи 94 қайд шудааст, ки низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи Тоҷикистонро Прокурори генералӣ роҳбарӣ меку-

над ва ӯ дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул аст.

Фаъолияти мақомоти прокуратураро санади меъёрии ҳуқуқии махсус – Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 25-уми июли соли 2005) ба танзим медарорад. Тибқи моддаи 4-уми ҳамин қонун, вазифаҳои мақомоти прокуратура бо мақсади ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ амалӣ карда мешаванд.

Самтҳои асосии фаъолияти прокуратура дар моддаи 5-и қонуни номбаршуда инъикос ёфтаанд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура назорати прокурорӣ мебошад.

Назорати прокурорӣ чунин маъно дорад, ки кормандони мақомоти прокуратура дар доираи ваколатҳои худ ҳуқуқ доранд, ки назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеияташон, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдорашон, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқии баровардаашонро назорат кунанд; ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдор назорат баранд; риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯйӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд, назорат намоянд; ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳанго-

ми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад назорат кунанд. Ғайр аз ин, прокурор ҳақ дорад, ки ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ шудани парвандаҳо, яъне дар мурофиаи судӣ иштирок кунад ва нисбат ба ҳалнома, ҳукм, таъйинот ва қарори суд эътироз пешниҳод намояд. Прокурорҳо ҳангоми гузаронидани санҷишҳо ва таҳлили маводи умумии назорати прокурорӣ дар доираи салоҳияти худ чор навъи санади прокурорӣ қабул мекунанд: эътироз, пешниҳод, қарор ва амр.

Эътирози прокурор нисбат ба санад, супориш ва дигар ҳуҷҷатҳои аз тарафи мақомот ва шахсони мансабдор қабулшуда, ки хилофи қонун мебошанд, ба мақомоти интишордодаи ин санад ё мақомоти болоӣ оварда мешавад. Ҳуқуқи пешниҳоди эътироз танҳо ба прокурор ва муовини ӯ дода шудааст. Муҳлати баррасии эътирози прокурор 10 рӯз аст. Агар дар ин муҳлат ба прокурор ҷавоби хаттӣ дода нашавад ва ё эътирози прокурор бесабаб рад карда шавад, он гоҳ ӯ метавонад барои ғайриқонунӣ донистани санад бо аризаи даъвогӣ ба суд мурочиат кунад.

Пешниҳ**оди** прокурор дар хусуси бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, сабабу омилҳои ба онҳо мусоидаткарда ба муассисаву ташкилот ва шахси мансабдоре фиристода мешавад, ки ба бартараф намудани қонунвайронкунӣ ваколат дорад. Ин муассисаву ташкилот ва ё шахси мансабдор бояд дар муддати на дертар аз як моҳ доир ба пешниҳоди прокурор тадбирҳои дахлдор андешида, аз натиҷаи он ба таври хаттӣ ба прокурор хабар диҳад.

Қарори прокурор ва ё муовини ӯ ҳангоми ошкор намудани қонунвайронкунӣ дар рафтори шахси мансабдор ё шаҳрванд бо дарназардошти муқаррароти қонун оид ба оғоз намудани истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашидан ё дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бароварда мешавад. Ин санади прокурор низ бояд дар муддати 10 рӯз, ба истисноии қарор оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷониби шахси ман-

сабдор ва ё дигар мақоми босалоҳият баррасӣ карда шавад.

Амри прокурор дар мавридҳое пешниҳод карда мешавад, ки қонунвайронкунӣ ошкор шудааст ва дар ҳолати фавран бартараф карда нашуданаш метавонад ба манфиати давлат, корхонаву муассиса ва ё шаҳрвандон зарари ҷиддӣ расонад. Амри прокурор бояд бетаъхир иҷро гардида, дар ин бора ба ӯ маълумот дода шавад. Қонун ғайр аз прокурор, инчунин ба муовини ӯ ва шахси ваколатдорнамудаи онҳо (масалан, ёрдамчии калони прокурор, прокурори шуъба ва монанди онҳо) ҳуқуқи баровардани амрро додааст.

***Низом ва сохтори мақомоти прокуратура***

Мувофиқи моддаи 13-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» Прокуратураи генералӣ, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокуратураи нақлиёт, прокуратураи шаҳру ноҳияҳо ва дигар прокуратураҳои ба онҳо баробаркардашуда, прокуратураи ҳарбии гарнизонҳо ва прокуратураи назорат аз болои иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазо низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Дар сохтори прокуратураи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон ғайр аз роҳбарият, инчунин раёсатҳо, шуъбаҳои дахлдор ва шуъбаи тафтишот мавҷуданд. Дар прокуратураи шаҳру ноҳияҳо ёрдамчиён, ёрдамчиёни калони прокурор ва муфаттишон фаъолият мекунанд. Ба низоми марказонидашудаи прокуратура Прокурори генералӣ роҳбарӣ мекунад. Фаъолияти прокуратура танҳо ба Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, асос меёбад. Иҷрои санадҳои меъёрии Прокурори генералӣ аз ҷониби тамоми мақомоти прокуратура ҳатмист.

Прокурори генералӣ дар назди Президент ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст. Ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризояти Маҷли-

си миллии Маҷлиси Олӣ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мекунад. Муҳлати ваколати Прокурори генералӣ ва дигар прокурорҳо 5 сол аст. Ба мақомоти прокуратура шаҳрвандоне ба кор қабул карда мешаванд, ки синнашон то 35-сола буда, таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва сифатҳои ахлоқиву корӣ доранд, забони давлатиро медонанд, инчунин вазъи саломатиашон ба иҷрои вазифаҳои прокуратура мутобиқат мекунад. Шахсони бетабаа, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсоне, ки аз рӯйи хулосаи тиббӣ имконияти иҷрои вазифаро надоранд, таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ надоранд, доғи судӣ доранд, бо ҳукми суд аз ҳуқуқи ишғол кардани вазифаҳои муайяни давлатӣ маҳрум шудаанд, бо қарори суд ғайри қобили амал эътироф шудаанд ба мақомоти прокуратура ба кор қабул карда намешаванд.

## § 5. МАҚОМОТИ ТАҲҚИҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тибқи қонунгузории мавҷуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳои мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳои мақомоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳои мақомоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони муассисаҳои ислоҳӣ, воҳидҳои мақомоти назорати давлатии зидди сӯхтор, воҳидҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳои мақомоти гумрук, воҳидҳои мақомоти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воҳидҳои мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ба мақомоти таҳқиқ дохил мешаванд.

Мувофиқи ин номгӯй, мақомоти корҳои дохилӣ, яъне милитсия, дар мамлакат мақоми асосии таҳқиқ ба шумор меравад. Кормандони масъули милитсия аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятие, ки тафтишоти пешакиро талаб мекунанд,

таҳқиқ бурда, сипас маводи ҷамъоваришударо ба мақомоти тафтишотӣ месупоранд. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои одамкушӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, таҷовуз ба номус ва монанди инҳо тафтишоти пешакиро талаб мекунанд. Ғайр аз милитсия, мувофиқи Қонун «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 1-уми августи соли 1997) қӯшунҳои сарҳадӣ низ дар ҳудуди қаламрави сарҳадӣ ҳуқуқи бурдани таҳқиқро доранд. Ба онҳо ҳуқуқ дода шудааст, ки дар минтақаи сарҳад молҳо, борҳо ва дигар воситаҳои нақлиётии ғайриқонунӣ интиқолшавандаро мусодира карда, ба хадамоти гумрук ва маводи нашъадорро ба ҷузъу томҳои Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супоранд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» (аз 10-уми декабри соли 1999) Агентии маводи нашъадори назди Президент ҳуқуқ дорад, ки дар минтақаҳои сарҳадӣ ва гумрукӣ таҳқиқ барад.

Кумитаи давлатии амнияти миллӣ низ дар ҳайати раёсату шуъбаҳои он дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, шуъбаҳои он дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ тибқи қонунгузории мавҷуда (Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва Қонун «Дар бораи мақомоти амнияти давлатӣ») мақоми таҳқиқ ба шумор рафта, ҷиноятҳои дар моддаҳои 305 (хиёнат ба давлат), 308 (ҷосусӣ), 311 (ифшои сирри давлатӣ) ва дигар моддаҳои дахлдори дар Кодекси ҷиноятӣ зикргардида ба тобеияти тафтишотии ин мақомот дахл доранд.

Тибқи қонун, хадамоти гумрук низ мақоми давлатии ҳифзи ҳуқуқ эътироф шуда, кормандони масъули он аз рӯйи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои вобаста ба қочоқ ва саркашӣ кардан аз пардохтҳои гумрукӣ (моддаҳои 289, 291-и Кодекси ҷиноятӣ) ҳуқуқи гузаронидани амалиёти таҳқиқӣ ва тафтишотиро доранд.

## § 6. САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ ВА САЛОҲИЯТИ МИЛИТСИЯ

Милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва таҳқиқу тафтишот ба шумор рафта, вазифаи асосии он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлат аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳост. Милитсия ба сохтори мақомоти корҳои дохилӣ шомил буда, ба Вазорати корҳои дохилӣ итоат мекунад. Самти асосии фаъолияти милитсия мувофиқи моддаи 5 Қонун «Дар бораи милитсия» (аз 17-уми майи соли 2004) ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сарфи назар аз шаҳрвандӣ, ҷойи истиқомат, ҷинс, миллат, нажод, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ мебошад. Самтҳои дигари кори милитсия аз пешгирӣ кардан ва бартараф намудани ҷинояткориҳо ва дигар қонунвайронкуниҳо, ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятиву давлатӣ, таъмини тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, ошкор намудан ва таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо, ҷустуҷӯйи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, ҳимояи ҳама гуна шаклҳои моликият аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, таблиғоти ҳуқуқӣ, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, инчунин татбиқ ва иҷрои ҷазои маъмурӣ иборат аст.

Муҳимтарин вазифаи милитсия ошкор ва пешгирӣ кардани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳое мебошад, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳдид мекунанд. Бо ин мақсад кормандони милитсия амалиёти оперативӣ–ҷустуҷӯйӣ гузаронида, тартиботи қонуниро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ таъмин мекунанд. Қабул намудани аризаву хабар ва маълумоти дигар дар хусуси ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо аз шаҳрвандон, ба қайд гирифтани онҳо ва андешидани чораҳои зарурӣ доир ба онҳо аз ҷумлаи вазифаҳои ҳамарӯзаи милитсия ба шумор меравад.

Милитсия ҳуқуқ дорад, ки аз шаҳрвандон ва шахсони мансабдор низ риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ, қатъ кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар кирдореро, ки ба тат-

биқи ваколатҳои милитсия монеа мешаванд, талаб намояд ва дар сурати иҷро нагардидани ин талабот мувофиқи қонун аз чораҳои маҷбуркунӣ истифода намояд. Кормандони милитсия ҳақ доранд, ки аз шахсони дар содир намудани ҷиноят ва ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ гумонбаршуда ҳуҷҷат талаб намуда, онҳоро санҷанд, нисбат ба шахсоне, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, ҳуҷҷатҳои зарурӣ тартиб диҳанд ва мувофиқи талаботи қонун тадбирҳои лозимаро анҷом диҳанд. Инчунин, кормандони милитсия ҳуқуқ доранд, ки бо зарурати пешгирии бевоситаи ҷиноят, таъқиби шахси гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят ва вазъи фавқулодаи ба амнияти ҷамъиятӣ таҳдидкунанда ба хонаҳои истиқоматӣ, биноҳои корхонаву муассисаҳо ва қитъаҳои замини шахсони алоҳида, ба истиснои намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шаванд ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронанд, аммо дар ин ҳолат онҳо вазифадор мешаванд, ки дар муддати 24 соат аз ин гуна амалиёт ба прокурор хабар диҳанд. Инчунин аз шаҳрвандон ва шахсони мансабдор ҳуҷҷатҳои дорои аломатҳои сохтакорӣ, молу мавод ва моддаҳои дар муомилоти шаҳрвандӣ манъбуда ва моликияти бесоҳибро нигоҳ доранд ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мансубияти минбаъдаи онҳоро ҳал намоянд.

Дар ҳайати Вазорати корҳои дохилӣ, инчунин, бо мақсади пурзӯр намудани мубориза алайҳи ҷиноятткорӣ, сохторҳои гуногун, аз қабили бригадаҳои махсус ва қӯшунҳои дохилӣ созмон дода шудаанд, ки вазифаҳои хизматӣ-муҳорибавиро иҷро мекунанд. Дар давраи ҷанг сохторҳои зикршуда захираи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил мекунанд.

Дар назар доштан лозим аст, ки расонидани кумаки саривақтӣ ва беғаразона ба кормандони милитсия ҳангоми иҷрои фаъолияти хизматии онҳо қарзи шаҳрвандии ҳар як сокини кишвар ба шумор меравад. Бо иҷрои ин амал ҳар

шахс, сарфи назар аз синну солаш, метавонад дар пешгирии ҷинояткорӣ ва пойдории тартиботи ҷамъиятӣ саҳми муносиб гузорад.

## § 7. АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ. МАҚОМОТИ ГУМРУК

Бо дигар шудани шароити иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди давлатдорӣ роҳу усулҳои мубориза бо ҷинояткорӣ низ тағйир меёбанд. Ҳамин тавр, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон илова шудани сохтори нав – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия тақозои шароити нави иҷтимоиву иқтисодӣ дар мамлакат мебошад. Аз номи ин муассисаи ҳифзи ҳуқуқ маълум мегардад, ки он аз болои фаъолияти низоми молияи кишвар назорат бурда, аз ҷониби дигар дар мубориза бо падидаи хеле зиёновар ва номатлуб – ришвахӯрӣ саҳмгузор аст. Низомномаи ин сохтор бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007 тасдиқ шудааст. Ин мақом дар асоси Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ», Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва низомномаи зикршуда фаъолият бурда, ҳамчун мақоми таҳқиқ дар ошкор намудан ва пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ масъулият дорад. Воҳидҳои дахлдори агентии мазкур доир ба ҷиноятҳои характери коррупсионидошта парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда, таҳқиқи онҳоро анҷом медиҳанд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини

амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқамандро иҷро менамояд.

Мақомоти Агентиро директори Агентӣ роҳбарӣ мекунад, ки ӯ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда шуда, бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунад. Директори Агентӣ салоҳият ва масъулияти муовинон, сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо, бахшҳо ва роҳбарони дигар воҳидҳои Агентиро муқаррар менамояд.

Мақомоти Агентӣ дорои низоми ягонаи марказонидашуда буда, аз дастгоҳи марказӣ, мақомоти маҳаллӣ - раёсатҳои Агентӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои минтақавӣ иборат мебошад. Сохтори дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳаллии Агентӣ аз воҳидҳои назорати давлатии молиявӣ, оперативӣ – ҷустуҷӯйӣ, тафтишотӣ ва дигар воҳидҳо иборат мебошад. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақомоти Агентӣ ва сохторҳои тобеи он, инчунин таҳкими ташкилию штатии мақомоти Агентӣ, тасдиқи Низомномаи Агентӣ, сохтори дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Вазифаҳои асосӣ ва самтҳои фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст: - иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия;

– дар доираи ваколати худ таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъият ва давлат;

– амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ;

– муайян ва дар амал татбиқ намудани тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия;

– гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ ва фошнамоии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ғайра.

Барои иҷрои вазифаҳои мазкур Агентӣ амалиёти оперативӣ–ҷустуҷӯйӣ, тафтишотӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва дигар чораҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо анҷом медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки воҳидҳои Агентӣ ҳамчун мақомоти таҳқиқ нисбати ҷиноятҳои характери коррупсионидошта парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, таҳқиқи онро анҷом медиҳанд. Дар мавриди тасдиқ нагардидани воқеияти ҷинояти хислати коррупсионидошта воҳидҳои Агентӣ дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекунанд.

Агентӣ мақоми таҳқиқ ба шумор рафта, фаъолияти худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад, ки яке аз самти асосии фаъолияти онро ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани амалҳои коррупсионӣ, ки ба он тобеияти тафтишотӣ доранд, ташкил медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аксари ҷиноятҳо бевосита дар минтақаҳои наздисарҳадӣ рӯй дода, бо интиқоли ғайриқонунии молу маводди арзишманд алоқамананд. Хадамоти гумрук, тибқи моддаи 460-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми давлатии ҳифзи ҳуқуқ буда, ҳифзи истиқлолият, амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳангоми интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Тоҷикистон таъмин мекунанд. Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раёсати гумруки вилоятҳо, идораҳои гумрукӣ дар нақлиёт ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ иборатанд. Кормандони ин хадамот, пеш аз ҳама, бар зидди қочоқ ва дигар ҷинояткориҳо, ҳуқуқвайронку-

ниҳои маъмурӣ дар фаъолияти гумрукӣ мубориза мебаранд ва намегузоранд, ки воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, яроқу аслиҳа, моддаҳои тарканда, ашёи фарҳангӣ, навъҳои набототу ҳайвоноте, ки ба онҳо хавфи нобудшавӣ таҳдид мекунад, инчунин, объектҳои моликияти зеҳнӣ аз тариқи сарҳади гумрукӣ гузаронида шаванд. Ғайр аз ин, кормандони гумрук дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва пешгирӣ кардани дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти авиатсияи гражданӣ дар фурудгоҳҳои Тоҷикистон ҳамаҷониба мусоидат мекунанд.

Мақомоти гумрук ба монанди мақомоти дигари давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорои сохтори ба худ хос мебошад. Сохтори мақомоти гумрукро Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, идораҳои минтақавии гумрукӣ, гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ ташкил медиҳад.

Мақомоти гумрук вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– дар таҳияи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, ин сиёсатро амалӣ менамояд;

– дар доираи салоҳияти худ ҳимояи соҳибихтиёрӣ ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд;

– дар доираи салоҳияти худ барои ҳифзи амнияти миллӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангӣ тадбирҳо меандешад;

– тартиби аз сарҳади гумрукӣ гузаронидани молу воситаҳои нақлиётро таъмин менамояд;

– бар зидди қочоқ ва дигар ҷинояткориҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мубориза мебаранд;

– дар доираи салоҳияти худ назорати асъории марбут ба молу воситаҳои нақлиёти аз сарҳади гумрукӣ интиқолшавандаро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад ва дигар вазифаҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамоянд.

Вобаста ба он мақомоти гумрук барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда мақомоти гумрук дорои як қатор салоҳиятҳо мебошад. Аз ҷумла:

– ҳуҷҷатҳо ва маълумотеро, ки пешниҳоди онҳо мувофиқи қонунгузории гумрук пешбинӣ гардидааст, талаб кунад;

– ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти шаҳрвандон ва шахсони мансабдорро, ки дар амалиёти гумрукӣ иштирок мекунанд, тафтиш намоянд;

– аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тасдиқномаи ваколати анҷом додани амалҳои алоҳида ё фаъолияти алоҳидаро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ талаб кунад;

– мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯйӣ ба мақсади ошкор кардан, пешгирӣ намудан, роҳ надодан ва кушодани ҷиноят амалиёти таҳқиқӣ ва таъхирнопазири тафтишотиро, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти мақомоти гумрук маҳсуб дониста шудааст гузаронанд, инчунин ошкор ва муайян намудани шахсонеро, ки барои тайёр кардан, анҷом додан ва ҷиноят содир кардан гунаҳкоранд, анҷом диҳанд;

– парвандаҳоро оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ намоянд ва шахсонро барои вайрон кардани қоидаҳои маъмурӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашанд;

– шахсонеро, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар шудаанд ё онро содир намудаанд ё содиркунандагони ҷиноят ё вайронкунандагони қоидаҳои маъмурии соҳаи фаъолияти мақомоти гумрукро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгир намоянд ва ба биноҳои хизматии мақомоти гумрук ё мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонанд;

– оид ба далелу воқеаҳои марбут ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ва интиқолу нигаҳдории моли таҳти низоми назорати гумрукӣ нигоҳдоришаванда,

борбардорию борфурорӣ ҳуҷҷат тартиб диҳанд, ба видео ва аудио сабт кунанд, акси онҳоро ба навори кино ва сурат гиранд ва ғайра.

Мақомоти гумрук салоҳият доранд, ки тибқи Кодекси гумрук, инчунин тибқи қонунгузории Тоҷикистон оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ошкор намудани ҷиноят ва пешгирии он як қатор амалҳои тафтишотиро анҷом диҳанд. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кормандони мақомоти гумрукро вазифадор кардааст, ки ҳамчун мақоми таҳқиқ бо мақсади ошкор намудани ҷиноят ва шахси ҷиноят содирнамуда чораҳои дахлдор андешанд, яъне шахси гумонбарро дастгир намуда, шахси ҷабрдида ва шоҳидонро бозпурсӣ кунанд, ҳуҷҷатҳои лозимро гирд оваранд, хулоса, амалҳоеро анҷом диҳанд, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

## § 8. МАҚОМОТИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ ВА САЛОҲИЯТУ ВАЗИФАҲОИ ОН

Пеш аз он, ки дар бораи мақомоти тафтишоти пешакӣ сухан ронем, бояд мазмуни худи мафҳуми тафтишоти пешакиро донем. Дар илми ҳуқуқ ду ҳолате ҳаст, ки ҳамчун асос барои бурдани тафтишоти пешакӣ таъкид мешавад. Аввалан, тафтишоти пешакӣ асоси гузаронидани мурофиаи судӣ буда, барои моҳиятан омода сохтани қарори суд маводи заруриро тайёр мекунад. Баъдан, хулосаи тафтишоти пешакӣ дар мавриди гунаҳкор будани шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда пешакӣ буда, қатъӣ шумурда намешавад. Зеро дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор будан ё набудани шахсро танҳо суд муқаррар мекунад ва қарори суд қатъӣ мебошад. Ин яке аз нишонаҳои асосии ҳуқуқбунёд будани давлати мост.

Ҳоло дар Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муфаттишони мақомоти зерин ҳуқуқи анҷом додани тафтишоти пешакиро доранд: 1) муфаттишони мақомоти прокуратура; 2) муфаттишони мақомоти амнияти

миллӣ; 3) муфаттишони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия; 4) муфаттишони мақомоти корҳои дохилӣ; 5) муфаттишони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муҳимтарин вазифаи мақомоти тафтишотӣ сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят ва шахси ҷиноят содирнамуда мебошад. Вазифаи дигар – ба айбдоршаванда фароҳам овардани чунин шароитест, ки ӯ бо роҳу усулҳои муқаррарнамудаи қонун худро аз айбдории ба вай эълонгардида ҳимоя карда тавонад.

Вазифаи муҳимми дигар аз он иборат аст, ки бояд сабабу омилҳо ва шароити сар задани ҷиноят аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ пурра ошкор гардида, таъсири онҳо бартараф карда шавад. Дар ин маврид бисёр муҳим аст, ки кормандони мақомоти тафтишоти пешакӣ набояд нисбат ба айбдоршаванда ё гумонбар таҳдиду зӯроварӣ ва дигар воситаҳои ғайриқонунии бозпурсиро истифода намоянд, зеро дар чандин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст (масалан, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ, Эъломияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва ғ.), истифодаи шиканҷа аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ манъ карда шудааст.

Бояд гуфт, ки ҳар яке аз мақомоти тафтиши пешакӣ дар доираи салоҳияти худ ҳамон гурӯҳи парвандаҳои ҷиноятиеро баррасӣ мекунанд, ки қонун махсус барои онҳо муқаррар кардааст. Масалан, ба тобеияти мақомоти прокуратура тафтиши пешакии парвандаҳое дода шудааст, ки дар асоси ҷиноятҳои дар як қатор моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ зикршуда оғоз карда шудаанд (масалан, моддаҳои 104-109, 121-124, 127-130, 1301, 131 қисмҳои 2 ва 3, 132, 133, 137, 138, 141-164, 168-170, 172-178, 183, 185-188, 190, 191, 198, 199, 207-211, 217, 220-229, 231, 233, 236, 245 қисми 1, қисми 2 бандҳои «а», «б», «в», 246, 251, 257, 258, 261, 263, 274, 276, 286 қисми 2, 287-291,

295-297, 298-304, инчунин, моддаҳои 314-317, 322, 323, агар ин кирдор хусусияти коррупсионӣ надошта бошад, моддаҳои 328-332,**338,** 343-365, 368-393, 398-405).

Парвандаҳои ҷиноятие, ки ба мақомоти прокуратура тобеияти тафтишотӣ доранд, аз ҷониби дигар мақомоти тафтишотӣ баррасӣ карда намешаванд, аммо прокурор ҳақ дорад, ки бо мақсади пешбурди пурра ва ҳаматарафаи тафтишот ҳар гуна парвандаро, сарфи назар аз тобеияти тафтишотӣ таҳти санҷиши мақомоти прокуратура қарор диҳад. Инчунин, прокурор ҳақ дорад, ки ҳар як парвандаи ҷиноятиро, ғайр аз парвандаҳои хусусияти коррупсионидошта, аз як мақоми тафтишотӣ ба дигараш диҳад.

Фаромӯш набояд кард, ки дар сохтори мақомоти прокуратураи Тоҷикистон прокуратураи ҳарбӣ низ амал мекунад. Тафтиши парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони уҳдадории ҳарбидошта ва ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъватшуда ё худ аз ҷониби ҳайати ғайриҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон вобаста ба адои вазифаи хизматӣ ё дар қисми ҳарбӣ содир карда шудаанд, ба уҳдаи муфаттишони прокуратураи ҳарбӣ вогузор шудааст.

## § 9. АДВОКАТУРА ВА ТАРЗУ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

Дар ду моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – моддаҳои 19 ва 92 оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон сухан меравад. Онҳоеро, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ машғуланд, адвокат ва чунин навъи фаъолиятро, фаъолияти адвокатӣ меноманд. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти адвокатура баъди Конститутсия дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд. Адвокатҳо бевосита дар мурофиаҳои судӣ иштирок мекунанд, онҳо аз замони барои иштирок дар парванда роҳ дода шуданашон ҳуқуқ доранд, ки ҳангоми эълон кардани гуноҳ ҳозир бошанд, ҳангоми бозпурсии гумонбар-

шуда иштирок кунанд, дар ошкор намудани ҳолатҳое, ки гумонбаршуда ё айбдоршавандаро сафед мекунанд, аз тамоми усулу воситаҳои қонунӣ истифода бурда, ба онҳо ёрии ҳуқуқӣ расонанд. Бояд зикр кард, ки ёрии ҳуқуқӣ ба воситаи додани маслиҳату тавзеҳот, маслиҳати шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, тартиб додани аризаи даъвогӣ, шикояти кассатсионӣ, аризаҳои назоратӣ ба судҳо ба амал бароварда мешавад.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ адвокат ҳуқуқ дорад:

–маълумоти заруриро барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҷамъоварӣ намояд, аз ҷумла маълумотномаҳо, тавсифномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин аз дигар шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон дархост карда гирад ва мақомот ва ташкилотҳои зикргардида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд ба адвокат ҳуҷҷатҳои дархосткардаи ӯ ё нусхаи тасдиқгардидаи онҳоро ба истисnoи ҳуҷҷатҳое, ки маълумоти дорои сирри давлатиро дар бар гирифтаанд, диҳанд; - далел ва маълумоти барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ зарурирo ҷамъ оварад ва пешниҳод намояд;

– бо шахси таҳти ҳимояташбуда бо пешниҳоди ордер ва шаҳодатномаи адвокат бе мамониат як ба як (аз ҷумла аз лаҳзаи дастгир шудан, нигоҳ доштан дар изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ ё изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) нигоҳдории муваққатӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ) бе маҳдуд кардани шумора ва давомнокии муҳлат суҳбат кунад;

– маълумоти дар парванда мавҷудбударо, ки аз рӯйи он адвокат ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, бо риоя намудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда нусхабардорӣ намояд;

– ҳангоми иштирок намудан дар маҷлиси пӯшидаи судӣ бо матни пурраи санадҳои судии қабулнамудаи суд шинос шавад;

– барои ҳимоя ҳама гуна восита ва тарзҳои қонуниро истифода барад.

Дар навбати худ адвокатҳо тибқи қонунгузории мавҷуда як қатор уҳдадориҳо дорад:

– содиқона, софдилона ва оқилона ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ваколатдиҳандаро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя намояд;

– талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба иштироки ҳатмии адвокат ба сифати ҳимоятгар дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иҷро намояд, инчунин ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқии ройгон расонад;

– савияи дониши худро баланд бардорад ва маҳорати касбии худро такмил диҳад;

– дар муҳокимаи саривақтии парвандаҳо ба кашолкории сунъӣ роҳ надиҳад;

– сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро, ки ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ӯ маълум гаштаанд, ифшо насозад ва ғайра.

Бисёр масъалаҳои фаъолияти адвокатиро Оинномаи коллегияи адвокатҳо ба танзим медарорад. Тибқи қонунгузорӣ дар бораи адвокатура коллегияи адвокатҳоро ташкил кардан мумкин аст ва барои таъсиси он гирифтани иҷозати махсус лозим нест. Коллегияи адвокатҳо бо ташаббуси 5 ва зиёда адвокат, ки ҳуқуқшиносҳои касбӣ мебошанд, таъсис дода мешавад.

Муассисони коллегияи адвокатҳо маҷлиси умумӣ даъват намуда, дар он оинннома қабул мекунанд. Дар оинннома масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, аз ҷумла мақсад ва вазифаҳои ташкилот, сохтори он, ҳуқуқу вазифаҳои аъзои коллегия, тартиби ҳал намудани мухолифати дохилӣ, сарчашмаи пайдоиши маблағҳо, моликияти коллегия ва дигар масъалаҳои рӯзмарра, инъикос карда мешаванд.

Маҷлиси умумии коллегияи адвокатҳо аъзои раёсат, раиси коллегияи адвокатҳо, комиссияи тафтишотӣ ва тахассусии коллегияи адвокатҳоро интихоб мекунад. Мувофиқи

талаботи ин қонун ба узвияти коллегияи адвокатҳо ҳамон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд, ки таҳсилоти олии ҳуқуқӣ ва на камтар аз ду соли собиқаи кории ҳуқуқӣ дошта бошанд, агар ин гуна собиқаи корӣ надошта бошанд, пас бояд ҳадди ақал аз 6 моҳ то 1 сол ба ҳайси адвокат коромӯзӣ карда бошанд.

Масъалаи қабул ба узвияти коллегияи адвокатҳо ба уҳдаи раёсати коллегия вогузор шудааст. Раёсат дар навбати худ ин масъаларо аз рӯйи хулосаи комиссияи тахассусии коллегияи адвокатҳо бо дарназардошти сифатҳои касбӣ ва ахлоқии шахси аризадода, ҳал менамояд.

## СУОЛ ВА СУПОРИШҲО:

1. Мафҳуми низоми судиро шарҳ диҳед.
2. Адолати судӣ чист ва роҳҳои ба амал баровардани онро номбар кунед.
3. Тартиби мурофиаи судиро кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медароранд?
4. Якчанд принсипҳои адолати судиро мувофиқи ҷаҳонбиниатон тафсир кунед.
5. Судҳои шаҳр ва ноҳия дар низоми судии мамлакат чӣ гуна мавқеъ доранд?
6. Ба низоми судҳои ҳарбӣ кадом судҳо дохил мешаванд?
7. Салоҳияти Суди конститутсиониро шарҳ диҳед.
8. Доираи субъектҳои ба судҳои иқтисодӣ мурочиаткунандаро номбар намоед.
9. Самтҳои фаъолияти Вазорати адлияро ном баред ва бигӯед, ки он дар ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон ба чӣ корҳо масъул аст?
10. Зарурати сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар чӣ зоҳир мешавад?
11. Чаро фаъолияти идораҳои нотариати давлатӣ таҳти назорати давлат қарор дорад?
12. Назорати прокурорӣ чӣ маъно дорад ва санадҳои прокурорӣ кадомҳоянд?
13. Самтҳои фаъолият ва салоҳияти милитсияро номбар кунед.
14. Кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳбарӣ мегиранд?
15. Мундариҷаи мафҳуми тафтишоти пешакиро шарҳ диҳед.
16. Фаъолияти адвокатура чӣ тарз ба роҳ монда мешавад?

# БОБИ XIII. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

## § 1. ЗАРУРАТ ВА АҲАМИЯТИ ҚАБУЛИ ҚОНУН

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуқӯъ пайваст, дар таърихи қонунгузории кишвар ҳодисаи воқеан бемислу хотирмон мебошад. Қонун 24 майи соли 2007 аз ҷониби Президенти кишвар пешниҳод шуда, 8 июни соли 2007 қабул гардидааст. Бо хоҳиши мардум ва ташаббуси Роҳбари давлат ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 28 августи соли 2017 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Бо қабули қонуни мазкур давлати мо ба танзими муҳимтарин рукнҳои ҳаёти иҷтимоӣ - анъана ва маросими миллию динӣ рӯ оварда, барои мувофиқ намудани баргузории онҳо ба манфиати мардум амали бениҳоят хайреро анҷом дод.

То қабули қонун вазъи гузаронидани маросими мардумӣ бисёр ташвишовар буд. Бо сабаби авҷ гирифтани зоҳирпарастӣ баъзе ҷашну маъракаҳои миллӣ ва маросими динӣ, ки бояд дар доираи хонавода ва наздикон сурат гиранд, ба маъракаҳои пурдабдабаву серхароҷот табдил ёфта, ба манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии мардум зарари ҷиддӣ ворид менамуданд.

Мардум ба тақлидкорӣ, худнамоӣ ва дигар эҳсосот фурӯ рафта, ба манфиатҳои шахсию оилавӣ ва буҷети хонаводагии худ зарар мерасонданд. Чӣ тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «…зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва риояи ноогоҳонаи анъана ва расму оинҳои халқиву динӣ дар навбати худ садди роҳи баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад…» (Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо аҳли ҷамоатчигии мамлакат оид

ба танзими расму оинҳо ва анъанаву маросими миллӣ, Душанбе, 24 майи соли 2007).

Мардуми Тоҷикистон ба кашидани бори хароҷоти беҳуда машғул шуда, аз тарбияи фарзандони худ, яъне шахсоне, ки саодатмандии давлату миллат дар оянда аз онҳо вобастагӣ дорад, дур гашт. Ҳамин тавр, баргузории ҷашну маросим бо исрофкорию тақлидкорӣ ба омиле табдил меёфт, ки ба афзоиши камбизоатӣ мусоидат мекард. Зеро таҳлилҳо собит сохтанд, ки исрофкорӣ сарчашмаи аслии касодии иқтисодист.

Аз ин рӯ, Роҳбари давлат барои пешгирии роҳи ин «беморие», ки асосан аз расму оин ва анъанаҳои мардумӣ ва динӣ маншаъ мегирифт, фикр ва андешаи солими аҳли зиё, рӯҳониён ва мардумро гирифта, барои ҳалли ҳуқуқии ин проблемаи умумӣ роҳи халосӣ омода намуданд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (22 декабри соли 2016) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар омӯзиши ҳатмии ин қонунро таъкид доштанд. Табиист, ки чунин қонуни воқеан миллӣ, ки барои ҳар як оилаи Тоҷикистон дастурамали баргузорӣ ва риояи анъана ва маросими миллӣ мебошад, ба фаҳмонда додан ва шарҳи муфассал зарурат дорад. Дар бораи тафсири пурраи қонуни мазкур шумо, хонандагони азиз, метавонед аз китоби муаллиф, ки якҷо бо профессор Холиқзода А. таълиф шудааст, маълумоти пурра пайдо намоед .[2]

Қонуни мазкур бо тақозои таъмини рушди ҷомеаи имрӯза ва бо дарназардошти шароити зиндагии мардуми Тоҷикистон қабул шудааст. Барои он ки рушди ҷомеа ба маҷрои дуруст ворид шавад ва мардум аз душворию монеаҳои сунъӣ озод шаванд, давлат чораи зарурии ҳуқуқӣ пешбинӣ намуд.

Зарурати қабули қонун пеш аз ҳама, бо мақсади гирифтани пеши роҳи афзоиши сатҳи камбизоатӣ ба миён омад. Барои ин решакан намудани омилҳое, ки ба камбизоатӣ мусоидат мекунанд, зарур буд. Яке аз чунин омил ва зуҳу-

2 Ниг.: Маҳмудзода М., Холиқзода А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе, Дақиқӣ-2015. Саҳ. 16-78.

рот исрофкорию хароҷоти зиёди мардум дар маъракаороиҳо аст. Чунин исрофкориҳо дар Тоҷикистон маҳз ҳангоми баргузории ҷашну маросим ва анъанаҳои мардумӣ ба назар мерасид. Тартибу усули гузаронидани маросими дафну азодорӣ ва барпо намудани тӯйҳои мо бори гароне болои мардуми камбизоат гардида буд. Мардум маъракаҳоро одатан ба сахтӣ ва вазниниҳои молӣ гузаронида, муддатҳо барои баргардонидани қарз ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ оварда, шароити зиндагӣ ва тарбияи фарзандонро мушкил мегардонданд.

Зимни таҳияи қонуни миллӣ гурӯҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо телефонҳои боварӣ ва сомонаи интернетӣ бо мардуми Тоҷикистон пайваста дар тамос буд, бештар аз 20 ҳазор дархосту пешниҳодҳо қабул намуд, ки ҳамагӣ ба дастгирии сиёсати Президенти кишвар дар масъалаи танзими расму оин ва ҷашну маъракаҳо бахшида шуда буданд.

Ҳамин тавр, қабули қонуни мазкур барои бартараф намудани чунин омилҳои номатлуб, ки садди роҳи рушди ҷомеа гардида буданд, равона шудааст:

- мавҷудияти исрофкорию хароҷоти зиёд дар тӯю маърака ва маросими азодорӣ;
- аз ҳад зиёд гардидани ҷашну маросим ва анъанаҳои мардумӣ;
- афзоиши унсурҳои манфии худнамоӣ ва тақлидкорӣ;
- аз доираи талаботи арзишҳои миллӣ ва динӣ берун омадани шумора ва мазмуни баргузории ҷашну маъракаҳо;
- ба талаботи дастовардҳои арзишҳои башарӣ мувофиқат накардани оини зиндагии мардум;
- гарон шудани вазъи зиндагии мардуми камбизоат.

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», пеш аз ҳама, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мардуми Тоҷикистон, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Дар моддаи 1 доираи амали қонун муайян шудааст. Амали қонун ба ҳама мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият ва ҳамчунин ҳамаи шахсони воқеӣ, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва мансубияти миллиашон, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ ва фаъолият мекунанд, татбиқ мегардад. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо ва муассисаҳо, новобаста аз шакли моликияташон, бояд талаботи қонунро риоя кунанд. Амали қонун нисбат ба ҳама шахсони воқеӣ (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа), новобаста аз вазъи иҷтимоӣ (корманд, зиёӣ, кишоварз, мансабдор ва ғ.), мансубияти миллӣ ва тобеияти диниашон дахл дорад. Шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа, ки дар сарзамини Тоҷикистон кор ва фаъолият мекунанд, дар баргузории маъракаю маросим талаботи қонунро бояд риоя намоянд. Шаҳрвандони хориҷӣ талаботи қонунро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бояд ҳатман риоя намоянд. Шаҳрвандони хориҷӣ дар баргузории маросиму анъанаҳо дар ҳудуди минтақаҳое, ки сарзамини онҳо маҳсуб мешавад (сафоратхона, консулгарӣ ва ғ.) аз иҷрои талаботи қонун мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон озоданд. Намояндагиҳои дипломатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашудаи давлатҳои хориҷӣ дар баргузории ҷашну маъракаҳои миллӣ ва диниашон озоданд, вале талаботи қонунро вобаста ба вақт ва шумора ҳангоми дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (тарабхона, қаҳвахона ва дигар мавзеъҳои баргузории маърака) ва маконҳое, ки зери таъсири қонунгузории кишвар қарор доранд, бояд риоя намоянд.

Ақаллиятҳои миллӣ, ки дар Тоҷикистон сукунат доранд, анъана, ҷашн ва маросими динӣ ва миллии худро озодона метавонанд дар доираи талаботи қонун гузаронанд. Масалан, ӯзбекҳо ва қирғизҳо ҳангоми баргузории маросими дафну азодорӣ тибқи талаботи ислом ва қонуни мазкур амал менамоянд. Агар дар байни онҳо маросиме бошад, ки маҳз хусусияти миллии онҳоро баён намояд ва он дар байни

тоҷикон набошад, онҳо метавонанд он маросимро баргузор намоянд, вале вақти баргузории онро мутобиқи қонун, интихоб намоянд. Аммо шумораи одамони ҷамъшаванда вобаста ба сатҳ ва мазмуни маърака муайян мегардад.

Ҳамзамон бо ин, ақаллиятҳои миллӣ - русҳо, кореягиҳо ва дигар миллатҳои сокини Тоҷикистон дар баргузории ҷашну маъракаҳои миллии худ дар доираи талаботи қонун озоданд. Яъне ақаллиятҳои миллӣ ва динӣ метавонанд анъана ва ҷашну маросими миллӣ ва динии худро, ки қонун пешбинӣ накардааст, озодона гузаронанд.

## § 2. МАФҲУМҲОЕ, КИ ДАР ҚОНУН ИСТИФОДА ШУДААНД

Дар қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

анъана - маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавии мероси иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ё гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ буда, аз насл ба насл мегузарад;

маросим - маҷмӯи амалҳои рамзие мебошад, ки муносибати шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба падидаҳои муҳимми ҳаёти фарҳангии ҷомеа муқаррар менамояд;

ҷашн - таҷлили рӯйдодҳо ё санадҳои таърихию фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ ва оилавӣ мебошад.

Анъана шакли зоҳирёбии ҳодисаи иҷтимоии такрорёбанда аст. Мисол, анъанаи домодталабон, арӯсбинон, идгардаки кӯдакон дар рӯзҳои ид ва ғ. Матлаби қонун шакли зоҳирёбии расму қоидаҳоест, ки аз насл ба насл мегузаранд. Анъана ба хотири он ба як одати такрорёбанда табдил меёбад, ки вай аз ягон ҷиҳат талаботи моддӣ ва маънавии одамонро қонеъ мегардонад. Анъана дар тафовут аз одатҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби ҷамъият пуштибонӣ ёфта, доимо бо фарорасии вақт ва ҳолатҳои муайян такрор меёбад. Анъана нисбат ба одати ҳуқуқӣ бештар хусусияти умумӣ дорад. Одат бештар аломати инфиродӣ дорад. Масалан, одати салом додан, одати никоҳ бастан, одати оиладор кардани фарзанд дар байни тоҷикон ва ғ. Анъана ҳамчун ҳолати ҷудо-

гонаи зоҳирёбии ҳодисаи иҷтимоӣ ба доираи васеи одамон хос буда, дар амалӣ гардидани он шумораи зиёд, коллектив ё гурӯҳ иштирок мекунанд. Анъанаи хатнаи кӯдак, тӯйи домодию арӯсӣ, анъанаи ҷашни Наврӯз ва ғ. аз ҷумлаи онҳост. Дар ҳолатҳое, ки анъана аз доираи талаботи манфиати ҷамъият берун рафта, танҳо ба манфиати шахсиятҳои ҷудогона ё гурӯҳи муайян хизмат мекард, давлат ва қонунгузор онро танзим карда, доираи зоҳирёбии онро дар ҳудуди манфиати аъзои ҷомеа ва давлат нигоҳ медоштанд.

Маросим пеш аз ҳама, амали рамзист. Ин амал танҳо як амали ҷудогона набуда, балки маҷмӯи ин амалҳоро фаро мегирад. Маросими чил барои мардуми мо дуову фотиҳа ё маросими сол аз садақа додан, либоси азо партофтан ва амсоли инҳо иборат аст. Маҳз ҳамин хислатҳо рамзӣ будани маросимро муайян менамоянд. Маросим бо падидаи маргу азодорӣ бештар алоқа дорад, албатта, мумкин аст, ки маросим бо ҳодисаҳои хурсандӣ ё динӣ низ пайвастагӣ дошта бошад. Дар қонун маросим дар ду модда танзим шудааст: моддаи 11. «Маросими дафну азодорӣ» ва моддаи 12. «Маросими ҳаҷ». Қонун маросимро танҳо аз назари иқтисодӣ танзим намуда, намегузорад, ки баргузории он ба шароити моддии мардум зарар расонад. Гузашта аз ин, барои он ки маросим ба мақсади аслии худ мувофиқат кунад, ба талаботи дини ислом ё дини дигаре, ки дар асоси он баргузор мешавад мувофиқ буда, ба арзишҳои инсонӣ мутобиқ бошад, қонун зарурати танзими онро пешбинӣ мекунад.

Ҷашн ҳамчун таҷлили рӯйдодҳо ё санаҳои таърихию фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ ва оилавӣ дар моддаи 2 баён гардидааст. Ҷашн ҳамчун таҷлили рӯйдод, солгарди таъсисёбии вазорату идора, корхонаю муассисаҳо ва солгарди шахсони воқеӣ фаҳмида мешавад. Ҷашн ҳамчун санаи таърихӣ, мисли қабули ягон ҳуҷҷати тақдирсоз (ба монанди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), санаи таърихии касбӣ, иди соҳавӣ (рӯзи кормандони тиб, омӯзгор, милитсия ва ғ.) ва санаи таърихию фарҳангӣ ҳамчун зодрӯз шуданаш мумкин

аст. Аз ин рӯ, дар қонуни мазкур ду намуди ҷашнҳо мавриди танзим қарор гирифтаанд: ҷашнҳои расмӣ (моддаи 7) ва ғайрирасмӣ (моддаи 8. Зодрӯз).

Тибқи моддаи 4 иҷрои талаботи қонуни мазкур аз тарафи мақомоти ваколатдор, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, амалӣ карда мешавад.

Барои амалӣ намудани талаботи қонуни мазкур Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мақоми ваколатдор таъсис дода шудааст. Дар сохтори Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросим ҳамчун масъули соҳа фаъолият мекунад. Дар вилоятҳо шуъбаҳо, дар шаҳру ноҳияҳо бахшҳо ва дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот сармутахассисон оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ назорат ва татбиқи қонуни мазкурро ба уҳда доранд.

Кумита вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо мустақиман ва дар маҳалҳо тавассути шуъбаҳо, бахшҳо ва сармутахассисон оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо амалӣ месозад. Кумита фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳоро дар масъалаҳои сиёсати давлатӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ҳамоҳанг месозад.

Барои дуруст ба роҳ мондани иҷрои талаботи қонун дар ҳамаи вазорату идораҳо ва корхонаю ташкилотҳо комиссияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқи қонун ва фаҳмонда додани талаботи он таъсис дода мешаванд. Мутобиқ ба моддаи 51 қонун дар вазорату идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шакли

ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар онҳо на камтар аз 30 нафар корманд фаъолият мекунад, комиссияҳои ҷамъиятӣ таъсис дода мешаванд. Комиссияҳои ҷамъиятӣ риояи талаботи қонунро назорат намуда, ҷиҳати пешгирии қонунвайронкунӣ дар ин самт, тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

Ҷиҳати амалӣ намудани қонуни мазкур дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти кишвар комиссияҳои доимии маҳаллии танзими анъана ва ҷашну маросим таъсис дода мешаванд.

Низомномаи намунавии комиссияҳои доимии маҳаллиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

Низомномаи комиссияҳоро маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот тасдиқ мекунанд. Комиссияҳо барои он доимӣ номида мешаванд, ки фаъолияти онҳо доимӣ ва мунтазам сурат мегирад. Ҳайати он мумкин аст тағйир ёбад, сохтораш дигаргун шавад, вале худи комиссия доимӣ фаъолият мекунад. Сохтор ва шумораи аъзои комиссияҳои доимии маҳаллӣ бо фармон ё қарори раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот тасдиқ карда мешавад.

Ваколати комиссияҳои доимии маҳаллӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- назорат оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим тибқи талаботи қонун;
- таҳияи тавсия ва дастурҳои амалӣ барои камхарҷ гузаронидани ҷашну маросим;
- ба қайд гирифтани тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ, инчунин пешбурди омор дар ин самт;
- таблиғи адабиёти илмию оммавӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ва ғ.

## § 3. ТАНЗИМИ ҶАШНУ МАРОСИМИ РАСМӢ ВА ОИЛАВӢ

а) Ҷашнҳои расмӣ

Тибқи моддаи 7 қонун ҷашнҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, Наврӯз, Сада, Меҳргон, идҳои Рамазон, Қурбон ва дигар ҷашну идҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегарданд.

Дар сатҳи давлатӣ ҷашн гирифтани санаи таъсиси идораву муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ, ҳамчунин зодрӯз ва ёдбуди шахсоне, ки ба давлат ва ҷамъият хизматҳои шоиста кардаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Оростани зиёфати расмӣ ба муносибати таъйин шудан ба вазифаи давлатӣ, гирифтани рутба, унвон, мукофотҳои давлатӣ ва дараҷаҳои илмию тахассусӣ манъ аст.

Ҷашнҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 9 сентябр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 6 ноябр, Наврӯз - 21-24 март, Рӯзи Ваҳдати миллӣ - 27 июн ва дигар ҷашнҳои расмии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегарданд. Ба сифати дигар ҷашну идҳои расмии Тоҷикистон тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» инҳо шомиланд: рӯзҳои ҷашн бо истироҳат: Соли нав - 1 январ, Рӯзи Модар - 8 март, Иди байналмилалии Наврӯз - 21-24 март, Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ - 9 май, Рӯзи Ваҳдати миллӣ - 27 июн, Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 9 сентябр, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 6 ноябр, Рӯзи иди Рамазон ва Рӯзи иди Қурбон ҳар сол дар рӯзҳое, ки аз тарафи мақоми ваколатдор муқаррар карда мешаванд. Тибқи қисми 4 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон дастархони

маънавӣ ва камхарҷи идона ороста шуда, ба исрофкорӣ ва зиёдаравӣ роҳ додан манъ карда шудааст. Бояд зикр кард, ки ғайр аз ин, боз рӯзҳои дигари иди ҷумҳуриявӣ ҳастанд, ки бидуни истироҳат ҷашн гирифта мешаванд, ба мисли Рӯзи забон, идҳои Сада, Меҳргон ва ғайра, ки қонунгузорӣ онҳоро зикр кардааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идҳои расмӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешаванд. Дар рӯзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ҳамчун рӯзи иди ҷумҳуриявӣ зикр кардааст, барои баргузории намоишу барномаҳои консертӣ, фарҳангию маънавӣ ва оммавӣ берун аз вақти корӣ иҷозат дода мешавад.

Дар арафаи идҳои расмӣ дар рӯзҳои истироҳат вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ, ҷамъиятҳои варзишӣ вобаста ба имкониятҳои молиявии худ метавонанд дар мувофиқа бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдор чорабиниҳои варзишӣ - гӯштингирӣ, бузкашӣ, аспдавонӣ ва амсоли инҳо ташкил намоянд. Чорабинии варзишии бузкашӣ ва гӯштини миллӣ ҳатман тибқи нақшаи тасдиқшудаи сеҷонибаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъиятҳои варзишӣ ва мақоми ваколатдор баргузор гарданд.

Дар рӯзҳои иди ҷумҳуриявие, ки бе истироҳат аст, барпо намудани нишастҳои фарҳангӣ, намоишгоҳҳо ва дигар барномаҳои маданию маърифатӣ мумкин аст. Идҳои касбӣ бе оростани зиёфат берун аз вақти корӣ гузаронида мешаванд. Масалан, иди омӯзгор, рӯзи касбии кормандони тиб ва ғ.

Тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон агар рӯзи истироҳат ба рӯзи ид (иде, ки қонунгузор барои он рӯзи истироҳат муқаррар кардааст) рост ояд, рӯзи истироҳат ба рӯзи аввали кории баъди рӯзи ид гузаронида мешавад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар арафаи ҷашнҳои расмӣ бинои вазоратҳо, идораҳо, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо, хиёбону гулгаштҳо, кӯчаҳо, боғҳои

фарҳангиву истироҳатии шаҳри Душанбе, марказҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба тариқи идона оро дода шуда, бо ташаббуси мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва гурӯҳҳои меҳнатӣ чорабиниҳои ҷамъиятию сиёсӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

Дар рӯзи идҳои касбӣ оро додани бинои муассиса ва коргоҳи онҳое, ки идро ҷашн мегиранд, иҷозат дода мешавад. Онҳо низ метавонанд маҷлисҳо ороянд ва шахсони хизматнишондодаи худро бо туҳфаҳо қадр намоянд. Воситаҳои ахбори омма (телевизион, радио, рӯзномаю маҷаллаҳо) барномаҳо таҳия намуда, манзури мардум мегардонанд.

Ба муносибати таъйин шудан ба мансаби давлатию ҷамъиятӣ, ворид шудан ба хизмати давлатӣ, соҳиб шудан ба вазифаи давлатӣ, гирифтани рутба, унвон, мукофоти давлатӣ ва дараҷаҳои илмию тахассусӣ зиёфат додан ва меҳмон даъват намудан мумкин нест. Бо мақсади дифои рисолаи илмии номзадӣ ё докторӣ ташкили маърака манъ аст. Ба муносибати ҳимояи рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, гирифтани унвонҳои дигари илмӣ, ҷоизаҳои давлатӣ ва ғайра зиёфат оростан мумкин нест. Бо мақсади гирифтани рутбаҳои ҳарбӣ, мукофотҳои давлатӣ маърака оростан манъ аст. Дар чунин ҳолатҳо дар хона бо аҳли оила хурсандӣ карда, дастархон оростан мумкин аст.

б) Зодрӯз

Тибқи моддаи 8 қонун ҷашни зодрӯз ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила гузаронида мешавад.

Бояд қайд кард, ки қонун баргузории ҷашни зодрӯзро ба таври ихтиёрӣ муайян кардааст. Шахс метавонад зодрӯзашро ҷашн гирад ва ё метавонад ҷашн нагирад. Шахсе, ки рӯзи таваллудашро ҷашн гирифтанӣ аст, метавонад дар доираи оила, хешу табори наздик зодрӯзашро гузаронад. Мафҳуми оила дар илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи қонунгузории кишварамон аниқ ва якхела дода нашудааст. Гузашта аз ин, он аз ҷониби халқҳои мухталиф ба таври гуногун дарк карда мешавад. Масалан, оилае, ки тоҷикон дар назар

доранд, аз назари илмӣ ба авлод шабоҳат дошта, аз оилае, ки мардуми Аврупо доранд, ба куллӣ фарқ мекунад. Ин ҷо қонун алоқаи устувори хешу табориро дар назар дорад, ки бо умумияти зиндагии якҷоя, никоҳи ягона ва баромади хунии умумӣ муттаҳид мешаванд. Онҳое, ки бо роҳи фарзандхонӣ шомили оила мегарданд, ҳамчун аъзои оила шинохта мешаванд. Одатан зери мафҳуми оилаи калон ҳамхун аз бобо, бибӣ то наберагонро фаҳмидан мумкин аст. Дар қонуни мазкур оила ба ҳамин маъно – ба сифати хешу табори наздик, ки ҳам аз назари хунӣ ва ҳам аз назари иҷтимоӣ қаробат доранд, фаҳмида мешавад. Дар ҳолати хурд будани оила аъзоёни бевоситаи он метавонанд хешу табори наздикро даъват намоянд. Ба сифати хешу табори наздик ғайр аз бародарон ва хоҳарони волидони тифл фарзандони болиғи онҳо, писари амак, амма ё писари хола ё тағои онҳо низ маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, дар рӯзи таваллуди шахс ба табрики ӯ омадани хешу табори наздик боке надорад.

Шаҳрвандони хориҷӣ (масалан амрикоиҳо, русҳо ва ғ.), ки бе оилаҳои худ дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ё ғайр аз ҳамсар ва фарзанд каси дигар надоранд ё шахсони ҷудогонаи миллатҳои дигар, ки дар гузаронидани маъракаҳо алоқаи устувори хешу таборӣ надоранд, имконияти гузаронидани рӯзи таваллудро дар доираи дӯстони наздик доранд.

Кормандони сафоратхона ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар баргузории зодрӯз, ки аз идҳои суннатию миллиашон маҳсуб мешавад, озоданд. Вале онҳо уҳдадоранд талаботи дигари қонунро риоя намоянд.

Барои баргузории ҷашни зодрӯз бақайдгирии расмии он дар шуъба ё бахшҳои оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ зарур нест. Вале дар сурати вайрон гардидани талаботи он аз ҷониби шаҳрвандон дар доираи талаботи қонун онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Албатта, ба муносибати зодрӯзи шахс туҳфа додан ва табрик намудан иҷозат аст, қонун инро манъ накардааст. Ҳангоми баргузории зодрӯз аз магнитофон ва дигар васоити овозпахшкунӣ ва телевизион истифода намудан мумкин аст.

Гузаронидани ҷашни рӯзи таваллуд бо аъзои оила мумкин дар манзил, тарабхона ё ҷойи дигар баргузор гардад.

в) Хатнасур

Тибқи моддаи 9 қонун хатнасур ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила ва бе хизматрасонии санъаткорон гузаронида мешавад.

Хатна бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми баъди таваллуд дар муассисаҳои тиббии дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба таври ройгон гузаронида мешавад.

Падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда метавонанд ҳангоми барпо намудани хатнасур ба номи писарашон дар бонкҳо бо шартҳои имтиёзнок суратҳисоб кушоянд. Суратҳисоб мумкин аст ба муҳлати то ба балоғат расидани тифл кушода шавад. Мақсади қонунгузор аз пешбинӣ намудани чунин амонатгузории имтиёзнок аз он иборат аст, ки волидон ба ҷойи он, ки молу сарвати худро дар тӯйҳои бодабдаба бемаврид сарф кунанд, беҳтар аст, ки ин маблағҳоро ба номи фарзандашон дар бонк нигоҳ доранд. Ва дар оянда ин маблағҳо, албатта, барои дастгирии навҷавонон ҳангоми гирифтани маълумот, беҳтар кардани шароити иҷтимоии зист, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва ғ. истифода мешаванд.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим хатнасури писарони бепарастор ва аз оилаҳои камбизоат баргузор намоянд.

Хатна суннати Пайғамбар аст, маросими иҷро дорад, на тӯю зиёфат. Дар хатнасур туҳфа додан ба волидон, хешу таборон ва наздикони тифл мумкин нест. Инъоми туҳфа танҳо ба тифл иҷозат дода мешавад. Туҳфаро бевосита ба тифл ё ба падару модари ӯ супоридан мумкин аст. Шакли туҳфа

мумкин аст мухталиф бошад. Ҳатто гузоштани миқдори муайяни пул дар суратҳисоби тифл дар бонкҳо низ туҳфа шуда метавонад.

Қонун муқаррар кардааст, ки маъракаҳои мардумии номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста танҳо дар доираи оила бе забҳи чорво ва хизматрасонии санъаткорон баргузор карда шаванд. Ба ин маъракаҳои оилавӣ ба ҷуз аз хешу табори наздик каси дигар набояд даъват шавад, яъне доираи онҳо васеъ набошад. Масалан, дар гаҳворабандон кифоя аст, ки меҳмонон аз оила ва хешу табори наздики ҳар ду ҷониб ҳозир бошанд. Чиллагурезону мӯйсаргирони тифлро боз ҳам маҳдудтар гузарондан мумкин аст.

Тибқи қонун гузаронидани маъракаи ақиқа низ манъ аст.

г). Тӯйи домодию арӯсӣ

Тибқи моддаи 10 қонун тӯйи домодию арӯсӣ дар давоми на бештар аз ду рӯз ба таври ихтиёрӣ бо оростани зиёфат барои то 150 нафар ва додани оши тӯй барои то 200 нафар аз ҳисоби ҳар ду ҷониб гузаронида мешавад.

Ташкили маъракаҳои фотиҳаи тӯй, маслиҳатошӣ, идонабарӣ, ноншиканон, хонакашон, модарталбон, падарталбон, рӯйбинон, чодаркашон, муборакбодӣ, шаҳтозон (роҳбандон), тақдими сарупо барои меҳмонони тарафайн ва хешу табори домоду арӯс, ба истисноӣ тақдими туҳфаҳо барои домоду арӯс ва падару модари онҳо манъ аст.

Маросими домодталабон ва арӯсбинон ба таври ихтиёрӣ дар доираи оила бо иштироки то 15 нафар гузаронида мешаванд.

Ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки тибқи муқаррароти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон байни худ аҳдномаи никоҳ банданд.

Маросими қайди давлатии ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҷамоатҳо бо истифодаи на бештар аз 4 автомашинаи сабукрав гузаронида мешавад.

Тӯйи домодию арӯсӣ ба таври ихтиёрӣ гузаронида мешавад. Дар сурати барпо кардани маърака онҳо бояд маъракаи ҷониби писар ва духтарро дар давоми на бештар аз ду рӯз гузаронанд. Қонун барои тарафи духтар як маърака ва барои ҷониби писар як маърака пешбинӣ кардааст. Як тараф барои 150 нафар меҳмон базми зиёфат мекунад, тарафи дигар бошад, барои 200 нафар меҳмон ош медиҳад. Одатан тарафи домод зиёфат медиҳад, ҷониби духтар бошад оши никоҳ медиҳад. Аз ин рӯ, ҷониби писар бояд як маъракаи зиёфатро барои то 150 нафар диҳад. Тарафи арӯс низ бояд як маърака - ош барои то 200 нафар баргузор намояд. Аз ҳисоби ҳар ду ҷониб мазмуни онро дорад, ки тарафҳо дар барпо намудани маърака баробар саҳм мегузоранд. Ва ин ишора метавонад чунин фаҳмида шавад: масалан, як маърака барои 150 нафар аз ҷониби писар ва як маърака барои то 200 нафар аз ҷониби духтар барпо мешавад. Дар чунин сурат меҳмонони ҳар ду ҷониб дар маъракаҳо бо маслиҳати тарафайн ширкат меварзанд.

Бо мақсади камхарҷ гузаронидани маърака тарафи писар метавонад ба ҷойи барои 150 нафар зиёфат оростан ош диҳад. Чунки дар деҳот баъзе аз шаҳрвандон имконияти оростани базми зиёфат ва овардани ҳофизонро надоранд. Аз лиҳози он, ки мақсади қонун камхарҷ гузаронидани маъракаҳост, мумкин нест, ки онҳоро маҷбур ба хароҷоти зиёдатӣ намуд. Дар чунин сурат ҳар ду ҷониб танҳо ош медиҳанд.

Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд базми зиёфат ё оши тӯйро диҳанд ва ё надиҳанд, ин ҳуқуқи онҳо аст. Онҳо метавонанд, якҷоя дар маҳал тартиби боз ҳам содатари баргузории ин маъракаҳоро муқаррар намоянд. Инчунин тибқи талаботи қисми 4 моддаи 10 қонун падару модари арӯс ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда бо маслиҳати тарафайн метавонанд ба ҷойи додани оши тӯй маблағи онро ҷиҳати беҳтар гардонидани шароити зиндагии навхонадорон сарф намоянд.

Иштироки ҳофизон ва раққосаҳо дар маъракаи оши никоҳ ё тӯйи зиёфат мумкин аст.

Тӯйи арӯсию домодӣ бояд дар давоми на бештар аз ду

рӯз дар доираи муқаррароти қисми 3 моддаи 14 ҳамин қонун баргузор гардад. Мақсади қонун гирифтани пеши роҳи зиёфатҳои дурударози хонаи арӯсу домод аст, ки тайи ду-се рӯз дар як оила меҳмонони зиёд қабул мекунанд. Акнун қонун ба тӯйи домодию арӯсӣ на бештар аз ду рӯз муқаррар намуда, талаб мекунад, ки як рӯз тӯй дар хонаи духтар мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 14 то се соат ва рӯзи дигар ҳамин тавр дар хонаи писар маърака кардан мумкин аст. Рӯзҳои маърака метавонад пайдарпай бошад, метавонад баъд аз фосила. Пеш як рӯз барои ҳар ду ҷониб дода мешуд, аз сабабе, ки дар ҳолати дар ноҳияҳои мухталиф зиндагӣ кардани тарафҳо дар як рӯз баргузории ду маърака имконнопазир буд, бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои аҳолӣ ба ҷойи калимаҳои «як рӯз» калимаҳои «на бештар аз ду рӯз» дар матни қонун ворид гардид.

Фотиҳатӯй, ки аз ҷониби хонаводаи духтар бо иштироки зиёди меҳмонони тарафайн баргузор мегардид, дигар дар чунин шакл баргузор намегардад. Албатта, маърака мумкин аст бидуни хароҷоти зиёд бо ду-се нафар шахси калонсол аз ҳисоби ҷонибҳо баргузор шавад, вале барои он тӯй барпо намудан мумкин нест.

Маслиҳатошӣ, ки як ҳафта ё як рӯз пеш аз оши калон бо даъвати меҳмонони зиёд баргузор мегашт, дигар мумкин нест.

Идонабарӣ, ки баъд аз фотиҳатӯй то тӯй, агар иде рост меомад, ҷониби писар ба хонаи духтар ҳар гуна туҳфаҳо мебурд, онро қонун манъ мекунад. Албатта, қонун ин амалро ҳамчун расми хосса ва дорои хароҷоти зиёд мамнӯъ меҳисобад. Аммо аз ҷониби домодшаванда ба арӯсшаванда дар арафаи ид додани туҳфа ҷоиз аст.

Расми сарупобинонро, ки одатан баъди овардани сару либоси арӯс ҷониби арӯс бо хешу табор ва наздикон барпо намуда, як намуди худнамоӣ ва худситоиро талқин мекард, қонун манъ мекунад.

Чойгаштакро, ки вақтҳои охир мисли як тӯйи алоҳида дар хонаи арӯсшаванда барпо мешуд, қонун манъ мекунад.

Раисталбон - одатан дар арафаи тӯю маъракаҳо раисони маҳалла ва ноҳияро баъзе аз нафарон ҳамчун ҳусни эҳтиром металбиданд, акнун ин гуна маърака мумкин нест.

Қудоталбон - қудоҳоро ба хонаи якдигар расман талбидан, албатта, мумкин аст, вале ба ин хотир даъвати меҳмонони зиёд ҳамчун як маъракаи ҷудогона дигар мумкин нест.

Тақдими сарупо барои меҳмонони тарафайн ва хешу табори домоду арӯс мумкин нест. Мақсади чунин манъкунӣ маҳдудкунии шартномаи тухфа набуда, балки пешгирии маҷбуркунии қудоҳо барои хароҷоти зиёдатӣ аст. Зеро дар шартномаи тухфа туҳфадиҳанда ихтиёрӣ ба туҳфагиранда мол, ашё ё дигар чизи арзиши моддӣ ва маънавидошта тақдим менамояд. Аммо ин ҷо дар тақдим як навъ шартгузорӣ ва талабкунии тарафайн вуҷуд дорад. Маҳз ба ҳамин хотир қонун ин амалро манъ мекунад.

Тақдими туҳфаҳо барои арӯсу домод ва падару модари онҳо иҷозат аст. Додани туҳфа тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ бо хоҳиши туҳфадиҳанда сурат мегирад. Мутобиқи Кодекси граждании объекти туҳфа, арзиш ва намуди он аз майли туҳфадиҳанда вобаста аст.

Гузаронидани маросими домодталабон ва арӯсбинон мутобиқи қонун иҷозат аст. Аммо ин маросим бояд дар доираи оила ва хешу табори наздик баргузор гарданд, зеро мазмун ва муҳтавои баргузории ин анъана аз қадимулайём ба доираи оила ва хешу табори наздик марбут буд. Аммо вақтҳои охир мардум доираи иштирокчиёнро аз ҳад зиёд васеъ намуда, онро ба як тӯйи мустақил табдил доданд. Аз ин рӯ, қонун бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии оила ва мутобиқ намудани баргузории маросим ба табиати аслиашон гузаронидани домодталабон ва арӯсбинонро дар доираи оила ва хешу табори наздик иҷозат медиҳад. Меҳмонони даъватшаванда дар маросими домодталабон ва арӯсбинон бояд то 15 нафар бошанд. Макони баргузории маросим озод аст, агар дар манзил имконияти баргузории он набошад, тарафҳо метавонанд онро дар тарабхона ё қаҳвахона барпо намоянд.

Баргузории маросими домодталабон ва арӯсбинон, ки дар тарабхона ва ҷойҳои дигари хизматрасонӣ баргузор мешавад, ҳатман бояд аз ҷониби намояндаи мақоми ваколатдор дар маҳалҳо ба қайд гирифта шавад. Аъзои комиссияи доимӣ ва кормандони шуъбаю бахшҳо ҳангоми назорати риояи талаботи қонун бояд ба шумораи одамон, ки 15 нафар аст, диққат диҳанд.

Арӯс ва домод ҳуқуқ доранд барои ҳимояи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии худ байни ҳамдигар аҳдномаи никоҳ банданд ва онро дар мақомоти нотариат ба расмият дароранд.

Дар моддаи 40 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад: «Аҳдномаи никоҳ созишномаи шахсоне мебошад, ки издивоҷ мекунанд ё созишномаи зану шавҳар аст, ки ҳуқуқи амволӣ ва уҳдадориҳои онҳоро дар давраи заношӯӣ ва (ё) дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд».

Шахсоне, ки нияти ақди никоҳ бастан доранд, ё ин ки зану шавҳаре, ки дар никоҳи расмӣ мебошанд, ҳуқуқ доранд байни ҳамдигар аҳдномаи никоҳ банданд. Мутобиқи аҳдномаи никоҳ ҳамсарон имконият пайдо мекунанд, ки ҳуқуқи амволии худро дар давраи зиндагии якҷоя ва дар мавриди бекор шудани никоҳ истифода ва ҳифз намоянд. Аҳдномаи никоҳ аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ аҳди дутарафа мебошад. Дар он ду тараф – шахсоне, ки нияти ба никоҳ даромадан доранд ё зану шавҳари дар никоҳи расмибуда, иштирок менамоянд. Дар аҳдномаи никоҳ вазъи ҳуқуқи моликияти зану шавҳар ё онҳое, ки ба никоҳи якдигар медароянд, ҳолати моликияти онҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо нисбат ба амволи дар ихтиёри онҳобуда муайян карда мешавад.

Аҳдномаи никоҳ дар шакли хаттӣ баста шуда, бояд аз ҷониби нотариус тасдиқ карда шавад. Риоя накардани ин расмиёт боиси беэътибор донистани аҳднома мегардад.[3]

Комиссияҳои доимии маҳаллӣ ва кормандони шуъбаю бахшҳо бояд бештар ҳолати то бақайдгирии давлатии ақди никоҳ бастани аҳдномаи никоҳро тарғиб намоянд. Зеро

3 Барои маълумоти пурра оид ба аҳдномаи никоҳ нигаред ба: Маҳмудов М.А., Аҳдномаи никоҳ, Душанбе, с. 2005.

ҳамсарони оянда қабл аз ба никоҳи якдигар даромадан бояд вазъи молӣ ва ҳуқуқи моликиятдории худро равшан намоянд. Дар чунин сурат байни онҳо дар масъалаи моликиятдорӣ баҳс камтар пайдо мешавад. Аз ҳама асосӣ он аст, ки аз бастани аҳдномаи никоҳ ҳуқуқи зан ва фарзандон бештар ҳифз мешавад.

Қайди давлатии ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҷамоатҳо ба роҳ монда мешавад. Онҳо метавонанд пиёда ё бо мошинҳо ба мақоми бастани ақди никоҳ раванд. Ҳангоми ба қайди ақди никоҳ бо мошин рафтани домоду арӯс бо дӯстони келину домод онҳо бояд аз 4 автомашина зиёд киро накунанд. Автомашинаҳо ҳатман бояд сабукрав бошанд.

Сабаби зикр гардидани намуд ва шумораи автомашина дар он аст, ки то қабули қонун тӯйи домодию арӯсӣ бо киро намудани шумораи зиёди автомашинаҳо гузаронида мешуд, ки ин ҳолат боиси садамаи зиёди автомобилӣ, танбакунии роҳҳо бо риоя накардани қоидаҳои роҳ, бардоштани ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ва ҳатто ба ҳалокат расидани ронандагон ва иштирокчиёни ин маросим мегардид. Ҳолати мазкур пас аз қабули қонун тадриҷан кам гардид.

Мутаассифона, имрӯз низ дар роҳҳои ҷумҳурӣ бар асари садамаҳои нақлиётӣ шумораи зиёди шаҳрвандон ба ҳалокат мерасанд ва ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ мебардоранд. Ҳолатҳои аз тарафи ронандагони маст ва бе ҳуҷҷати ронандагӣ идора намудани воситаҳои нақлиёт ва дар робита ба ин содир намудани садамаҳои нақлиёт низ зиёд ба қайд гирифта шудааст, ки қисме аз онҳо аз ҷониби баргузоркунандагони маросими хонадоршавӣ мебошанд. Сабаби риоя нагардидани қонун, маст ва бе ҳуҷҷати ронандагӣ идора намудани воситаҳои нақлиёт, пеш аз ҳама ночиз будани ҷаримаи муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва пешбинӣ нагардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, ки аз ҷониби шаҳрвандон боиси такроран вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи идоракунии нақлиёт мегарданд ва оқибатҳои ногувори дар боло зикр гардидаро ба

вуҷуд меоранд.

Бинобар ин, баҳри пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва қонуншиканӣ дар ин самт, махсусан ҳифзи ҳаёт ва саломатии аҳолии кишвар, ки дар Конститутсия арзиши олӣ эътироф гардидааст ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, аз ҷумла:

- дар қисми 1 моддаи 42 (Маҳрум кардани шахси воқеӣ аз ҳуқуқи махсус) ҳуқуқи идора кардани воситаҳои нақлиёт..., аз ду моҳ то ду сол буд, ки аз ду моҳ то даҳ сол муқаррар карда шуд;

- дар санксияи моддаи 332 (Идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ) маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба муҳлати ду сол таъйин карда мешавад, дар таҳрири зерин, яъне ба андозаи сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати понздаҳ шабонарӯз бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи васитаҳои нақлиёт ба муҳлати панҷ сол таъйин карда шавад, қабул гардид.

Ҳамзамон санксияи қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 336 (Аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад, идора кардани воситаи нақлиёт ва ё ба шахси ҳуқуқи ронандагӣ надошта барои идоракунӣ додани воситаи нақлиёт):

- андозаи ҷаримаи қисми 1 аз се то панҷ ба дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- андозаи ҷаримаи қисми 2 аз панҷ то ҳафт ба дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба муҳлати панҷ сол;

- андозаи ҷаримаи қисми 3 аз ҳафт то даҳ ба сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст.

Инчунин андозаи ҷаримаи санксияи моддаҳои 337 ва 342 низ дар таҳрири зерин қабул гардиданд:

- моддаи 337 (Идора кардани воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад) андозаи ҷарима аз панҷоҳ то ҳафтод ба андо-

заи чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора намудани воситаҳои нақлиёт ба муҳлати даҳ сол зиёд карда шудааст;

- моддаи 342 (Ба идора кардани воситаҳои нақлиёт роҳ додани ронандагоне, ки дар ҳолати мастӣ мебошанд ё шахсоне, ки ҳуқуқи идора кардани воситаҳои нақлиётро надоранд) андозаи ҷарима аз си то чил ба андозаи сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд карда шудааст.

Қайди никоҳи давлатӣ метавонад дар рӯзи тӯй, яъне дар базми зиёфат бо ҷалб кардани мутасаддии шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ сурат гирад.

д). Маросими дафну азодорӣ

Моддаи 11 қонун ба танзими гузаронидани маросими дафну азодорӣ бахшида шудааст.

Маросими ҷаноза бе маҳдудияти шумораи иштироккунандагон сурат мегирад. Яъне дар маросими ҷаноза шумораи иштирокчиён номаҳдуд аст. Қонун шумораи иштироккунандагонро барои он маҳдуд накардааст, ки маросими ҷаноза ва хондани ҷаноза аз назари дини ислом амали ҳатмист. Аз ҷониби дигар иштирок кардани ёру дӯстон дар рӯзи сахти хонадони фавтида ва баёни ҳамдардӣ ба соҳибони майит дастгирии маънавии онҳоест, ки шахси наздикашонро аз даст додаанд. Дар маросими ҷаноза ва рӯзи дафн таоми оммавӣ ташкил кардан мумкин нест. Вақти баргузории ҷаноза маҳдуд нест, он метавонад вақти корӣ бошад ва метавонад берун аз вақти корӣ.

Дар рӯзи ҷаноза барои меҳмонон ва иштирокчиён ороستани дастархон ва таомгузорӣ аз хонаи соҳиби майит ва дар манзили вай мумкин нест. Танҳо меҳмонони аз дур омадаро аъзои комиссияи доимӣ, кормандони бахш ва кухансолони маҳалла бояд дар хонаи наздикон ва ҳамсояҳо ҷой кунанд. Барои онҳо дар манзилҳои ёру дӯстон ва ҳамсояҳо аз ҳисоби соҳибони хонаҳо ҷой ё хӯрок додан иҷозат аст.

Қисми 2 моддаи 11 қонун муқаррар менамояд, ки маро-

сими «се», «чил» ва «сол» бе забҳи чорво ва бе додани таом гузаронида мешаванд. Дар рӯзи «се», «чил» ва «сол» ба хондани фотиҳа омадани мардум манъ нест.

Дар қисми сеюми моддаи 11 як қатор амалҳое, ки барои соҳиби майит вазнинӣ меоранд ва ба талаботи шариат мухолифат доранд, дар баргузории маросими дафну азодорӣ манъ мегарданд. Қонун як қатор маросимеро, ки аз назари дини ислом низ пояи шаръӣ надоранд, манъ кардааст. Аз ҷумла, забҳи чорво ва додани таом, баргузории «оши сари тахта», «душанбегӣ», «ҷумъагӣ», «ҳафт», «бист», «шашмоҳагӣ» манъ аст. Вале меҳмонони дурдаст ва хешу табори аз роҳи дур омадаро чун одат ҳамсояҳо ва хешовандони наздик таом медиҳанд. Дар баъзе ҷойҳо дар масҷидҳо меҳмононро ҷой карда, аз ҳисоби пулҳои ҷамъшудаи хайрия ба онҳо хӯрок медиҳанд.

Додани пули накд ё дигар ашёро ба иштирокчиёни маросими дафн, аз ҷумла ба имоме, ки ҷаноза мехонад, қонун манъ менамояд. Пули нақд ва дигар ашё гуфта, қонун тақсими пул ба мардум, додани қолин ва дигар чиз ба муллоҳои ҷанозахон ва дигаронро дар назар дорад. Давра кардан ва пул ҷамъ карда, ба дигарон тақсим намуданро қонун манъ менамояд. Аммо пул додан ва ёрӣ намуданро ба соҳиби майит қонун манъ намекунад. Бинобар ин, мумкин аст, ки одамон ба соҳибони майит кумак намоянд, ки ин кори хайр аст.

Додани ҳаққи хизмати қабркан ва мурдашӯйро, ки заҳмати зиёдро талаб мекунад, қонун манъ накардааст.

е) Маросими ҳаҷ

Тибқи моддаи 12 қонун маъракаҳои гусел ва пешвози ҳоҷиён дар доираи оила гузаронида мешаванд.

Ташкили маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон ва ҳоҷиошӣ қатъиян манъ аст.

Маъракаи гусел ва пешвози ҳоҷиён дар доираи оила гузаронида мешавад. Зери мафҳуми оила хешу табори наздик, ки дар тафсири моддаи 8 оварда шуд, фаҳмида мешавад.

Қонун ба хотири пешгирӣ намудани ин масрафи беҳуда аз ҷониби хонаводаи шахсе, ки нияти зиёрати ҳаҷ кардааст, чунин маъракаҳоро фақат дар доираи оила муқаррар намудааст. Яъне барои гусел хешу табори наздик ва аҳли оила кифоя аст.

Ба хотири пешгирии маъракаҳои зиёдатӣ ва исрофкорӣ қонун ташкили маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон ва ҳоҷиоширо манъ кардааст. Расму оинҳо на ба хотири манфиатҳои ҷудогона, балки мутобиқи манфиати мардум бояд инкишоф ёбанд. Ба хонаи бародар ё хоҳар рафтани ҳоҷии навро ва ба ин хотир ош кардани бародар ё хоҳарашро бояд аз ҳоҷиталбон фарқ кард. Ҳамчунин, дар рӯзи омадани ҳоҷӣ, омадани бародар, хоҳар, аммаю хола, амаку тағо ва дигар хешу табори наздик мумкин аст.

Ҷашну маросим дар майдончаҳои (ҳавлиҳои) назди биноҳои истиқоматӣ, дохили хонаҳои шахсӣ ё дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, тӯйхонаҳо бо риояи тартиботи ҷамъиятӣ гузаронида мешаванд.

Дар ҷашну маросим пошидан ва часпондани пул манъ аст.

Барои гузаронидани маросим қонун ҷойҳои баргузории онҳоро чунин муайян кардааст: майдончаҳои (ҳавлиҳои) назди биноҳои истиқоматӣ гуфта ҳам майдончаҳои назди биноҳои серошёна ва ҳам ҳавлиҳои шахсӣ дар назар дошта мешавад. Соҳибони ҷашну маросим метавонанд бе ягон мамониат дар назди ҳавлиҳои худ ҷашну маросимро баргузор намоянд. Агар дар дохили ҳавлӣ барои гузаронидани онҳо имконият набошад, соҳиби маърака метавонад дар беруни хона дар кӯча бо маслиҳати комиссияи доимии маҳаллии танзими анъана ва корманди бахш бе вайрон кардани дигар талаботи қонун маърака орояд. Фақат ҳангоми гузаронидани ҷашну маросим бояд муқаррароти қонун оид ба шумораи иштироккунандагон ва дигар қисматҳои онро риоя намоянд.

Қонун имконияти гузаронидани ҷашну маросимро дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо ё тӯйхонаҳо иҷозат

додааст. Дар чунин ҳолат бояд ҳатман шартномаи хаттии байни соҳиби маърака ва тарабхона доир ба хизматрасонӣ баста шавад.

Маросими мавлудхонӣ бояд ба таври ихтиёрӣ танҳо дар масҷидҳо бе ҷамъоварӣ ва додани маблағи пулӣ ва таом сурат гирад. Моддаи 13 қонун ҷойи баргузории маросими мавлудхониро масҷид муқаррар намудааст. Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки мавлудхонӣ набояд дар ҳавлию кӯчаҳо ва дигар ҷойҳо гузаронида шавад. Бинобар ин, дар тӯю маъракаҳои дигар, ки дар ҳавлӣ ва мавзеъҳои дигар баргузор карда мешаванд, хондани мавлуд мумкин нест. Инчунин, дар маросими мавлудхонӣ ба харҷу сарфи зиёдатӣ набояд роҳ дода шавад. Мавлудхонӣ танҳо воситаи гиромидошти хотираи пайғамбари ислом буда, матлабаш тарғибу ташвиқи рафтору кирдори нек аст ва онро ба маъракаи маблағҷамъкунӣ набояд табдил дод.

Дар ҷашну маросим пошидан ва часпонидани пул манъ аст. Бояд зикр кард, ки пул рамзи давлат ва арзишест, ки ҷомеа онро баробари неъматҳои дигар қадр мекунад. Бинобар ин, намоишкорона пошидану часпондани он нисбат ба давлат ва арзишҳои миллӣ беэҳтиромӣ зоҳир кардан аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки пулро ҳамчун коғази қиматнок тухфа намудан мумкин нест. Пул ва қимати муайяни он метавонад мутобиқи Кодекси граждании ба хотири маърака ва маросими муайян ҳамчун тухфа тақдим шавад, вале чунин амал бояд бо риояи одоб ва роҳи мақбули додани тухфа сурат гирад.

Мақсади қонун аз чунин муқаррарот гирифтани пеши роҳи беҳурматӣ нисбат ба пули миллӣ аст, ки баъзе аз одамон дар маъракаҳо то қабули қонун пеши пойи раққоса ва ҳофизон пош медоданд. Қонун пеши роҳи беҳурматиро нисбат ба пули миллӣ гирифта, ҳамзамон бо ин, намегузорад, ки нисбат ба дигар навъи пул ҳамчун коғази қиматнок беэҳтиромӣ зоҳир шавад. Аз ин рӯ, қонун часпондан ва пошидани ҳама гуна пулро, хоҳ пули миллӣ - сомонӣ ё хоҳ асъори хориҷӣ бошад, манъ кардааст.

## § 4. ТАНЗИМИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ҶАШНУ МАРОСИМ

Тибқи моддаи 14 қонун тартиби хизматрасонии ҷашну маросим аз тарафи муассисаҳои фарҳангӣ, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, тарабхонаҳо ва тӯйхонаҳо муайян карда мешавад.

Хизматрасонии ҳунармандон дар тӯю маъракаҳо дар асоси шартномаи тарафайн бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Маъмурияти қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, тарабхонаҳо ва тӯйхонаҳо ҳангоми баргузории тӯю маъракаҳо бояд муқаррароти қонуни мазкурро вобаста ба шумораи даъватшудагон риоя намоянд. Тибқи қонун тӯю маъракаҳо дар шаҳрҳо дар рӯзҳои истироҳат аз соати 8 то 22 ва дар рӯзҳои корӣ аз соати 18 то 22, дар шаҳраку деҳот (аз ҷумла шаҳраку деҳоти тобеи шаҳр) дар рӯзҳои истироҳат аз 1 апрел то 31 октябр аз соати 6 то соати 22, аз 1 ноябр то 31 март аз соати 8 то соати 22 ва дар рӯзҳои корӣ аз соати 18 то соати 22 гузаронида мешаванд. Давомнокии тӯю маъракаҳо то се соат муқаррар карда мешавад.

Ин талабот дар рӯзҳои номбаршуда қатъӣ бояд риоя шавад, ба истисноӣ рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон, ки вобаста ба махсусияташон омаду рафти одамон бисёртар ба назар мерасад. Дар рӯзҳои корӣ маъракаю маросим аз соати 18-00 то 22-00 гузаронида мешаванд. Бояд дар назар гирифт, ки ҳадафи қонун аз истилоҳи маърака ин ҳам маъракаҳои хурсандӣ ва ҳам маросими азодориест, ки қонун барои баргузории онҳо иҷозат додааст. Давомнокии тӯю маъракаҳоро қонуни мазкур се соат пешбинӣ намудааст. Агар домоду арӯс хоҳанд дар манзилҳои худ маърака ороянд, он гоҳ дар алоҳидагӣ се соат барои тарафи арӯс барои ош ва се соат барои зиёфати тарафи домод дода мешавад.

Моддаи 14 қонун тартиби хизматрасонии ҳунармандонро муқаррар намудааст. Мувофиқи он бояд байни ҳунарманд ва соҳиби маърака шартномаи хизматрасонӣ баста шавад. Мазмуни меъёр хислати ҳаволакунандагӣ дошта, танзими хизматрасонии ҳунармандро ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола мекунад.

Чунин шартномаро моддаи 797 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба «шартномаи хизматрасонии пулакӣ» бахшида шудааст, пешбинӣ менамояд. Мувофиқи шартномаи хизматрасонии пулакӣ бо супориши фармоишгар иҷрокунанда вазифадор аст хизмате расонад (амали муайян ё фаъолияти муайянеро анҷом диҳад), ки дорои шакли ашёӣ набошад ва фармоишгар уҳдадор аст арзиши онро пардохт намояд.

Моддаи 798 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар қатори дигар намудҳои хизматрасонӣ хизматрасонии фарҳангиро низ ба сифати мавзӯи шартнома эътироф мекунад. Мақсад аз ин ташкил намудани даъвати ҳунармандон, дуруст ба роҳ мондани назорати молиявии ҳунармандон, пардохти андоз аз ҷониби онҳо ва назорат намудани нархи хизматрасонии онҳост. Дар ҳолатҳое, ки дар тӯй як ҳунарманд ҳунарнамоӣ мекунаду ҳунарманди дигар ҳамчун меҳмон даъват шуда, суруде мехонад ё табрикоте мекунад, аз ӯ талаб кардани шартномаи хизматрасонӣ мумкин нест.

Дар қисми дуюми модда уҳдадории маъмурияти мавзеъҳое, ки соҳибони маърака ва маросим дар он ҷо чорабинии худро мегузаронанд, оид ба риоя кардани муқаррароти қонун муайян мегардад. Тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва тӯйхонаҳо уҳдадоранд ҳангоми баргузории маъракаҳо шумораи одамони даъватшударо мутобиқи моддаи 10 дар тӯйи домодию арӯсӣ барои додани ош то 200 нафар ва барои зиёфат то 150 нафар риоя намоянд. Ҳамчунин, тарабхонаю ҷойҳои баргузории маъракаҳо уҳдадоранд, ки вобаста ба талаботи қонун таом омода намоянд.

Дар сурати вайрон гардидани талаботи қонун ҳам маъмурияти тарабхона (ҷое, ки маърака барпо гардидааст) ва ҳам соҳиби маърака мувофиқи моддаи 15 қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҳамзамон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадор карда мешаванд, ки ба рукнҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла забони давлатӣ ва сару либоси миллӣ эҳтиром гузошта, онҳоро аз таъсирҳои манфии замони муосир ҳифз намоянд.

## § 5. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУН

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки талаботи ҳамин қонунро вайрон мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарӣ мутобиқи моддаи 481 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сархати чоруми моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар қонунҳои соҳавии мақомоти давлатӣ татбиқ мешавад. Бояд ба инобат гирифт, ки моддаи 481 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгариро ба тариқи умумӣ нисбат ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим муайян кардааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як амале, ки аз талаботи қонуни мазкур бармеояд ва он тарзи риояи хоси худро дошта, ченаки ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад, дар сурати риоя нагаштан оқибати ҳуқуқиро дар шакли ҷавобгарӣ тақозо мекунад.

Ҷавобгарӣ асосан ду намуд муайян шудааст - ҷарима ва аз кор озод намудан. Ҷарима барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ се навъ муайян шудааст: барои шахсони воқеӣ ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои шахсони мансабдор дар ҳаҷми 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъйин карда мешавад.

Инчунин мувофиқи қисми 2 моддаи 481 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ, ходимон ва уламои дин ба андозаи 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Мақсади пурзӯр кардани ҷавобгарӣ барои вайрон намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва баланд бардоштани миқдори ҷарима барои шах-

сони мансабдор аз 250 нишондиҳанда ба 500 нишондиҳанда, барои шахсони ҳуқуқӣ аз 500 нишондиҳанда ба 700 нишондиҳанда, инчунин муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои соҳибкорони инфиродӣ, ходимон ва уламои дин ба андозаи 700 нишондиҳанда барои риояи дақиқу якхелаи қонун, ҳамчун чораи пешгирӣ ворид кардада шуд.

Барои шахсони мансабдор ҷавобгарии интизомӣ, яъне аз кор озод намудан пешбинӣ шудааст. Дар қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим мафҳуми васеи шахси мансабдор дода шудааст.

Тибқи қисми 2 моддаи 15 қонун аъзои Ҳукумат, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, дигар шахсони мансабдори давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, амният, корҳои дохилӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, андоз, гумрук ва хизматчиёни ҳарбӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби онҳо ва фарзандонашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мансаб озод карда мешаванд.

Тағйироти ба қисми 2 моддаи 15 воридгардида барои барҳам додани риоя нагардидани талаботи қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим аз ҷониби шахсони мансабдор, кормандони мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни давлати ва ҳарбӣ, ҳамзамон аз ҷониби фарзандони онҳо мебошад, ки то ворид гардидани тағйиру иловаҳо ҳолати мазкур нигаронкунанда буд.

Илова бар ин дар қонунгузории соҳавии сохторҳои номбурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии интизомиро барои шахси мансабдори зерин ба таври зайл муқаррар карда шудааст:

- нисбат ба судяҳои Суди конститутсионӣ мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014;

- нисбат ба судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 18 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014;

- нисбат ба кормандони Хадамоти гумрук мутобиқи қисми 1 моддаи 488 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004;

- нисбат ба кормандони низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (колонияҳои ислоҳи меҳнатӣ) мутобиқи қисми 9 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» аз 15 июли соли 2004;

- нисбат ба кормандони ҳарбӣ мутобиқи банди «е» қисми 1 моддаи 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 ноябри соли 2000;

- нисбат ба кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми 2 моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005;

- нисбат ба кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми 11 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004.

Дар сурати аз ҷониби шахси мансабдор вайрон гардидани қонун комиссия маводро доир ба ҳуқуқвайронкунӣ ҷамъ мекунад ва ба мақомоте, ки шахси мансабдор он ҷо кор мекунад, равон менамояд, роҳбарият ӯро аз кор озод мекунад.

Ҳамзамон тибқи тағйиру иловаҳои нав ба моддаи 481 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дағалона ё такроран вайрон намудани тартиби гузаронидани анъана ва ҷашну маросим ҷавобгарӣ муқаррар карда шуд, ки мувофиқи санксияи қисми 3 он ба шахсони воқеӣ ба андозаи 600 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба шахсони мансабдор ба андозаи 800 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ба шахсони ҳуқуқӣ 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Мақсади тағйироти мазкур дар он аст, ки дар вақтҳои охир аз ҷониби шаҳрвандон дағалона ва такроран вайрон

кардани талаботи қонун, барои шахсони алоҳида ночиз будани ҷарима ва пешбини нагардидани ҷавобгарӣ барои такроран риоя нагардидани тартиби гузаронидани анъана ва ҷашну маросим, боиси қонуншиканиҳои зиёд гардида буд.

**СУОЛ ВА СУПОРИШҲО:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кай қабул гардидааст?

2. Зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо фаҳмиши худ шарҳ диҳед?

3. Мақсад, вазифа ва доираи амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҳалли кадом масъалаҳо иборат аст?

4. Мафҳумҳои асосӣ - анъана, маросим ва ҷашнро шарҳ диҳед?

5. Мақоми ваколатдор оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим кадом аст ва салоҳияти он аз чӣ иборат аст?

6. Ҷашнҳои расмиро номбар намоед. Санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро номбар намоед, ки сухан дар бораи рӯзҳои ид ва истироҳат сухан меравад.

7. Ҷашнҳои зодрӯз, хатнасур ва тӯйи домодию арӯсиро маънидод намоед.

8. Фарқи ҷашн аз маросим дар чист?

9. Маросими дафну азодорӣ аз чӣ иборат аст.

10. Кадом маҳдудиятҳои гузаронидани ҷашну маросимро медонед?

11. Гузаронидани ҷашну маросим дар кадом ҷойҳо иҷозат дода шудааст?

12. Вақти баргузории ҷашну маросим ва давомнокии онҳоро маънидод намоед.

13. Чӣ гуна ҷавобгарӣ барои шахсоне, ки қонунро вайрон намудааст, пешбинӣ гардидааст?

# БОБИ XIV. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД»

## § 1. АҲАМИЯТ ВА МАҚСАДИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД»

Таваҷҷуҳ ба таълиму тарбия, рушд ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои фарзандон заминаи ояндаи дурахшони ҳар халқу миллат мебошад. Ҷараёни имрӯзаи зиндагӣ тақозо менамояд, ки ҳар як фарди ҷомеа чун шахси босаводу бофарҳанг, ватандӯсту меҳанпарвар, худогоҳу худшинос, меҳнатдӯсту бовиҷдон ва баодобу нексиришт ба камол расад.

Чӣ тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба наслҳои имрӯзу ояндаи кишвар нигаронида шудааст, зеро масъулият барои сарнавишти Ватан ва ояндаи миллат дар навбати аввал маҳз ба уҳдаи насли ҷавон хоҳад гузашт. Биноан, вазифаи муқаддаси мо ба камол расонидани насли ҳаматарафа солим, соҳибмаълумот, бунёдкор, неруманд ва миллатдӯсту меҳанпараст мебошад[4]. Таълиму тарбияи фарзанд, ки масъалаи мубрами рӯз аст, дар гузашта низ дар madди назари аҳли ҷомеа, бахусус мутафаккирону хирадмандон, қарор дошт, зеро тарбия ва таълими насли наврас дар ҳама давру замон раванди ниҳоят масъулиятнок ва ҷиддӣ буда, тақдири кӯдак ва насли ояндаи ҷомеа аз сифати он вобаста аст.

Аз ин лиҳоз, аҳамияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»[5], ки масъулияти падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳоро дар таълиму тарбияи фарзандон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ,

[4] Садои мардум, 5.08.2011, № 97-98 (2767-2768)

[5] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011,№ 7-8,мод.616

эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзандон пурзӯр менамояд, ниҳоят муҳим мебошад.

Дар ин масъала нақши падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда ва омӯзгор асосӣ ва ҳалкунанда аст. Зеро падару модар, омӯзгорон ва шахсони онҳоро ивазкунанда вазифадоранд, ки кӯдакро ҳамчун инсони комил тарбия карда, пеш аз ҳама, ба тарбияи ақлонӣ ва инкишофи зеҳнии ӯ аҳамияти махсус зоҳир намоянд, барои соҳибмаълумот ва соҳибкасб шуданаш кумак карда, ӯро ба ҳаёти мустақилона омода созанд.

Бояд гуфт, ки зарурати қабули ҳар як қонунро шароит ва эҳтиёҷот ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии мавҷуда талаб менамояд. Қабули қонуни мазкурро низ шароити бавуҷудомада ва эҳсоси масъулияти аҳли ҷомеа бо сарварии Роҳбари давлат нисбат ба тақдири насли наврас ваояндаи миллат тақозо намудааст.

Бинобар ин, қабули санади ҳуқуқии мазкур бароиояндаи ҷомеаи мо нақши ҳалкунанда бозида, ба тарбияи шахсоне мусоидат хохад кард, ки дар оянда мо бо онҳо ифтихор хоҳем кард, чунки танҳо фарзандони соҳибмаърифату соҳибкасб ва худогоҳу миллатдӯст метавонанд дар бунёди давлати миллӣ саҳмгузор бошанд.

Тарбияи ифтихори ватандорӣ дар қалби фарзандон маҳз дар давраи истиқлолият ҳамчун яке аз шартҳои асосии пойдории давлат ва миллати тоҷик эътироф гардид. Ифтихори ватандорӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ аз иродаи қавии падару модар вобаста аст. Дуруст тарбия намудани фарзандон дар ин рӯҳия бароиояндаи нек замина мегузорад. Агар ба таърих рӯ оварем, бузургтарин дастовардҳо маҳз дар рӯҳияи ифтихори ватандорӣ ба даст омадаанд.

Яке аз беҳтарин усулҳои тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ифтихори ватандорӣ ин рафтори намунавии худи падару модар мебошад.Ҷалб намудани диққати фарзандон ба дастовардҳои миллӣ ва огоҳӣ аз қаҳрамонони миллӣ ба та-

шаккули ҳисси ватандӯстӣ мусоидат менамояд. Мутаассифона, баъзан ҷинояткорон ҳиссиёти мардум, махсусан, ҷавононро истифода бурда, ба ҷомеа зарар мерасонанд. Барои он, ки дар тафаккури фарзандон ақидаҳои ҷиноӣ, аз ҷумла террористӣ роҳ наёбад, онҳоро бояд тарбия намуд, то ки ба муқобили падидаҳои манфӣ устувор бошанд ва ба онҳо муқовимат карда тавонанд.

Қабули қонуни мазкур барои идомаи анъанаҳои неки мардуми тоҷик оид ба тарбияи фарзандон дар рӯҳияи поктинатӣ, ватанпарварӣ, башардӯстию инсонпарварӣ нақши ҳалкунанда дорад. Меъёрҳои он пурра ифодакунандаи хусусиятҳои хоси расму оин ва анъанаҳои миллии мо мебошанд. Ба назар гирифтани чунин хусусиятҳо ба амалишавии мақсадҳои умумимиллӣ ва такомули ояндаи давлатдории мо мусоидат намуда, барои фарзандони мо, шароити мусоиди рушдро фароҳам меоварад ва ҳуқуқу манфиатҳоро ҳимоя менамояд. Зеро эҳёи анъанаҳои миллӣ ва истифодаи васеи онҳо дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон барои баланд бардоштани масъулияти падару модарон ва ширкати фаъолонаи онҳо ба рушду нумӯи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон мусоидат менамояд. Алҳол, ки мо дар назди худ мақсади бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёдро гузоштаем, расидан ба ин ҳадафи олӣ масъулияти доимии падару модар ва аҳли ҷомеаро талаб менамояд, чунки пешрафти минбаъдаи давлату ҷомеа бе таълиму тарбияи дурусти насли наврас ғайри имкон аст.

Падару модар шахсоне мебошанд, ки бо фарзанд пайванди хунӣ дошта, ӯро ба дунё овардаанд. Баъзе ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки бо ягон сабаб падару модарро шахсони дигар иваз мекунанд (масалан, ҳангоми ятим мондани кӯдак ё муваққатан таҳти таълиму тарбияи шахси дигар будани кӯдак ва ғайра). Дар сархати 2-и моддаи 4-и қонуни мазкур номгӯйи шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд, номбар шудааст: 1) васӣ; 2) парастор; 3) фарзандхондагон; 4) шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд;

5) намояндагони қонунии онҳо; 6) муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад.

Васоят барои ноболиғони то синни чордаҳсола ва парасторӣ барои ноболиғони аз чаҳордаҳсола то ҳаждаҳсола муқаррар карда мешавад (моддаи 147 Кодекси оила). Ба сифати васӣ ва парастор танҳо шахсони болиғи қобили амал таъйин шуда метавонанд.

Фарзандхондагон нафароне мебошанд, ки бо мақсади таълиму тарбия кӯдаконро ба фарзандӣ қабул мекунанд. Фарзандхондагон метавонанд танҳо шаҳрвандони ба балоғатрасидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд. Фарзандхонӣ аз тарафи суд расмӣ карда мешавад.

Кӯдакон дар асоси шартнома низ бо назорат фаро гирифта шуданашон мумкин аст. Шахсони тибқи шартнома уҳдадории дар вақти муайян назорат кардани кӯдакро ба зимма гирифта на танҳо барои таълиму тарбияи кӯдак масъул мебошанд, балки ба оқибатҳои рафтори кӯдакон низ ҷавобгаранд.

Ба ҳайси намояндагони қонунӣ падару модар, васию парастор, фарзандхондагон ва намояндаҳои ташкилоту муассисаҳое баромад карда метавонанд, ки кӯдакон таҳти васояту парастории онҳо қарор дорад.

Барои таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин, муассисаҳое масъул мебошанд, ки кӯдакон дар таълиму тарбияи онҳо қарор доранд. Муассисаҳои таълимӣ шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки раванди таълимро ба роҳ мемонанд.

Тибқи зербанди 1-и моддаи 4-и қонун истилоҳҳои кӯдак ва фарзанд ҳамчун калимаҳои ҳаммаъно истифода бурда мешаванд. Онҳо ҳамчун шахсе, ки ба балоғат нарасидааст, маънидод карда мешаванд. Аломати асосие, ки онҳоро аз калонсол фарқ мекунонад, нарасидан ба синну соли муқарраршуда (18-сола) мебошад.

Таълим раванди фаъолияти муштараки падару модар, омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак ме-

бошад (сархати 4-и м.4-и қонун). Дар таърифи таълим хусусиятҳои зерин ба назар мерасанд:

1) Раванди фаъолияти якҷояи падару модар, омӯзгор ва муассисаи таълимӣ мебошад.

2) Чунин фаъолият барои рушди шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак (фарзанд) равона карда шудааст.

Таълим дар доираи муассисаи таълимӣ бо фаъолияти омӯзгор ва кӯшиши кӯдак маҳдуд намегардад. Моҳияти таълим дар он ифода мегардад, ки дар ҷараёни он падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои гирифтани дониш, ҳосил кардани маҳорату малака, инкишофи тафаккури мустақил ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак фаъолияти мақсадноку алоқамандро ба роҳ монанд.

Тарбия раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ мебошад. Ҳамин тавр, тарбия тибқи моддаи зикршуда дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1) Раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд мебошад.

2) Тарбия аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа анҷом дода мешавад.

3) Дар натиҷаи тарбия фарзанд ба зиндагии мустақилона омода карда мешавад.

Тарбия ҳамчун раванди мақсаднок падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Тарбия дар оила, муассисаҳои томактабӣ, таълимӣ, мактабҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ, инчунин, аз ҷониби ҷомеа анҷом дода мешавад. Мақсаду вазифаҳои тарбия аз ҷумла тарбияи ҳисси миллӣ, ташаккули инсони комил, соҳиби ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад. Мафҳуми «тарбия» ба ду маънӣ: васеъ ва

маҳдуд фаҳмида мешавад. Ба маънии васеъ раванди мақсадноки ташаккули фарзанд ва тайёр намудани ӯ барои фаъолона иштирок намудан дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҷамъиятӣ ва маданию фарҳангӣ мебошад. Бинобар ин, тарбия чорабиниҳои тарбиявиро дар оила, мактаб, ташкилотҳои ноболиғону ҷавонон ва ҷомеа фаро мегирад. Тарбия ба маънои васеъ, инчунин, таълим ва омӯзишро дар бар мегирад. Ба маънии маҳдуд тарбия ташаккули ҷаҳонбинӣ, симои маънавӣ, инкишофи зебоипарастӣ ва ҷисмониро ифода менамояд. Тарбия бо таълиму омӯзиш дар алоқамандии зич қарор дошта, дар раванди он на танҳо дониш андухта мешавад, балки ақида, сифатҳои маънавӣ ва хислатҳои наҷиби инсонии фарзанд ташаккул меёбанд.

## § 2. ВАЗИФА ВА ҲУҚУҚҲОИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Таълиму тарбия масъалаи басо мураккаб буда, фаъолияти дастҷамъонаро тақозо дорад. Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа, яъне вазифаи дастҷамъона мебошад. Падару модар вазифадоранд, ки барои сиҳатии ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак пайваста ғамхорӣ кунанд, онҳоро ба мактаб омода намоянд ва барои инкишофи қобилияти кӯдак шароити зарурӣ муҳайё созанд, ҳуқуқ ва шаъну шарафи фарзандонро ҳимоя намоянд, фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, накукорӣ, ҳисси раҳмдилӣ, эҳтироми аҳли оила, забони модарӣ, адабиёту таърих ва анъанаҳои фарҳангии халқи худ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд, ба фарзандон барои гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуда, дар хона шароити мусоид муҳайё созанд, фарзандонро дар рӯҳияи эҳтироми қонун, ҳуқуқ, озодии инсон, рамзҳои давлатии Тоҷикистон ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд.

Тибқи талаботи қонуни мазкур давлату ҷомеа низ аз кори таълиму тарбия дар канор набуда, худро бояд масъул донанд. Давлат барои таълиму тарбияи насли наврас тамо-

ми заминаҳоро муҳайё менамояд. Иҷрои ин уҳдадориҳои худро бо роҳи таъсиси низоми таълим ва муҳайё сохтани шароити дахлдори иҷтимоию иқтисодӣ барои таҳсилот таъмин мекунад. Ҳамзамон бо ин, давлат кафолати конститутсионии дастрас ва ройгон будани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбиро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ муқаррар намудааст.

Нақши ҷомеа дар таъсир расонидан ба шууру равони кӯдак муассир буда, ба бисёр ҷиҳатҳои ахлоқӣ, равонӣ ва маънавии кӯдакон таъсири бағоят калон мерасонад. Ин аст, ки кӯдак ҳангоми пайвастан ба ҷомеа кӯшиш менамояд, ки худро аҳли ҷомеа нишон дода, рафтору гуфтор ва ҳатто кирдори худро ба аҳли ҷомеа монанд намояд, ки ин ҳолатҳо метавонанд ҳам мусбат бошанд ва ҳам манфӣ. Тибқи муқарраротн қонуни мазкур фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ низ барои фарзанд вазифаи падару модар мебошад. Дар зери мафҳуми шароити моддию молиявӣ ба вуҷуд овардани шароити зарурӣ ва таъмин намудани фарзанд бо маводди ғизоӣ, воситаҳои санитарию гигиенӣ, либос, пойафзол ва дигар ашёву лавозимоти барои рушди ҳаматарафаи фарзанд ва гирифтани таълиму тарбия зарурӣ дар назар дошта шудааст. Шароити маънавӣ – таъсир расонидан ба дунёи маънавии фарзанд, тарбия кардани маърифати баланд, фаъолияти пурсамару хислатҳои наҷиби инсонӣ, ростқавлӣ, ҳалолкорӣ, адлу инсоф, саховатмандӣ ва амсоли онҳо мебошад.

Тибқи қисми 3-и моддаи 5-и давлат бояд барои таълиму тарбия ва ҳифзи кӯдакони ятим ва маъюб ғамхорӣ намуда, ба онҳо шароити мусоид фароҳам оварад. Аз ҷониби давлат ба дӯш гирифтани масъулияти фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи гурӯҳи ниёзманди ҷомеа, яъне кӯдакони ятим ва маъюб маънои онро дорад, ки давлат сиёсати инсондӯстонаро пеш гирифта, барои ба вуҷуд овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳама, бахусус, гурӯҳҳои ниёзманди ҷомеа чораҷӯйӣ мекунад.

Тарбияи фарзанд ба гурӯҳи ҳуқуқ ва уҳдадории конститутсионии ҳар як падару модар мансуб аст, зеро падару модар барои тарбияи фарзандон масъуланд (қисми 2-и моддаи 34-и Конститутсия). Бинобар ин, падар ва модар дар таълиму тарбия ва ба воя расонидани кӯдак, новобаста аз он, ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ менамоянд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд (м.6 қонун).

Тибқи банди 1-и моддаи 18-и Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак таълиму тарбияи фарзанд вазифаи муштараки падару модар мебошад. Падару модар барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки барои саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавию ахлоқӣ ва таълиму касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки падару модар нисбат ба фарзандонашон ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар доранд (қ. 1. м. 61 КО). Вазифаи муҳимтарини онҳо муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи муътадил, бо таълим фаро гирифтан ва тарбияи ҳамаҷонибаи кӯдак мебошад. Дар таълиму тарбияи фарзандони худ нисбат ба ҳамаи шахсони дигар ҳуқуқи афзалиятнок доштани падару модарро қонун пешбинӣ намудааст.

Оила асоси ҷомеа ба шумор меравад. Бинобар ин, муносибати дуруст дар оила ба пешравии ҷомеа таъсир мерасонад ва зану шавҳар вазифадоранд, ки муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтирому кумаки якдигарӣ ба роҳ монанд, ба таҳкими оила мусоидат намоянд, ба некуаҳволӣ ва рушду камоли фарзандонашон ғамхорӣ намуда (қ. 3. м. 32 КО), дар тарбияи фарзанд иштирок намоянд (қ. 2. м. 32, қ. 1. м. 62 КО). Моддаи 7-и қонун ба падару модар як қатор ҳуқуқҳоро медиҳад. Яке аз ҳуқуқҳое, ки моддаи мазкур пешбинӣ менамояд, ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандро ҳимоя намудани падару модар мебошад. Чунин ҳуқуқ дар моддаи 57 Кодекси оила низ пешбинӣ шудааст. Азбаски кӯдак қобилияти пурраи амалкунии граждании надорад (кӯдаки но-

болиғи то шашсола умуман қобилияти амалкунӣ надорад), ҳуқуқу манфиатҳои худро мустақилона ҳимоя карда наметавонад, аз ҳамин лиҳоз, қонун ба зиммаи падару модар ҳимояи манфиатҳои қонунии фарзандро вогузор намуда, ба онҳо имконият медиҳад, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя дар мақомоти суд намояндаи қонунии кӯдак бошанд. Қонун ба падару модар ҳуқуқ медиҳад, ки шакл, намуд ва усули таълим, муассисаҳои таълимиро, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, интихоб намоянд, агар ин шакл, навъ ва усул ба вазъи саломатӣ ва рушди маънавии фарзанд таъсири манфӣ нарасонад. Аз ин рӯ, падару модар имконият доранд, ки шакли таҳсилро, ки тибқи қонунгузории ҷорӣ таҳсили рӯзона, шабона, ғоибона, оилавӣ, фосилавӣ ва экстернатро дар бар мегирад, интихоб намоянд (м. 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»).

Дар зери мафҳуми усули (методи) таълим бошад, тарзу воситаҳои фаъолияти омӯзгору хонандагон оид ба роҳ, тарз ва воситаҳои омӯхтани маҷмӯи муайяни донишҳо, ҳосил намудани маҳорату малака, ташаккули ҷаҳонбинӣ, вусъати қобилият ва фикри хонандагон фаҳмида мешавад.

Инчунин, моддаи мазкур ба падару модар ҳуқуқ медиҳад, ки дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишандӯзии фарзанд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ иштирок карда, ба беҳтар гардидани сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат намоянд. Падару модар ҳангоми паст будани сатҳу сифати таълиму тарбияи фарзандонашон дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти ҳамагонӣ ҳуқуқ доранд ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти ин муассисаҳо ба мақомоти дахлдори худи муассисаҳои мазкур, шуъбаҳои маорифи ноҳия ва шаҳрҳо, раёсати маориф дар вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мушаххас муроҷиат намоянд. Бо сабаби он, ки фарзанд ба синну соли муқаррарнамудаи қонунгузорӣ (синни 18-солагӣ) нарасидааст ва қобилияти пурраи амалкунӣ надорад, наметавонад, ки аз номи худ мустақилона дар муносибатҳои

ҳуқуқӣ баромад намояд. Падару модар ҳуқуқ доранд дар муносибатҳои ҳуқуқӣ намояндаи қонунии фарзанд бошанд. Азбаски падару модар намояндаи қонунии фарзанд мебошанд ва ба дӯши онҳо ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадории ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии фарзандон вогузор карда шудааст, ба онҳо ҳуқуқи талаб намудани риояи ҳуқуқи фарзанд дар раванди таълим дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилотро додаааст.

Падару модар ҳуқуқи мусоидат намудан ба фаъолияти муассисаҳои таълимиеро, ки фарзандашон дар он таҳсил мекунад, доранд. Чунин мусоидат метавонад дар шакли ҳамарӯза таъмин намудани иштироки фарзанд дар дарсҳо, таъмини фарзанд бо асбоби хониш ва маводи аёнӣ, таъмини сару либоси мактабӣ, назорат ва мусоидат намудан ба донишомӯзии фарзанд дар хона, ҷудо намудани хонаи алоҳида ва мизи дарстайёркунӣ барои фарзанд, иштирок дар маҷлисҳои падару модарон, вохӯрӣ бо устодон ва дигар амалҳо ифода ёбад. Инчунин, падару модар ҳуқуқ доранд бо раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот, дараҷаи саводомӯзӣ, давомот ва сатҳу сифати донишандӯзии фарзанд шинос шаванд.

## § 3.УҲДАДОРИҲОИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Бояд гуфт, ки падару модар дар баробари ҳуқуқ дар тарбия ва таълими фарзанд дорои уҳдадориҳои муайян мебошанд. Уҳдадориҳое, ки дар моддаи 8 оид ба тарбия ва дар моддаи 9-и қонуни мазкур оид ба таълим пешбинӣ шудаанд хусусияти пешгирӣ ва дар баъзе мавридҳо тавсиявӣ доранд.

Яке аз уҳдадориҳои тарбиявии падару модар ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоштан мебошад. Гузоштани номи нек ба фарзанд яке аз уҳдадориҳои шаръие мебошад, ки тибқи ананаҳои миллӣ дар баробари хатнасур ва таҳсили илм қарзи падару модар ба ҳисоб меравад. Падару модар уҳдадоранд, ки дар муддати то се моҳ барои дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи истиқома-

ти падару модар (ё яке аз онҳо) ва дар ҳолатҳои истисноӣ дар ҷойи таваллуди кӯдак барои ба қайди давлатӣ гирифтани фарзанди навзод иқдом намоянд. Ҳамзамон бо ин, падару модар уҳдадоранд, ки барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд (сархати 3-и моддаи 8). Зери мафҳуми ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ ва маънавӣ маҷмӯи чораҳои хислати сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ ва санитарию гигиенидошта дар назар дошта шудааст, зеро тибқи Конститутсия ҳар шахс ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ дорад. Дар асоси он шаҳрвандон дар баробари кумаки ёрии тиббии ройгон, инчунин, ба интихоби озоди муассисаи тиббӣ ва табиб ҳуқуқ доранд.

Ба зиндагии мустақилона омода намудани фарзанд уҳдадории дигари тарбиявии падару модар мебошад. Он чунин маъно дорад, ки фарзанд то пайдо кардани қобилияти пурраи амалкунӣ бояд дар оилаи солим бо ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба камол расад. Дар сархати 5-уми моддаи мазкур уҳдадории падару модар дар мавриди дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намудани фарзанд зикр гардидааст. Ин уҳдадории падару модар ё шахсони ивазкунандаи онҳо низ яке аз уҳдадориҳои умумие мебошад, ки на танҳо ба падару модар, ҳамчунин, тибқи муқаррароти моддаҳои 42, 43-юми Конститутсия ба ҳар як шахс дахл дорад. Аз ҳамин лиҳоз, аз кӯдакӣ ё наврасӣ таъмин намудани уҳдадориҳои конститутсионии шаҳрвандякҷоя аз ҷониби падару модар нишонаи мустаҳкам намудани шуури ҳуқуқии фарзанд ва маданияти ҳуқуқии ҷомеа мебошад, зеро эҳтиром ба Ватан, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ рукни асосии худшиносии миллӣ мебошад. Бояд зикр кард, ки гаштугузори фарзанди то шашсола бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ манъ аст. Дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ яккаву танҳо гаштугузор кардани фарзанди то 6-сола боиси беназоратии фарзанд ва ба вуҷудоии падидаҳои номатлуб, ба монанди оворагардӣ, талбанда-

гӣ ва ғайраҳо мегардад. Чунин бемасъулиятии падару модар нисбат ба фарзанди худ қобили қабул нест. Инчунин, падару модар уҳдадоранд, ки шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд ва новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд. Эҳтироми шаъну шарафи фарзанд ва манъ будани муомилаи бераҳмона падару модарро уҳдадор менамояд, ки нисбат ба фарзандон муносибати баробар зоҳир намоянд. Падару модар уҳдадоранд, ки на танҳо шаъну шарафи фарзандро эҳтиром ва риоя намоянд, балки аз муомилаи бераҳмона худдорӣ намоянд, ё ин, ки ҳангоми бемориҳои рӯҳӣ, сустақлӣ, қобилияти пасти зеҳнӣ ё ҷисмонӣ нисбати фарзанд беэътиноӣ накарда, ба муассисаҳои махсуси давлатӣ муроҷиат намоянд ва якҷоя бо мақомоти давлатӣ, мақомоти соҳаи маориф ва тандурустӣ фарзандро бо табобат ва ғамхории давлатӣ фаро гиранд. Ҳамзамон бо ин, тибқи сархати 9-и моддаи 8 падару модар уҳдадоранд, ки шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд. Марказҳои дилхушӣ гуфта, клубҳои шабона, дискоклубҳо, интернет – кафеҳо, марказҳои компютерӣ, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок, тарабхонаҳо ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фароғатӣ ва истироҳатӣ машғуланд, фаҳмида мешавад.

Мақсад аз манъ намудани рафтани фарзандон дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ пешгирӣ намудани ҳолатҳои гуногуни ҳуқуқвайронкуние мебошад, ки аз ҷониби онҳо ё ба муқобили онҳо содир карда мешавад. Вақти шабона тибқи талаботи қонуни мазкур аз 1 апрел то 30 сентябр аз соати 22:00 то 06:00 ва аз 1 октябр то 31 март аз 20:00 то соати 06:00 ҳисобида мешавад ( моддаи 4 қонун). Падару модар уҳдадоранд, ки кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили

зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд. Дар ин ҷо сухан дар бораи кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва ношояме меравад, ки боиси ҳуқуқвайронкунӣ мегарданд. Падару модар уҳдадоранд, ки ба фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунад, истифодаи телефонҳои мобилиро манъ кунанд.

Дар сархати 12-уми моддаи мазкур ба фарзанд манъ намудани тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористӣ ҳамчун уҳдадории падару модар эътироф карда шудааст. Мақсад аз он тарбияи фарзанд дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад. Филмҳое, ки хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористӣ доранд, ба рӯҳияи ноболиғ таъсири манфӣ гузошта, тарбияи ӯро душвор мегардонанд. Ҳамзамон бо ин, падару модар бояд аз тарафи фарзанд мақсаднок ва мувофиқ ба таълиму тарбияи ӯ истифода бурдани интернетро назорат намоянд. Зимнан, падару модар уҳдадоранд, ки ба фарзанд мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводди чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд. Бояд зикр намоем, ки асри 21 дар баробари асри пешрафт ва тараққиёт буданаш, инчунин, асри бархӯрди тамаддунҳо ва зиддиятҳои диниву мазҳабӣ низ ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, мутолиа ва паҳн намудани сабтҳои электронӣ, китобҳо, варақаҳо ва ғайраҳо, ки хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ ва экстремистӣ доранд, метавонад боиси содир намудани кирдорҳои ношоям ва шомил шудан ё ҷалб гардидани насли наврас ба гурӯҳҳои тундраву ифротгаро гардад. Аз ин рӯ, уҳдадории падару модар аз он иборат аст, ки ба чунин омилҳои манфӣ роҳ надиҳанд, то ки дар натиҷаи беэътиноии онҳо фарзандон ба доми фиреби гурӯҳҳои тундрав ва ифротгаро, чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар, наафтанд.

Ҳамзамон бо ин, падару модар уҳдадоранд, ки иштироки фарзандро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истисноі фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд. Ҳадаф аз он на маҳдуд кардани ҳуқуқи ноболиғон нисбат ба дин ва расму оинҳои динӣ, балки ба расмият ва чаҳорчӯбаи қонунгузории амалкунанда ворид намудани ин муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ мебошад, зеро то ба синни 18-солагӣ расидани фарзанд намояндаи қонунии ӯ шахси масъул – падару модар ё шахсони ивазкунандаи онҳо ба ҳисоб меравaнд. Бинобар ин, меъёри мазкур дар шароити имрӯза таҳти ғамхории падару модар ва давлат қарор гирифтани фарзандро ифода менамояд. Муқаррарот оид ба иҷозат надодан барои иштироки фарзанд дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истисноі фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, низ хусусияти ба худ хос дорад ва ҳамчун уҳдадорӣ бо мақсади пешгирӣ кардани таълими нодуруст ва фаъолияти ғайрирасмии дину мазҳабҳои тундраву ифротгароро пешгирӣ менамояд. Аз ин рӯ, қонуни зикршуда ҷалб кардани ноболиғонро ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва бе иҷозати хаттии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ба онҳо додани таълими диниро манъ кардааст.

Тибқи сархати 17 моддаи мазкур падару модар уҳдадоранд барои фарзанди то бистсола истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла, нос) ва маводи сахттаъсирро манъ намоянд. Сархати мазкур ба хотири ҳифзи саломатӣ, нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ва тарбияи ахлоқи ҳамидаи фарзандони то синни 20-сола истеъмоли восита ва маводи зикршударо манъ мекунад. Ва чунин рафторро ҳамчун уҳдадории падару модар ба нафъи ҷомеа муқаррар менамояд. Бояд гуфт, ки мусоидат намудан барои амалӣ шудани уҳдадории мазкур бояд на танҳо вазифаи падару модар, балки қарзи ҳар як шахси соҳибхирад ва бофарҳанги ҷомеа бошад.

Фарзандон набояд дар чорабиниҳое, ки барои онҳо тавсия нашуданд, иштирок намоянд. Агар зарурат барои иштироки фарзанд дар чорабиниҳо вуҷуд дошта бошад ё ки ба ӯ тавсия шуда бошад, он гоҳ фарзанд бояд бо ҳисси масъулият даъват карда шавад, то ин ки чунин чорабинӣ ба фарзанд рӯҳу илҳоми тоза бахшад. Лекин иштироки фарзанд дар чорабиниҳое, ки ӯ даъват нашудааст ё ин ки тавсия нагардидааст, на танҳо боиси хиҷолати фарзанд, балки сабаби рӯҳафтодагӣ ва ноороми ӯ мегардад.

Уҳдадории падару модарро барои монеъ шудани онҳо дар нагирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ ва нарондани автомобил аз ҷониби фарзандон пешбинӣ мекунад, ки маънии маҳдуд намудани ҳуқуқи фарзандонро надошта, балки мусоидати падару модарро ба риояи талаботи қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд, зеро ҳуқуқи гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ баъди ба синни балоғат расидан, яъне баъд аз синни 18-солагӣ ба вуҷуд меояд. Фарзанд (кӯдак) – шахси ба синни ҳаждаҳсола нарасида эътироф шудааст.

Бинобар ин, онҳо наметавонанд ҳуҷҷати ронандагӣ дошта бошанд ва воситаҳои нақлиёти механикиро идора намоянд. Бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан, ба таҳсил ва донишандӯзии фарзандон халал мерасонад, талаботи қонунгузориро вайрон менамояд ва боиси ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мегардад.

Назорати масъалаи мазкур вазифаи падару модар буда, дар ҳолати риоя нагардидан тибқи моддаи 336 (Аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад, идора кардани воситаи нақлиёт ва ё ба шахси ҳуқуқи ронандагӣ надошта барои идоракунӣ додани воситаи нақлиёт) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи санксияи қисмҳои 1,2 ва 3 он:

- андозаи ҷаримаи қисми 1 дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- андозаи ҷаримаи қисми 2 дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воси-

таҳои нақлиёт ба муҳлати панҷ сол;

- андозаи ҷаримаи қисми 3 сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст.

Ҳамзамон барои таҳсилгирандагон низ бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла:

- тибқи талаботи қисми 10 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, «… барои мунтазам содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ, ба муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ омадан ва риоя накардани оинномаи муассисаи таълимӣ хонандае, ки ба синни 16 расидааст, аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад».

- мутобиқи қисми 4 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз 22 апрели соли 2003, «ба хонандагон бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан манъ аст. Ҳангоме ки бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ меоянд, аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад. Бо ҳамин мазмун қисми 5 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015, «Таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ уҳдадоранд:

- бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ наоянд. Дар сурати риоя накардани талаботи меъёри мазкур таълимгирандагон бе ҳуқуқи барқарор шудан ба муҳлати як сол аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешаванд;».

Инчунин тибқи қисми 16 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, «Дар сурати бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан донишҷӯ бе ҳуқуқи барқарор шудан ба муҳлати се сол аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад».

Аз ин рӯ, қонун масъулияти падар ва модарро дар пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи нақлиёт, аз ҷумла садамаҳои нақлиётӣ муайян намудааст, ки ин меъёр, пеш аз ҳама бо мақсади ҳифзи ҳаёти ноболиғон равона шудааст.

Пешгирӣ ва роҳ надодани фарзанд ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқӣ на танҳо уҳдадорӣ, балки қарзи инсонии ҳар як падару модар мебошад.

Падару модар уҳдадоранд, ки фарзандони худро ба корҳои хавфнок ва вазнини ба саломатӣ зараровар ва дигар корҳое, ки ба инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва равонии онҳо халал мерасонанд, ҷалб нанамоянд. Уҳдадории мазкур, пеш аз ҳама, ғамхорӣ нисбат ба саломатии фарзанд мебошад. Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузории амалкунанда иҷозат намедиҳанд, ки ҷавонон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ, ки шароиташон зарарноканд, машғули меҳнат бошанд (моддаи 35). Истифодаи меҳнати шахсони аз ҳаждаҳсола хурд дар иҷрои корҳои вазнин, шароиташон зарарноку хатарнок, зеризаминӣ, ҳамчунин, корҳое, ки ба саломатӣ ё рушди маънавии онҳо зиён мерасонад, манъ аст.

Қонун падару модарро уҳдадор менамояд, ки фарзандро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва хариду фурӯш, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додааст, ҷалб насозанд, зеро вақте ки фарзанди ноболиғ бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад, ба зиммаи ӯ як қатор уҳдадориҳо ё намудҳои алоҳидаи ҷавобгарӣ вогузор мегардад. Агар ба қонунгузории амалкунанда назар кунем, қобилияти амалкунии шаҳрванд тибқи моддаи 22-и Кодекси граждании дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани синни балоғат, яъне пас аз расидан ба синни 18-солагӣ ба миён меояд. Бинобар ин, ба фаъолияти соҳибкорӣ ва хариду фурӯш иҷозат надодани падару модар ҳамчун уҳдадорӣ ба мақсад мувофиқ аст. Падару модар уҳдадоранд, ки бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани фарзанди то шонздаҳсоларо дар ҳудуди биною иншооти техникӣ, таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташки-

лотҳо, ҳудуди нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, саристгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо ва саристгоҳҳои нақлиёти мусофирбар манъ намоянд ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ навиштан, ифлос намудан ва расонидани зарарро аз ҷониби фарзанд манъ намоянд, инчунин, дастрасии фарзандро ба маводи сӯзандаю тарканда пешгирӣ намоянд.

Падару модар уҳдадоранд истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёи қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвора барои духтарон)-ро аз тарафи фарзанд дар муассисаҳои таълимӣ ва холкӯбиро барои фарзанд манъ намоянд. Уҳдадориҳое, ки дар сархати мазкур нисбат ба падару модар муқаррар гардидаанд, ба беҳтар гардидани сатҳу сифати донишандӯзии фарзандон мусоидат намуда, аз ҷониби дигар воситаи пешгирии хароҷоти бемаврид ва беасос мегарданд.

Падару модар уҳдадоранд, ки ба шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва дигар ороишоте, ки дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуданд ва ба тахриб кардани онҳо аз тарафи фарзанд роҳ надиҳанд. Уҳдадории мазкур ҳамчун уҳдадории падару модар, пеш аз ҳама, масъулияти падару модар дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷинояткориҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, ин уҳдадории падару модар дар тарбияи фарзанд аҳамияти аввалиндараҷа дошта, ба ҷойи шикастан ё хароб кардани панҷараҳо ва ғайра онҳоро ҳамчун муқаддасоти фарҳангӣ дар мафкураи фарзанд ҷой додан ба мақсад мувофиқ буда, қарзи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Уҳдадориҳои дигари падару модар ба гирифтани таълими фарзандон тааллуқ дорад (моддаи 9 қонун). Масъалаи ба таълим фаро гирифтани кӯдакон, кафолатнокии таълим ва дигар масъалаҳои марбут ба таълим дар қонунгузорӣ ва дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ифода ёфтааст. Сараввал, Конститутсия дар моддаи 41 ҳуқуқи шахсро ба таҳсил муқаррар намуда, кафолатнокии таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро аз ҷониби давлат дар муассисаҳои таълимии давлатӣ таъмин намудааст. Конвенсия дар бораи ҳуқуқи

кӯдак аз соли 1989[6] давлатҳои иштирокчии онро уҳдадор менамояд, ки таҳсили бепул ва ҳатмии ибтидоиро ҷорӣ намоянд; рушди шаклҳои гуногуни маълумоти миёна, маълумоти умумӣ ва маълумоти касбиро ташвиқ намуда, онро барои ҳамаи кӯдакон дастрас намоянд ва тадбирҳои заруриро, аз қабили ҷорӣ намудани таҳсили бепул ва дар мавриди зарурат расонидани кумаки молиявиро андешанд; дастрасии маълумоти олиро барои ҳама дар асоси қобилияти ҳар кас ва бо ёрии ҳама гуна воситаҳои зарурӣ таъмин намоянд; ба ҳар кӯдак дастрас будани иттилоот ва маводи соҳаи маориф ва тарбияи касбиро таъмин намоянд; дар бобати мунтазам ба мактаб рафтани хонандагон ва кам гардидани шумораи хонандагоне, ки мактабро тарк намудаанд, чораҳо андешанд. Ҳамзамон бо ин, қонун уҳдадориҳои падару модарро оид ба таълими фарзанд, ки ба беҳбудии сифати таълими фарзандон ваояндаи онҳо равона шудааст, муқаррар кардааст.

Ҳанӯз то ба синни мактабӣ расидан, яъне то шашсолагӣ бояд падару модар барои гирифтани таълиму тарбияи фарзандонашон шароит фароҳам оваранд. Ин талабот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (аз 22 июли соли 2013)[7] ифода гардидааст. Тибқи он «Падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) дар тарбияи фарзандони худ масъуланд ва ба таъмини рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнии давраи аввали кӯдакӣ ва минбаъд барои ба мактаб омода намудани онҳо вазифадоранд». Бо мақсади расонидани ёрӣ ба оилаҳо, муҳайё намудани шароити мусоиди тарбияи фарзандон дар даврони кӯдакӣ ва синни томактабӣ бо дарназардошти майлу хоҳиш ва ниёзи падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ширхоргоҳу кӯдакистонҳо, хонаҳои кӯдакон (барои кӯдакони ятиму бепарастор) ва дигар муассисаҳои томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонарӯзӣ, оилавӣ ва муассисаҳои ба инҳо баробари давла-

[6] Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 26 июни соли 1993 тасдиқ намудааст.

7 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532; соли 2014, №3, мод.156; №7 қ.2,мод.422

тию ғайридавлатӣ, аз ҷумла хусусӣ ташкил карда мешаванд. Дар моддаи 16-и Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» омадааст, ки ба синфи якуми мактаби ибтидоӣ ҷалб кардани кӯдаконе, ки ба синни ҳафтсола расидаанд, ҳатмист. Пас ба таълим фаро гирифтани фарзандон ва монеъ нашудан ба таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳатмист. Дар баробари ин, таъмин ва назорат кардани риояи пӯшидани либоси расмии мактабӣ аз ҷониби фарзандонашон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, фарзандро бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин намудан, барои таълими ӯ шароити муносиб муҳайё намудан вазифаи ҳар як падару модар ба ҳисоб меравад.

Доир ба тарбия ва табобати наврасони маъюби дорои нуқсҳои инкишофи ҷисмонӣ ва кӯдакони маъюб давлат имтиёзҳои зиёдеро пешбинӣ менамояд. Барои кӯдакон ва наврасоне, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, мактабҳои таълими умумии солимгардонии санаторӣ, мактаб-интернатҳои санаторӣ ва хонаҳои санатории бачагона ташкил карда шуда, барои кӯдакон ва наврасони гирифтори иллати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, ки дар мактабҳои таълими умумии муқаррарӣ имкони таҳсил надоранд, мактабҳои махсуси таълими умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд. Мактабҳои мазкур таълиму тарбия, табобат ва офияти тиббию иҷтимоии ин гуна кӯдакону наврасонро таъмин намуда, онҳоро ба кори муфиди ҷамъиятӣ омода месозанд.

Аз ҷониби дигар, падару модар тибқи қонуни мазкур уҳдадоранд ба фарзанди имконоти маҳдуди ҷисмонӣ ва рӯҳидоштаи худ барои таҳсил кардан ва касбу ҳунар омӯхтан шароит муҳайё сохта, иллати ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯро пинҳон накарда, дар сурати набудани шароит барои таълими фарзанд ба муассисаҳои дахлдори давлатии соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муроҷиат намоянд. Аз вазъи фарзанде, ки дар мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои махсусгардонидашуда, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таълиму тарбия мегирад, хабардор шуда,

бо чунин муассисаҳо ҳамкорӣ намоянд ва раванди таълими фарзандро дар ин муассисаҳо зери назорат гиранд.

Ҳолатҳое мешаванд, ки баъзе падару модарон ҳангоми ба таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ фаро гирифтани фарзандонашон масъулияти таълиму тарбияро танҳо ба зиммаи муассисаҳои таълимӣ вогузор мекунанд. Ва дар ҳолати сар задани ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ мактабу донишгоҳҳоро гунаҳкор меҳисобанд. Барои ҳамин, қонун падару модарро уҳдадор менамояд, ки тибқи талаботи оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маҷлисҳои падару модарон ва дигар чорабиниҳои мактабӣ бо даъвати маъмурият иштирок намоянд то ки донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат намоянд. Омӯзгорон ва падару модарон танҳо дар ҳамкории мутақобила масоилеро, ки ба таълими фарзанд вобаста мебошад, якҷоя метавонанд ҳал намоянд. Робитаи зичи оила ва мактаб, дастгирии омӯзгорон ба падару модарон имкон медиҳад, ки манфиат ва шавқу рағбати кӯдаконро боз ҳам амиқтар дарк кунанд ва ба инкишофи онҳо мусоидат намоянд. Зеро мактаб ҳама вақт эҳтиёҷ дорад, ки падару модар дар раванди таълими фарзанди худ ҳамкорӣ намуда, ба машғулияти онҳо баҳогузорӣ намоянд ва пайваста ба дарсҳои фарзанди худ иштирок намуда, аз ҷараёни таҳсили ӯ бохабар бошанд.

Масъалаҳои дигари ба ин масоил алоқаманд иштироки падару модар дар маҷлисҳои падару модарон ва дигар чорабиниҳои мактабӣ бо даъвати маъмурият ва иҷро намудани талаботи оинномаи муассисаи таълимӣ, ки фарзанди онҳо дар он ҷо таълим мегирад, иҷозат надодан ба ҷалби фарзандон барои гирифтани таълим дар таълимгоҳҳои ғайриқонунӣ ё дар назди шахсони алоҳидаи бе иҷозатнома фаъолияткунанда, таълими фарзандон дар хориҷи кишвар бе ризоияти хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар уҳдадориҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ба ҳисоб мераванд. Дар маҷлисҳои умумимактабии падару модарон ё ин ки дар чорабиниҳои

дигари мактабӣ масоили муҳим ва рӯзмарраи мукаммал гардидани корҳои таълимию тарбиявии оила ва мактаб, инчунин, масъалаҳои ҷории таълим ва тарбияи мактаббачагон муҳокима ва баррасӣ мегарданд. Дар аксар маврид ҳангоме ки роҳбари синф дар назди мактаббачагон ин ё он вазифаи тарбиявиро мегузорад, зарурати ба ҳалли ин масъала ҷалб намудани падару модарон ба миён меояд.

## § 4. УҲДАДОРИҲОИ ФАРЗАНДИ БОЛИҒУ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ДАР НИГОҲУБИН ВА ТАЪМИНИ ПАДАРУ МОДАР

Тибқи талаботи қонуни мазкур фарзанди болиғу қобили меҳнат уҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд (қ. 1. моддаи 10). Таҳти мафҳуми фарзанди болиғу қобили меҳнат шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки ба балоғат, яъне ба синни 18-солагӣ расидааст. Чунин масъулият ба зиммаи фарзанд дар ҳолате гузошта мешавад, ки фарзанд дар баробари болиғ будан қобилияти меҳнат низ дошта бошад.

Яъне фарзандони болиғе, ки қобилияти кор кардан надоранд ва худ нафақа ва ёрдампулӣ мегиранд, аз иҷрои уҳдадориҳо доир ба нигоҳубин ва таъмини падару модар аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ озод мебошанд.

Эҳтиёҷоти падару модар нисбат ба кумак ва ғамхорӣ аз ҷониби фарзанди болиғу қобили меҳнат дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки падару модар барои зиндагии арзанда бо сабаби нарасидани имкониятҳои моддӣ (нафақа, кумакпулӣ) танқисӣ мекашанд.

Дар зери мафҳуми аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудан – бо маблағ, маводи ғизоӣ, воситаҳои санитарию гигиенӣ, либос, пойафзор ва дигар ашёи аввалия таъмин намудани падару модари дастнигар фаҳмида мешавад. Аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудан дастгирии маънавиро истисно намекунад, зеро аз ин амали фарзанд падару модар рӯҳан шод мегар-

данд. Дастгирии маънавӣ дар ғамхорӣ ва дигар намуди ёрии маънавӣ таҷассум меёбад, ки аз он рӯҳияи маънавии падару модар баланд бардошта мешавад.

Бояд зикр кард, ки фарзандони болиғ ҳамчун анъанаи миллӣ уҳдадориҳояшонро ихтиёран иҷро менамоянд. Онҳо барои чунин корро анҷом додан метавонанд оид ба пардохт намудани алимент созишнома баста, дар асоси он ба падару модари ба кумак муҳтоҷи худ, ёрии моддӣ расонанд (моддаи 88-и Кодекси оила). Дар сурати набудани созишнома, тартиби судии рӯёнидани алимент муқаррар карда мешавад. Андозаи алименти ҳар моҳ рӯёнидашаванда аз тарафи суд бо маблағи устувор муайян карда мешавад. Ҳамзамон бо ин, барои иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба нигоҳубин ва таъмини падару модар аз ҷониби фарзандони болиғи қобили меҳнат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми бадқасдона, яъне бидуни сабабҳои узрнок бештар аз се моҳ саркашӣ намудани фарзандон аз иҷрои ҳалномаи суд доир ба пардохти маблағ ҷиҳати таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат ё эҳтиёҷманди ёрии моддӣ татбиқ карда мешавад. Дар зери мафҳуми саркашӣ кардан аз пардохти маблағ барои нигоҳубини падару модар, дидаю дониста даст кашидан аз пардохти маблағи алимент, пинҳон доштани музди меҳнат ва ҷойи кор ва монанди инҳо дар назар дошта мешавад. Хавфнок будани кирдори мазкур дар он ифода меёбад, ки дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба нигоҳубини падару модар шароити моддии онҳо зери хатар гузошта мешавад, зеро вобаста ба синну сол ва ғайри қобили меҳнат буданашон падару модар имконияти мустақилона ба даст овардани чизу чораеро, ки барои зиндагӣ лозим аст, надоранд.

## § 5. УҲДАДОРИҲОИ ОМӮЗГОР, МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ, МУАССИСА ВА ДИГАР ТАШКИЛОТҲОЕ, КИ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКРО ТАНЗИМ МЕКУНАНД

Дар асоси қонун масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, яъне мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маориф ва илм, фарҳанг, тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, оид ба корҳои дин, кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳои соҳавӣ танзим карда мешаванд (моддаи 11).

Яке аз мақомоти давлатие, ки ба татбиқи қонуни мазкур ваколатдор шудааст, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Мақомоти мазкур тибқи қисми 3-юми Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми марти соли 2000 таҳти № 98 тасдиқ шудааст, «кӯдаконеро, ки бе парастории падару модарон мондаанд, муайян намуда, онҳоро ба қайд мегирад ва бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххаси маҳрум шудан аз парастории волидон усули ҷобаҷосозии кӯдакони бе парастории волидон мондаро интихоб менамояд ва ҳамчунин, назорати минбаъдаи шароити таъминот, тарбия ва таълими онҳоро таъмин менамояд».

Мақомоти шаҳрак ва деҳот низ дар ин самт як қатор ваколатҳоро амалӣ менамоянд. Аз ҷумла, тибқи банди 11-и Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти иҷроия (ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷамоатҳои шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳот) аз рӯзе, ки ба онҳо дар бораи зарурати муайян намудани васоят ё парасторӣ маълум шудаст, на дертар аз як ҳафта оид ба муқаррар ва таъйин намудани васӣ ё парастор қарор қабул менамоянд.

Давлат барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мақомоти ҳифзи

ҳуқуқ, аз ҷумла суд, прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва дигар мақомотро низ ваколатдор намудааст. Суд ҳангоми баамалбарории адолати судӣ, ҳангоми баррасии парвандаҳое, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дахл доранд, ҳатман ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро ҳифз менамояд.

Вазорати корҳои дохилӣ дар раёсату шуъбаҳои худ сохтори алоҳида доир ба кор бо ноболиғон дорад. Дар мақомоти прокуратура низ доир ба ноболиғон кормандони масъул фаъолият доранд. Умуман, мақомоти мазкур дар ин самт на танҳо ҳуқуқи кӯдаконро ҳифз менамоянд, инчунин, корҳои пешгирӣ, фаҳмондадиҳӣ ва таблиғотиро низ анҷом медиҳанд.

Мақоми дигаре, ки дар моддаи тафсиршаванда номбар шудааст, Вазорати маориф ва илм мебошад. Вазорати маориф, илм ваколатҳоеро амалӣ менамояд, ки ба таълими кӯдакон дахл доранд. Дар низоми мақомоти маориф бештар муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти маҳаллии идораи маорифи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо бо кӯдакон сару кор мегиранд.

Мақоми дигари давлатӣ, ки ҷиҳати назорати фаъолияти кории ноболиғон ваколатдор аст, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ мебошад. Кор кардани шахсони ноболиғ (аз синни 15-солагӣ ва бо розигии падару модар дар вақтҳои берун аз дарс аз синни 14-солагӣ) тибқи қонунгузорӣ иҷозат дода шудааст, аммо набояд ба саломатии онҳо зараровар бошад. Тамоми ноболиғон баъди муоинаи тиббӣ ба кор қабул шуда метавонанд (м. 174-и Кодекси меҳнат ).

Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт ваколатдор мебошанд.

Тибқи моддаи 12 қонун уҳдадориҳои ду гурӯҳи субъектҳое муайян карда мешаванд, ки масъалаҳои таълиму тар-

бияи фарзандро танзим менамоянд. Аввалан уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳо ва сонииян, уҳдадориҳои омӯзгорро.

Тибқи сархати якуми моддаи мазкур мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳо уҳдадоранд, ки ба раванди таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ мусоидат намоянд.

Таҳсилот – раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст. Таҳсилоти иловагӣ раванди тарбия ва таълимие мебошад, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагии ҳамаи сатҳҳо бо мақсади ҳамаҷониба қаноатманд гардонидани талаботи маърифатии шаҳрванд, ҷамъият ва давлат сурат мегирад (м. 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»).

Барои ба ин ҳадаф расидан зарур аст, ки мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки бо таълиму тарбия алоқамандад, бо падару модар якҷоя фаъолият намоянд.

Ҳаёти солим ба раванди дурусти таълиму тарбия таъсир мерасонад ва барои ҳамчун фарди пешқадам ба воя расидани кӯдак мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дастгирии кӯдакони болаёқат ва таблиғи тарзи ҳаёти солим яке аз уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ муассиса ва дигар ташкилотҳое, мебошад, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд.

Тадбирҳои муҳимми давлатӣ бе кумаку дастгирии бевоситаи аҳли ҷомеа, аз ҷумла падару модарон ва азми қавии онҳо ба ҳадди дилхоҳ ва самарабахш намерасанд[8]. Аз ин рӯ, ҷалби васеи аҳолӣ ба масъалаи пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунӣ зарур аст. Яке аз усулҳои ҷалби аҳолӣ ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳавасманд намудани онҳо аз тарафи субъектҳои масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзимкунанда иборат аст. Аз ҷумла кӯдаконе, ки дар

[8] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», 14 декабри соли 2010, Душанбе, 2010. С.3.

пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо саҳм гузоштаанд, бояд ҳавасманд карда шаванд. Ин ҳавасмандгардонӣ метавонад дар шакли бо раҳматнома ё ифтихорнома сарфароз гардонидан, туҳфаи хотиравӣ ва монанди инҳо амалӣ гардонида шавад.

Ҳамзамон бо ин, қонунгузор нисбати падару модаре, ки ҳуқуқу уҳдориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд муваффақона иҷро менамоянд, истифодаи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавиро пешбинӣ кардааст. Дар ин самт низ ҳавасмандгардонӣ дар шакли бо раҳматнома сарфароз гардонидан, тақдими туҳфаи хотиравӣ, мукофотонидан бо маблағ, дар воситаҳои ахбори омма интишор намудани мавод оид ба фаъолияти намунавии падару модар ва монанди инҳо амалӣ шуданаш мумкин аст.

Баъзан кӯдакон (фарзандон) ба кирдорҳои ношоям ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо даст мезананд. Бинобар ин, қонунгузор субъектҳои ба масъалаҳои таълиму тарбия масъул, аз ҷумлаи мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳоро уҳдадор кардааст, ки доир ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи кӯдакон тадбирҳо андешанд. Ҳамчунин, аз ҷониби қонунгузор муқаррар гардидааст, ки дар ҳолати аз тарафи падар ё модар риоя нагардидани талаботи оинномаи муассисаи таълимӣ ва уҳдадориҳое, ки тибқи қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳои бо таълиму тарбия алоқаманд метавонанд бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоянд. Мисол, агар падару модар (ё яке аз онҳо) дар давоми шаш моҳи баъди баромадаи ҳалномаи суд дар бораи бе маҳрум намудани онҳо аз ҳуқуқи падару модарӣ рафтори ношоями худро ислоҳ накунанд, мақомоти васояту парасторӣ вазифадоранд, ки дар хусуси аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрум кардани онҳо ба суд даъво пешниҳод намоянд (қисми 2-и моддаи 73 КО ).

Сархати 7 ва сархатҳои минбаъдаи қисми 1-и моддаи 12 ташкили дигар чорабиниҳоро доир ба масъалаҳои тарбияи кӯдак ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ, аз ҷумла бо мақсади

расонидани кумаки педагогӣ, равонӣ ва методӣ ба падару модар гузаронидани «Рӯзҳои падару модар»-ро ҳамчун уҳдадории бевоситаи мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки бо таълиму тарбияи кӯдак сарукор доранд, пешбинӣ менамоянд. Муассисаҳои таълимӣ низ уҳдадоранд, ки бо падару модар ҳамкорӣ намоянд. Чунин ҳамкорӣ дар шакли гузаронидани суҳбату вохӯриҳо бо падару модар, шиносоӣ бо манзили зист ва ҷойи дарсхонии кӯдак, расонидани усулҳои гуногуни кумаки педагогӣ, равонӣ ва методӣ ба падару модар ифода меёбад.

Қисми 2-и моддаи мазкур уҳдадориҳои омӯзгорро оид ба тарбияи кӯдак муқаррар менамояд. Бояд гуфт, ки уҳдадориҳои омӯзгор оид ба таълиму тарбияи кӯдак мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муқаррар карда мешаванд. Мувофиқи моддаи 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», кормандони соҳаи омӯзгорӣ вазифадоранд, ки азхудкунӣ ва иҷрои барномаҳои таълимиро дар сатҳи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот аз тарафи хонандагон, тарбиятгирандагон, донишҷӯён, коромӯзон, аспирантҳо ва ғайраҳо таъмин намоянд; ба рушду инкишофи қобилияти тарбиятгирандагон, хонандагон ва донишҷӯён мусоидат намуда, онҳоро дар рӯҳияи эҳтиром ба падару модар, ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва рамзҳои давлатии Тоҷикистон тарбия кунанд; хонандагонро дар рӯҳи муносибати эҳтиёткорона ба сохти давлатию иҷтимоӣ, расму оинҳо, муҳити зист тарбия намоянд; одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намоянд, ҳуқуқ ва қадру эътибори кӯдак, хонанда ва донишҷӯро эҳтиром кунанд; кӯдакону наврасонро аз аъмоли зӯроварии ҷисмонию рӯҳӣ ҳимоя намоянд, дар бобати пешгирӣ кардани истеъмоли машрубот ва моддаҳои нашъаовар кор баранд; сатҳи маърифати худро баланд бардоранд.

Ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдак ва ба амали номатлуб даст задани ӯ, инчунин, дар мавриди муайян кардани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ уҳдадоранд,

ки мақомоти дахлдори давлатиро огоҳ созанд. Ҳамин тавр, моддаи мазкур уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак муқаррар менамояд.

Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдак аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ комилан ба манфиати ҷомеа мебошад, зеро кӯдак бунёдкунандаи ояндаи ҷомеа аст. Масъалаи аз таълим дур мондани кӯдак ва ба амали номатлуб даст задани ӯ ё ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, бояд барои ягон шахс бетафовут набошад, зеро чунин ҳолат метавонад бар зарари ҷомеа, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳаёту саломатии дигар аъзои ҷомеа бошад. Аз ин рӯ, тибқи моддаи 13 қонун шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадор карда мешаванд, ки мақомоти дахлдори давлатиро оид ба ҳолатҳои мазкур огоҳ намоянд. Дар зери мафҳуми «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ, муассисаю ташкилотҳо ва дигар шахсони ҳуқуқие дар назар дошта мешаванд, ки оид ба ҳолатҳои зикргардида маълумот доранд. Ба ин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ омӯзгорон, мураббияҳо, духтурон, фаъолони маҳалла, шахсони мансабдори муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои маълумоти умумӣ, муассисаҳои табобатӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва дигар муассисаҳо дохил мешаванд. Бояд зикр кард, ки дар зери мафҳуми аз таълим дур мондан, пеш аз ҳама, ба мактаб нарафтани фарзанди ба синни мактабӣ расида дар назар дошта мешавад. Барои ба мактаб нарафтани кӯдакон омилҳои гуногун, аз қабили монеъ гардидани падару модар, камбизоатӣ, бемасъулиятию бепарвоӣ ва монанди инҳо таъсир мерасонанд. Аз тарбия дур мондани кӯдакон бошад, ин фориғболӣ ва бемасъулиятии падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳо нисбат ба кӯдакон мебошад, ки дар натиҷа фарзандон бетарбия мемонанд. Барои аз тарбия дур мондани кӯдакон омилҳои паст будани сатҳи маърифати педагогӣ ва маърифати ҳуқуқии падару модар, надонистани меъёрҳои таълиму тарбия, таъсири манфии муҳит ва монанди инҳо таъсир мерасонанд.

Ба амалҳои номатлуб даст задани кӯдак аз рафтори но-

матлуби зиддиҷамъиятӣ, ба монанди муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, рафтори зиддиахлоқӣ, истифодаи суханони қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку, маводи сахттаъсир, оворагардӣ, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ навиштан, ифлос намудан ва расонидани зарар, шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва дигар ёдгориҳое, ки дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуд мебошанд, инчунин, аз риоя накардани қоидаи рафтор дар мактаб, ки ҷараёни таълиму тарбияро халалдор менамояд, иборат буда метавонанд.

Ба ҳолатҳое, ки ба саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, нашъамандӣ, майзадагӣ, истеъмоли маҳсулоти тамоку, маводи сахттаъсир, намудҳои варзиши ба синну соли кӯдак номувофиқ, ки ба ӯ зарар мерасонанд, истисмори меҳнати кӯдакон ва ғайра мансуб дониста шуданашон мумкин аст.

## § 6. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ИҶРО НАКАРДАНИ УҲДАДОРИҲО ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Қонун чораҳои пешгирӣ карданро барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои падару модар пешбинӣ менамояд. Тибқи он падару модаре, ки вобаста ба вазъи саломатӣ ва моддиашон наметавонанд уҳдадориҳои худро оид ба таълиму тарбияи фарзанд қисман ё пурра иҷро намоянд, аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба табобат фаро гирифта, бо кор таъмин карда мешаванд ( моддаи 14). Чораҳои пешгирикунандаи барои иҷро накардани уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ду шакл сурат мегиранд:

1. Бо табобат фаро гирифтан.
2. Бо кор таъмин намудан.

Сархати 9-и моддаи 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ваколатдор менамояд, ки барои бо табобат фаро гирифтан ва бо кор таъмин намудани падару модар тадбир андешанд.

Бояд гуфт, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ танҳо дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ гурӯҳи шахсони муайянро дар асоси хулосаи дахлдори тиббӣ бо табобат фаро мегиранд. Ба ин гурӯҳ падару модарони маъюб, нафақахӯр, собиқадорони ҷангу меҳнат, инчунин, беморони гирифтори майзадагӣ ё нашъамандӣ ва монанди инҳо шомиланд.

Бояд қайд намоем, ки масъулияти падару модар ду ҷанба дорад. Аввалан, падару модар уҳдадории худро иҷро карда, вазифаи худро оид ба таълиму тарбияи фарзанд дар назди давлат ва ҷомеа иҷро менамояд. Падару модар барои ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои ба зимма доштаашон бояд ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ин ки вазифаи падару модарӣ ва ҳамчунин қарзи инсонии худро ба анҷом расонанд. Ин масъулияте мебошад, ки азалан ба зиммаи ҳар як падару модар гузошта шудааст ва онҳо бояд ин масъулиятро ихтиёран ҳамчун вазифа иҷро намоянд.

Сонияи, вақте ки падару модар аз иҷрои уҳдадории худ оид ба таълиму тарбияи фарзандон саркашӣ мекунанд, яъне уҳдадориҳои худро иҷро намекунанд ё ба таври дахлдор иҷро наменамоянд, дар натиҷа рафтори фарзандони онҳо боиси вайрон кардани ҳуқуқи дигарон ва тартиботи ҷамъиятӣ мегардад, ки дар чунин ҳолат иҷрои уҳдадориҳои онҳо бо роҳи маҷбурсозии давлатӣ амалӣ карда мешавад ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба миён меояд.

Қонуни мазкур масъулияти се гурӯҳи шахсонро доир ба таълиму тарбияи фарзанд муайян мекунад: 1) падару модар; 2) шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд; 3) омӯзгор.

Бояд гуфт, ки шахсони зикршуда дар баробари дорои ҳуқуқҳои муайян будан, инчунин, тибқи қонунгузорӣ дорои уҳдадориҳо низ мебошанд. Дар ҳолатҳои иҷро накардан ё

ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзанд, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарии онҳо ҳангоми иҷро накардан ва ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳояшон, ки боиси вайрон намудани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мегардад, ба вуҷуд омада, таҳти маҷбурияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ҷавобгарии баробар доранд. Заминаҳои ҳуқуқии моддаи мазкур дар моддаи 34 Конститутсия пешбинӣ шудааст, ки тибқи он падару модар барои тарбияи фарзандон масъулият доранд. Принсипи умумӣ ва ҷавобгарии баробари падару модар доир ба тарбияи фарзанд дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ дарҷ гардидааст. Муайян шудааст, ки падару модар ҷавобгарии умумиро оид ба фарзандони худ ба зимма доранд. Мувофиқи онҳо падару модар ҷавобгарии асосиро оид ба тарбия ва инкошофи ҳамаҷонибаи кӯдак бар дӯш дошта, манфиатҳои кӯдак бояд мавзӯи асосии ғамхории падару модар бошад (моддаи 18 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак). Аз ин рӯ, баробарии падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон зарурати ҷавобгарии баробари падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд ба миён меоварад.

Падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ мекунад, барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои падару модарӣ ҷавобгар мебошад. Чунин ҷудо зиндагӣ намудан на танҳо бо қатъи акди никоҳ алоқаманд мебошад, балки ҳолатҳои дигаре низ ба мушоҳида мерасанд, ки падару модар муносибати оилавиро нигоҳ дошта, аз ҳамдигар ҷудо зиндагӣ мекунанд. Чунин ҳолат бо фаъолияти касбии яке аз ҳамсарон вобаста буданаш мумкин аст. Ба ҳар сурат ҷудо зиндагӣ кардани онҳо маънои аз уҳдадориҳои падару модарӣ доир ба таълиму тарбияи фарзанд озод буданро надорад. Чунин қоида, инчунин, ба падару модаре дахл дорад, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ тибқи қонунгузории гражданӣ маҳрум карда шудаанд (м. 1090 Кодекси гражданӣ). Тибқи моддаи мазкур суд метавонад ба зиммаи

падар ё модари аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрумшуда масъулияти ҷуброни зарареро, ки фарзандони ноболиғи онҳо дар ҷараёни се соли баъди аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум гардидани онҳо расонидаанд, гузорад. Ҷавобгарӣ дар ҳолате низ ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ки натиҷаи ба таври муносиб анҷом надодани уҳдадории тарбияи фарзанд аз ҷониби падару модар бошад.

Падару модар аз ҳуқуқи падару модарӣ на танҳо дар натиҷаи ба таври муносиб анҷом надодани уҳдадорӣ оид ба тарбияи фарзанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда мешаванд, яъне вақте ки аз иҷрои уҳдадориҳои худ қасдан саркашӣ менамоянд. Дар дигар ҳолатҳои бо қонунгузории оилавӣ пешбинигардида, аз ҷумла дар ҳолатҳои ба фарзандони худ муносибати бераҳмона зоҳир намудан, майзадаю нашъаманди ашаддӣ будан, бар зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ҷиноят содир намудан ва ғайраҳо (м. 69 Кодекси оила) низ аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зикршуда падару модари аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрумшуда бояд исбот намоянд, ки дар чунин тарбия намудани фарзанд гуноҳ надоранд.

Аз ин рӯ, барои падару модари аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрумшуда барои ба таври дахлдор анҷом надодани уҳдадориҳояшон ҷавобгарӣ татбиқ намегардад, зеро онҳо имкони мулоқот бо фарзандро надоштанд.

**Дар қисми тафсиршаванда истисно аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ҷавобгарии падару модар танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба миён меояд ва дар доираи муҳлати нишондодашуда (тибқи Кодекси гражданӣ дар давоми се сол) ё андозаи ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун анҷом меёбад.**

Бояд зикр кард, ки иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо рафтори зиддиахлоқӣ буда, ҷавобгариҳои гуногуни ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Қонунгузории амалкунанда барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба таълиму тарбияи фарзанд ҷавобгарии гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро пешбинӣ

кардааст.

*1) Ҷавобгарии гражданӣ*. Ҷавобгарии гражданӣ барои иҷро накардани уҳдадорӣ ё ба таври дахлдор иҷро накардани он ба вуҷуд меояд. Тибқи ҷавобгарии мазкур ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда (падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор) гаронии иловагии уҳдадории ҳуқуқии гражданӣ гузошта мешавад ё ҳуқуқвайронкунанда аз ҳуқуқи граждании субъективии худ маҳрум карда мешавад. Мисол: ба зиммаи падар ё модаре, ки уҳдадориҳои худро оид ба таълиму тарбияи фарзанд иҷро накардааст ё ба таври дахлдор иҷро накардааст, ҷуброни зарари моддӣ гузошта мешавад ё ин ки аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрум карда мешавад.

Мутобиқи қонунгузорӣ ҷавобгарии граждании падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда вобаста ба расидани кӯдак (фарзанд) ба балоғат тағйир меёбад. Хурдсолони то синни 14-сола ба оқибати амалҳои худ ҷавобгар намебошанд, зеро онҳо қобилияти роҳбарӣ (идора) намудани амали худ ва дуруст баҳо додани оқибатҳои имконпазири онро надоранд. Чунин қобилият тибқи қонунгузории гражданӣ танҳо аз синни чордаҳсолагӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, ҷуброни зарари расонидаи онҳо тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба зиммаи падару модари (фарзандхондагон) онҳо, васиён ё шахсоне гузошта мешавад, ки онҳо дар асоси шартнома барои назорати кӯдаки хурдсол масъуланд. Ҷавобгарии мазкур дар мавриде ба зиммаи онҳо гузошта мешавад, ки агар онҳо исбот карда натавонанд, ки зарар бо рафтори кӯдаки дар зери назорати онҳо қарордошта расонида нашудааст (м. 1088-и Кодекси гражданӣ). Бояд гуфт, ки ҳангоми аз ҷониби хурдсол (кӯдак) расонидани зарар муассисае, ки кӯдак дар зери назорати он қарор дорад, намояндагони қонунии ӯ, яъне падару модар, фарзандхондагон, васӣ ва парастор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Вале ҳангоми муайян намудани андозаи ҷавобгарӣ дараҷаи гуноҳи муассисае, ки хурдсол дар зери назорати он қарор дошт, ба эътибор гирифта мешавад.

Ҷавобгарии ноболиғони аз синни чордаҳсола то ҳаждаҳ-

сола барои зарари расонидаашон аз ҷавобгарии хурдсолон (ноболиғони то синни 14-сола) фарқ дорад. Ҷавобгарии онҳо мустақил буда, характери умумӣ дорад, зеро онҳо қобилияти пурраи дарк намудани оқибати ҳаракати худро доранд. Агар ноболиғи аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола барои ҷуброни зарар молу мулк ё манбаи дигари даромад надошта бошад, он гоҳ зарар пурра ё дар қисмати нокифояи он аз ҳисоби падару модар (фарзандхондагон)-и вай ё парасторон, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, рӯёнида мешавад. Дар сурате ки ноболиғи аз синни чордаҳсола то ҳаждаҳсола муҳтоҷи сарпарастӣ бошад ва дар муассисаи дахлдори тарбиявӣ, муолиҷавӣ ё ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаи шабеҳе қарор дошта бошад, ки бо ҳукми қонун парастори ӯ ба шумор меравад, ин муассисаҳо, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, уҳдадоранд зарарро пурра ё дар қисмати нокифояи он ҷуброн намоянд.

Уҳдадории падару модар (фарзандхондагон), парасторон ва муассисаҳои дахлдор вобаста ба ҷуброни зарар баъди ба синни балоғат расидани зараррасон ё баъди он, ки то ба синни балоғат расидан дорои молу мулк ё дигар манбаи даромад мегардад, қатъ мегардад. Уҳдадории онҳо ба он хотир қатъ мегардад, ки онҳо дорои молу мулк ё дигар манбаи даромаде гардидаанд, ки барои ҷуброни зарар кифоя мебошад ё то синни балоғат қобили амал гардидаанд (м. 1089-и Кодекси граждани). Шахсони воқеӣ, падару модар, васӣ ва дигар шахсони ба онҳо баробаркардашуда ва шахсони ҳуқуқии дар боло зикршудае, ки товони зарарро ҷуброн намудаанд, ҳуқуқ надоранд нисбат ба шахси зараррасон (фарзандон) талаботи мутақобила пешниҳод намоянд (моддаи 1096 Кодекси граждани).

***2) Ҷавобгарии маъмурӣ***. Намуди дигари ҷавобгарие, ки ба зиммаи падару модар ва дигар шахсон барои иҷро накардан ва ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳояшон гузошта мешавад, ҷавобгарии маъмурӣ мебошад. Чунин ҷавобгарӣ ҳангоми аз тарафи падару модар ё дигар намо-

яндагони қонунии ноболиғон, омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, инчунин, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, иҷро накардани ӯҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон татбиқ карда мешавад. Шахсони зикршуда барои иҷро накардани ӯҳдадориҳояшон бо огоҳӣ ё ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима карда мешаванд. Ҷавобгарии маъмурӣ дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки дар кирдори шахсони содиркарда аломатҳои ҷиноят мавҷуд набошанд (моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайрокунии маъмурӣ).

Барои ғаразнок истифода намудани васоят ё парасторӣ, бар зарари шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта ё бе назорат ё бе кумаки моддӣ гузоштани ӯ ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба андозаи аз понздаҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад (моддаи 91-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ).

Ҷалби ноболиғон ба истеъмоли машрубот, маҳсулоти тамоку ё моддаҳои мадҳушкунанда, аз ҷумла маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳои онҳо аз тарафи падару модар ё дигар намояндаҳои қонунии ноболиғон, инчунин, шахсоне, ки ба зиммаи онҳо вазифаи таълиму тарбия ва табобати онҳо вогузор шудааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад (моддаи 129-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ).

Барои аз тарафи шахси ҳуқуқи ронандагӣ надошта идора кардани воситаи нақлиёт ба андозаи дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад, вогузоштани идораи воситаи нақлиёт ба андозаи дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба муҳлати панҷ сол таъйин карда мешавад. Агар чунин кирдор боиси расонидани зарар ба воситаҳои нақлиёт, бор, роҳ, иншооти роҳ ва дигар иншоот ё дигар молу мулк гардад, ба андозаи сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъй-

ин карда мешавад (моддаи 336 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ).

Барои аз тарафи шахси ҳуқуқи ронандагӣ надошта идора кардани воситаи нақлиёт ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои ба шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад, вогузоштани идоракунии воситаи нақлиёт ба андозаи аз панҷ то ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Агар чунин кирдор боиси расонидани зарар ба воситаҳои нақлиёт, бор, роҳ, иншооти роҳ ва дигар иншоот ё дигар молу мулк гардад, ба андозаи аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад (моддаи 336-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ).

Инчунин, барои аз тарафи падару модар ё шахсони дигар ҷалб намудани ноболиғон ба гадоӣ, фоҳишагарӣ, истеъмоли модда ё воситаҳое, ки ба маводи нашъадор ё психотропӣ мансуб намебошанд, вале метавонанд ба фаъолияти зеҳнии онҳо таъсири манфӣ расонанд, ба андозаи аз ду то се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷаримаи маъмурӣ таъйин карда мешавад. Барои ба ҳолатӣ мастӣ расонидани ноболиғон ба андозаи аз панҷ то ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷаримаи маъмурӣ таъйин карда мешавад. Барои ба ноболиғон фурӯхтани машруботи спиртӣ ё сигор ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Ҷавобгарии маъмурӣ дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки аломати ҷиноят мавҷуд набошад.

***3) Ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба падару модар дар мавридҳои зерин ба вуҷуд меояд:***

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба таҳсилро яке аз ҳуқуқҳои умдатарини шахс эътироф кардааст (моддаи 41). Аз ин лиҳоз, Кодекси ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумӣ (9-сола) ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд. Тибқи он ба ҳар тарзе монеъ шудан, аз ҷумла бо роҳи иҷозат нанодан, фиреб ё таҳдид барои гирифтани маълумоти ҳатмии умумӣ аз ҷониби шахси воқеӣ манъ мебошад. Ба ҳай шахсони воқеӣ метавонанд падару модар, фарзандхонда, васӣ, парастор ва дигар шахсо-

ни ба синни 16-солагӣ расида баромад намоянд. Дар ҳолати ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумӣ мамониат намудан шахси мамониаткунанда бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба тарбияи ноболиғ аз ҷониби падару модар ё шахси дигар (фарзандхондагон, васӣ, парастор, падар ва модари ӯгай), инчунин, аз ҷониби омӯзгор, мураббӣ ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, ки ин уҳдадорӣ ба зиммааш қонунан гузошта шудааст, агар ин кирдор бо муносибати бераҳмона нисбат ба ноболиғ анҷом дода шуда бошад, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Муносибати бераҳмона нисбат ба ноболиғ мумкин аст дар шакли расонидани азоби махсус бо роҳи латукӯб, аз хӯрок, об, либос ва ғайраҳо маҳрум намудан ифода ёбад. Чунин кирдор тибқи моддаи 174-и Кодекси ҷиноятӣ боиси ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Ҳамзамон бо ин, бояд гуфт, ки агар ноболиғ аз ҷониби падару модар, омӯзгор ё шахси дигари қонунан ба зиммааш тарбияи шахсони ноболиғ гузошташуда бо роҳи ваъда, фиреб, таҳдид ё дигар усул ба содир намудани ҷиноят ҷалб карда шавад, чунин шахсон бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешаванд. Агар ҳаракатҳои зикршуда бо роҳи зӯроварӣ ё таҳдид анҷом дода шаванд, он гоҳ шахсони мазкур бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Ҷалби шахси ноболиғ аз ҷониби падару модар, омӯзгор ё шахси дигари қонунан ба зиммааш тарбияи онҳо гузошташуда ҷиҳати истеъмоли мунтазами нӯшокиҳои спиртӣ, ис-

теъмоли мунтазами ғайритиббии моддаҳои сахттаъсир ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда ё ҷалб кардан ба фоҳишагарӣ, оворагардӣ ва гадоӣ бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад. Инчунин, содир намудани алоқаи ҷинсӣ, бачабозӣ ё дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ аз ҷониби падару модар, омӯзгор ё дигар шахси вазифаҳои тарбиявӣ ба зиммааш гузошташуда бо шахсе, ки баръало ба синни шондаҳсолагӣ нарасидааст, бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад. Анҷом додани ҳаракати бадахлоқона нисбат ба шахсе, ки ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст, аз ҷониби падару модар, омӯзгор ё дигар шахси вазифаи тарбиявӣ ба зиммааш гузошташуда бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида аз ҷониби падару модар ё шахсоне, ки духтар таҳти васояти онҳост ё шахсоне, ки ӯ тобеи онҳо мебошад, ҳамчунин, далолат кардан ё мусоидат кардан барои ба шавҳар додан бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Истифодаи васоят ё парасторӣ бо мақсади ғаразнок ё дигар ниятҳои қабеҳ, ҳамчунин, дидаю дониста бе назорат ё бе ёрдами зарурӣ гузоштани шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордоштаро ба таври назаррас поймол кардааст, бо ҷарима ба андозаи аз сесад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Бадқасдона, яъне бидуни сабабҳои узрнок бештар аз се моҳ саркашӣ намудани падару модар аз иҷрои қарори суд оид ба пардохти маблағ барои таъминоти фарзандони ноболиғ, ҳамчунин, фарзандони ғайри қобили меҳнат, ки синнашон ба ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст, бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду бист то яксаду ҳаштод соат ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Бадқасдона, яъне бидуни сабабҳои узрнок бештар аз се моҳ саркашӣ намудани фарзандон аз иҷрои қарори суд доир ба пардохти маблағ ҷиҳати таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат ё эҳтиёҷманди ёрии моддӣ бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду бист то як саду ҳаштод соат ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Қонунгузории амалкунанда ҷавобгарии граждании мақомотӣ давлатӣ, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳоро, ки ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд машғуланд, низ муқаррар менамояд. Чунин ҷавобгарӣ барои таълиму тарбияи ноболиғони то синни чордаҳсола ва барои таълиму тарбияи ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҷудо мешавад.

Ҷавобгарии муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, муолиҷавӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаи шабеҳ (аз ҷумла, хонаи кӯдакон, интернатҳо барои кӯдакони инкишофашон суст ва ғайраҳо) барои рафтори хурдсолони (кӯдакони) то чордаҳсола, ки зарар расонидаанд, дар сурате ба вуҷуд меояд, ки хурдсоли гуноҳ содирнамуда таҳти васояти онҳо қарор дошта, муассисаи мушаххас бо ҳукми қонун васии кӯдак эътироф гардида бошад. Масалан, агар хурдсол таҳти назорати муассисаҳои таълимӣ (хусусӣ ё давлатӣ) тарбиявӣ (боғча, хонаи кӯдакон), муолиҷавӣ (беморхона, санаторий) ё дигар муассиса (марказҳои иҷтимоию офиятбахшӣ) қарор дошта бошад, ки назорати ӯ ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, онҳо барои зараре, ки хурдсол (кӯдак) ҳангоми зери назорати онҳо будан расонидааст, ҷавобгар мебошанд. Чунин

муассисаҳо дар ҳолате аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, ки агар исбот намоянд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст. Ҳолатҳое мешаванд, ки ба ҷавобгарӣ якбора ҳам намояндагони қонунӣ (падару модар, фарзандхонда, васӣ, парастор) ва ҳам муассисаҳои зикршуда (ё ин ки шахсони дар асоси шартнома кӯдакро назораткунанда) ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Агар исбот гардад, ки зарари расонидашуда дар натиҷаи камбудии ҳам тарбияи намояндагони қонунии кӯдак ва ҳам анҷом надодани назорати зарурӣ аз ҷониби муассиса (шахси дар асоси шартнома кӯдакро назораткунанда) рӯх дода бошад, шахсони зикршуда вобаста ба дараҷаи гуноҳашон мутаносибан бо тартиби ҳиссагӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарии муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, муолиҷавӣ ё ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаҳои шабеҳ, ки бо ҳукми қонун парастори ноболиғи аз синни чордаҳсола то ҳаждаҳсолаи муҳтоҷи сарпарастӣ таъйиншуда, дар сурате ҷой дошта метавонад, ки агар ин муассисаҳо исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст. Уҳдадории муассисаҳои зикршуда дар шакли пурра ё агар ноболиғ манбаи даромад дошта бошад, дар қисмати нокифояи он ҷуброн карда мешавад. Уҳдадории муассисаҳои дахлдор вобаста ба ҷуброни зарар баъди ба синни балоғат расидани зараррасон ё баъди он, ки ноболиғ то расидан ба синни балоғат дорои молу мулк ё дигар манбаи даромад мегардад, ки барои ҷуброни зарар кифоя мебошад ё то расидан ба синни балоғат қобили амал мегардад, қатъ мегардад.

Навъи дигари ҷавобгарие, ки тибқи он муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ҷавобгарии маъмурӣ мебошад. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии роҳбарони муассисаро, ки дар он кӯдакони бепарастор қарор доранд ё шахси мансабдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳаро пешбинӣ менамояд. Онҳо барои риоя накардани тартиб ва муҳлати пешниҳод намудани маълумот

дар бораи кӯдаконе, ки барои фаро гирифтан ба тарбияи оила (фарзандхонӣ), таҳти васоят (парасторӣ) ё ба муассисаи кӯдакони ятим ё бепарастор эҳтиёҷ доранд, ҳамчунин қасдан пешниҳод намудани маълумоти нодуруст дар бораи чунин кӯдакон ҷавобгар мебошанд. Барои ҳаракат ва беҳаракатии ғайриқонунии зикршуда ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешаванд.

Барои риоя накардани талаботи санитарию эпидемиологӣ нисбат ба шароити таълиму тарбия, воситаҳои техникӣ, аз ҷумла аудиовизуалӣ, технологияи иттилоотӣ (компютер), мебели таълимӣ, инчунин, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи чопӣ шахсони мансабдор тибқи моддаи 118 кодекси мазкур ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Моддаи мазкур ҳуқуқвайронкуниеро дар назар дорад, ки ба саломатӣ ва ҳолати санитарию эпидемиологии, пеш аз ҳама, хурдсолон, ноболиғон ва ҷавонон таъсир мерасонад. Ба чунин ҷавобгарӣ шахсони мансабдор, аз ҷумла шахсони мансабдори муассисаҳои хусусии тарбиявӣ ё таълимӣ ва шахсони ҳуқуқӣ кашида мешаванд. Шахсони мансабдор ба андозаи аз даҳ то бист ва шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима карда мешаванд.

**СУОЛ ВА СУПОРИШҲО** :

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» кай қабул гардидааст?

2. Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз чӣ иборат мебошад?

3. Мафҳуми фарзандро (кӯдак)-ро шарҳ диҳед.

4 Васӣ ва парастор кист?

5. Таълим ва тарбия чист?

6. Вақти шабона чист?

7. Марказҳои дилхуширо чӣ гуна мефаҳмед?

8. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро номбар кунед.

9. Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро номбар намоед.

10. Уҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили кор дар нигоҳубин ва таъмини падару модарро номбар намоед.

11. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими масъулияти па-

дару модар дар таълиму тарбияи фарзанд кадом аст?

12. Уҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд шарҳ диҳед.

13. Чӣ гуна ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо нисбат ба падару модар ва омӯзгор дар таълиму тарбияи фарзанд муқаррар гардидааст?

## Саволҳои тестӣ

**1. Ҳуқуқи гражданӣ чиро меомӯзад?**

A) Ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи ашёро;

B) Муносибатҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молу мулкиро;

C) Муносибатҳои шахсии ғайри амволиро;

Муносибатҳои амволию оилавиро;

**2. Сарчашмаҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ аз чӣ иборатанд?**

A) Кодекси манзил, Кодекси об;

B) Конститутсия, Кодекси гражданӣ, қонунҳо ва ғ;

C) Кодекси гражданӣ, Кодекси оила;

D) Конститутсия, Кодекси меҳнатӣ, Кодекси ҷиноятӣ;

**3. Навъҳои субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ кадомҳоянд?**

A) Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;

B) ҶТ, корхонаву ташкилотҳо, шахсони ҳуқуқӣ;

C) Шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ ва ҶТ;

D) Шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ҶТ ва воҳидҳои марзиву маъмурии он;

4. **Қобилияти ҳуқуқдории шахрванд чист?**

A) Қобилияти соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ будан;

B) Қобилияти соҳиби ҳуқуқ будан;

C) Қобилияти соҳиби уҳдадорӣ будан;

D) Қобилияти бо амали хеш ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳо;

5. **Аломатҳои шахси ҳуқуқиро номбар кунед?**

A) Ягонагии ташкилӣ; молу мулки алоҳида доштан; ҷавобгарии мустақили молу мулкӣ; дар муомилоти гражданӣ аз номи худ баромад намудан;

B) Ягонагии ташкилӣ; ном; соҳиби муҳр, ҷавобгарии мустақили молу мулкӣ;

C) Нишонаи молӣ; муҳр; штамп; ягонагии ташкилӣ;

D) Ягонагии ташкилӣ; ягонагии маъмурӣ;

**6. Мазмуни ҳуқуқи моликиятро кадом ваколатҳои соҳибмулк ташкил медиҳад?**

A) Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудан;

B) Ҳуқуқи доштан, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк;

C) Ҳуқуқ ба манзил, боғ; пул; мол; зару зевар;

D) Ҳуқуқи доштан ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк;

7. **Аҳд чист?**

A) Амале, ки боиси ба вудуд омадан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гражданӣ шудаанд;

B) Амале, ки бо қонун иҷозат дода шудааст;

C) Амале, ки боиси ба вудуд омадан ва аз байн бурдани моликият гаштааст;

D) Созиши тарафҳо;

**8. Навъҳои аҳд кадомҳоянд?**

A) Яктарафа, дутарафа ё бисёртарафа (шартномаҳо) бошанд: хаттӣ, шифоҳӣ: музднок ва бемузд;

B) Яктарафа ва дутарафа;

C) Хаттӣ, шифоҳӣ: музднок ва бемузд;

D) Яктарафа, бисёртарафа, хаттӣ, шифоҳӣ, рамзӣ;

**9. Шартнома чист?**

A) Созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории гражданӣ мебошад;

B) Созиши байни давлат ва шаҳрвандон;

C) Созиши ду ё якчанд шахс, ки боиси пайдоиши уҳдадориҳо гаштааст;

D) Созиши ду ё якчанд шахс, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим шудаанд;

**10. Навъҳои шартномаро номбар намоед?**

A) Яктарафа, дутарафа ё бисёртарафа;

B) Хаттӣ, шифоҳӣ;

C) Музднок ва бемузд;

D) Яктарафа ва дутарафа;

**11. Уҳдадорӣ чист?**

A) Аз рӯйи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) бояд ба фоидаи

шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад. Масалан, молу мулкашро ба касе диҳад, корро иҷро кунад, пул супорад ва ғайра ё аз иҷрои ягон амал худдорӣ намояд. Кредитор бошад, ҳақ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд;

B) Шахс уҳдадор аст, ба фоидаи шахси дигар амалеро иҷро намояд;

C) Созиши ду шахс оид ба амали муайян;

D) Шахс уҳдадор аст, ки ба фоидаи шахси дигар амали муайянеро ба ҷо оварад;

**12. Ҳуқуқи сохибкорӣ чист?**

A) Соҳаи комплексии ҳуқуқ аст;

B) Соҳаи мустақили ҳуқуқ;

C) Соҳаи комплексии ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои соҳибкорӣ ва муносибатҳои дигари ба он алоқамандро, инчунин танзими давлатии онҳоро ба танзим медарорад;

D) Фанни таълимӣ ва соҳаи ҳуқуқ;

**13. Кадом моддаи Конститутсияи ҶТ ба фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ бахшида шудааст?**

A) Моддаи 8; C) Моддаи 9;

B) Моддаи 13; D) Моддаи 12;

**14. Ба фаъолияти соҳибкорӣ аз чандсолагӣ машғул шудан мумкин аст?**

A) Аз 14 солагӣ; C) Аз 18 солагӣ;

Аз 15 солагӣ; D) Аз 17 солагӣ;

**15. Шаклҳои фаъолияти соҳибкориро номбар кунед?**

A) Хусусӣ; коллективӣ; бо ташкили корхона; бе ташкили корхона;

B) бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ; бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ;

C) бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ; бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ; бо истифодаи меҳнати кироя; бе истифодаи меҳнати кироя;

D) бо иштироки саҳмдорон; бе иштироки саҳмдорон;

**16. Субъектҳои сохибкорӣ кадомҳоянд?**

A) Соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳо);

B) Шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ; корхонаҳо;

C) Шаҳрвандони ҶТ; шахсони бетабаа;

D) Саҳмдорон, корхонаҳо, шаҳрвандон;

**17. Биржаи молӣ чист?**

A) Бозори фурӯши мол аст;

B) Ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки бо мақсади ба даст даровардани фоида ташкил карда мешавад;

C) Бозори доимоамалкунандаи молҳои оммавиест, ки мувофиқи стандарту намунаҳо фурӯхта мешаванд ва ташкилоти тиҷоратиест, ки дар асоси мустақилияти хоҷагӣ амал мекунад;

D) Бозори фурӯши коғазҳои қиматнок;

**18. Навъҳои биржа кадомҳоянд?**

A) Молӣ, фючерӣ; C) Нақдӣ, асъорӣ;

B) Фондӣ, омехта; D) Молӣ, фондӣ, асъорӣ, омехта;

**19. Мақсади танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро номбар намоед?**

A) Пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ, таъмини бехатарӣ ва мудофиаи кишвар;

B) Ҳифзи муҳити атроф, истифодаи захираҳои табиӣ;

C) Таъсиси корхонаҳо, шахсони ҳуқуқӣ;

D) Таъмини эҳтиёҷоти давлату ҷамъият, ташкили буҷети давлатӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, таъмини бехатарӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, рақобатпазирӣ, ҳимоя аз инҳисор;

**20. Фаъолияти соҳибкорӣ бо қарори кӣ катъ гардонида мешавад?**

A) Милиса;

B) Прокурор;

C) Суд;

D) Соҳибкор ва суд;

**21. Ҳифзи хуқуқ ва манфиатҳои сохибкорон бо кадом санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хифз мегарданд?**

A) Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст;

B) Конститутсия, Кодекси гражданӣ;

C) Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, Кодекси гражданӣ, Кодекси андоз, Кодекси мурофиавии иқтисодӣ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» «Дар бораи муфлисшавӣ» ва ғ;

D) Кодекси гражданӣ, Кодекси ҷиноятӣ;

**22. Молияи давлатӣ чист?**

A) Маҷмӯи муносибатҳои пулӣ вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки аз ҷониби Мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд;

B) Маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии ҶТ, инчунин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо шарти маблағгузории ҳиссавии хароҷоти мақсаднок дода мешаванд;

C) Доираи муайяни муносибатҳои молиявӣ, ки дар ҷараёни онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул меёбанд ва истифода бурда мешаванд;

D) Маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо шарти маблағгузории ҳиссавии хароҷоти мақсаднок дода мешаванд;

**23. Ҳуқуқи молиявӣ чист?**

A) Соҳаи комплексии ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои пулӣ вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи онро ба танзим медарорад;

B) Фанни таълимӣ;

C) Ҳуқуқи моликият ва муносибатҳои амволиро ба танзим медарорад;

D) Ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҷараёни ҷамъ овардан, тақсим кардан ва истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии давлатӣ бавуҷудомадаро ба танзим медарорад;

**24. Сарчашмаҳои ҳуқуқи молиявӣ кадомҳоянд?**

A) Кодекси гражданӣ, Кодекси манзил, Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷет»;

B) Конститутсия, Кодекси андоз, Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети ҷорӣ», са-

надҳои зерқонунӣ;

C) Конститутсия, Кодекси оила, фармонҳо, қарорҳо;

D) Санадҳои байналмилалӣ, Кодекси гумрук, Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷет»;

**25. Буҷет чист?**

A) Ин фонди мутамарказонидашудаи пулие мебошад, ки барои таъмин намудани иҷрои функсияҳои давлат истифода бурда мешавад;

B) Санади ҳуқуқии асосии молиявӣ, нақшаи асосии ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи марказонидашудаи маблағҳои пулии давлат буда, аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда мешавад;

C) Даромадҳои давлатӣ;

D) Фонди пулӣ ва молӣ мебошад;

**26. Ҷараёни буҷет чист?**

A) Фаъолияти мақомоти давлатӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни ҷараёни буҷетӣ оид ба таҳия ва баррасии лоиҳаи буҷетҳо, фондҳои мақсадноки давлатӣ, тасдиқ ва иҷрои онҳо, инчунин, оид ба назорати иҷрои буҷетҳо, ки тавассути санадҳои қонунгузорӣ ба танзим дароварда мешаванд;

B) Фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

C) Фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ бобати таҳия ва баррасии лоиҳаи буҷетҳо;

D) Муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки бо мақсади ҷамъ овардан,тақсим кардан ва минбаъд истифода бурдани маблағҳои пулӣ мебошад;

**27. Андоз чист?**

A) Доираи муайяни муносибатҳои молиявӣ, ки дар ҷараёни онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул меёбанд ва истифода бурда мешаванд;

B) Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи қонунгузории андоз оид ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ

гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад;

C) Ин фонди мутамарказонидашудаи пулие мебошад, ки барои таъмин намудани иҷрои функсияҳои давлат истифода бурда мешавад;

D) Андоз ин пардохти боҷу хироҷ мебошад;

**28. Навҳои андозро номбар намоед?**

A) Андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ;

B) Андоз аз даромад, андозҳои иҷтимоӣ, аксизҳо;

C) Андоз аз фоида, андоз аз фурӯши пахта ва алюминӣ;

D) Андозҳо аз воситаҳои нақлиёт, аз молу мулки ғайриманқул, андозҳои маҳаллӣ;

**29. Андозҳои умумидавлатӣ кадомҳоянд?**

A) Андозҳо аз воситаҳои нақлиёт, аз молу мулки ғайриманқул;

B) Андозҳо аз даромад, фоида, арзиши иловашуда, аксизҳо, иҷтимоӣ, барои захираҳои табиӣ, аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия;

C) Андозҳои маҳаллӣ, аз даромад, фоида, арзиши иловашуда, аксизҳо, иҷтимоӣ;

D) Андозҳо, боҷу хироҷ;

**30. Андозҳои маҳаллӣ кадомҳоянд?**

A) Андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия;

B) Андозҳо аз даромад, фоида, арзиши иловашуда, аксизҳо;

C) Андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ;

D) Андоз аз воситаҳои нақлиёт, андоз аз молу мулки ғайриманқул;

**31. Хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии андозро номбар намоед.**

A) Оммавию пулӣ;

B) Маҷбурӣ-оммавӣ;

C) Андозсупорӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, оммавӣ, маблағҳои пулӣ, давлат ҳамчун тарафи ҳатмӣ;

D) Манфиати давлату ҷамъият, эҳсонкорӣ, ғанигардонӣ;

**32. Ҳуқуқвайрокунии андоз чист?**

A) Ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии)

зиддиҳуқуқии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор эътироф мешаванд, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, оварда расонидаанд;

B) Ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) барои ҷамъият хавфнок;

C) Ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) содиршудаи гунаҳкоронаи субъектҳои андоз мебошад, ки Кодекси андоз бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст;

D) Ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкоронаи шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ мебошад, ки содир намудани он тибқи тартиби муқарраршуда боиси ҷавобгарӣ мегардад;

**33. Ҳуқуқи оилавӣ чист**?

A) Соҳаи мустақили ҳуқуқ;

B) Соҳаи илми ҳуқуқ ва қонун;

C) Соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро байни зану шавҳар, падару модар ва фарзандонро танзим менамояд;

D)Фанни таълимӣ ва илмӣ;

**34. Кадом моддаи Конститутсия ба барпо намудани оила бахшида шудааст?**

A) Моддаи 33; C) Моддаи 34;

B) Моддаи 17; D) Моддаи 48;

**35. Кадом моддаи Конститутсия ба ҳифзи модару кӯдак бахшида шудааст?**

A) Моддаи 34; C) Моддаи 100;

B) Моддаи 14; D) Моддаи 35;

**36. Сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ.**

A) Кодекси гражданӣ, Кодекси оила;

B) Қонунҳо, фармонҳо, қарорҳо;

C) Кодекси ҷиноятӣ; Кодекси оила, санадҳои байналмилалӣ;

D) Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эъти-

рофшуда, Кодекси оила, фармонҳо, қарорҳо;

**37. Ҳуқуқу озодиҳои модару кӯдак ба воситаи чӣ ҳимоя мегарданд?**

A) Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд;

B) Мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ;

C) Кодекси оила, Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси маъмурӣ;

D) Ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомоти давлатӣ;

**38. Принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ кадомҳоянд?**

A) Баробарҳуқуқии зану мард, ҳимояву ҳавасмадӣ, ғамхорӣ, якканикоҳӣ, ихтиёрӣ, дахолат накардан, зери назорати давлат бекор кардани никоҳ, афзалияти манфиати кӯдаку аъзои корношоями оила, манъи табъиз дар оила, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, масъулияти тарафайни падару моддар ва фарзандон, ҳифзи оила;

B) Афзалияти манфиати кӯдаку аъзои корношоями оила, манъи табъиз дар оила, бисёрникоҳӣ;

C) Қонуният, баробарӣ дар назди қонун, адолат, инсондӯстӣ, демократизм;

D) Баробарҳуқуқии зану мард, ҳимояву ҳавасмандӣ, адолати судӣ, якканикоҳӣ, инсондӯстӣ;

**39. Никоҳ чист?**

A) Иттифоқи озодонаи зану мард оид ба вуҷуд овардани ҳуқуқу вазифаҳои шахсӣ ва молумулкӣ мебошад;

B) Иттифоқи ихтиёрӣ ва озодонаи зану мард, ки мақсадаш барпо намудани оила ва таваллуди фарзанд мебошад;

C) Иттифоқи ихтиёрӣ, баробарҳуқуқ ва озодонаи зану мард аст, ки ба муҳаббату эҳтироми тарафайн асос ёфта, ҳуқуқан расмикунонида шуда, ки мақсадаш барпо намудани оила ва нисбати тарафҳо ба вудуд овардани ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсӣ ва молумулкӣ мебошад ва таҳти ҳимояи давлат қарор дорад;

D) Иттифоқи ихтиёрии зану мард, ҳуқуқан расмикунонида шудааст, ки мақсадаш барпо намудани оила мебошад;

**40. Шартҳои ақди никоҳ.**

A) Розигии тарафайн: ба синну соли никоҳӣ расидани тарафҳо: додани қалин;

B) Розигии тарафайн: ба синну соли никоҳӣ расидани тарафайн: ҷой надоштани монеаҳои ақди никоҳ;

C) Розигии тарафайн: ба синну соли никоҳӣ расидани тарафҳо;

D) Розигии тарафайн: розигии падару модари тарафҳо;

**41. Шартҳое, ки монеаи бастани ақди никоҳанд.**

A) Яке аз тарафҳо дар никоҳи дигаранд: розӣ набудани волидайн;

B) Хешони наздик: номукаллафӣ;

C) Надоштани молу мулки муайян, шаҳрванди хориҷӣ будан;

D) Байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар никоҳи дигари ба қайдгирифташуда қарор дошта бошад;- байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ); байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай ( ки аз як падар ё модаранд); байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар; байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян; байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд; байни шахсоне, ки аз муоинаи тиббии ҳатмӣ нагузаштаанд; байни фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон; байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) ғайри қобили амал эътироф кардааст; байни шахсоне, ки суд қобилияти амали яке аз онҳоро бо сабаби суиистеъмол намудан аз машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда маҳдуд намудааст. Байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст.

**42. Дар кадом ҳолат никоҳ беъэтибор дониста мешавад?**

A) Вайрон кардани принсипи якканикоҳӣ; бастани никоҳ бо шахси ғайри қобили амал; байни хешони наздик, бо роҳи фиреб бастани никоҳ; бастани никоҳ бо шахси ба синни никоҳ нарасида; вайрон кардани принсипи ихтиёрӣ ва пинҳон кардани бемории венерикӣ;

B) Вайрон кардани принсипи якканикоҳӣ; байни хешони наздик, бо роҳи фиреб бастани никоҳ;

C) Вайрон кардани принсипи ихтиёрӣ; бо роҳи фиреб бастани никоҳ, дар масҷид бастани никоҳ;

D) Вайрон кардани принсипи ихтиёрӣ; вайрон кардани принсипи якканикоҳӣ;

**43. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсии ҳамсаронро номбар кунед.**

A) Ҳуқуқ ба интихоби насаб, интихоби машғулятҳо ва касбу ихтисос, интихоби ҷойи истиқомат ва ғ.;

B) Ҳуқуқ ба интихоби насаб, интихоби касбу ихтисос;

C) Ҳуқуқ ба интихоби насаб, тарбия ва таълими фарзандон;

D) Ҳуқуқ ба тақсими молу мулк, интихоби машғулиятҳо ва касбу ихтисос;

**44. Навъҳои моликияти шахсии ҳамсаронро муайян кунед.**

A) Молу мулки бо роҳи қонунӣ ба даст даровarда шуда;

B) Молу мулки бо роҳи тухфа ва мерос ба даст даровarда шуда;

C) Дар асоси қарори суд ба даст даровардашуда;

D) Молу мулки то никоҳ вуҷуддошта; бо роҳи тухфа ва мерос ба даст даровардашуда;

**45. Аҳдномаи никоҳ чист?**

A) Созишномаест, ки ҳуқуқи молу мулкӣ ва уҳдадориҳоро дар давраи заношӯйӣ ва ё дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд;

B) Созишномаест, ки уҳдадориҳоро дар давраи заношӯйӣ ва ё дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд;

C) Созишномаест, ки ҳуқуқу уҳдадориҳоро дар давраи заношӯйӣ ва ё дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд;

D) Созишномаест, ки муносибатҳоро дар давраи заношӯйӣ ва (ё) дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд;

**46. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсии падару модар ва фарзандон.**

A) Ҳуқуқ ба ном, шаъну шараф, уҳдадории никоҳ;

B) Ҳуқуқи кӯдак ба ному насаб ва муваффақан вазифаи падару модар ба пурра додани ному насаб, ҳуқуқи кӯдак ба тарбия ва мувофиқан вазифаи падару модар дар тарбияи он, ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳояш ва мувофиқан вазифаи падару модар ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак;

C) Ҳуқуқи кӯдакон ва ҳифзи онҳо, ҳуқуқ ба ном, насаб,

шаъну шараф;

D) Ҳуқуқ ва вазифаи тарбия намудани кӯдакон баҳри риоя намудани қонунҳо;

**47. Молу мулки умумии ҳамсарон.**

A) Молу мулке, ки пеш аз никоҳ аз они ҳар кадоме аз ҳамсарон буд;

B) Молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи никоҳ ба даст овардаанд;

C) Молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи никоҳ ҷамъ карданд, чизҳои истифодабарии шахсӣ;

D) Молу мулке, ки пеш аз никоҳ аз они ҳар кадоме аз ҳамсарон буд, чизҳои истифодабарии шахсӣ;

**48. Дар кадом ҳолат алимент ситонида мешавад?**

A) Дар ҳолати кӯдакон эҳтиёҷоти моддӣ доранд;

B) Ҳангоми талоқ, ҳангоми аз озодӣ маҳрум намудани яке аз ҳамсарон;

C) Рӯй гардондани падару модар аз иштирок дар тарбияи фарзанд, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум гаштан, бо қарори суд ҳангоми талоқ;

D) Бо қарори суд;

**49. Чӣ гуна кӯдаконро ба фарзандхонӣ қабул кардан мумкин аст?**

A) Кӯдаконе, ки падару модарашон имконияти моддӣ надоранд;

B) Кӯдаконе, ки яке аз падару модарашон дар маҳкама маҳбасанд;

C) Бепаерасторон, маъюбон;

D) Сағир (бепарастор), кӯдаконе, ки аз тарбияи онхо падару модар рӯй гардонидаанд ва ё аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум гаштаанд;

**50. Ҳуқуқи меҳнатӣ чист?**

A) Соҳаи ҳуқуқи ҶТ;

B) Фанни таълимӣ;

C) Соҳаи омехтаи ҳуқуқ;

D) Соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқамандро танзим менамояд;

**51. Сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ.**

A) Конститутсияи ҶТ; Қонун ва санадҳои зерқонунӣ;

B) Конститутсия, фармонҳо қарорҳо;

C) Конститутсия, кодексу қонунҳо оид ба меҳнат;

D) Конститусия, кодекси меҳнат, қонунҳо, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, оинномаҳо, шартномаи коллективӣ ва созишномаҳо;

**52. Шаклҳои шартномаи меҳнатӣ.**

A) Хаттӣ, шифоҳӣ; C) Шифоҳӣ, воқеӣ;

B) Хаттӣ, расмӣ; D) Расмӣ, хаттӣ;

**53. Шартҳои асосии шарномаи меҳнатиро номбар кунед.**

A) Зарурӣ, алтернативӣ; C) Алтернативӣ, омехта;

B) Зарурӣ, иловагӣ; D) Омехта, зарурӣ;

**54. Навъҳои шартномаи меҳнатӣ.**

A) Навъҳои муайян;

B) Номуайян; муайян на бештар аз 5 сол; барои вақти иҷрои кори муайян, барои иҷрои корҳои мавсимӣ;

C) Номуайян; барои иҷрои кори муайян;

D) Муҳлатнок; мавсимӣ;

**55. Вақти корӣ ва навъҳои он.**

A) Муътадил, ба меъёр гирифта нашуда; кӯтоҳ;

B) Муътадил, нопурра;

C) Муътадил, номуътадил, нопурра;

D) Муътадил, кӯтоҳ, нопурра;

**56. Навъҳои вақти истироҳат кадомҳоянд?**

A) Рухсатии ҳарсола; рӯзҳои истироҳатӣ; Наврӯз;

B) Танаффус дар вақти кор; рӯзҳои ид; рухсатии иловагӣ;

C) Танаффус дар вақти кор; танаффуси байни бастҳои корӣ; рӯзҳои истироҳат; рӯзҳои ид; рухсатии ҳарсола;

D) Танаффус байни бастҳои корӣ; 1 май; 7 ноябр; 1 январ; рухсатии ҳарсола;

**57. Муҳлати рухсатии шахси ноболиғ.**

A) Як моҳи тақвимӣ; C) 33 рӯз;

B) 28 рӯз; D) 14 рӯз;

**58. Навъҳои ҷавобгарии интизомӣ.**

A) Аз рӯйи устав; умумӣ; C) Умумӣ; махсус;

B) Аз рӯйи тобеият; махсус; умумӣ; D) Махсус; аз рӯйи қонун;

**59. Чораҳои ҷазои интизомӣ кадомҳоянд?**

A) Огоҳӣ, танбеҳ, аз кор озод намудан;

B) Танбеҳ, танбеҳи сахт;

C) Сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, аз вазифа озод кардан;

D) Ҷарима, огоҳӣ;

**60. Кодекси меҳнати ҶТ кай қабул гардидааст?**

A) 23 июли соли 2016; C) 1 январи соли 1991;

B) 20 декабри соли 2000; D) 27 марти соли 2015

**61. Ҳуқуқи кишоварзӣ чист?**

A) Маҷмӯи меъёрҳои махсусгардонидашудаи комплексие, ки муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки аз фаъолияти кишоварзӣ бар меоянд танзим менамояд;

B) Соҳаи мустақили ҳуқуқ;

C) Соҳаи комплексии ҳуқуқ;

D) Фанни илм;

**62. Сарчашмаҳои ҳуқуқи кишоварзӣ кадомҳоянд?**

A) Оинномаи колхоз, фармонҳо;

B) Конститутсия, Кодексҳои замин, об, гражданӣ, қонуни ҳоҷагии деҳқонӣ, хоҷагии ёрирасон в ғ.;

C) Конститутсия, Кодекси замин, Кодекси оила;

D) Оинномаи хоҷагии деҳқонӣ, шартномаи меҳнатӣ, протоколҳо;

**63. Заминистифодабарандагон киҳо мебошанд?**

A) Колхозу совхозҳо; C) Шахсони ҳуқукӣ ва воқеӣ;

B) Шахсони воқеӣ ва хориҷӣ; D) Шахсони воқеӣ ва давлат;

**64. Чанд навъи заминистифодабарандагон вуҷуд доранд**?

A) Заминистифодабарандагони якуминдараҷа ва дуюминдараҷа;

B) Иҷоракорон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ;

C) Колхозҳо ва совхозҳо;

D) Давлат ва кооперативҳо;

**65. Хоҷагии деҳқонӣ чист?**

A) Субъекти мустақили хоҷагидориест, ки фаъолияти он ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар ё гурӯҳи шахсон асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба

аъзои он тааллуқдошта ташкил медиҳад;

B) Субъекти мустақили хоҷагидорӣ буда, барои истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ машғул мешавад;

C) Субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ буда, барои коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ташкил карда мешавад;

D) Дорои вазъи колхоз мебошад;

**66. Шаклҳои хоҷагии деҳқонӣ кадомҳоянд?**

A) Инфиродӣ ва коллективӣ;

B) Воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

C) Соҳибкории инфиродӣ, соҳибкории оилавӣ, шакли ширкати одӣ;

D) Инфиродӣ, коллективӣ, шахсӣ;

**67. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» кай қабул гардидааст?**

A) 1 январи соли 1980; C) 17 августи соли 2014;

B) 9 сентябри соли 1991; D) 8 декабри соли 2003;

**68. Мафҳуми ҳуқуқи гумрукӣ.**

A) Ҳуқуқи гумрукӣ соҳаи мустақили комплексии ҳуқуқӣ;

B) Ҳуқуқи гумрукӣ соҳаи мустақили комплексии ҳуқуқи ҶТ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ташкил ва фаъолияти мақомоти гумрукӣ ба танзим медарорад;

C) Ҳуқуқи гумрукӣ соҳаи мустақили комплексии ҳуқуқи ҶТ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ танзим менамояд;

D) Ҳуқуқи гумрукӣ соҳаи комплексӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки тавассути онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҷойивазнамоии мол ва интиқоли воситаҳои нақлиёт ба воситаи сарҳади гумрукӣ миёни субъектҳо, гузаронидани барасмиятдарорӣ, назорат ва рӯёнидани пардохтҳоро ба танзим медарорад;

**69. Таркиби муносибатҳои гумрукӣ кадомҳоянд?**

A) Субъект, объект, брокер;

B) Субъектҳои махсус, объектҳои махсус, амалӣ гардонидани фаъолияти субъектҳо ва объектҳо;

C) Мазмун ва таркиб;

D)Таркиб ва объект;

**70. Дар амалигардонидани фаъолияти гумрукӣ кадом мақомот нақши асосӣ дорад?**

A) Мақомоти андоз;	C) Қӯшунҳои сарҳадӣ;

C) Нозироти андоз;	D) Мақомоти гумрук;

**71. Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзия ба кадом ҳокимият ҷудо мешавад?**

A) Прокуратура, милитсия, амният;

B) Қонунгузор, иҷроия, судӣ;

C) Қонунгузор, иҷроия, судӣ, ахбори омма;

D) Президент, Ҳукумат, Маҷлиси Олӣ, мақомоти маҳаллӣ;

**72. Сарчашмаҳои ҳуқуқи маъмурӣ кадомҳоянд?**

A) Конститутсия, амри Президент, қарори Ҳукумат;

B) Санадҳои мақомоти давлатӣ, санадҳои судӣ, протоколи ҳуқуқвайронкунӣ;

C) Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, Кодексҳо, қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ;

D) Қонунҳо, санадҳои прокурорӣ, милиса, гумрук, андоз;

**73. Ҳуқуқи маъмурӣ кадом муносибатҳоро танзим мекунад?**

A) Идоракунӣ; C) Иҷроия;

B) Амрдиҳӣ; D) Байни шахсони мансабдор;

**74. Субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба кадом гурӯҳ ҷудо мешавад?**

A) Инфиродӣ, коллективӣ; C) Шаҳрванд, давлат;

B) Субъективӣ, объективӣ; D) Давлат, ҷамъият;

**75. Шахсони воқеӣ киҳоянд?**

A) ҶДММ, шаҳрвандон, давлат;

B) Шаҳрвандон, шахсони воқеӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ;

C) Шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахси бешаҳрванд;

D) Шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахси ҳуқуқӣ;

**76. Қобилияти ҳуқуқдории маъмурии шаҳрванд чист?**

A) Доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хислати маъмуриву ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад;

B) Доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои граждани;

C) Қобилияти бо амали ҳуд ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳои маъмуриву ҳуқуқӣ;

D) Доштани ҳуқуқи баробар ба хизмати давлатӣ;

**77. Сарвари ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) кӣ мебошад?**

A) Сарвазир; C) Раиси Ҳукумат;

B) Президент; D) Раиси Маҷлиси Олӣ;

**78. Салоҳияти ҳокимиити иҷроия (Ҳукумат) кадомҳоянд?**

A) Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати доду гирифти қарзӣ давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳоро таъмин мекунад;

B) Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад;

C) Ҳукумат мувофиқи Контситутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, қарор, таъйинот мебарорад ва фармон медиҳад, ки иҷрои онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ҳатмист, Қонунҳоро тавсиф мекунад ва ғаира;

D) Роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таъмини иҷрои қонунҳо, қарорҳо ва ғайра;

**79. Вобаста ба сохтори давлатии Тоҷикистон ва ҳудуди фаъолият мақомоти ҳокимияти иҷроия ба кадом мақомот ҷудо мешаванд?**

A) Ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ; C) Шаҳрӣ, ноҳиявӣ;

B) Ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ; D) Ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ;

**80. Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед.**

A) Президент, сарвазир, вазир;

B) Президент, сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ;

C) Сарвазир, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ, раисони вилоят, шаҳр ва ноҳия;

D) Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ;

**81. Мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот чист?**

A) Комиҷроияи ноҳия; C) Шӯрои деҳот, шаҳрак;

B) Раиси деҳот, шаҳрак; D) Ҷамоати шаҳрак, Ҷамоати деҳот;

**82. Аз синни чандсолагӣ шахс вакили Ҷамоат интихоб мегардад?**

A) Аз синнӣ 20 солагӣ; C) Аз синнӣ 17 солагӣ;

B) Аз синнӣ 18 солагӣ; D) Аз синнӣ 25 солагӣ;

**83. Қонуни ҶТ «Дар бораи худидоракунии шаҳрак ва деҳот» кай қабул гардидааст?**

A) 23 феврали соли 1993; C) 8 ноябри соли 2004;

B) 20 марти соли 2010; D) 5 августи соли 2009;

**84. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чист?**

A) Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) содиршудаи гунаҳкоронаи субъектони ҳуқуқи маъмурӣ мебошад, ки Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст;

B) Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкоронаи шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ мебошад, ки содир намудани он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад;

C) Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкоронаи шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ мебошад, ки содир намудани он тибқи тартиби муқарраршуда боиси ҷавобгарӣ мегардад;

**85. Ҳуқуқи ҷиноятӣ чист?**

A) Соҳаи мустақили коплексии ҳуқуқӣ;

B) Соҳаи комплексии ҶТ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҷиноят ба танзим медарорад;

C) Ҳуқуқи ҷиноятӣ соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки ҷиноят будани кирдори барои ҷамъят хавфнок ва татбиқ кардани ҷазо, инчунин, асос, шарт ва тартиби ҷавобгарӣ, таъйин ва озод кардан аз ҷазо мубориза бар зиддӣ ҷинояткорӣ ва ислоҳу азнавтарбиякунии маҳкумшудагон ва амсоли онҳоро танзим менамояд;

**86. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ кадомҳоянд?**

A) Қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузир будани ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондӯстӣ, демократизм;

B) Қонуният, инсондӯстӣ, демократизм, интернатсионализм, ватандустӣ;

C) Баробарӣ дар назди қонун, инсондӯстӣ, гуманистӣ, демократизм;

D) Башардӯстӣ, демократизм, ватандӯстӣ, гунаҳкорӣ;

**87. Кодекси ҷиноятӣ кадом сол қабул шудааст?**

A) 1 сентябри соли 1995; C) 9 сентябри соли 1997;

B) 25 декабри соли 1994; D) 21 майи соли 1998;

**88. Кодекси нави ҷиноятӣ аз чанд фасл, боб ва модда иборат аст?**

A) 16 фасл, 20 боб, 400 модда;

C) 10 фасл, 20 боб, 500 модда;

B) 15 фасл, 34 боб, 405 модда;

D) 15 фасл, 30 боб, 350 модда;

**89. Ҷиноят чист?**

A) Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳкоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки барои он қонун ҷазо муқаррар кардааст, ҷиноят меноманд;

B) Ҷиноят кирдори ба ҷамъият хавфнок аст;

C) Ҷиноят кирдорест, ки лоиқи ҷазост;

D) Ҷиноят кирдори зиддиҳуқуқиест, ки ба ҷамъият хавфнок аст;

**90. Аломатҳои ҷиноят кадомҳоянд?**

A) Гунаҳкорӣ, зиддиҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ;

B) Хавфнокӣ, зиддиҳуқуқӣ, гунаҳкорӣ, сазовори ҷазо;

C) Инсондӯстӣ, қонуният, гунаҳкорӣ ва ғ.;

D) бо қонун манъшуда, зиддиҳуқуқӣ, сазовари ҷазо буда;

**91. Шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят мувофиқи Кодекси ҷиноятии ҶТ.**

A) Гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ ва гурӯҳи ашхос бе маслиҳати пешакӣ, дастаи ҷинояткорон;

B) Ҳамиштирокчиён ва шарикӣ бо тақсим намудани ролҳо;

C) Иҷрокунанда, ташкилкунанда, ёрдамчӣ;

D) Гурӯҳи ашхос бе маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил, иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ).

**92. Ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноиро истисно мекунанд?**

A) Мудофиаи зарурӣ, зарурати ниҳоӣ, самимона пушаймон шудан;

B) Дастгир намудани ҷинояткор, мудофиаи зарурӣ, заруряти ниҳоӣ;

C) Мудофиаи зарурӣ, зарурати ниҳоӣ, бо ихтиёри худ даст кашидан аз содир кардани ҷиноят;

D) Мудофиаи зарурӣ, зарурати ниҳоӣ, расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, таваккали асоснок; иҷрои фармон ё амр;

**93. Ҷазо чист?**

A) Ҷазо чораи маҷбуркунӣ ва тарбиявӣ дорад;

B) Ҷазо – чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъйин карда мешавад.

C) Ҷазо - воситаи махсусест, ки ҷинояткор ба воситаи татбиқи он тарбия карда мешавад;

D) Ҷазо – чораи дар қонун муқарраршуда буда, мақсади тарбияи шахсро дорад;

**94. Навъҳои ҷазои ҷиноятӣ.**

A) Маҳрум кардан аз озодӣ; огоҳӣ; бо подош мусодира кардани воситаи наклиёт; ҷазои қатл;

B) Маҳрум кардан аз озодӣ; танбеҳи ҷамъиятӣ; огоҳӣ; корҳои ислоҳкунӣ; аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум кардан; бадарға ба ҷойи муайян,

C) Маҳрум кардан аз озодӣ; шартан маҳкум кардан, ҷазои қатл, танбеҳи ҷамъиятӣ;

D) Корҳои ҳатмӣ: ҷарима; маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян; корҳои ислоҳӣ; маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ; маҳдуд кардани озодӣ, мусодираи молумулк, маҳрум сохтан аз озодӣ, якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҷазои қатл;

**95. Нисбати ноболиғон кадом ҷазоҳои ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад?**

A) Танбеҳи ҷамъиятӣ; ҷарима; маҳрум кардан аз озодӣ;

B) Маҳрум кардан аз озодӣ; танбеҳи ҷамъиятӣ; бадарға ба ҷойи муайян; бадарға аз ҷойи муайян; ҷарима;

C) Ҷарима; мусодираи молу мулк; танбеҳи ҷамъиятӣ корҳоиислоҳкунӣ;

D) Ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ;

**96. Кодекси ҷиноятӣ аз чанд қисм иборат аст?**

A) Аз се қисм; C) Аз ду қисм 5 ва панҷ фасл;

B) Аз ду қисм; D) Аз чор қисм;

**97. Аз синни чандсолагӣ шахс ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад?**

A) 15 солагӣ;

B) 20 солагӣ;

C) 14 солагӣ;

D) 16 солагӣ ва барои баъзе намудҳои ҷиноятхо аз 14 солагӣ;

**98. Нишонаҳои қонуният.**

A) Ягонагии қонун, волоияти қонун, баробарии ҳама дар назди қонун, ҳатмӣ будани талаботи қонун, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон;

B) Ягонагии қонун, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ;

Баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, ногузирии ҷазо;

Волоияти қонун, ягонагии қонун, интихобӣ будани шахсони мансабдор;

**99. Низоми судии Ҷумҳурии** То**ҷикистонро номбар кунед.**

A) Суди конститутсионӣ, суди ҳакамӣ, Суди Олӣ, суди шаҳри Душанбе;

B) Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии ҳарбӣ, прокуратура;

C) Прокуратура, вазорати умури дохилӣ, Суди конститутсионӣ, Суди Олии иқтисодӣ;

D) Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, суди ҳарбӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳияҳо.

**100. Суди контитутсионӣ аз чанд нафар судя иборат аст?**

A) Аз 7 судя; C) Аз 5 судя;

B) Аз 9 судя; D) Аз 11 судя;

**101. Муассисаҳои ҳуқуқӣ, ки ба Вазорати адлия тобеъ мебошанд, номбар кунед.**

A) Прокуратура, САҲШ, нотариат;

B) Иттифоқи касаба, САҲШ, нотариат;

C) САҲШ, нотариат, муассисаҳои иҷрои ҷазо, нашриёти «Қонуният», донишкадаи такмили ихтисос;

D) Прокуратура, нашриёти «Қонуният» , Донишкадаи такмили ихтисос;

**102. Прокурори генералӣ дар назди кӣ масъул мебошад?**

A) Мачлиси Олӣ;

B) Раиси Маҷлиси Олӣ;

C) Президент ва Вазорати корҳои дохилӣ;

D) Маҷлиси Миллӣ ва Президент;

**103. Санадҳои прокуратураро номбар намоед.**

A) Амри прокурор, эътирози прокурор, пешниҳоди прокурор;

B) Амри прокурор, эътирози прокурор, қарори прокурор, пешниҳоди прокурор;

C) Қарори прокурор, эътирози прокурор, пешниҳоди прокурор;

D) Эътирози прокурор, хулосаи айбдоркунанда, қарори прокурор, амри прокурор, пешниҳоди прокурор;

**104. Мафҳуми милитсияро шарҳ диҳед.**

A) Милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳо пешбинигардидаро ба кор барад;

B) Мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави ҶТ назорат мекунад;

C) Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби ҳама, назорат ба риояи ҳуқуқу озодихои инсон ва шаҳрванд, назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин мақомоте, ки бо фаъолияти опе-

ративию ҷустуҷӯйӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд;

D) Ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, пешгирии рафъи ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ, таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ, ошкор намудан, таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо, ҷустуҷӯйи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ва ҳоказо;

**105. Кадом мақомот ёрии ҳуқуқиро таъмин мекунад?**

A) Суд, адвокатура, прокуратура; C) Адвокатура;

B) Адвокатура, суд; D) Ҳукумати маҳаллӣ,

**106. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кай қабул гардидааст?**

A) 26 июли соли 2014; C) 6 ноябри соли 1994;

B) 8 июни соли 2007; D) 22 июни соли 2003

**107. Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҳалли кадом масъалаҳо иборат аст**?

A) Мақсади Қонуни мазкур аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст;

B) Мақсади Қонуни номбурда аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст. Қонун ҳамчунин барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ равона карда шудааст;

C) Назорат оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

D) Садди роҳи исрофкорию хароҷоти зиёд дар тӯю маърака ва маросимҳои азодорӣ;

**108. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода шудаанд, ишора намоед.**

**А)** Комиссияҳои доимии маҳаллӣ, ҷашнҳои расмӣ;

В) Танзиму анъана, маросим, зодрӯз, зиёфат;

С) Хатнасур, зодрӯз, тӯйи домодию арӯсӣ, маросими дафну азодорӣ;

D) Анъана, маросим ва ҷашн;

**109. Ҷашнҳои расмӣ кадомҳоянд?**

А) Ҷашнҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, Наврӯз, Сада, Меҳргон, идҳои Рамазон, Қурбон ва дигар ҷашнҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегарданд;

В) Ҷашнҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, Наврӯз, Сада, Меҳргон, идҳои Рамазон, Қурбон, зодрӯз ва ғайра;

С) Соли нав, Наврӯз, хатнасур, Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Модар, Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

D) Идҳои Рамазон, Қурбон, Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тӯйҳои расмии домодию арӯсӣ;

**110. Вақти баргузории ҷашну маросимҳоро аниқ намоед.**

А) Аз соати 6 то соати 23;

В) Аз соати 18 то соати 23;

С) дар рӯзҳои истироҳат аз соати 8 то 23 ва дар рӯзҳои корӣ аз соати 18 то 23

D) аз соати 8 то соати 23;

**111. Давомнокии тӯю маъракаҳоро муайян намоед.**

А) Се соат; В) Ду соат; С) Аз субҳ то бегоҳ; D) Бе маҳдуд;

**112. Шахсоне, ки қонунгузории танзиму анъана ва ҷашну маросимҳоро вайрон кардаанд, тибқи кадом санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд?**

А) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ»;

В) Кодекси меҳнат, Кодекси граждани;

C) Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси гумрук, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

D) Конститутсия, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси мурофиаи гражданӣ;

**113. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» кай қабул гардидааст?**

A) 8 июни соли 2007; B) 26 сентябри соли 1999;

C) 2 августи соли 2011; D) 1 январи соли 2013;

**114. Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз чӣ иборат мебошад?**

A) Барои пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад;

B) Барои ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

C) Таълиму тарбияи фарзанд мебошад;

D) Ҳифзи манфиатҳои кӯдак;

**115. Вақти шабона чист?**

A) Аз соати 20:00 то соати 06:00;

B) Аз 22 март то 22 сентябр – аз соати 22:00 то соати 05:00 ва аз 22 сентябр то 22 март – аз соати 20:00 то соати 06:00;

C) Аз 1 апрел то 30 сентябр – аз соати 22:00 то соати 06:00 ва аз 1 октябр то 31 март – аз соати 20:00 то соати 06:00;

D) Аз 1 март то 30 сентябр – аз соати 22:00 то соати 05:30 ва аз 1 октябр то 1 март – аз соати 20:00 то соати 06:00;

**116. Марказҳои дилхушӣ кадомҳоянд?**

A) Клубҳои шабона, тарабхонаҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ, интернет–кафеҳо;

B) Дискоклубҳо, марказҳои компютерӣ, толорҳои букмекерӣ, марказҳои бозиҳои шавқовар ва боғҳо;

C) Марказҳои бозиҳои бурднок ва шавқовар, тарабхонаҳо,

майдончаҳои назди биноҳои истиқоматӣ, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо ва тӯйхонаҳо;

D) Клубҳои шабона, дискоклубҳо, интернет – кафеҳо, марказҳои компютерӣ, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок, тарабхонаҳо ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фароғатӣ ва истироҳатӣ машғуланд;

**117. Васӣ ва парастор кист?**

A) Шахсоне, ки ба мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ғайри қобили амал ва қобилияти пурраи амал надошта, аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудаанд;

B) Падару модар, омӯзгор, намояндаи қонунии кӯдак, шахсоне, ки ба мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ғайри қобили амал аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ таъйин шудаанд;

C) Шахсоне, ки ба мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони қобилияти пурраи амал надошта, аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудаанд;

D) Шахсоне, ки ба мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ғайри қобили амал, маъюб ва бепарастор, аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудаанд;

**118. Чӣ навъи ҷавобгарӣ ба шахсоне, ки дар таълиму тарбияи фарзанд масъуланд, нисбат ба онҳо пешбинӣ шудааст?**

A) Ҷавобгарии меҳнатӣ, ҷавобгарии граждании, ҷавобгарии ҷиноятӣ;

B) Ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии ахлоқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ;

C) Ҷавобгарии граждании, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ;

D) Ҷавобгарии интизомӣ, ҷавобгарии меҳнатӣ, ҷавобгарии маъмурӣ.

## Ҷавоби тестҳо

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1: C | 2: B | 3: D | 4: A | 5: A | 6: B | 7: A | 8: A | 9: A | 10: A |
| 11: A | 12: C | 13: D | 14: C | 15: C | 16: A | 17: C | 18: D | 19: D | 20: D |
| 21 C | 22: A | 23: D | 24: B | 25: B | 26: A | 27: B | 28: A | 29: B | 30: D |
| 31 C | 32: A | 33: C | 34: A | 35: A | 36: D | 37: A | 38: A | 39: C | 40: B |
| 41 D | 42: A | 43:A | 44 :D | 45:A | 46: B | 47:B | 48: C | 49: D | 50: D |
| 51 D | 52: A | 53: B | 54: B | 55: D | 56: C | 57: A | 58: C | 59: C | 60: A |
| 61 A | 62: B | 63: C | 64: A | 65: A | 66: D | 67: D | 68: D | 69: B | 70: D |
| 71 B | 72: C | 73: A | 74: A | 75: C | 76: A | 77: B | 78: B | 79: A | 80: D |
| 81 D | 82: B | 83: D | 84: B | 85: C | 86: A | 87: D | 88: B | 89: A | 90: B |
| 91 D | 92: A | 93: B | 94: D | 95: D | 96: B | 97: D | 98: A | 99: D | 100: A |
| 101 :C | 102: D | 103: B | 104: A | 105:C | 106: B | 107: B | 108: D | 109: A | 110: C |
| 111: A | 112: A | 113:C | 114: A | 115: C | 116: D | 117: A | 118: C | | |

# МУНДАРИҶА

**Муқаддима**.....................................................................3

**БОБИ I. ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ**..........................................5
**§ 1.** Мафҳуми ҳуқуқи гражданӣ, сарчашма ва принсипҳои он..............................................................5
**§ 2.** Субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ.........................................7
**§ 3.** Мафҳум, аломат ва навъҳои шахси ҳуқуқӣ.....................10
**§ 4.** Ҳуқуқи моликият............................................................11
**§ 5.** Мафҳум ва шакли аҳдҳо..................................................15
**§ 6.** Шартнома ва навъҳои он................................................15
**§ 7.** Ҳуқуқи уҳдадориҳо........................................................19

**БОБИ II. ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ**....................................23
§ 1. Мафҳум, сарчашмаҳо ва принсипи ҳуқуқи соҳибкорӣ...23
§ 2. Субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ........................................26
§ 3. Мафҳум ва намудҳои биржа............................................30
§ 4. Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ........................33
§ 5. Қатъи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ........................35
§ 6. Ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон..............................................38

**БОБИ III. ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ**.........................................42
§ 1. Предмет, принсип ва сарчашмаҳои ҳуқуқи молиявӣ.......42
§ 2. Ҳуқуқи буҷетӣ..................................................................45

**БОБИ IV. ҲУҚУҚИ АНДОЗ**..............................................50
§ 1. Мафҳум, принсип ва сарчашмаҳои ҳуқуқи андоз............50
§ 2. Муносибатҳои ҳуқуқии андоз.........................................52
§ 3. Ҷавобгарии андозсупорандагон барои вайрон кардани қонунгузории андоз ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо...............................55
**БОБИ V. ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ**............................................58
§ 1. Ҳуқуқи оилавӣ ва вазифаҳои он......................................58
§ 2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи давлатии оила........................................................................62
§ 3. Ҳуқуқ ба ҳимояи модарӣ ва кӯдакӣ дар муносибатҳои оилавӣ...................................................................................66
§ 4. Принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ............................................70
§ 5. Никоҳ: шартҳо ва тартиби бастани он............................73
§ 6. Беэътибории никоҳ ва қатъ гардидани никоҳ.................78

§ 7. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсии ҳамсарон........................81
§ 8. Ҳуқуқҳои молумулкии зану шавҳар................................83
§ 9. Муносибатҳои ҳуқуқии шахсӣ ва молумулкии падару модар ва фарзандон............................................................................87
§ 10. Муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии падару модар, фарзандон ва аъзои дигари оила........................................................91
§11.Фарзандхонӣ...........................................................................94

**БОБИ VI. ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ**........................................99
§ 1. Мафҳум, принсипҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ....99
§ 2. Мафҳум ва намудҳои шартномаи меҳнатӣ....................102
§ 3. Тартиби бастан ва шаклҳои шартномаи меҳнатӣ..........104
§ 4. Ба кори дигар гузаронидан ва намудҳои он..................106
§ 5. Асосҳои қатъ гардидани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ.107
§ 6. Вақти корӣ ва намудҳои он...........................................110
§ 7. Вақти дамгирӣ ва намудҳои он.....................................112
§ 8. Имтиёзҳо барои ноболиғон ва шахсоне, ки дар баробари кор таҳсил мекунанд............................................................115
§ 9. Интизоми меҳнат..........................................................117
§ 10. Муҳофизати меҳнат. Муҳофизати меҳнати занон ва ҷавонон..............................................................................................119
§ 11. Музди кор.....................................................................120

**БОБИ VII. ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ**................................123
§ 1. Ҳуқуқи кишоварзӣ, предмет, метод, принсипҳо ва сарчашмаҳои батанзимдарории он...............................123
§ 2. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷоравӣ....................124
§ 3. Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)..........................................126
§ 4. Хоҷагии ёрирасони шахсӣ.............................................128

**БОБИ VIII. ҲУҚУҚИ ГУМРУКӢ**...................................133
**§ 1.** Предмет ва сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ....................133
**§ 2.** Вазифа, салоҳият ва ҷавобгарии гумрукӣ.....................136
**БОБИ IX. ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ**....................................139
**§ 1.** Вазифаҳо ва предмети ҳуқуқи маъмурӣ.......................139
**§ 2.** Субъектҳои (иштирокчиёни) ҳуқуқи маъмурӣ.............142
**§ 3.** Шахсони воқеӣ – ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ.145
**§ 4.** Мақомоти ҳокимияти иҷроия – ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ..............................................................149

**§ 5.** Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) – ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ........................................155
**§ 6.** Хизматчии давлатӣ – субъекти ҳуқуқи маъмурӣ..........156
**§ 7.** Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ........................................................................158
**§ 8.** Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷазои маъмурӣ...........160

**БОБИ X. ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ**........................................170
**§ 1.** Мафҳум, вазифа ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ..........170
**§ 2.** Тавсифи қонунгузории ҷиноятӣ....................................173
**§ 3.** Мафҳум ва нишонаҳои ҷиноят......................................175
**§ 4.** Ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар ҷиноят...........................177
**§ 5.** Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд............................................................................180
**§ 6.** Ҷазо: мақсад ва навъҳои он..........................................182
**§ 7.** Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон..................................184
**§ 8.** Баъзе навъҳои ҷиноятҳо ва ҷавобгарӣ барои онҳо...........186
**БОБИ XI. ТАЪМИНИ ҚОНУНИЯТ ВА ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**.................194
**§1.** Мафҳуми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ.......................194
**§2.** Вазифаи мақомоти намояндагӣ ва иҷроия дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ.................................................198
**§3.** Иштироки аҳли ҷомеа дар таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ........................................................................200
**БОБИ XII. МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**........................................204
§ 1. Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................204
§ 2. Вазифаҳо ва сохтори Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................................211
§ 3. Мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ .............213
§ 4. Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазифа ва амтҳои асосии фаъолияти прокуратура................................................214
§ 5. Мақомоти таҳқиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..............218
§ 6. Самтҳои фаъолият ва салоҳияти милитсия...................220
§ 7. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия. Мақомоти гумрук.................................................222
§ 8. Мақомоти тафтишоти пешакӣ ва салоҳияту вазифаҳои он........................................................................................227
§ 9. Адвокатура ва тарзу усулҳои фаъолияти он.................229

**БОБИ XIII. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**.........233
§ 1. Зарурат ва аҳамияти қабули қонун.........233
§ 2. Мафҳумҳое, ки дар қонун истифода шудаанд.........237
§ 3. Танзими ҷашну маросими расмӣ ва оилавӣ.........241
§ 4. Танзими хизматрасонӣ дар ҷашну маросим.........257
§ 5. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонун.........259

**БОБИ XIV. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД»**.........263
§ 1. Аҳамият ва мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».263
§ 2. Вазифа ва ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд.........268
§ 3. Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд.272
§ 4. Уҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар.........284
§ 5. Уҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд.........286
§ 6. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо дар таълиму тарбияи фарзанд.........292

Саволҳои тестӣ......... 305

**Маҳкам Маҳмудзода, Маҳмад Раҳимзода**

# АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррирон | А. Асадзода |
| | Қ. Сатторӣ |
| Мусаҳҳеҳ | Х. Ҳусейнзода |
| Муҳаррири техникӣ | Н.С.Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 18.07.2018 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 21,0.
Адади нашр 165000 нусха.
Супориши № 149/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66
@-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ "Торус"
ба табъ расидааст.